М И Р Б О Б О

ПАДИДАҲОИ ХУДШИНОСӢ

ё саҳифаҳо аз дафтари хотира

М И Р Б О Б О

ПАДИДАҲОИ ХУДШИНОСӢ

ё саҳифаҳо аз дафтари хотира

Бе амри падар касе ба ҷое нарасад.

Ҳикмати халқ

Вақти бараҳна гуфтан аст ман ба киноя
гуфтам,
Худ ту, бигӯ? Куҷо барам? Ҳамнафасони
хомро !

Муҳаммад Иқбол

Барои падари меҳрубонам

М И Р Б О Б О

ПАДИДАҲОИ ХУДШИНОСӢ
ё саҳифаҳо аз дафтари хотира

Душанбе 1989

Мирбобо. – Падидаҳои худшиносӣ /ё саҳифаҳо аз дафтари хотира/. – Душанбе: 1989 – с.

Иншои сухани тоза дар боби падидаҳои худшиносӣ басо душвор ва пурмасъулият мебошад. Худшиносӣ ҳикмати инсонӣ аст ва чун дарки асрори оламу одам дар ҳамаи асрҳо ва барои ҳамаи наслҳо пайраҳаҳои ҷустуҷӯйро дорад. Муаллиф аз боби падидаҳои худшиносии шахсӣ андешаҳояшро манзури хонандагон намудааст.

Мирбобо. – ~~феномен~~ Грани самопознания /страницы дневника/. – Душанбе: 1989 – стр.

Самопознание всегда трудно для человека. Автор размышляет о путях и феномене личного самопознания. Книга написана на основе дневника, а потому вряд ли оставит читателя равнодушным.

О Ғ О З

Ба роҳи худшиносӣ иқдом намудани ҳар фард гуногун аст. Яке дар синни ҷавонӣ, дигаре дертар ва қисме асосан дар айни камолот - миёнсолӣ ба ин кори нек - таҳлилу такмили дониш, фазилат, ахлоқ, хислатҳои нек, хизмати ҷомеа ва меҳнати ройгон ба нафъи миллат кӯшиш ба харҷ медиҳад. Зумрае низ ҳастанд, ки тамоми умр дар андешае ё худ ~~хаз~~ таҳти шиори "туро газад маро чӣ ғам" умр ба сар мебаранд. Вале гап дар бораи онҳо нахоҳад рафт, ҳарчанд симоҳои он ашхос дар дафтари хотираи банда хеле ва хеле барҷаста инъикос шудаа~~ст~~нд.

Расм шудааст, ки аҳли илму адаб ёддоштҳояшонро дар поёни умри хеш менависанд. Он гоҳ барои нависанда низ имконияти хубе даст медиҳад, ки нуктаҳои ба ҳолу аҳволи худаш мувофиқро интихоб карда, дар хати суҷети муайян баррасӣ кунад. Шояд чунин кор мувофиқи мақсад бошад. Вале хонанда аз як лаҳзаи бисёр муҳим бебаҳра мемонад. Ӯ наметавонад, ки бо муаллифони ёддоштномаҳо баҳсу андеша карда роҷеъ ба ин ё он мавзӯъ, мисол, баҳои нависандагонаш мулоҳизаҳояшро ифшо созад. Ё худ шоҳидони бевоситаи воқеаҳои дар ёддоштҳои бисёр муаллифон тасвиршуда ~~на ҳама вақт дар ҳаётанд, ки~~ мушкил аст, дар қайди ҳаёт набошанд, то тавонанд ҳақ ё ноҳақ будани қаламкашро нишон диҳанд. Баръакс, ҳатто муаллиф ноҳақ бошад ҳам, зиндаҳо аз рӯи хотирбинӣ баъзан ба ӯ эродеро раво намебинанд.

Маҳз ҳамин андешаҳои боло маро ~~ба диққат овардаанд ва~~ маҷбурам карданд, ки қалам ба даст гирифта, воқеаҳои муҳими як-ду соли охирро, ки ба роҳи худшиносӣ алоқамананд, рӯи саҳифаҳои дафтари хотира оварам. Нағз мефаҳмам, ки чунин кор заҳмат ва масъулияти бузургеро пеш мегузорад. Сониян, бисёр қолабҳои тафаккури маъмулгаштаи одамонро шикастан лозим меояд. Лекин як нуқтаи бисёр диққатҷалбкунанда бояд хотиррасон шавад, ки шоҳидони воқеаҳои дар дафтари

хотира тасвиршуда /бидуни ду-се нафар дӯстони марҳумам/ дар қайди ҳаётанд ва метавонанд, фикру мулоҳизаҳояшонро дар ин ё он боб нависанд, баҳо кунанд ё рад. Ва аз ҳама бештар хонандаи гиромӣ бигузор худаш қазоват кунад, ки муаллифи ин сатрҳо ҳақ ё на.

Падидаҳои худшиносӣ дар саҳифаҳои дафтари хотира... Оё ин жанр ба хонанда маъқул мешавад?! Магар он писанди ҳамагон аст? Пас, онҳо чӣ тавр иншо шудаанд? Аксари ин саҳифаҳоро пас аз кор, вақте ки оламу одамон хобанд, навиштаам. Гоҳе дар сафарҳо, гоҳе дар истгоҳҳои гуногун, дар поезд ва ҳавопаймо низ бекор нанишаста дафтари хотираамро варақ задаам ва сари худшиносӣ андеша. Ба воқеаҳои паси сар шуда, пешомадҳое, ки бояд дучор оям, сабаб ва оқибати ҳодисаҳои ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ аз назари андешаҳои фардӣ баҳо додаам. Шояд қисме аз онҳо баҳснокаанд. Чӣ метавон кард? Инсон инсон аст. Ба мо низ хислатҳои инсонӣ хос аст. Дар ҳамаи лаҳзаҳои шодию ғам сари умри инсони озод, ғурур, ирода ва ахлоқ андеша ронда, хостам барои хеш роҳи дурустро интихоб кунам. Роҳеро, ки фардо ҳамдиёронам аз он шарм надоранд.

Худшиносӣ барои инсон дар ҳамаи давру замонҳо зарур буд ва ҳаст. Бе худшиносӣ камолоти маънавии инсон номумкин аст. Бидуни худшиносии инсон инкишофи ҷомеа имкон надорад. Бе худшиносӣ халқу миллат дар ботлоқи пурзаҳ ғӯтавор аст. Кӯшиши ҳамаи шоирону нависандагон, ҳикматшиносону муаррихон, табибону муҳандисон, алқисса, ҳамаи онҳое, ки ба инсон ва ҳаёти маънавӣ сару кор доранд, дар он аст, ранҷбарону ~~деҳқонон~~ худашонро шиносанд. Инсон бояд қадру мазаллати хеш бидонад. Ва роҳи худшиносӣ басо душвор, печ дар печ /баъзан фоҷианок/, пур аз монеа, вале пуршараф аст, ~~ки~~ инсон бояд доимо кӯшиш кунад. "Майли ман бар мунтаҳои мақсади олӣ бувад, Пояи поён нахоҳад ҳеҷ гоҳ хотир маро" - фармуда буд фарзанди бару-

манди халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз ҳазор сол муқаддам дар маънои худогоҳӣ ва кӯшиш дар роҳи ба даст овардани гавҳари мақсуд, ки онро ман худшиносӣ мефаҳмам. Аз инрӯ инсон аз забони Умари Хайём низ ба худ суол мекунад:

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.
Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,
Бе ҳеҷ шаке нақши нигинаш моем.

Ангуштарӣ бе нигин доираи холиест ва нигини бебаҳо, мӯҳри олам инсон аст, ки доимо дар такопӯю ҷустуҷӯ мебошад. Инсон оромӣ надорад. Ва ин рӯзномаи мо саҳифаҳои таърихи худшиносии фарде дар ҷомеаи инсонист.

ДАФТАРИ ХОТИРА

4 маи соли I987. Москва. Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС. Соати 19^{30}. Дар арафаи дифои рисолаи номзадиам мехостам чанд лаҳзаеро пеши назар оварам. Ин ёдоварӣ ба дифои рисолаи номзадӣ узван алоқаманд аст ва худи ин кор, ки ба таърихи 22-29 апрель дахл дорад, аз воқеаи бузурги ҳаёти мадании республика шаҳодат медиҳад. Рости гап, намехостам, ки роҷеъ ба ин рӯзҳо чизе нависам /зеро ду-се дафтари хотираам борҳо боиси кашмакашҳо шудаанд ва ҳатто якеашро дар айёми хидмати аскарӣ дуздида буданд, ки бо азобе пайдо кардам/. Аммо маслиҳати олими мӯҳтарам Баҳром Шермуҳаммадовро пазируфта, лозим донистам, ки ин қиссаро рӯи коғаз биёрам. Шояд бо мурури замон барои аҳли илму фарҳанг ва халқи тоҷик баҳси дар толори АИ РСС Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста аҳамияте пайдо намояд. Кӣ медонад, рӯзе меояду қиссаи ин баҳс ба фаромӯшӣ мерасад ва ё баръакс қиматаш дуболо мешавад. Ва бо ҳамин ният

батафсил масъалаҳоро равшан кард.

22-юми апрели соли 1987 дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" мақолаи доктори илми филология Т.Бердиева бо унвони "Союз наций, содружества языков" нашр шуд. Ғояи асосии мақолаи мазкур аз ҷараёни хатарноке ғизо гирифта, чунин маънӣ дошт, ки гӯё тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ забонҳои мустақиланд ва иқтибос аз онҳо, равобити хеши онҳо ба интернационализм халал меорад. Бояд хотиррасон шавад, ки як қисми забоншиносон мардумони он қадар дурбин нестанд ва барои манфиати шахсӣ ба ҳама кор даст зананд. Агар ин ғояи бадният сари вақт саркӯб нашавад, он барои тоҷикон бадбахтиҳои зиёде хоҳад овард. Т.Бердиева ибтидо дар мақолааш "Хазинаи хирад", ки дар ҳафтномаи "Адабиёт ва санъат" /12 марти соли 1987/ ба табъ расид, ҳамин нуктаҳои болоро пеш ронда буд. Вақте ки рафиқон С.Алиев, Р.Аҳмадов, Д.Саймиддинов, Б.Бобохонов ва дигарон ба ӯ раддия навиштанд, ҳафтанома аз чопи он худдорӣ кард. Аз эҳтимол дур нест, ки нафаре аз ҳайати таҳририяи ҳафтанома мақолаи ҷавобиро ба Т.Бердиева додааст. Муқоисаи ғоявӣ ва луғавии "Хазинаи хирад" ва "Союз наций, содружество языков" равшан собит мекунад, ки Т.Бердиева аз ҷавобияи рафиқон хеле пурсамар истифода бурда, барои "пеши обро чим задан" ва сафед кардани хеш бо тезӣ ба забони русӣ дар "Коммунист Таджикистана" мақола чоп кардааст. Кор ба дараҷае аз одоби олимӣ, ахлоқ берун аст, ки он нуктаҳои дар раддияи рафиқон таъкидёфта, вале ҳанӯз нообматбӯъ, дар мақолаи ба забони русӣ навиштаи Т.Бердиева истифода шудаанд. Сонийан, агар дар "Адабиёт ва санъат" Т.Бердиева "бонувони рубобнавоз"-ро мисол оварда бошад, пас, дар мақолаи дар "Коммунист Таджикистана" навиштааш пешниҳоди рафиқон С.Алиев ва дигаронро, ки "бонувони рубобӣ" буд, истифода бурдааст. Ба иловаи ин Т.Бердиева

ба калимаи "бозсозӣ" хурдагирӣ карда "азнавсозӣ"-ро маъқул мешуморад. Ё худ ба ҷои истифодаи "кӯдакистон", "ясли"-ро пеш рондааст, ки ғалат аст. Боз Т.Бердиева мехоҳад, ки танҳо аз забони русӣ иқтибос кардан маънои интернационализмро дорад. Ва иқтибос аз форсию дарӣ ин миллатчигист! Дар давраи бозсозӣ ба ин рӯҳияи хато ҷавоби илмӣ додан лозим буд.

22-юми апрели соли 1987, соати 10^{05} дар утоқи 34 "а", Шӯъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон ҳама дар шӯранд. Додгӯй, суханҳои пасту баланд ва телефонкобии Қамариддин Нурулҳақов идома дорад. Ҳеч кас ба ғояи мақолаи Т.Бердиева розӣ нест. Хатар. Маҳмадалӣ Саидов[1] аз байни ҳозирон асабҳои маро ором карду рафт.

Соати 10^{50} М.Саидов боз наздам омада, масъалаи баҳс пиромуни мақолаи Т.Бердиеваро гузошт. Банда розӣ. Рӯзи баҳсро ибтидо 27-уми апрель муайян кардем, лекин бо сабаби он ки 27 ё 28-уми апрель дар толори маҷлисгоҳ бояд ҷамъомади солонаи АИ гузаштанаш лозим, санаи баҳсро ба рӯзи 29-уми апрель соати 17^{00} гузарондем.

Рафиқамон М.Ғуломов /номзади илми фалсафа/ ба назди узви вобастаи АИ Тоҷикистон, номзади илми фалсафа Ғ.Ашӯров рафт, ки бо ӯ маслиҳат орояд. Аҷоибаш дар он, ки Ғ.Ашӯров аз мақолаҳои Т.Бердиева тамоман огоҳӣ надорад. Ғ.Ашӯров ба ташкили баҳс бетараф аст. Номзади илми фалсафа Тоҷинисо Муродова бо кӯшиши зиёд одамонро хабар мекунад, ки ба баҳси илмӣ тайёрӣ бинанд. Замоне шояд одамон ҷонни-сориҳои ин зани некӯхислатро дар ташкили баҳс ба ёд оранд. Ҳама ба ташкили баҳс пиромуни ~~[illegible]~~ мақолаи Т.Бердиева розианд.

27-уми апрели соли 1987 маълум гардид, ки рӯзи 29-уми апрель дар толори маҷлисгоҳи АИ ҷамъомади комсомолон барпо мешавад. Котиби комитети комсомолии АИ Шӯҳрат Асроров дар сӯҳбат бо телефон ваъда

---

1. Нурулхақов Қамариддин ва Саидов Маҳмадалӣ - номзадҳои илми фалсафа, ҳамкоронам.

дод, ки маҷлиси онҳо аз соати 16^{00} то соатҳои 17^{00} ё 17^{15} давом мекунад.

28-уми апрель М.Ғуломов аз ташкил ва ширкат дар баҳс даст кашид. Баъзе рафиқон низ аллакай талхакафанд, ки боз ягон ҷанҷол нашавад. Дар маҷлиси солонаи АИ Тоҷикистон академик С.Раҷабов ба нафақа рафтанд. Ба ҷои он кас Ғ.Ашӯров академик-котиби Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятӣ интихоб гардид. Аз баҳси илмӣ худро канор гирифтани Ғ.Ашӯров маълум шуд. А.Турсунов низ ба баҳс намеоянд.

Садри баҳси илмӣ ё худ барандагиро касе ба гардан намегирад. Ҳама дар ҳаросанд. Мо се нафар танҳо мондем – Камина, Маҳмадалӣ Саидов ва Тоҷинисо Муродова. Маслиҳат кардем, ки баҳсро шахсан ман бояд сарварӣ ~~карда пеш барам~~ [кунам]. Ман тайёрам.

29-уми апрели соли 1987. Пагоҳӣ. Соати 9^{35} ба бинои нави УДТ ба номи В.И.Ленин, ки дар сангистони дарьёчаи Душанбе воқеъ аст, рафтам. Рафиқон Ф.Деҳотӣ, [Х.]Мӯъмин[ов] ва дигаронро ба баҳси илмӣ даъват кардам. Хоҳиш кардам, ки муаллимони кафедра ва факультети шарқшиносии УДТ Т.Бердиеваро ба баҳси илмӣ биёваранд. Лутфан Т.Бердиеваро огоҳ кунанд, ки баҳси илмӣ барои равшан кардани назарияи ӯ хеле муфид аст. Ҳарчанд худи ӯ огоҳӣ аз он "назария" кам дорад, вале мавқеи имрӯзааш барои таҳрифу арбадаҷӯии қувваҳо~~ӣ~~ [и ку] дар пасаш истода[, аид] метавонанд барои халқи тоҷик бадбахтиҳои зиёде оваранд. Мақолаҳои Т.Бердиева ба интиқод гирифтан ҳам намеарзад, вале падидаҳои ӯ таҷассуми рӯҳияи тақсимоти забони модарии мост, ки ҳамин 60–70 сол боз идома дорад. Бо табъи хуш ба ҷои кор омадам. Илҳом ҷӯш мезанад. Дар ҷои кор маслиҳат карда, матни баромадамро бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тайёр кардем /дертар ба ин матн ҳоҷат нахоҳад

монд/. Дар ин лаҳзаҳо рафиқам С.Воҳидов ва роҳбари рисолаи номзадиам, доктори илми фалсафа, профессор Р.М.Маҷидов кӯмаки хешро дареғ надоштанд.

Нисфирӯзӣ соати 14^{00} раиси Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон, марди огоҳдил Д.Худоназаров занг зада, хабар дод, ки автореферати рисолаи номзадиамро аз Маскав овардааст. Дар рӯ ба рӯи бинои маъмурии УДТ ба номи В.И.Ленин бо Д.Худоназаров вохӯрда, авторефератҳоро гирифтам. Нахустин соядаст дар автореферат насиби Д.Худоназаров гардид. Дар бозгашт /соати 14^{30} / бо академик М.Шукуров вохӯрдам. Он кас ваъдаи қатъӣ доданд, ки соати 16^{30} ба баҳс меоянд.

Соати 16^{30}. Дар утоқи 34 "а" Р.Маҷидов, М.Шукуров, Ф.Деҳотӣ, Н.Қулматов ва С.Воҳидов ҷамъ омадем.

Номзади илми фалсафа Н. Қулматов хабар оварданд, ки агар мақолаи ҷавобӣ ба Т.Бердиева нависем А.Турсунов таҳрирашро бар ӯҳда хоҳанд гирифт.

Соати 16^{47}. Даромадгоҳи бинои Президиуми АИ. Одам пур-пур, ҷои сӯзанзанӣ нест.

— Рафиқон! Камтар сабр кунед, ҳозир маҷлисгоҳ холӣ хоҳад шуд, - ором мекунам ҷамъомадагонро. Ба утоқи 34 "а" баргаштам. Аз ~~фурсати мувофиқ истифода карда~~ фурсатро ғанимат ёфта котиби комитети партиявии АИ Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ М.С.Давлатов бо супориши каллаҷунбониҳои АИ одамонро ба маҷлисгоҳи ганҷинаи дастхатҳои шарқӣ ба номи ададемик А.Мирзоев бурдааст. Ин хиёнати М.Давлатовро ягон вақт дар рӯи худаш мегӯям. Охир, "Осиёб бо навбаташ" гуфтаанд!

Соати 17^{20}. Дар рӯи ҳавлии бинои Президиуми АИ Тоҷикистон мо

се нафар маслиҳат дорем: Ман, М.Диноршоев – сармуҳаррири Энциклопедияи Советии Тоҷик ва мудири сектори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ доктори илми филология Ш.Рустамов.

Ш.Рустамов сиёсат дорад, ки барои чӣ мо баҳс ташкил кардаем? Кӣ роҳбари ин кор? Мо ба ин баҳс ҳуқуқ надоштаем. Наход?! Ҳамаи масъулиятро ба дӯши хеш гирифтам. Домулло Ш.Рустамов розианд, ки тамоми буду шудашонро ба миён гузоранд, ки баҳс нашавад. Нағз мефаҳмам, ки он кас супориши махсус гирифтаанд, ки баҳс ба миён наояд. Ман ба таври қатъӣ гуфтам, ки мо аз роҳамон намегардем.

Соати 16.30 ба саркотиби Президиуми АИ Тоҷикистон, академик Ҳ.Саидмуродов дучор омадам.

— Кӣ ин маҷлисро ташкил карда истодааст? Кадом ҷамъият? – мепурсанд он кас.

— "Ҷамъияти Кант", – оромона ҷавоб медиҳам.

— Чӣ? Чӣ гуфтед? – суол мекунанд Ҳ.Саидмуродов.

— "Кант". Мо як ҷамъияти ҳикматшиносӣ дорем, ки ба номи "Иммануил Кант" аст. Дар Шӯъбаи фалсафа, – ҷавоб додам.

— Ҳа...

Сонӣ, Ҳ.Саидмуродов барои ҳалли масъалаи ҷои маҷлисгоҳ кӯмак карданд. Он кас 4 /чор/ бор ба маҷлисгоҳ даромада, аз президенти АИ М.Осимӣ хоҳиш карданд, ки золро холӣ кунанд. М.Осимӣ махсус дар маҷлиси комсомолон нишастаанд ва маҷлисбозиро тӯл медиҳанд, ки шояд одамони дар берун истода аз интизорӣ дилбазан шуда ба хонаҳояшон раванд. Вале ҳеҷ кас рафтан намехоҳад. Ҳама интизоранд, ки кай толор холӣ мешаваду баҳси илмӣ оғоз меёбад.

Дар ин лаҳзаҳои душвортарин ҳама ба ман менигаранд. Чӣ бояд кард?

— Мо бояд баҳсро гузаронем, - эълон мекунам. Ш.Рустамов боз маро илтиҷо /охир, сиёсат ва дӯғу пӯписа ба кор нарафт!/ доранд, ки аз раъямон гардем ва баҳс ташкил накунем.

— Не, - ба таври қатъӣ ҷавоб додам, - агар дар толори маҷлисгоҳи АИ ҳеҷ кас намонад ё набошад ҳам, бо деворҳои толор баҳс хоҳем кард...

Расо соати 18 маҷлисгоҳ холӣ шуд. М.Осимӣ ким-чӣ хел маҷлис гӯён сӯи қабулгоҳи хеш роҳ пеш гирифтанд. Аз қафои он кас аввал А.Маниёзов ва дертар Ғ.Ашӯров шитобиданд. Ҳамаашон нағз медонанд, ки ҳозир баҳс оғоз меёбад, вале чунон хешро ба гумроҳӣ мезананд, ки гӯё аз сайёраи дигар омадаанд. Аҷаб!

Толор аз одамон ба зудӣ пур шуд. Ҷои холӣ нест. Хондаам меояд, ки гоҳо одамонро бо калтак зада ба ин ҷой овардан душвор аст. Вале имрӯз ҳама ба ҳурмати забони модарӣ ҷамъ омадаанд. Зиҳӣ модари тоҷик, ки шири сапеду покатро аз мо дареғ надоштӣ, шабзиндадорӣ кардиву маро "Алла" гуфтӣ. Модари пирамро, модари чашмиинтизорамро ба ёд овардам. Барои забоне, ки маро омӯхтӣ, барои покии забон ва ахлоқ имрӯз баҳс хоҳем кард, модарони тоҷик! Мадад аз шумо мепурсам, модарон, дастгирам шавед.

Баробари пур шудани маҷлисгоҳ хомӯшӣ ба миён омад. М.Шукуров маро ба тарафи дигари толор, ~~коридоре~~ долоне, ки назди Ҳайати таҳририяи нашриёти академиявии "Дониш" воқест, даъват карда, илтимос доранд, ки аз баҳс даст кашем. Он касро нағз мефаҳмам. Ҳеҷ вақт ба қавлашон устувор набуданд. Се соат пеш М.Шукуров тамоман дигар буданд, ҳоло бошад рӯҳафтодаанд ва беиродагӣ зоҳир мекунанд. Ба хоҳиши М.Шукуров розӣ нашудам.

— Ба овоз мемонем, - қатъӣ ҷавоб додам. Мо вориди маҷлисгоҳ шудем. Назди микрофон омада, барои гузарондан ё даст кашидан

аз баҳс сухани нахустинро ба Ш.Рустамов додам. Он кас хеле суханбозӣ карданд, вале ҳеҷ касро ба домашон афтонда натавонистанд. Таклиф карданд, ки баҳсро нагузаронем. Аҳли зал хомӯш истоданд, ки мазмунаш хеле чуқур буд. Баъд М.Шукуров ним соат бештар ҳарф заданду охир таклифи Ш.Рустамовро тарафдорӣ карданд ва аз аҳли зал даъват ба амал оварданд, ки онҳоро дастгирӣ кунанд. Вале кор тамоман баръакс шуд. Онҳо ду нафар бо рафтори хеш ва бечуръатиашон ба ғурури миллӣ чанг заданд. Хотираи одамон ин рафтори Ш.Рустамов ва М.Шукуровро ҳеҷ гоҳ нахоҳад бахшид.

-- Боз кӣ сухан гуфтан мехоҳад? - мепурсам аз ҳозирон.

Доктори илми филология Бозор Тилавов ба минбар мебароянд. Хулосаи пешниҳоди он кас:

-- Баҳс бояд шавад!

Доктори илми филология, профессор М.Б.Шаҳобова:

--Ман ҳам тарафдор, ки баҳс шавад!

Кафкӯбӣ, дастгирии гарму ҷӯшон. Ҳамаи ҳозирон розианд, ки баҳс оғоз ёбад. Ҳ.Саидмуродов бошанд якбора:

-- Хез, ба президиум /қатори курсиҳо ва мизи президиуми маҷлисгоҳи АИ-ро нишон дода/ баромада, роҳбарӣ намо...

Ман сухани муқаддимавӣ гуфтам. Таъкид намудам, ки мо /бо ҳамроҳии М.Саидов/ идораи рӯзномаи "Коммунист Таджикистана"-ро дар бораи ташкили ин баҳс огоҳ кардаем, чанд бори дигар бо телефон низ хоҳиш кардем, ки биёянд. Вале чӣ тавре ки мебинед аз редакция касе наомад. Намояндагони "Адабиёт ва санъат" дар зал ҳузур доранд. Муаллиф Т.Бердиева низ аз ин баҳс огоҳ аст. Баҳси мо бояд илмӣ бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ба иззати нафси муаллифи мақола ё рӯзномаҳо расад. Касе, ки ҳатто каме бошад ҳам, аз доираи одоби баҳс берун мебарояд, аз ҳуқуқи сухангӯӣ маҳрум мешавад...

Сухани аввалро ба М.Шукуров вогузоштам. Он кас майдонро холӣ гумон карда ҳай ҳарф заданд, аммо ~~бемаънӣ~~ шарманда шуда аз минбар фаромаданд. Дар қатори пеш рафиқон Р.Амонов, Ҳ. Саидмуродов, С.Улуғзода, М.Шукуров, Р.Ғаффоров, хулласи калон, одамони обрӯманд нишастаанд. Аз онҳо С.Улуғзода чун "гули сарчи ~~сабади~~" баҳс суханҳои нек ва пурмазмун гуфтанд. Баромади он касро ҳама бо дилу ҷон гӯш карданд.

Маро байти Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ~~(Балхӣ)~~ ба ёд омад, ки фармуда ~~аст:~~

> Ҳар касеро бозсозӣ бояд,
> То насозӣ худшиносӣ н-ояд.

Дар баромадҳо масъалаҳои забони тоҷикӣ, муносибат ба он, нуқтаи назари хато ва беасоси Т.Бердиева хуб баррасӣ шуданд. Мувофиқи хоҳиш зиёда аз 30 нафар олимон, рӯшанфикрон, адибон сухан гуфтанд.

Воқеаи аҷибе низ рух дод. Т.Бердиева як нафар донишҷӯи факультети шарқшиносии УДТ-ро бо магнитофон ба баҳс фиристодааст. С.Алиев он донишҷӯи беорро, ки аз ноҳияи Ғарм будааст, ба зудӣ даст гирифт. Хоҳиш кардам, ки ӯро ҷавоб диҳад.

Дар ягон солона ё маҷлиси АИ ин толор аз одам пур намешуд. Дар ин баҳс бошад замин кафидаву одам рӯида. Бо вуҷуди он ки баҳс беш аз чоруним соат давом кард ва расо соати 22^{35} анҷом ёфт, ҳеҷ кас намехост, ки пароканда шавад. Маро устувории ақидаронӣ, мулоҳизаҳои олимони ҷавон, аз адибон А.Рабиев хурсанд кард. Бутҳо шикаста шуданд. Лозим омад ду бор таъкид кардам, ки ин баҳс дар таърихи АИ нахустин аст, ки ҳақиқатан илмӣ, демократӣ буд ва мардум бо хоҳиши худ, бо амри дил омадаанд.

Шояд тафсили ин баҳси илмӣ дар таърихи фарҳанги мо дертар қадр карда шавад. Шояд мо дертар ба мавзӯъҳои баррасидашудаи ин баҳс ба монанди айнияти дарӣ-форсӣ, тоҷикӣ, забони давлатӣ, тозагии забони модарӣ баргардем? Кӣ медонад баъд аз чанд сол ягон муҳаққиқи

дақиқназаре дар Шӯъбаи мероси адабии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ ба сабти нопурраи /қисми охири баҳс, ки баромади хотимавии ман низ буд, сабт нашудааст, зеро лентаи сабти овоз нарасид/ он дучор омада, ба суханронии одамон ангушти ҳайрат мегазад. Шояд....

Нотавонии баъзе олимон дар баҳс муайян шуд. ~~Бечораи~~ Фотимро Ш.Рустамовро ман сахт озор додам. ~~Ӯро~~ Он касро аз ҳуқуқи дубора сухан гуфтан маҳрум кардам. Танҳо бо хоҳиши Файзалӣ Наҷмонов ба Ш.Рустамов сухан додам ва бояд иқрор шуд, ки хато накардам. Ш.Рустамов бо тамоми қувва фикрҳои Т.Бердиеваро рад ва маҳкум карданд.

Хулласи калом, Т.Бердиева ва пуштибонҳои ӯ, ки дар органҳои болонишин, шаҳрҳои Маскав ва махсусан Ленинград кор ва зиндагӣ доранд, ҷавоби дандоншикан гирифтанд. "Ҳазм" кардани ин ҷавоб бисьёр душвор аст. "Назария"-и "тақсим карда ҳукм рон" бори аввал шикаст хӯрд. Ҳарчанд ин назария танҳо дар доираи забон буд, лекин набояд фаромӯш кард, ки татбиқ~~и он~~аш ҳам дар бахши марзу фарҳанг ва ҳам дар иқтисоду сиёсат доимо ҷой дошт. Албатта, на ҳамаи ширкаткунандагони баҳс он лаҳзаҳо аҳамияташро пурра дарк карданд. Ин бояд дертар рӯи об барояд.

Маслиҳат шуд, ки матни баҳсро дар се нусха тайёр карда, ба ихтиёри КМ ПК Тоҷикистон ва рӯзномаҳои тоҷикию "Коммунист Таджикистана супорем.

30-юми апрели соли 1987. Соати 11^{20}. Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ. Ман ба Шӯъбаи сабти овоз назди ако Абдуманнон, ки дишаб баҳсро сабт кардаанд, омадам ва хостам кассетаҳо /се кассета/-ро гирам. Ибтидо он кас тамоман рад карданд. Дертар бомаслиҳат розӣ шуданд, ки агар кассетаҳои нав орам, сабти овозро ба ман медиҳанд.

Соати 14^{30} бо ҳамроҳии Саидалӣ Воҳидов боз ба Шуъбаи сабти овоз омадем, ки он ҷо профессорон Н.Шарофов ва Р.Ғаффоров ҳозир буданд. Ҳама сабти овозро каме гӯш кардем. Баъд мо кассетаҳоро гирифтем. Саидалӣ Воҳидов бо якҷоягии С.Алиев, Д.Саймиддинов, Б.Бобохонов ва М.Саидов матни баҳсро бояд рӯи коғаз биёваранд.

Соати 16^{00} маро Президенти АИ РСС Тоҷикистон, узви вобастаи АИ СССР М.Осимӣ даъват карданд. Дар кабинети он кас дурудароз сӯҳбат кардем. Ба гуфти он кас бовар кунем, тамоми шаб нахуфта, дар бораи баҳси мо андеша кардаанд. Аз натиҷаи баҳс қаноатманд шуданд. Кас ҳайрон мешавад, ки чаро зиёиёни мо аз баҳси илмӣ метарсанд. Буздиланд. М.Осимӣ ваъда доданд, ки дар интишори маводҳои баҳс кӯмак мекунанд.

<u>1 Маи соли 1987.</u> Соати 8^{50} барои дар намоиши идона ширкат ~~кардан~~ дар назди бинои Президиуми АИ /хиёбони Ленин 33/ ҷамъ омадем. Ман суханони ҷамъбастиамро ба Д.Саймиддинов хондам. Ӯ маъқул донист. Баъд онро ба С.Воҳидов супоридам. Пагоҳ ба Маскав барои дифои рисолаи номзадӣ меравам.

<u>10-уми маи соли 1987</u>. Москва, соати 9^{50}. Аз рӯзи 3-юми май боз интизорам, ки аз деҳа ягон кас телефон кунад. Танҳо хеши наздикамон ~~ҷиянам~~ Ҳусейнбой Исмоилов аз Душанбе занг заду халос. Ман ба деҳа ба бародарам телеграмма фиристода, рақами телефонам - 250-60-30-ро таъкид карда будам. Наход ақли ягон кас нарасад, ки ман дар Маскав аз пул танқисӣ кашида истодаам. Хайр, бародарам ва додарамро бахшидан мумкин. Онҳо ҳақ доранд. Зеро банда то имрӯз барои онҳо коре ~~муфидеро ба ҷой~~ накардаам ва ~~ба~~ гумон аст, ки ~~ман дар оянда ягон кори бузурге карда тавонам~~ баломашон коре аз дастам ояд. Вале Раҳимбердӣ[1] чӣ? Охир, ~~ҷиянам~~ Ҳусейнбой

1. Ашӯров Раҳимбердӣ аз хешони наздики муаллиф.

аз Душанбе ба деҳаамон занг зада, рақами телефони маро ба Раҳимбердӣ гуфтааст. Наход то имрӯз барои як бор ба Маскав занг задан вақт наёбад? Ман аз ӯ пул талаб надорам. Ё бародарам телеграммаи маро нагирифтаанд?

Баъд аз панҷ рӯзи дигар /I5 май/ дифои рисола~~и номзадиам~~. Он вақт кор осон хоҳад шуд. Ман ҳайронам чаро мо, тоҷикон, дар сари дастурхон, вақте ки қадаҳ дар даст дорем, аз меҳру садоқат /инро хеле бисъёр дидаам/ сухан мегӯему ҳангоме ки танҳо як-ду сухани таскиномез зарур аст, ин қадар хасисем! Ин касалӣ кай рафъ мешуда бошад

Ҳозир матни баромад, ҷавоб ба оппонентҳои якуму дуюм, шиносномаи рисолаи номзадӣ ва охирсуханамро тайёр карда истодаам. Имрӯз ба дасти чоп медиҳам.

<u>II-уми маи соли I987</u>. Москва, соати 20^{30}, гулгашти Миусс. Имрӯз дар даводави зиёд будам. Пагоҳирӯзӣ то соати 7^{00} мунтазири занги телефон нишастам. Касе аз деҳа занг назад. Дилам танг шуд. Чӣ гап бошад дар деҳаамон? Барои чӣ касе телефон намекунад? Соатҳои 8^{30} – 9^{00} ба Душанбе, ба Саидалӣ ва Р.Маҷидов занг задам. Пагоҳ Р.Маҷидов ба Маскав меоянд. Ҷои истиқомат барои он кас тайёр. Саидалӣ бошад шаби I4 май ба Маскав меояд. Навакак Неъмат Сайдалиев /ҷияни ҳамкурсам Саидҷон Муллоеви шаҳристонӣ/ аз меҳмонхонаи "Академическая" телефон кард. Бачаи аҷоиб.

Тафсилоти ин рӯзҳоро навиштан душвор. Шояд лозим набошад? Кӣ медонад?! Мумкин аст, зарурати ба хотир овардани ин рӯзҳо пеш ояд. Инсон доимо дар такопӯ аст. Ва хат, ки нахустин кашфиёти фарҳангии ӯст, таърихашро барои дигарон нигоҳ медорад. Ман низ таърихи фардеро менависам, ки узве аз ҷомеаи инсонист.

Дар рӯ ба рӯи идораи "Литературная газета" мағозаи махсуси

арақфурӯшӣ ҳаст. Аз он ҷо дар қатори хурду калони Маскав истода, панҷ шиша арақ, як коньяк ва як шампон овардам. Ин ҷо ҳатто нӯшидан нахоҳӣ ҳам, арақ доштанат шарт. Пулам хеле кам – қариб яксаду чил ё саду панҷоҳ сӯм ~~барин~~. Барои хароҷоти оянда кифоя будагист. Эҳтимол, қарз гирифтан лозим шавад? То имрӯз ягон бор қарз нагирифтаам. Умуман ҳамааш бояд ба некӣ анҷомад.

Ман хеле оромам. Ҳамин оромиши зоҳириро бояд то охир нигоҳ дошт. Ҳозир шиносномаи махсуси рисолаи номзадиро пур кардам, ки барои ~~ким~~ кадом як маркази тадқиқотӣ лозим аст. Баъд бо хотири ҷамъ бояд рисолаи номзадиро як бори дигар хонд. Пагоҳ ба идораи маҷаллаи "Наука и религия" рафтан даркор. Ба мудири шуъбаи маҷаллаи мазкур О.Т.Брӯшминская ваъда додаам, ки ҳатман меоям. Дар шумораи панҷуми маҷаллаи "Наука и религия" мақолаи банда "Арзиши камбудиҳои мо", ки моҳи январь супорида будам, чоп шудааст.

13 маи соли 1987 соати 01^{42}. Ҳоло мехоҳам, ки пеш аз хоб боз як-ду сатр нависам. Р.Маҷидов омаданд. Ҳамааш нағз. Дина, 12-уми май, аз идораи "Наука и религия" шумораи 5-ро гирифтам. Мақолаи банда "Арзиши камбудиҳои мо" дар саҳифаҳои 22-23 ҷой гирифтааст.

На бародарам, на додарам ва на ягон рафиқ телефон накарданд. Ҳозир боварӣ дорам, ки ё аком ё уком телефон мекунанд. Ман боварӣ дорам. Ку бубинем, ки ман ҳақам ё на? Хуб, шаб хайр!

14 маи соли 1987, соати 21^{52}. То ин сана касе занг назад. Он гоҳ субҳидам соати 5^{00} ба Ӯротеппа, ба телефони 2-45-58 занг задам. Бародарамро наёфтам. Вале гумонам рост баромад. Ҳамин ки ман аз ҳама чиз ноумед шудам /яъне кофтукоби бародарам ва интизории телефон аз деҳа/ аз шаҳр, аз Ӯротеппа бародарам ва падарам телефон карданд. Офарин, падари азиз. Доимо ҳис мекунам, ки шумо бо манед, падарҷон!

Зиҳӣ бародари азизам! Дилам ором шуд. Маълум шуд, ки телеграммаи ман ба онҳо нарасидааст. Раҳимбердӣ Ашӯров бошад рақами телефони маро аз Ҳусейнбой Исмоилов фаҳмида, онро дар ғалладони мизи кориаш гузошта, дар бозорҳои Ҷиззаху Самарқанд машғули сабзифурӯшӣ будааст. Хайр, ин рӯзҳо мегузарад. Танҳо ҳайронам, Раҳимбердӣ дар оянда бо кадом рӯй ба ман дучор меомада бошад?

Бародарам 500 /панҷсад/ сӯм пул фиристоданд, ки соати 14^{30} гирифтам. Саидалӣ баъд аз як соат бояд аз аэропорти Демодедово телефон кунад. Пагоҳ соати 16^{00} ҳимояи рисолаи номзадӣ дар шӯрои илмии Академияи илмҳои ~~ҷамъиятии~~ назди КМ КПСС.

<u>17 маи соли 1987</u>. Соат 00. 27 дақиқа. Саидалӣ оромона хобидааст. Хоби ман тамоман паридааст. Дифои рисолаи номзадӣ бомуваффақият анҷомид. Оппонентҳои кори илмиам доктори илми фалсафа Р.Г.Балтанов ва доктори илми таърих Г.М. Каримов доир ба рисола суханҳои нағз гуфтанд. Ман ба касалии бехобӣ гирифтор шудаам. Ин ҳам хуб асту ҳам бад. Хуб ба он сабаб, ки бисёр корҳоро анҷом додан мумкин ва бад ба он сабаб, ки доимо асабонӣ мегардӣ.

Як-ду соат пештар бо Р.Маҷидов сӯҳбат доштем. Сӯҳбати душвор ва хеле талх буд. /Ҳозир Саидалӣ хурроккашӣ дорад, ки асабҳоямро вайрон мекунад/. Р.Маҷидов хабар оварданд, ки рӯзи 11 май президенти АӢ М.Осимӣ дар сӯҳбати шахсӣ доир ба ман аз он кас ~~характеристика~~ тавсифнома пурсидаанд. Ин кас бошанд дар бораи банда чун шахси ростин, вале ба ибораи самаркандиҳо "ҳавлуқма" /идоранашаванда-неуравновешанный/ тавсиф кардаанд. Сонӣ, М.Осимӣ хабар додаанд, ки органҳои дахлдор баҳс перомуни мақолаи Т.Бердиеваро акси садои воқеаҳои Алма-Ато /18-19 декабри соли 1986/ шарҳ додаанд. Ва мувофиқи /боз Саидалӣ хурроккашӣ дорад/ гапи Р.Маҷидов президент таъкид кардаанд, ки минбаъд эҳтиёт кунам.

Хайр, чӣ? Магар гапи ҳақро гуфтан мумкин нест? Хайрият, ки ҳоло соли 1937 нест, вагарна бандаро кайҳо несту нобуд мекарданд. Хушбахтона, имрӯз зиндагонӣ дигар шудаасту баҳори бозсозӣ меояд. Вале:

Чӣ сон нагирьяму хушку тар насӯзам,
Ки дар қаламрави Зардушт ҳарфи Чингиз аст!

Ва дар лаҳзаҳои душвортарин ман ин байтҳоро мисли дуои нек такрор мекунам. Р.Маҷидов аз ман пинҳон доштанд, ки рӯзи 15 май дар Президиуми АИ РСС Тоҷикистон бо кӯшиши М.Осимӣ ва мудири Шӯъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷикистон Ҷ.Латифов роҷеъ ба дастгирии мақолаи Т.Бердиева баҳси хоссае ташкил шуд. Мурод аз он маҳкум кардани баҳси мо, ё чӣ хеле ки як рафиқи наздикам мегӯяд, "ҳаракати 29-уми апрель" буд. Огоҳ шудам, ки бо кӯшиши Т.Муродова ва чанде аз рафиқони дигар ба нияти нопоки ҳарифони бозсозӣ зарбаи ҷонкоҳе ба кор рафтааст. Боз фаҳмидам, ки баъзе таррафурӯшони илм, ки унвони докторӣ доранд, тақсими забонҳоро исбот карданӣ шудаанд. Хулоса, мубориза сар шуд.

<u>30-юми маи соли 1987</u>. Ман ба Душанбе баргаштам. Сари роҳ ба Ӯротеппа рафта, падарамро зиёрат кардам. Дуои неки он кас мададгори ман аст. Моҳи май боз воқеаи муҳиме рух дод. Дар ду шумораи "Литературная газета" моҳи маи соли 1987 мақолаи пурдабдабаи воқеанигори сиёсӣ И.Беляев "Ислом ва сиёсат" ба табъ расид. Мақолаи мазкур низ хеле хатарнок аст. Агар ҳеҷ кас аз Тоҷикистон ба мақолаи И.Беляев ҷавоб нанависад, моро лозим меояд, ки қалам ба даст бигирам.

<u>10-уми июни соли 1987</u>. Ман ба иншои сценарияи фильми мустанад роҷеъ ба ҳаёти маънавии аҳолии ҷумҳуриямон сар кардам. Ин мавзӯъ кайҳо боз ҳалли хешро интизор аст. Соли гузашта воқеаҳои зиёде рух доданд. Ҳамаи онҳоро бояд таҳлил кард. Ва ман бояд ба чашми ҳақиқат хок напошам, буду шуду масъалаи дину оин, таҳрифи муносибати

ленинӣ ба кори идеологӣ, озодии виҷдонро нишон диҳам. Ният ҳаст, ки дар панҷ-шаш фильми мустанад, камбудиҳои кори идеологӣ ва роҳ-ҳои баланд бардоштани ин соҳаи муҳимро баррасӣ кунем. Душвориҳои зиёде дар пешанд.

Яке аз омилҳои муҳим дар кори идеологии партия ин муносибати он ба алифбои классикии тоҷикон аст. Агар ин масъала дуруст ҳал шавад ва муносибати ғаразнок, ки ин ҳуруфотро "динӣ" гуфта, таъқиб мекунанд, аз байн бардошта шавад, бисьёр масъалаҳо худ ба худ роҳи ҳаллашонро меёбанд. Аммо технократҳои мо инро ҳаргиз фаҳмидан намехоҳанд ва ё умуман сарфаҳм намераванд.

Ман варианти аввали сценарияи фильми мустанадро навишта, ба таҳиягар П.А. Аҳмадов супоридам. Ӯ қонуну қоидаи ин соҳаро аз ман беҳтар медонад, бигузор ҳаматарафа кор кунад.

Дар варақи алоҳидае ин ҷумларо навиштам: "Вале дар як даҳ - сола ду бор ҳуруфотро иваз кардему халқро аз таърих, маданият дур андохтем ва сафи бесаводонро се баробар афзудем". Ин ҷумла хати сюҷети фильмро пурқувват хоҳад кард, онро, албатта, ба матни дикторӣ ворид месозем, то ки таъсираш дучанд гардад[I].

9-уми июли соли I987. Имрӯз ҷавоб ба мақолаи И.Беляев "Ислом ва сиёсат"-ро ба редакцияи "Литературная газета" фиристодам. Нафз мефаҳмам, ки онро чоп нахоҳанд кард. Зеро дар сиёсат нисбат ба халқҳои ~~[illegible]~~ мусулмон чунин усуле ба кор бурда мешавад, ки ҳар кас камбудии "бузургон"-ро ёбад, мекӯшанд, ки онро нодида гиранд ва оқибат беқадр кунанд. Бо роҳҳои гуногун нашри раддияҳои

I. Ин ҷумлаи боло дертар бо каме таҳрир дар фильми "Он чӣ, ки аён аст..." ҷояшро ёфт ва тамоми ғазаби "ҳомиёни миллат" ба сари он фурӯ рехт. Устувории таҳиягар ва ~~муаллифи~~ рожиссёр сутур сабаб шуд, ки онро аз фильм берун кардан натавонистанд /шарҳи муаллиф/.

фошкунандаро бозмедоранд. Ва агар чоп шавад ҳам, инро чунон "таҳрир" мекунанд, ки аз мазмуни ҳақиқиаш ба гумон аст, фикри яклухте монад. Дар ҷавоби хеш кӯшидам, ки моҳияти "назария"-и И.Беляевро бештар баррасӣ намоям.

Азбаски дар байни мардуми мо чунин ақидае ҳаст, ки гӯё "олимони мо ин хел навишта наметавонанд", "онҳо метарсанд" мегӯянд, тарҷумаи ҷавобияро меорам[I].

ИСЛОМ ВА СИЁСАТ

/оё бими И.Беляев асос дорад?/

Дар мақолае, ки бо унвони "Ҳадди охирин" I августи соли 1986 дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" чоп шуда буд, гуфта мешавад: "Қуръон истеъмоли машрубботро манъ карда бошад ҳам, истеъмоли анвои нашъаро маҳдуд накардааст. Бисёр идҳои динӣ бо истифодаи "таомҳои фараҳбахш" анҷом меёфтанд". Чунин тариқи танқиди ислом шояд барои хонандаи нобалад навишта шуда буд. Воқеан чунин "дониши" аҳкоми исломӣ, дар процесси муҳокимаи он граждаҳое, ки қонунияти советиро оид ба дину оин вайрон карда буданд, роли худро бозид.

Барои исботи "гуноҳи" онҳо ё тасодуфӣ, ё ки дидаву дониста бошад, дар баъзе делоҳо нашъа вуҷуд дошт, гарчанде ҳангоми муҳокимаҳо он тасдиқ нашуд. Вале биёед масъаларо тадриҷан аз назар мегузаронем. Кӯшиши дар Қуръон, ҳадис ё ки шариат ёфтани ишорае дар бораи раво будани истеъмол нашъа барои мусулмонон амали бефоида аст. Ҳатто худи калимаи "ҳашиш" дар Қуръон нест. Маъхазҳои мӯътамад ба далели ҷолиби диққат ишора мекунанд: анвои нашъа дар оламинисломӣ баъди тохтутозҳои муғул ~~нақҳ~~ ~~бу~~ омадааст. Пурсиши мо ба редакцияи "Коммунист Таджикистана" бо илтимоси нишон додани дар

I. Тарҷумаи мақолаҳои банда аз забони русӣ ба тоҷикӣ ба қалами дӯстонам тааллуқ дорад, ки барои чунин кӯмак миннатдорам /шарҳи муаллиф/.

кадом сура ва ояти Қуръон доир ба истеъмоли "таомҳои фараҳбахш" да[р] идҳои исломӣ ишора ҳаст, бенатиҷа буд. Ба замми ин, моро қариб, ки "миллатчӣ" /тамғае, ки дар минтақаи мо далели кушанда мебошад, агар ки ба ягон муаллифе эътироз кунӣ – М.М./ ва "ҳомии дин" эълон кунанд. Албатта, ҳамаи ин ~~ҳама~~ дар замони бозсозӣ буд ва, мумкин аст, ки ин масъаларо ба ёд наорем, вале боз 29 апрели соли ҷорӣ дар ибтидои моҳи рамазон газетаи "Коммунист Таджикистана" карикатура /расми ҳаҷвӣ/-еро бо унвони "Ба хурофот роҳ нест!" чоп кард. /Ин карикатураро ба шумо мефиристам, то ки худ дида бовар кунед/. Боз кормандони Шӯъбаи фалсафа кӯшиданд бидонанд, ки карикатураи таҳқиромез ба унвони диндорон дар рӯзи аввали моҳи рамазон, чи маънӣ дорад? Мо бо ҷонишини муҳаррири газета Каратыгина Т.П. суҳбат кардем. Ҷавоб ҳайратовар буд: –Шумо ҳама мусулмонони мутаассибед! Шумо атеист нестед, баръакс диндоред...! Эҳсосро ба як тараф мегузорем. Вале ~~бо он~~ ҷавоби ~~додагӣ~~ мумкин аст фаҳмид: Шумо атеистон ҳеҷ кор карда наметавонед. Шумо мақсади тарбияи атеистиро намедонед.

Таи солҳои охир, дар манотиқи исломнишин як зуҳуроти наве дар ~~пропаганда~~ ва амалияи мо мушоҳида мешавад. Ин зуҳуротро мумкин аст "экстемизми атеистӣ" номид. Моҳияти он дар чист? Шахсан ман инро дар он мебинам, ки баъзан бедалел дин ва расму оини онро нахӯ мезананд /ва бештар исломро/, динро хурофот меҳисобанд /воқеан, ҳамин ~~фикри мазкур~~ диндоронро хелҳ безобита мекунад, зеро чунон[ч]и маълум аст, ҳама динҳои олам ва пеш аз ҳама дини ислом ҳамеша ҳ[ам] бар зидди таассубу хурофот, ки ба якхудой монеъ мешуданд, мубориза мебурданд/, чун солҳои сиюм чандин ёдгориҳои маданӣ, масҷидҳо ва китобҳои динию дастхатҳоро нест карда, ҷойҳои "муқаддас"

/зиёратгоҳҳо/ ва чанорҳои "муқаддас"-ро бурридаю вайрон карда бар зидди диндорон карикатура ва ғайра нашр мекунанд. Фавран бояд қайд кард, ки чунин ~~амоли дуруғ-атеистӣ~~ амолли атеиститарошӣ бо атеизми марксистӣ ҳеч як умумияте надорад. Мисоли чунин зуҳурот дар манотиқаи исломнишин хеле зиёд аст. Доир бо баъзе ҷиҳатҳои экстремизми "атеистӣ" ва оқибатҳои манфии он дар тарбияи атеистӣ, ман чанде пеш дар журнал[I] навишта будам ва намехоҳам онро такрор кунам.

Ман мақолаи И.Беляев "Ислом ва сиёсат"-ро хонда, доир ба бисьёр чизҳо фикр кардам. Ва бисьёр мехостам, ки ба дурустӣ ва холисона будани далелҳои мақолаи мазкур бовар кунам. Вале...

~~Чизи аввалине, ки~~ Нахуст ба назар мерасад, ин эътибори илмӣ ва салоҳият надоштани муаллифи мақола дар бештари масъалаҳо мебошад. Пеш аз ҳама гап дар ин ки ҳангоме ки сухан доир ба Шарқи хориҷӣ ва роли дини ислом меравад, муаллиф ба уламои ғарб ишора намуда, бо як илҳоми хос доир ба ҳама чиз менависад, вале ҳамин ки бо ин масъала ба мамлакати мо мегузарад, оҳанги баёни ӯ тунду тез мегардад. Дар назари аввал чунин як масъалаи на чандон калон, ки муаллиф тасдиқ карданӣ мешавад, ки савми мусулмонӣ дар Осиёи Миёна „рӯза", вале дар дигар ноҳияҳои Иттифоқи Советӣ „рамазон" номида мешавад, шубҳаро ба вуҷуд меорад. Ҳолон ки дар "Луғат-маълумотнома доир ба ислом ва атеизм"[2], ки дар Қазон ба забони тоторӣ нашр шудааст, қайд гардида~~аст~~, ки савм – „рамазон" не, балки рӯза номида мешавад ва иштиқоқи он калима ҷой дорад. Рамазон бошад – ин номи моҳест, ки дар он рӯза мегиранд. Муаллиф расму оини диниро бо номи

I. Ниг.: Наука и религия" - 1987, № 5.

2. Словарь - справочник об исламе и атеизме, Казан, 1978, стр.166.

моҳе, ки он русум иҷро мегардад, омехта мекунад. Ё ки масъалаи маҳрро гирем. Оё муаллиф хабар дорад, ки маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон якчанд фатво доир ба манъу норавоии қалин нашр кард[1]. Ба ин нигоҳ накарда, дар нашриёҳои мо қалин ҳамчун расми мусулмонӣ ҳисобида ~~шуда,~~ ва ҳамчун тарзи хариду фурӯши духтар шарҳ дода мешавад. Ин масъала умуман чизи назарногир нест. Шакли нодурусти танқид нафақат инсонро ~~аз халос шудан~~ аз нишондодҳои динӣ халос намекунонад, баръакс барои ҷоннок шудани ғояҳои динӣ ва дар ҳаёт мустаҳкам шудани онҳо ёрӣ мерасонад.

Масъалаи дигар номҳои ҷуғрофӣ /мавзеъ/ ва истилоҳот мебошанд, ки дар замони рукуд ва бо фазилати ба он муносибати ~~субъективӣ~~ зеҳнӣ намудан, ~~характери~~ хусусияти принципиалӣ гирифта буд. Агар дар ким-куҷои биёбони Қароқум деҳае бо номи "ислом" вуҷуд дошта бошад, ин маънои онро надорад, ки дар он ҷо ҳама мусулмонони мутаассиб умр ба сар мебаранд. Албатта, муаллиф дар ин бора нанавиштааст, вале мӯлнуктаи мондааш маъноҳои зиёд доранд. Шояд ин мӯлнуктаҳо барои тағйиру номдигаркунии бисёр фамилияҳо ва номҳои ~~пункт~~ маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои мардуми мусулмон, баҳона шуда бошад? Дар омади гап чунин таклифҳо дар гузаштаи на чандон дур ва ҳатто дар рӯзҳои мо ҳаст ва ҷой дорад. Профессор Т.Саидбоев бисёр дуруст қайд мекунад, ки агар масъаларо ҳамин тавр гузорем, дар он сурат зарур аст, ки номҳои бисёр минтақаҳои аз ҳудуди Осиёи Миёна дур/ ҳатто минтақаҳои Архангельскийро низ дигаргун кунем. Вале чунин амалиёт на фақат бемаънӣ, балки суиқасд бар зидди ёдгориҳои таърихиву инсонӣ мебуд. Охир, ном ва номи мавзеъ низ як ҳиссаи тамаддуни инсонӣ

---

1. Ниг.: Новое время. - 1986, № 21. - стр. 26.

мебошад ва безътиноӣ нисбат ба он бароямон хело гарон аст. Аммо он чӣ ба урфӣ гардидани номҳои зиёд, номҳои мавзеъ ва ғайра дахл дорад, намунаи онро дар ҳар қадам вохӯрдан мумкин аст. Мо бояд ҳақиқатнигор бошем. Ҳар як баҳси илмие, ки доир ба калима, ба кадом забон тааллуқ доштану маънии он баргузор мегардад, далелу бурҳонро талаб мекунад. Дар ҳақиқат калимаи "ялла" ҳеч умумияте бо хитобаи "Эй, Аллоҳ" надорад. Лекин ба гумон аст, ки яку якбора калимаи "Ялла"-ро қонунан ӯзбекӣ ва ба замми ин пайдоишаш қаблазисломӣ ҳисобида шавад. Аз рӯи адолат бояд гуфт, ки дар фонди луғавии забони тоҷикӣ як миқдор калима ва ибораҳои фразеологию идиоматикие вуҷуд дорад, ки пайдоиши худро аз решаи калимаи "Ялла" мегиранд.

Масалан, калимаи "яллалӣ" дар "Ғиёс-ул-луғот" чунин шарҳ ёфтааст: "Яллалӣ калимаест, ки ҷавонон дар ҳангоми нишот гӯянд". Ҳамин фикрро "Фарҳанги нафисӣ"[1] низ қайд кардааст. Ё ки калимаи "ялла", "яллалӣ бобо яллое" дар "фольклори Самарқанд" маънохои зерин: а/ суруди рақсӣ-нақорот; б/ шодӣ ва тарзи ҳаёти идонаю хурсандонаро дорад.

Муаллифи мақола беасосе доир ба вуҷуд доштани инфраструктураи исломии ба худ хосе дар республикаҳои Осиёи Миёна ишора мекунад. Агар масъала ин тавр гузошта шавад, пас доир ба ~~ким~~ кадом як тағъироте, ки дар муддати 70 соли вуҷуд доштани ҳокимияти советӣ ~~дар~~ ба вуҷуд омадааст, чизе гуфтан мушкил аст. Ин мулоҳиза суханони яке аз муаллифони солҳои 30-юмро ба ёдам меорад, ки ӯ нисбат ба халқҳои республикаҳои Осиёи миёна, аз ҷумла доир ба муомилаи ~~неки~~ хоҳонаи рӯҳониён нисбат ба ҳокимияти советӣ нобоварӣ изҳор карда, коркуно-

~~1. Луғати тафсирӣ напри лоиҳпов, с. 1817.~~

1. "Фарҳанги Нафисӣ" ҷ. 5. Теҳрон, саҳ. 4016.

ни органҳои советиро бадном карда буд. Ҳамин тариқ, дар айни авҷи воқеаҳои солҳои 1937-1938 ба забони русӣ ва тоҷикӣ дар республикаи мо мақолаи Ф.Олещук "Дар хусуси мавқеи иртиҷоии рӯҳониёнии ислом" чоп шуда буд. Дар он чунин гуфта мешуд: "Ташкилотҳои динии исломӣ, мадрасаю масҷидҳо... дар ҳақиқат, марказҳои зидди советӣ ва унсурҳои миллатчигӣ ба шумор мераванд. Ин унсурҳо дар ҳама ҷо бо нишондодҳои ҷосусони Германияи фашистӣ ва дигар ҷосусони хориҷие, ки ҳадафи онҳо аз мамлакати советӣ ҷудо кардани халқҳои дурдасти он мебошад, амал мекунанд..."[1]. Мумкин аст гӯянд, ки ин ба мақолаи И.Беляев чӣ алоқа дорад? Алоқаи бевосита дорад. Муаллифи мақола ба афкори исломшиносону советшиносони ғарбӣ такья намуда, он кореро, ки олимони советӣ дар масъалаи ислом дар республикаҳои Осиёи Миёна кардаанд, сарфи назар ~~менамояд~~ месозад. Дар натиҷаи ин, маълум мегардад, ки ӯ он ~~процессҳое~~ тамоюлҳоеро, ки дар доираҳои динии Осиёи Миёна ба вуҷуд омада истодаанд, намедонад. Дар мақола мафҳуми секуляризация вуҷуд надорад. Барои ҳамин тамоман ҷои тааҷҷуб нест, ки ~~характери~~ хусусияти диндорӣ дар назари ӯ таҳдидкунанда менамояд. Чизе ба ин монанд дар таърихи мо буд.

Дар солҳои 30-юм ҳама навиштаҷотҳое, ки ~~бо хатти арабӣ~~ форсӣ буданд /ҳатто девони Ҳофиз, Хайём, Румӣ, Саъдӣ ва ғайра/ сӯзонда шуданд. Ба маданияти маънавӣ зарбаи ислоҳнаванда зада шуда буд. Дар он солҳо бо таъсири чунин мақолаҳо, амсоли мақолаи Ф.Олещук, даҳҳо диндорони бегуноҳ қурбон шуданд. Ҳоло аз сари нав ба он монанд овозаҳо садо медиҳанд. Вале дар гумон аст, ки онҳо тарафдоре пайдо кунанд - замона дигар аст. Дин мавқеи худро дигар кардааст. ~~Процесси~~ Раванди секуляризация бебозгашт аст. Масъала хеле ҳам ҷиддист, ки доир ба он сатҳӣ ва бемасъулиятона сухан гуфта шавад. Илова ба

I. Ниг.: Коммунист Таджикистана, 5.02.1938.

ин, муносибати ғайри танқидӣ ба корҳои муаллифони хориҷӣ ба он бурда расондааст, ки баъзан мавқеи худи И.Беляевро муайян кардан мушкил мешавад, ё ки ӯ ақидаҳои онҳоро тасдиқ мекунад ё ин ки ба ҳарифони мо ҳамфикр аст, маълум нест. Барои ҳамин, тасодуфӣ нест, ки ӯ аҳёнан аз рӯи шароити бадхоҳони мо, бонги хатар мезанад. Ҳангоми хондани суханони ӯ доир ба исмоилиёни Помир, маҳз ба ҳамин хулоса омадан мумкин аст. Муаллиф, мулоимтар карда гӯем, ба ҳақиқати маълуме, ки дар адабиёти таърихию фалсафӣ ва таърихию атеистӣ дар солҳои охир доир ба исмоилия баён шудааст /воқеан на дар ягон ҷои аз ҳудуд берун, балки дар худи Иттифоқи Советӣ ва маҳз ба забони русӣ - М.М./ умуман ва махсусан тарафдорони исмоилия дар Бадахшони советӣ, шинос нест. Масалан, тадқиқоти хеле ҳам объективонаи олими советӣ Х.Додихудоев на фақат беисбот будани ақидаи И.Беляев, балки беасос будани фикри муаллифони китоби "Шиа ва эътирози иҷтимоӣ"-ро нишон дод. "Ҳатто дар ибтидои солҳои чилуми садаи мо, - менависад Х.Додихудоев, - махсусан дар солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ, рӯҳониёни исмоилии ВАБК ҳаматарафа "даъват"-ро барои ҷамъ кардани маблағ барои ёрӣ ба Армияи Советӣ ва тарафдории сиёсати давлати советӣ дар мағлуб кардани фашизм, истифода мекарданд"[1].

Ба фикри ман, одилона мебуд, агар муҳокимаҳои мо нисбати ин ё он мазҳаби динӣ беғаразона бошад. Илова ба ин, нуқтаи назари И.Беляев доир ба "тақия" хеле ҳам ғайриқаноатбахш /ва ҳатто таърихан беасос/ баромадааст.."Тақия" - ин маҳз маҳсули ҷамъияти феодалӣ ва шакли эътирози иҷтимоӣ буда, имрӯз маъно ва мавқеи худро аз даст додааст.

---

1. Ниг. Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта. Душанбе, Ирфон, 1987, с. 38.

Муаллифи мақола чунин навиштааст, ки "ҷавонони дар воқеаҳои декабрии Олмаато иштирок доштаро мусулмонони фанатик- сӯфиҳо ангехтаанд, ки ба доираҳои донишҷӯён даромаданд". Дар ҳақиқат, воқеаҳои Олмаато ин сабақи талхест ба зуҳуроти рӯбинона ва қадаҳҳои шодбошӣ дар муносибатҳои миллӣ. Вале магар раво аст, ки он воқеаҳоро кори мусулмонони таассубӣ, сӯфиҳо шуморид ва ба А.Бенингсон истинод кард? /Дар омади гап исломи расмӣ дар гузашта т таълимоти сӯфиёнро рад ва худи онҳоро таъқиб мекард/. Ба қарибӣ суд бар иштирокчиёни фаъоли воқеаҳои зиддиҷамъиятӣ дар Олмаато, ки I7-I8 декабри соли 1986 рух додааст,анҷом ёфт. Аммо на дар материалҳои судӣ ва на дар мақолаҳои роҷеъ ба ин мавзӯъ дар матбуот ба табъ расида доир ба сӯфиҳои Олмаато чизе набуд. Пас, муаллифи мақола инро аз куҷо ёфта бошад?! Агар амали аниқ, ки ба ислом ~~ягон~~ умумияте надорад ба чунин ранг бардошта шавад, он гоҳ оё шахсоне, ки маҳкум шудаанд, "азияткашидагон, муборизони ислом" нестанд? Алқисса, шояд барои воқеанигорони сиёсӣ чунин пешниҳоди материал ба хонандагон дуруст бошад?

Зиёда аз ин, И.Беляев менависад: "Сӯфия дар байни мусулмонон бисёр фаъолона тарғиб мешавад". Доир ба тасаввуф ва замон ин ҳукми хеле қатъӣ аст. Масъала пеш аз ҳама роҷеъ ба роли рӯҳонияти ғайрирасмӣ дар минтақаи исломнишин меравад. Дар чунин ҳолат на танҳо масҷидҳо, балки аз он зиёдтар ба қайд гирифтани ҷамоаҳои динӣ дар як қатор нуктаҳои аҳолинишин, шаҳру ноҳияҳо, ки зарурат ҳаст, ба миён меояд. Зарурати кушодани масҷидҳои расмӣ дар шаҳрҳои Панҷакент, Конибодом, Исфара, Ӯротеппа, инчунин ноҳияҳои Файзобод, Комсомолобод, Қубодиён ва дигар ҷойҳо мавҷуд аст. Он вақт аз як тараф кафолати конституционии озодии виҷдон дар амал ҷорӣ мегардад ва аз тарафи дигар танзими қонунияти советӣ оид ба дину оин

дуруст ба роҳ монда мешавад. Мавҷуд набудани масҷидҳои расмӣ дар бисьёр шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон /ва на танҳо ҷумҳурии мо/ чун муваффақияти тарбияи атеистӣ тавсиф мешавад. Маълум аст, ки ришсафедону аҳолии Панҷакент аллакай ду маротиба ба ҳукумати шаҳр ва совет оид ба корҳои дин дар назди Шӯрои Вазирони СССР /ҳатто ба маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон!/ дар бораи ба қайд гирифтани ҷамоаи диниашон муроҷиат кардаанд. Вале ҳеҷ кас барои ҳалли ин масъала дасти ёрӣ дароз намекунад. Ҳарчанд қонун барои ҳама як аст --ҳам ба атеистон ва ҳам ба диндорон. Ба қарибӣ дар намоиши "Робита" низ суоли кушодани масҷиди расмӣ дар Панҷакент ҷой дошт. Лекин ба гумон аст, ки ин талаби боадолатонаи одамон ба таври мусбат ҳал шавад. Мисоли боло ба таври равшан дарҳамбарҳамиеро, ки тамоми системаи тарбияи атеистиро таҳриф месозад, нишон медиҳад.

Душвории асосӣ дар густариши кори идеологӣ, бозсозии куллии он, боз дар он аст, ки тамоми ин кор ба дӯши "технократҳои рақамшумор" вогузор шудааст. Барҳақ қайд кардаанд, ки "технократи ба таври ифротӣ расида чунин фикр мекунад, ки танҳо техника ҳамаро метавонад хушбахт гардонад, якҷоя бо беҳдошти моддӣ такомули маънавӣ фаро мерасад. Ва маҳз дар ҳамин лаҳза ӯ, ки худро материалисти устувор мешуморад, ба динчигӣ меафтад"[1].

Ба масъалаҳои тарбияи атеистӣ дар маҳалҳо асосан дилетантҳо машғуланд. Зиёда аз ин кори идеологӣ ба таври анъанавӣ "сабук" медонанд ва аз ин рӯ ин кор ба занҳо супорида шудааст, ки муқобили анъанаи маданӣ ва маиши халқҳои ин минтақа аст. Илова бар он наметавонам ба ин ақидаи Т.Саидбоев розӣ шавам, ки гӯё "илм то ҳол сабабҳои эҳёи маросим ва анъанаҳои исломро дар шароити социализм

I. Ниг.: Наука и религия. - 1987, № 9. - с. 23.

кор накардааст". Хушбахтона, илм кайҳост, ки сабабҳои такрорнотоҳ солкунии маросим ва анъанаҳои мусулмониро дар шароити мо нишон додааст, вале бадбахтӣ дар он аст, ки ҷамъбасти илмӣ, тавсияҳои дуруст аз ҷониби онҳое рад карда мешаванд, ки аз рӯи вазифа ба тарбияи атеистӣ, ҷорӣ кардани маросим ва оинҳои советӣ /баробари ба инобат гирифтани хусусиятҳои минтақа/ машғуланд. Равшан аст, ки солҳои охир дар як қатор ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна вайрон кардани принципҳои адолати иҷтимоӣ - фарқи сухан ва амал, порахӯрӣ, торочи моликияти давлатӣ, протекционализм /пуштибонӣ, ҳимояти хешу ақрабопарастӣ/, бюрократизм, дағалона вайрон кардани қонуният, маҳалгароӣ, шовинизм, эътибор надодан ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва фарҳангии одамон ҷой доштанд, ки онҳо омилҳои асосии эҳёи як қатор урфу одатҳое гардиданд, ки аксаран пардаи динӣ ба худ гирифтаанд. Зиёда аз ин, баъзан фикри шахсии кам кадом роҳбар тақдири масъалаи марбут ба тарбияи атеистиро ҳал мекунад ва пеш аз ҳама ин ба қисми муҳиму таркибии тарбияи атеистӣ тақдири ҷашну маросимро фаро мегирад. Барои мисол бигирем ҷашни Наврӯзро. Солҳои охир дар атрофи ин ҷашн дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ду тарзи муносибат рӯи об омадааст. Агар дар Тоҷикистон дар асоси ҷустуҷӯи илмӣ моҳияти пешқадами ҷашни Наврӯз баррасӣ ва роҳбарии ҳизбию давлатӣ ба анъанаҳо он ташаккул ёфта бошад, пас, соли 1986 дар Ӯзбекистон бо роҳи тамоман дигар рафтаанд. Ибтидо Наврӯзро мамнӯъ эълон карданд, баъд 30-юми марти соли 1986 Рӯзи хотира қайд карда шуд. Имсол бошад боз як иди дигарро фикр карда баромаданд бо унвони "Навбаҳор" /дар омад гап номаш боз ғайриӯзбекӣ/ дар якшанбеи нахустини моҳи апрель.

Ҷашн гирифтан ё манъ кардани Наврӯз дар ҳар ҷумҳурӣ кори роҳбарияти он. Вале ба Наврӯз бор кардани гуноҳҳои "нимдинӣ", "оғози

соли нави мусулмонӣ дар Шарқ" ва ғайра чӣ даркор?![1] Чунончӣ дар конференцияи умумииттифоқӣ илмӣ-амалии "Такомули муносибатҳои миллӣ дар партави қарорҳои съезди ХХУП КПСС", ки 3-5 апрели соли 1986 дар Тошканд баргузор шуд, котиби КМ ПК Ӯзбекистон Р.Абдуллоева /алҳол собиқ/ рӯирост изҳор кард, ки "Наврӯз ҷашни солинавии халқҳои форсизабон аст ва аз ҳамин сабаб мо онро дар Ӯзбекистон манъ кардем". Ана, идеологу мана идеолог! Ба муаллифи ин сутур лозим омад ки дар конференцияи зикршуда роҷеъ ба моҳияти ~~прогрессивии~~ пешқадами ҷашни Наврӯз, таҷрибаи андӯхтаи ҳизбиёни Тоҷикистон дар эҳёи анъанаҳои мардумии он маърӯза намоям. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳанӯз соли 1981 А.Латынина дар "Литературная газета" /ниг.: 23.ХП.1981/ доир ба моҳияти халқии ҷашни Наврӯз мақолаи хубе навишта буд.

Баъд аз интишори мақолаи "Ислом ва сиёсат" ҳафтаномаи "Московские новости" аз 31-уми май ба хонандагони хеш чунин иттилоъ расонд, ки дар Ӯзбекистон "кӯшиши манъ кардани ҷашни баҳории Наврӯз ба харҷ рафт, ки решаҳои ин ид ба дин мерасад /??/. Аҳли ҷомеа дахолат кард, олимони Маскав ва Ӯзбекистон /?/ дар як ақида буданд ва ба ҷашн ҳаёт ва ҳуқуқ бахшиданд". Ҳарчанд, ки ба асарҳои Л.Дробижева эҳтиром дорам, мехостам таъкид намоям, ки ягон нафар олими Ӯзбекистон ба таври мушаххас доир ба Наврӯз, моҳияти халқии он чизе иншо накардааст. Инро олимони Тоҷикистон ва пеш аз ҳама муаллифи ин сутур /~~ҳарчанд~~ инро як навъ худписандӣ шуморед ҳам/ қариб

---

1. Таассуфовар аст, ки рӯзномаҳои марказӣ махсусан "Известия" ва "Правда" низ қасдан ба ҷашни Наврӯз гуноҳи "сари соли мусулмонӣ"-ро бор карда, нисбат ба ин ҷашни миллии тоҷикон афкори нодуруст ба миён меоранд. Охирин маротиба ин "кашфиёт" ба "Известия" тааллуқ дорад. Ниг.: Известия, 20.05.1989 /шарҳи муаллиф/.

даҳ сол мубориза бурда, ба ҷой меорем, ки таъриф, хатоиҳо барҳам хӯраду ҷашни Наврӯзро, ки таърихи ҳафтҳазорсола дорад ва ягон умумияте бо ислом надорад, эҳё кунем. Бармегардем ба мақолаи "Ислом ва сиёсат".

~~Чун хати сурх~~ ғояи таҳдидоваре дар мақола талқин мешавад, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаги ана-мана нагуфта "таркиши исломӣ" ба вуқӯъ меояду мо ин минтақаро бебозгашт аз даст медиҳем ва гӯё ҳокимияти шӯроҳо дар ин минтақа ба ном вуҷуд дорад. Муаллиф дар муҳокимаҳои худ ~~доир~~ ба ~~самимияти~~ одамон чунон ҳам шубҳаомезона ба аҳолии ин минтақа менигарад, ки баъзан бе ҳеҷ асос атеистон ва диндоронро муқобил мегузорад, ки ин тамоман кори хатост. Ба иловаи ҳамаи ин, чунин ақидаи муаллиф, ки пас аз В.Дитль ҳуҷуми моҳи мартии муҷоҳиддини афғонро ба шаҳри Панҷ ва ноҳияи Москваи Тоҷикистон як навъ даъват ба "ҷиҳод" маънидод мекунад, шубҳаомез аст. Мехостам чунин суолро пеш ~~ронам~~ оварам, ки бо вуҷуди зуҳуроти номатлубе, ки дар Осиёи Миёна ҷой дорад, оё дар ҳақиқат ҳокимияти советӣ дар минтақа рахна шудааст ё худ ҳокимият ба қувваи ~~Ирок~~ силоҳ ва зӯрии ~~Армия~~ силоҳ асос ёфтааст?! Суоли боло қонунист. Зеро агар аз хориҷа доир ба Осиёи Миёна чизе нависанд, шарт нест, ки ҳамаро сиёҳ кунем! Бояд қайд кард, ки суханони таҳрибкоронаи олимони хориҷӣ, идеологҳои дин доир ба мусулмонони Иттиҳоди Шӯравӣ мақсади ниҳоии сиёсии худро дорад: ҳисси нобовариро ба аҳолии минтақаи исломнишин бедор кардан, сонӣ, ба ин халқҳо талқин кардани ғояи зерин:

—Бубинед, боварӣ ба дӯстию ~~хххххх~~ самимияти кофирон чӣ оқибат меорад...

Бозии хуби тарғиботӣ. Мисоле меорем. 27 июни соли равон радиои "Садои ҷумҳурии исломии Эрон" аз боби аҳволи лоуболонаи мусулмонони Қазоқистон хабар дод. Банда таи 10-15 соли охир ҳеҷ

гоҳ аз "садоҳо" чунин маълумотро нашунида будем. Ҳоло бошад ба ҳаёти мусулмонони Қазоқистон ва дигар минтақаҳо муносибат дигар хел аст. Ин гуна мисолҳо кам нестанд. Масалан, ҳамаи ташкилотҳои исломӣ ва воситаҳои ахбори оммавӣ то соли 1980 роҷеъ ба мусулмонони Иттиҳодиҳ шӯравӣ маълумоти нмеоварданд.

Акнун аҳвол тамоман дигар аст. Идеологҳои ислом бо камоли боварӣ дар борои 50 миллион /ва ҳатто зиёда аз он!/ мусулмони Иттиҳоди Шӯравӣ сухан ронда ғояи наверо талқин мекунанд, ки дар давраҳои наздик асоси ~~Армияи Советиро~~ фарзандони мусулмонон ташкил хоҳад дод. Маҳз ба ҳамин сабабҳо нуқтаи назари муаллиф дар боби мавҷудияти "тақия", амалиёти сӯфиҳои Озарбойҷон хеле хатарнок аст. Муҳокимаи муаллифи "Ислом ва сиёсат" чунин маънӣ пайдо мекунад "на ба ҳизбиён, на ба дигар одамони ин минтақа бовар кардан нашояд".

Ман бо ҳамин ибораҳои боло ақидаҳоямро доир ба мақолаи "Ислом ва сиёсат" хотима бахшиданиам. Навиштаҳоямро аз нав мутолиа кардам, ба мақолаи И.Беляев чашм андохтам. ~~Абзаци~~ наҳустинаш бисьёр шинос тофт. Истед! Гӯё ман онро дар ~~ким-~~куҷое хонда будам. Бале, ҳанӯз боли 1980 дар мақолаи И.Беляев "Ислом ва сиёсат" дар "ЛГ" аз 16-уми январи соли 1980. Дар ин ҳафт соли сипаришуда муаллиф аз ақидаи хеш ~~тамоман~~ 180 дараҷа тоб хӯрдааст. Аз ҷумла И.Беляев он вақт навишта буд: "Баъзан дар саҳифаҳои матбуоти ғарбӣ чунин даъвои фантастикӣ баён мешавад, ки "таркиши исломӣ" гӯё ана-мана нагуфта ба Иттиҳоди Шуравӣ, ба ҳамон ҷумҳуриҳое, ки мусулмонон сукунат доранд, мегузарад... Ин бофтаи "мутахассисони исломшинос"-и ғарбӣ мақсади аниқ дорад.

Албатта, гап на дар бораи мусулмонҳост. Нисбат ба онҳо ҳеҷ гуна проблема нест". Он вақт муаллиф нирӯи исломро ҳаматарафа

таърифу тавсиф карда. Дар асоси он мақола тамоюли нодурусте пайдо шуд, ки гӯё нисбат ба ислом дар мо ~~проблемае~~ казияе нест. Барои он ки "ҳарифони" худро наранҷонем доир ба ислом дар баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мақола ва китобҳоро чоп намекарданд. Акнун бошад дар мақолаи "Ислом ва сиёсат" маънною фикри дигар.

Мақолаиояндаи И.Беляев чӣ гуна мешуда бошад, боз кадом фикрҳоеро ба хонандагон талқин мекарда бошад, агар ӯ бо чунин сабукӣ аз ақидааш даст кашад?!

x x x

Дар даҳ-дувоздаҳ соли охир ба хулосае омадам, ки аксари муаллифони Маскав ва дигар ҷойҳо, ки доир ба ислом ва халқҳои мо дар матбуоти марказӣ менависанд, дониши казоие надоранд. Ва агар дошта бошанд ҳам, танҳо барои ихтилоф андохтан истифода мешавад. Барои иштибоҳ, таҳриф, таҳқир ҳеҷ гоҳ ягон рӯзномаҳо марказӣ аз хонандагонаш бахшиш намепурсад /бе ~~сабаб нест, ки~~ матбуоти маҳаллӣ низ аз онҳо ибрат мегиранд/. Чоп нашудани мақолаҳои ҷавобӣ, ки намояндагони халқҳои Осиёи Миёна менависанд, як амали қонунист. Зеро дар афкори умум ақидае уставортар мешавад, ки гӯё халқҳои ин сарзамин қобилияти тафаккур, ҳикматандешӣ надоранд. Ин бошад ғурури миллиро мекушад, қобилиятҳоро саркӯб месозад, ғуломии маънавиро меафзояд. Дар натиҷа одамон ноумед мешаванд ва аз ҳақиқати ҳол бебаҳра мемонанд. Бар замми ин матбуоти маҳаллӣ, радио ва ҷаҳоннамо дар зинаи пасти муҳокимаю материалҳо қарор дорад. Ҳамаи ин нуктаҳо боиси пайдоиши чунин фикр мешаванд, ки мардум мегӯяд: "Олимони мо суст, онҳо беҷуръат" ва ғ. Дар амал бошад масъала тамоман дигар аст.

16 июли соли 1987. Соати 16¹⁰ маро ба қабулгоҳи президенти АИ РСС Тоҷикистон М.Осимӣ хонданд. Он ҷо дар утоқи кунҷӣ, ки барои суҳбатҳои хосса, М.Осимӣ, А.Маниёзов, Ғ. Ашӯров, К.Айнӣ нишаста, сабти овози баҳси 29-уми апрельро гӯш мекарданд. Мақсад аз даъвати банда маълум . Ягон айбро ба гардани мо бор карданӣ. Дертар ба ин ҷо М.Маҳадов ва Ҳ. Саидмуродов омаданд.

Президент чун "ҳомии миллат" бо қавоқи овезон нишаста, сабти овозро /бори чандум бошад!/ гӯш мекарданд, ба баромадҳои одамон сар меҷунбонданду А.Маниёзов, Ғ. Ашӯров ва махсусан К. Айнӣ ҳар бор ба ишораи М.Осимӣ "лаббайк" мегуфтанд. Гӯё ~~ким-чи хел~~ "фоҷиаи миллӣ" рух дода бошад, ҳамаашон дар ҳаяҷон буданд. Маро бо он гунаҳкор карданӣ шуданд, ки гӯё то саршавии баҳс дар берун /яъне кӯча/ баъзе одамон байни худ суханҳои пурҳаяҷон гуфта бошанд. Кас ҳайрон мешавад, одамон байни худ гап зада бошанд, гуноҳи ман чӣ? М.Осимӣ интизори ин ҷавоб набуданд. К.Айнӣ мисли обсофкунак илтиҷо дошт, ки "як бор хуб гӯед" /ин "хуб" гуфтан маънои бо дасти хеш буғӣ кардан ва дасту пои худро бастан аст/. Ман розӣ нашудам.

18 июли соли 1987. Соати 00-10. Мулоқот бо М.Осимӣ, Ғ.Ашӯров, А.Маниёзов, М.Маҳадов аз дуним соат бештар идома дошт. Дар ин кашмакаш Ғ.Ашӯров як бор ҷавонмардӣ ҳам нишон дод. Ӯ ба гардан гирифт, ки аз баҳс ва ташкили он хабар дошт ва розигӣ ҳам додааст. М.Осимӣ бошанд ду пойро ба як мӯза ~~гунҷонида~~ андохта истодагарӣ мекарданд, ки аз баҳс бехабар будаанд. Чӣ хеле ки мегӯянд, ёбу гир! Боз тайёранд, ки қасам хӯранд, ки худи баҳс кай шуда буд..

Ман М.Осимиро бо он муттаҳам кардам, ки он кас аз баҳс на танҳо огоҳ буданд, балки барои монеъ шудан ба вай маҷлисгоҳи АИ-ро 1 соату 15 дақиқа бештар банд карданд. Сонӣ, ба М.Давлатов /котиби комитети партиявии АИ/ фармудаанд, ки одамонро ба Ганҷинаи

дастнависҳо барад... Хулоса, тири М.Осимӣ хок хӯрд. Дурӯягии "ҳомиёни миллатро"-ро фош кардам. Зиёда аз ин, аз М.Осимӣ пурсидам, ки чаро як мансабдор дар баромади телевизиониаш маро "паниронист" номидааст. Пас, ӯро мо бояд "пантуркист" гӯем. Ин "ҷамъомади ғайрирасмӣ", ки барои ба гап даровардаем банда ороста шуда буд, бо чунин муоҳидаи даҳонакӣ хотима ёфт, ки ман бояд рӯзи душанбе /20-уми июль/ мақолаи ҷамъбастиро доир ба баҳси 29-уми апрель ба М.Осимӣ нишон медиҳам. Ӯ бошад барои нашри вай кӯмак менамояд. Ба иловаи ин худи устод М.Осимӣ бояд ба Т. Бердиева ҷавоб нависанд. Фақат дар сурати чунин ҳал шудани масъала ба миш-мишҳо хотима бахшидан мумкин аст. Вагарна масъала ранги дигар хоҳад гирифт ва идора кардани риштаи кор душвор хоҳад шуд. Ин шартҳои гузаштаи моро М.Осимӣ қабул карданд. Ман нағз медонам, ки ҳамаи ин ваъдаҳои М.Осимӣ барои аҳмақ кардани одамон аст. Он кас устоди кашмакашҳо, ҷанҷолҳои шахсӣ, фоҷиаҳо буда, аз ҳамаи онҳо хушк мебароянд.

<u>22-юми июли соли 1987</u>. М.Осимӣ аз қавлашон гаштанд, ки ин як ҷараёни қонунӣ аст. Мақолаи мо /бо якҷоягии М.Саидов/ "Миллатҳои социалистӣ ва диалектикаи дузабонӣ" ба дасти котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Қ.Маҳкамов расид.

Мо машғули фильмбардорӣ. Ба қарибӣ боз ба Қӯрғонтеппа меравем.

<u>28-уми июли соли 1987</u>. Қӯрғонтеппа, комитети партиявии вилоят, соати 17^{00}. Бо котиби комитети партиявии вилояти Қӯрғонтеппа М.Р.Раҳимова барои сӯҳбат кардан дар рӯзи панҷшанбе 30-юми июль маслиҳат кардем. Ӯ аввал розӣ нашуд, вале бо дахолати котиби якуми комитети партиявии вилоят Қосимов маҷбур шуд, ки розигӣ диҳад.

<u>30-юми июли соли 1987</u>. Қӯрғонтеппа, соат 10^{00}. М.Р.Раҳимова аз мусоҳиба даст кашид ва пинҳонӣ ба ~~хона~~ куҷое ғайб зад. Моро лозим омад, ки дар ~~самуэи~~ гармои тобистон то соати 14^{00} рафиқа М.Раҳимоваро ин-

тизор шавем. Офтоби ин ҷо аз ҷавшани ҷон мегузарад. Боз дар рӯи асфальт асбобу анҷоми наворгириро гузоштаем. Бечора операторамон З.Исроилов чӣ кор карданашро намедонад. Таҳиягар П.Аҳмадов асабӣ мешавад. Вале чӣ илоҷ?

Не, дигар тоқат намонд. М.Раҳимова боз аз мо пинҳон мешавад. Ба дафтари хотираи ман шахси нав ворид мешавад, ки ӯ ҷонишини мудири шӯъбаи илми КМ ПК Тоҷикистон К.Абдулов аст ва мо ӯро ба навори кино низ сабт мекунем.

Тамоми рӯз М. Раҳимоваро ҷустуҷӯ кардем. Ӯ бошад қариб як ҳафта боз аз мо гурезон. Ҳайрон мешавам. О, агар надонӣ, иқрор шав, ҳеҷ гап нест. Наход ба ҳамин суолҳои оддитарин котиби комитети партиявии вилоят ҷавоб дода натавонад? Э, вой бар ман!

Дар рӯ ба рӯи бинои комитети партиявии вилоят истодаем. Рафиқ К.Абдулов бо мошинаи "Волга ГАЗ 3I" наздамон меояд ва ба ман мефармояд, ки ҳатман ба Ҷ.Латифов телефон кунам. Маълум. Корҳо душвортар мешаванд. Ба Душанбе баргаштан хатарнок аст. Мо ба Калининобод меравем.

<u>5 августи соли 1987.</u> Имрӯз иди қурбон. Мо дар масҷиди ҷомеи Мавлоно Яъқуби Чархӣ. Бояд бо диндорон, онҳое, ки аз дилу нияти пок ба худо эътиқод доранд, ҳамсӯҳбат шавем. Ин кори душвор аст. Оё мусоҳиба инконият дорад?

Боз як мақолаи хатарнок ба табъ расид. Муаллифи мақолаи "Хушбахтӣ ва бадбахтиҳои серфарзандӣ" С.Ҳакимова пештар барои аз безурриётӣ раҳо кардани одамон хизматҳо дошт. Ҳоло бошад, ба мавзӯи "Банақшагирии оила" даст задаанд ва, бадбахтона, бо усули хеле нодуруст. Бигузорем камтар баҳс шавад, сонӣ, ҷавобашро медиҳем.

<u>4-уми сентябри соли 1987.</u> Имрӯз ба редакцияи "Тоҷикистони советӣ" ҷавоб ба мақолаи С.Ҳакимоваро супоридам. Шояд инро ҳам

чоп накунанд.

7–12 сентябри соли 1987. Олмаато. Ман дар хонишҳои фалсафии олимони ҷавони Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар мавзӯи "Диалектика. Илм. Таҷриба" ширкат дорам. Ин ҷо ~~бо~~ маърӯза ~~баромад~~ кардам, дар мубоҳиса фаъол будам. Масъалаи мустақилияти иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро баррасӣ кардам. Бо забони тоҷикӣ дар оинаи нилгуни Қазоқистон баромад кардам.

27 сентябри соли 1987. Ҳоло нисфи шаб аст. Фильми ҳуҷҷатии "Он чӣ, ки аён аст..."-ро ба охир расондем. Акнун бояд фильмро ба муҳокима гузорем.

1-уми октябри соли 1987. Мақолаи ҷавобии банда ба даъвои С.Ҳакимова дар редакцияи "Тоҷикистони советӣ" гум шудааст. Ҳеҷ боке нест.

4-уми октябри соли 1987. Мақолаи "Халқ гунаҳкор нест"-ро аз нав навишта, ба редакцияи "Тоҷикистони советӣ" супоридам. Нусхаи гумшуда низ ёфт шуд. Имрӯз ҳамкоронамро барои тамошои фильми "Он чӣ, ки аён аст..." даъват кардам. Беэҳтиётии С.Додобоева ва ҳамкоронам сабаб шуду аз ~~кум~~ кӯчаи "ҳомиёни миллат" М.Осимӣ ва Ғ.Ашӯров низ ба тамошои фильм омаданд. Ибтидо дар толори студияи 6, сонӣ, дар утоқи директори "Тоҷикфильм" С.Раҳимов фильмро "муҳокима" карданд. Ин муҳокима не, балки маҳкумсозии фильми мо буд. Ғ.Ашӯров агар корд меёфт, бегуфтугӯ моро "адаб" меомӯзонд. Банда М.Осимиро "софист", "сафсаттафурӯш" номидам. Корҳо дӯлоб. М.Осимӣ баъд аз ин маро ҳеҷ гоҳ ором нахоҳад гузошт. Дар бораи бахшидан ҳоҷати гап ҳам нест.

24 октябри соли 1987 дар "Тоҷикистони советӣ" мақолаи "Халқ гунаҳкор нест" ба табъ расид. Имрӯз шанбе аст. Рӯзи душанбе садояш баланд хоҳад шуд.

26-уми октябри соли 1987. Соати 18^{00}. Идораи комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба кинематография. Маро ба ин ҷо мудири Шӯъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Ҷ.Латифов гӯё барои муҳокимаи фильми "Он чӣ, ки аён аст..." даъват кардааст. Вале ибтидо сухан аз боби мақолаи "Халқ гунаҳкор нест" рафт.

Азбаски имрӯз душанбе аст, дар аксар идораҳои ахбори оммавӣ муҳокимаи корҳои ҳафтаи гузашта сурат гирифт. Аз ҷумла рафиқ Ҷ.Латифов пагоҳирӯзӣ дар Комитети давлатии Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ ~~баромад карда~~ мақолаи моро сахт маҳкум кардаанд. "Назария"-и баплангирии оилаи С.Ҳакимова тавассути танҳо дахолати тиббӣ шикаст хӯрд.

Сӯҳбати хоссаи мо бо Ҷ.Латифов хеле тӯл кашид. Хеле шодам, ки дар як моҳи паси сар шуда одоби баҳси сиёсиро нағз омӯхтам. Бо кормандони КМ суханронии зиёд шарт нест. Танҳо донистани назарияи марксистӣ ва амалияи он метавонад ба даҳони ҳарифи маънавӣ мӯҳри хомӯшӣ занад. Хулоса, дасти Ҷ.Латифов дар "адаб" омӯзондани банда кӯтоҳӣ кард. Шоҳидони сӯҳбати мо М.Ҳоҷаев /нависанда/, Д.Худоназаров ва С. Раҳимов тафсилоташро хубтар медонанд.

То имрӯз панҷ маротиба фильми моро "тамошо" карданд. Боз чанд бори дигар ин "намоишнома" давом мекарда бошад? Зарбаҳои ҳақиқӣ дар пешанд.

30-юми октябри соли 1987. Мо бо якҷоягии С.Улуғзода, М.Ҳоҷаев ва М.Шодиева дар "Мулоқоти ғоибона"-и рӯзномаҳои "Комсомоли Тоҷикистон" ва "Комсомолец Таджикистана" иштирок доштем. ~~Ҳамаи~~ Ин сӯҳбат тайёрӣ ба Пленуми III КМ ЛКСМ Тоҷикистон аст, ки бояд масъалаҳои тарбияи атеистиро баррасӣ кунад.

9-уми декабри соли 1987 рӯзномаи "Комсомолец Таджикистана" матни "Мулоқоти ғоибона"-ро нашр кард. Пештар онро "Комсомоли То-

ҷикистон" чоп карда буд.

23-юми декабри соли 1987. АИ Шуъбаи фалсафа, соати 9[33].

Р.Маҷидов аз хонаашон телефон карда бо як меҳрубонӣ огоҳ карданд, ки дар маърӯзаи котиби КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Қ.Маҳкамов мақолаи "Халқ гунаҳгор нест" сахт танқид шудааст. "Маданияти баҳсу мунозира паст /гӯё ягон вақт баҳс шуда буд, ки мо омӯзем - М.М./- таъкид кардааст рафиқ Қ.Маҳкамов дар Пленуми УШ КМ ПК Тоҷикистон,- Баъзе рафиқон мағрурию беэҳтиромӣ карда фактҳоро аз ҳад зиёд ва ҳатто нодуруст шарҳ медиҳанд.

Мақолаи /?/ "Халқ гунаҳгор нест", "Иттифоқи нависандагон, то талаб карда гирифтан", ки дар газетаҳои "Тоҷикистони советӣ" ва "Коммунист Таджикистана" моҳи октябри соли ҷорӣ чоп шудаанд, ба ин мисол шуда метавонанд"[1].

Нисфирӯзӣ ба идораи "Комсомоли Тоҷикистон" рафтам. Як нукта моро ба ҳайрат гузошт. Ҳама ба ман чун ба шахси маҳкумшуда менигаранд. Чӣ истеҳзои талхи тақдир! Ҳоло истед, ман "додшаро нагуфтаам. Мақолаамро, ки қариб ним сол боз менавиштам, ба дасти Д.Атовуллоев ва Қ.Шарифов супоридам. Ба онҳо таъкид кардам:

— Танҳо як хоҳиш дорам: имконият бошад, нашри инро тезонед, ки давраҳои душвортарини ҳаёти ман сар шуд...

26-уми декабри соли 1987 дар бинои КМ ПК Тоҷикистон аъзоёни бюро ва кормандони масъули аппарати Комитети Марказӣ фильми моро тамошо карданд. Ва аввалин шахсе, ки дар "муҳокимаи фильм" ҳиссаи сазовор гузошт, котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон Р.Қ.Олимов буд. Моро воқеаҳои солҳои 30-юм гоҳо ба ҳайрат меоварданд, вале ин "муҳокима" аз он солҳо кам мондани дошт. Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Ғ.П.Паллаев рӯирост изҳор кард, ки фильме бояд офарид, ки ба диндорон нафрат хонем /!/, лекин дар

---

1. Тоҷикистони советӣ, 23.12.1987. Баъд аз ду сол маълум мешавад, ки на мо, балки баръакс дигарон бисёр фактҳоро таҳриф карда[illegible]

ин филъм тамоман баръакс мо баъд аз тамошояш ба онҳо меҳру шафқат пайдо мекунем. Ана, барои ҳамин филъм "зарарнок" аст ва набояд гузошт, ки ба экранҳо бароянд.

28 декабри соли 1987. Соати 13-15-и рӯз дар Маркази эҷодии ҷавонон "Саодат" бо ҳамкоронам омадани соли Нави 1988-ро қайд кардем. Дар базми мо Б.Собир ҳузур дошт. Бароиояндагон ин базмро Д.Худоназаров ба навори кино гирифт.

Соати 18^{00}. Хонаи кинематографистони Тоҷикистон. Моро ба он ҷо даъват карданд. Ба зал даромадан замон маро ҳаяҷон фаро гирифт. Дар қафои зал М.Осимӣ, М.Миршакар, М.Шукуров, А.Маниёзов, Ғ.Ашӯров ва бисёр дигарон нишастаанд. Баъд мудирони шӯъбаҳои КМ ПК Тоҷикистон рафиқон Ҷ. Латифов ва К.Юлдошев ташриф оварданду намоиши филъми "Он ҷӣ, ки аён аст..." оғоз ёфта аст.

Азбаски филъм ба забони тоҷикӣ буд, маро лозим омад, ки барои Б.Пшеничный тарҷумон шавам. Баъд "муҳокима" сар шуд. Аввалин шуда ба ҳуҷум М.Миршакар сар кард. Лозим омад, ки ҷавоби мувофиқ диҳем. Сонӣ, Ғ.Ашӯров, А.Мухторов, М.Шукуров ва дар охир А.Маниёзов баромад карда ҳар чӣ ба даҳонашон омад, дареғ надоштанд. Фикр мекунам, ки агар Б.Пшеничный, О.Латифӣ, А.Турсунов, М.Муҳаббатшоев, Д.Худоназаров, Ш.Шоисматуллоев, Ш.Абдуллоев, Т.Абдушукурова, К. Шукруллоев намебуданд, ин муҳокима шояд охирин нуқтаи "шӯҳрати" ману режиссёр П.Аҳмадов мегардид.

Ду-се лаҳзаи муҳим ва ибратомӯз. "Диреҷёр"-и ин намоишномаи сиёсӣ дар охири зал нишаста, ба ҳоли ҳозирон истеҳзо мекард. Ӯ ташнаи интиқом, маҳкум кардани мо буд, вале командааш бисёр суст ва, бояд гӯям, ки он қадар боақлу дурбин набуд. Дигар он ки Ғ.Ашӯров ҳамаро шарманда карда, ҳатто ба суолҳои оддии О.Латифӣ

ҷавоб дода наметавонист. Ва аламашро аз ҳамкорамон А.Захаров ва меҳмони москвагӣ гирифта, онҳоро аз зал /баъди намоиши фильм/ пеш кард.

Аз ҳама муҳимаш ҳатто баъзе рафиқони наздикам низ дар боби алифбои классикӣ сухан рондани маро нишонаи "хато"-и сиёсӣ фаҳмиданд. Баҳси маро бо М.Осимӣ ноҷоя донистанд...

<u>29 декабри соли 1987</u>. Соати 11^{10} дар назди бинои Президиуми АИ РСС Тоҷикистон бо академик М.Шукуров вохӯрдам. Он кас изҳори норозигӣ аз банда карданд. Ва гуфтанд, ки президент сахт дар ғазабанд. Ман бояд аз он кас бахшиш пурсам, махсусан барои рафтори дишабаам. Сониян М.Шукуров таъкид карданд, ки иваз кардани алифбо /яъне ду бор дар як даҳсола/ амали дуруст буд. Мо бояд алифбоямонро иваз мекардем. Ин аҳамияти прогрессивӣ дошт... /Худоё! Ман чиҳо шунидам!/ Барои ҳамин баҳс дар бораи алифбои классикии тоҷик ва омӯхтани он ё баргаштан ба он гапи беҳуда аст... Омадани Кароматулло Олимов ба ин сӯҳбати мо халал расонд ва ман аз баҳс бо М.Шукуров худдорӣ кардам.

Ба идораи "Комсомоли Тоҷикистон" рафтам. Қ. Шарифов ва Д.Атоуллоев он ҷо будаанд. Мақолаамро мехонданд, ки ногаҳон номзади илми таърих Иброҳим Усмонов омад. Д.Атоуллоев бо як эҳтиром он касро бо ҳама муаррифӣ кард:

-- Ин кас яке аз ҳомиёни ҳақиқии миллат. Ман аз хондани мақола бозистодам.

— Хонед, баланд хондан гиред, - табассумкунон гуфт Д.Атоуллоев ба ман, - кӯмаки ин кас лозим, маслиҳаташонро гирифтан даркор.

Ман мақоларо то охир хондам. Баъзе ҷумлаҳоро бори дигар бо И.Усмонов маслиҳат кардем. Алҳол /бидуни кормандони редакция/ танҳо И.Усмонов аз мақолаи мо огоҳ асту халос.

√I январи соли 1988. Дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" хабари нашри мақолаиояндаи мо ба табъ расид:

Ш.Шарифов. – Чанд рӯз пеш Пленуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон шуда гузашт, ки ба масъалаҳои муҳим – тарбияи интернационалӣ ва атеистии ҷавонон бахшида шуда буд. Рӯзнома дар ин самт чӣ нақшаҳо дорад?

Д.Атовуллоев. –Мо ният дорем, ки таҳти рубрикаи "Дар паси сатрҳои Пленум" баромади олимон, атеистон, коркунони идеологиро мунтазам дарҷ кунем. Дар рӯзҳои наздик ба тариқи баҳс як мақолаи олими ҷавон М.Мирраҳимовро аз ин силсила интишор мекунем. Хонед, бисёр аҷоиб[I].

4-уми январи соли 1988. Соати 17^{00} кормандони сектори таърихи дин ва атеизмро президенти АИ М.Осимӣ даъват кард. Ман қасдан он ҷо нарафтам. Ба редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" рафта, вазъиятро фаҳмондам, ки ба таъхир гузоштани нашри мақола мумкин нест. Зеро баъзе "ҳолдонҳо" аллакай аз мазмуни он огоҳӣ доранд.

Имрӯз як соҳибмансаб наздаш хонда, гуфт:

— Дар бораи мо таърих ҳукм мекунад...

— Таърих шуморо кайҳо маҳкум кардааст, – ~~гуфта ҷавоб додам.~~ гуфтам зери лаб.

I. Агар ба мазмуни ҷавоби Д.Атовуллоев дурусттар мулоҳиза ронед, маълум аст, ки мақолаи мо "ба тариқи баҳс" нашр хоҳад шуд. /Шарҳи муаллиф/.

5-уми феврали соли 1988. Соати 14^{20} ба комплекси нашри маҷаллаю рӯзномаҳои ҳиёбони Правда рафтам. Барои бехато баромадани мақола қариб ҳамаи ходимони рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" он ҷоанд. Навбатдорони шумора Д.Табарова ва М.Раҷабов. Мақоларо кӯтоҳ кардан лозим омад. Чӣ илоҷ! Пеш аз ба Главлит бурдани шумораи рӯзнома ҳама дар ҳаяҷонанд.

— Ягон сатраш кӯтоҳ нахоҳад шуд, – мегӯям бо қатъият барои дилпур кардани рафиқон, вале аз ҳама зиёд дар ҳаяҷонам. Дар ҳақиқат, Главлит ба ягон хел илова ё кӯтоҳ кардани мақола ишора накардааст. Ҳама хурсанд. Ато Ҳамдам /Хоҷаев/ ба нашри шумора имзо гузошта, баъд мегӯяд:

— Акнун моро аз кор мегиранд?

— Не, устувор истед, ҳеҷ кор карда наметавонанд, – эҳтиёткорона ҷавоб медиҳам, ки мабодо дилаш намонад.

Шумораи 6-уми январи "Комсомоли Тоҷикистон" соатҳои 21^{15} тайёр шуд. Пеш аз ба хона омадан ба як дӯстам вохӯрда, мақоларо ба ӯ додам, ки хонад. Сонӣ, дар хона аввалин бор ба ҳамсарам ва як хешам мақоларо қироат кардам.

7-уми январи соли 1988. Соати 00.35. Ҳоло нифси шаб. Дина /6.01.1988/ мақолаи банда "То ба кай об аз таги ях меравад? /Андешаҳо аз боби тарбияи интернационалӣ ва атеистӣ/" дар "Комсомоли Тоҷикистон" ба табъ расид. Ба исломшиносону забоншиносони навбаромад, ғояҳои пантуркистӣ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷавоби муносиб гуфтем. Акнун ғубори дилам баромад. Худшиносии одамон ба зинаи нав бардошта шуд. Ин мақоларо гаштаю баргашта хондан даркор аст ва ба мазмуни ҳар сатраш бояд сарфаҳм рафт. Мақола ҳамаро ба ларза овард. Ин хуб аст, зеро кайҳост, ки халқи тоҷик дар ин мавзӯъ хеле кам андеша меронад.

Субҳидам ба Кӯлоб рафтанием. Ҳамин ки баргаштам, давоми қиссаро хоҳам навишт.

12-уми январи соли 1988 дар маҷлиси партиявии АИ Тоҷикистон нуқтаи назари маро дар боби зарурати омӯзиши алифбои арабӣ /форсӣ/ котиби КМ ПК Тоҷикистон А.Додобоев дастгирӣ кард. Обрӯи рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" чунон ҳам баланд шуд, ки ягон рӯзномаи республика ба вай баробар шуда наметавонад.

Академик Р.Амонов аз аввалинҳо шуда аввал ба А.Ҳамдам занг задаасту баъд ба редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" омада гуфтааст, ки барои дастгирии мақолаи банда "як чизи хуб" менависад. Чӣ хуш чунин кори хайр.

13-уми январи соли 1988. Соати 14^{00} маро академик-котиби Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятии АИ Ғ.Ашӯров назди хеш хонд. Онҷо академик Р.Амонов, узви вобастаҳои АИ Тоҷикистон А.Маниёзов ва Ш.Рустамов ҳозир буданд. Мо асосан бо Ш.Рустамов қариб як соат суҳбат кардем. Баъд А.Маниёзов ба гап ҳамроҳ шуда, дуруст будани фикри моро дар боби таълими ҳуруфоти классикӣ дар мактабҳо тасдиқ карданд, ки аз мақола ягон хел хулосаи дигар баровардан лозим нест[1]. Онҳо барои нашри мақола маро табрик гуфтанд. Дастгирӣ ва ҷоннисориҳо дар ин ҷодаро ваъда доданд. Эътироф карданд, ки ба мақола эроди ҷиддие надоранд. Он ҷо Б.Шермуҳаммадов низ шоҳид буданд ва барои ~~кит~~ бо кадом як масъала мехостанд, ки ба шаҳри Тошканд телефон кунанд.

---

1. 3-юми марти соли 1988 узви вобастаи АИ РСС Тоҷикистон А.Маниёзов аз ин ~~~~ суханҳои худ даст кашида, дар ҳузури Қ.Маҳкамов, П.К.Лучинский, М.Осимӣ ва қариб 400 кас тӯҳматро пеш мегирад /шарҳи муаллиф/.

17-уми январи соли 1988. Хабар ёфтам, ки ба муқобили мақолаи ман хиёнатҳои навбатӣ тайёр шуда истодаанд. Оғози он нашри мақолаи И.Усмонов ва А.Г.Сацуллоев дар "Тоҷикистони советӣ" аст. Мегӯянд, ки як ҳафтаномаи республикавӣ нашри мақолаи махсусеро ба нақша гирифтааст. Муаллифаш кӣ бошад? Аз Озарбойҷон ва Арманистон хабар омад, ки мақолаи маро бародарони арманӣ хуш пазируфта, тарҷума ҳам кардаанд. Дар Вахш ё ноҳияи дигар шумораи 6 январии "Комсомоли Тоҷикистон"-ро сӯзондаанд. Бисьёр обуначиёни газета дар Ӯзбекистон ҳамин шумораро нагирифтаанд. Ба фикрам, пантуркистон ба майдони мубориза қадам гузоштанд ва пеш аз ҳама дар Тоҷикистон.

23-юми январи соли 1988. Дар кинотеатри "Ватан"-и пойтахт фестивали фильмҳои мустанад бо номи "Ракурс-88" идома дорад. Бисьёр рафиқон, кормандони идораҳои илмӣ ва ташкилотҳо маҳз барои тамошои "Он чӣ, ки аён аст..." омадаанд. Мудири Шӯъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷикистон Ч.Латифов ба намоиши фильми мустанад монеъ мешавад.

Имрӯз дар саҳифаи сеюми рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" дархости муҳаррири он В.Наумов /депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон/ ба вазири корҳои дохилии республика К.П.Пӯлодов дарҷ шудааст. Дар ин дархост муҳаррири газета овардааст, ки одами номаълуме ба хонаи хоби профессор Т.Бердиева санг ё ягон чизи дигар партофтааст ва ғ. Ҳамаи ин барои тайёр кардани афкори умум аст, ки гӯё дар байни тоҷикон ~~ким-чӣ хел~~ кадом як "экстремист"-ҳоро ҷустуҷӯ кунанд. Ин усулҳои санҷидашудаи аппарати ҳукмрон аст, ки дар ҳамаи давру замонҳо ба кор мебарад. Танҳо асабҳоро устувор бояд нигоҳ дошт. Зеро онҳо метавонанд, ки маҷрои фикри одамонро ба ягон самти ба худ мувофиқ равона карда, ба мақсадҳояшон ноил шаванд.

Ҳис мекунам, ки муборизаҳои ҳақиқӣ дар пешанд.

25-уми январи соли 1988. Ин паноҳӣ ба Шӯъбаи фалсафа омада,

ин номаро рўи мизи кориам ёфтам.

"Салом Мирбобо!

Баъди аз қайди ҳаёт рафтани марҳум Бобоҷон Ғафуров гумонам буд, ки солҳои бешумор сипарӣ хоҳанд шуд, то фарзанде модари тоҷик ба дунъё орад, ки ӯ тавонад бори гарони ҳақиқатро ба ҳама тозиёнаҳои замона нигоҳ накарда, бардошта тавонад.

Шодам, ки хато кардам.

Вақте омадааст, ки аз он истифода барем. Бо ҳақиқати таърихии гузашта ва ҳозира миллати солҳо хомўшро бедор созем.

Ман боварӣ дорам, ки бисьёр душвориҳо шуморо интизоранд. Чунки роҳе, ки пеш гирифтаед, ё ба нестӣ мебарад ё ба ҷовидонӣ.

Ҳар як фарзанди миллат бо ӯ роҳи дуюмро пеша хоҳад кард.

Ман боварӣ дорам, ки баъди чопи ин мақолаи шумо ларзише дар дили ҳар як тоҷик даромад, ҳар кӣ худро ба қадре бошад ҳам шинохт.

Дар ин роҳ ба шумо барор мехоҳам.

Д.Сиддиқшо.

ш.Орҷоникидзеобод. 18.01.1988".

Пештар занги зиёди телефон, табрикоти даҳонӣ буд, вале ин номаи нахустин барои бисьёр азиз аст. Ибтидо муаллифа меро аз пешомадҳои душвор огоҳ ва ба ҳадаф расидани мақоларо ифшо кардааст. Алалхусус ба худшиносӣ роҳ кушодани ғояҳои мақола маро шод гардонд. Сониян, Сиддиқшо номаи дар ҳақиқат, пурмеҳре навиштааст, ки аз он сарфи назар нашояд.

Аз Самарқанди бостон ин нома бо имзои шаш нафар омўзгорони мактаби миёнаи рақами 18 расид. Онҳо навиштаанд: "Ба мо, махсусан, он нуктае, ки дар хусуси "поймол ва таҳқир" кардани ҳуқуқи тоҷикон ва яҳудиён дар республикаи Ўзбекистон гуфта шудааст, мавриди баҳс гардид. Дар ҳақиқат, чунон ки дар мақола қайд мешавад, солҳои охир

дар Самарқанд ҳуқуқи тоҷикон поймол мешавад. Қисми зиёди аҳолии Самарқанд ва ноҳияҳои рустоии он бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд, аммо бо забони тоҷикӣ на дар Самарқанд ва дар атрофи он ягон саҳифа рӯзнома ба ин забон дида намешавад. Аксарияти мактабҳои тоҷикӣ дар шаҳри Самарқанд ба ӯзбекӣ гардонда шуданд...

Намедонем ҳамаи ин таҳқирҳо кай хотима мeёбад".

Номаҳо, номаҳо, номаҳо. Рози дили одамон, дарди дил, дарди миллат. Номаҳои дурудароз, номаҳои кӯтоҳ. Баъзе аз олимоне, ки солҳои сол маводҳои ҷолиб доштанду аз чопаш худдорӣ мекарданд, онро ба ман меоварданд. Яке аз ин мардони роҳи ҳақ-олими мардумшинос, номзади илми таърих Отамурод Муродов буданд, ки вазъи тоҷикони Фарғонаро хеле хуб омӯхтаву нағз сарфаҳм мерафтанд. Овардани як мақоларо, ки лутфан ба дасти мо расид, зарур мешуморам. Ин марди роҳи ҳақиқат махсусан соли 1978 беш аз якуним моҳ дар водии Фарғона ба тадқиқот машғул буд. Маводҳои фаровоне, ки Отамурод Муродов доир ба тоҷикони Фарғона ва дигар мавзеъҳо ҷамъ овардаанд, то ҳол номатбӯъ аст. Мо ният доштем, ки "Сухане пас аз марг"-ро дар "Комсомоли Тоҷикистон" чоп кунем, вале замона амон надод[1]. Ва мақолаи О.Муродов, суханронии С.Исмоилов худ як падидаи худшиносист, ки шоёни таҳсин аст. Ва инак он мақола:

---

1. 8-уми маи соли 1989 соати 21^{20} ба Отамурод Муродов занг зада, бори дигар рухсати нашри мақолаашонро дар ин китоб гирифтам. Мувофиқи сухани он кас Султоналӣ Исмоилов ҷияни Усмон Юсупов мебошад, ки мо низ шубҳае надорем /шарҳи муаллиф/.

СУХАНЕ ПАС АЗ МАРГ

Кормандони илмии шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А.Дониш АИ РСС Тоҷикистон аз рӯзи ташкил шудани он бо омӯхтан, тадқиқ ва нашр ~~намудан~~и асарҳое, ки соҳаҳои гуногуни маданияти моддӣ ва маънавии халқамонро дарбар мегиранд, машғуланд. Онҳо на танҳо таърихи маданият ва соҳаҳои гуногуни касбу кор ва машғулияти тоҷикони дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагонӣ мекардагӣ, меомӯзанд, инчунин доир ба тоҷикони берун аз ҳудуди Тоҷикистон истиқомат кунандаро низ тадқиқ мекунанд. Кормандони ин шуъба ҳар сол бо ин мақсад бо командировкаю экпедицияҳои илмӣ ба шаҳру районҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна, алалхусус ба Ўзбекистону Қирғизистон мераванд. Онҳо бо одамони синну солашон ва касбу корашон гуногун вохӯрда, дар мактабу муассисаҳои давлатӣ мешаванд, оид ба ҳаёту зиндагонии халқамон материалҳои нодир ба даст меоранд.

Кори ман дар ин шуъба соли 1968 аз соли аввали аспирантиам сар шуда буд. Баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ ходими хурд ва сонӣ, ходими калон шуда кор карда истодаам. Дар муддати 20 сол ман бисъёр шаҳру район ва ~~қишлоқу~~ деҳаҳои тоҷикнишини Ўзбекистон ва Қирғизистонро давр задам, бо таърих, маданият, ҳунар ва таълиму тарбияи тоҷикони он ҷойҳо шинос шудам. Аз ҷумла дар Бухоро, Ғиждувон, Нурато, Навоӣ, Фориш, Самарқанд, Ургут, Китоб, Шаҳрисабз, Тирмиз, Деҳнав, Сариосиё, Фарғона, Риштон, Сӯх, Қува, Андиҷон, Наманган, Чуст ва дигар шаҳру ноҳияҳо рафта, бо бисъёр касони донишманду фозил ҳамсӯҳбат шудам, маълумотҳои нодири онҳоро ба дафтарҳо ва лентаҳои магнитофон навишта гирифтам, ки онҳо дар архиви шуъба ва дар дасти худам маҳфузанд.

Гўяндаҳои мо нафақат аз касбу корҳои ниёгони худ, инчунин аз тақдиру қисмат, тарзи ҳаёту зиндагонии худ, дар бораи ривоҷи илму маданият, мактабу, маориф, санъату адабиёт, робитаҳои дўстӣ ва ғ. сухан меронданд. Дар навбати худ ман низ ҳамвора бо таваллуд ва тарбияи насли наврас шинос шуда, бо падару модарон, мактаб ва муаллимон сўҳбатҳо мегузаронидам.

Ростшро гўям, дар ҳақиқат шароит ва аҳволи мактабҳои тоҷикӣ дар Ўзбекистон нисбат ба мактабҳои ўзбекии онҷо вазнин аст. Барои мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ, муаллимони метематика, физика, химия, география, биология ва таърих намерасанд, рўзномаву маҷаллаҳои обуна шудаашонро сари вақт намегиранд, дар маҳалҳо бошад ба ҷои рўзномаҳо роҳ намедиҳанд. Маорифи республикаи мо аз ҳоли онҳо кам хабардор мешавад. Шоирону нависандаҳои мо, олимону санъаткоронамон бо мактабу муаллимони тоҷик кам вомўхўранд. Ба забони тоҷикӣ радиошунавонӣ ва телевизорнишондиҳӣ ғайриқаноатбахш аст. На барои аҳолӣ ва на барои талабаҳо кинофильмҳоро ба забони тоҷикӣ нишон намедиҳанд. Ҳол он ки аз рўи маълумотҳои мухбири махсуси газетаи "Ҳақиқати Ўзбекистон" марҳум Султоналӣ Исмоилов дар водии Фарғона ним миллион тоҷикон зиндагӣ мекунанд: аз он ҷумла қариб 100 ҳазор дар вилояти Фарғона, 120 ҳазор дар вилояти Намангон, қариб 50 ҳазор дар Андиҷон, 17 ҳазор дар Риштон, 25 ҳазор дар Сўх ва ғ. Дар вилояти Фарғона 35 мактабҳои тоҷикӣ ҳастанд, ки дар онҳо зиёда аз 10 ҳазор талаба ва толибаҳои таълим мегиранд. Аз ҷумла дар райони Сўх 19 мактабҳои тоҷикӣ ва дар Риштон 5-то мактабҳои тоҷикӣ мавҷуданд. Бинобар он суханҳое, ки дар мақолаи номзади илми фалсафа М.Мирраҳимов дар мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад"?, ки дар газетаи "Комсомоли Тоҷикистон" чоп шуда буд, асосан дурустанд. Ҳоло, ки замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ расидааст, агар ҳаққи гапро гўем,

камбудиҳои ҷойдошта дар Ӯзбекистон чандин маротиба зиёдтаранду кам не.

Мо дар ин ҷой танҳо барои мисол водии Фарғонаро мисол меоварем. Ҳамаи он камбудиҳое, ки дар шаҳру районҳои дигар дидем, дар як мақола намеғунҷанд. Ҳаёту зиндагӣ, танқисиҳои кору хониши тоҷикони водии Фарғона, ки мо солҳои 1969, 1976, 1978 дар шаҳру районҳои Фарғона, Қувва, Риштон, Сӯх, Андиҷон, Намангон, Чуст, Косонсой ба командировкаву эспедицияҳо рафта будем, дар лентаҳои №№ 37-41 /с. 1969/, 89-90 /с.1976/, 107-117 /с. 1978/ сабт шуда буданд. Дар экспедицияи соли 1978 ходими хизматнишондодаи илм марҳум Н.Н.Ершов ва номзади илми таърих, доценти Институти педагогии ш.Ленинобод Усто Ҷаҳонов низ фаъолона иштирок намуда буданд. Ҳисоботи экспедиция дар журнали "Советская этнография" 1978, № 6 чоп шудааст.
Ман ва У.Ҷаҳонов дар ин сафар бо мухбири газетаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" дар Фарғона С.Исмоилов вохӯрда, бо хоҳиши ӯ фикру андеша ва таклифу пешниҳодҳояшонро ба лентаи магнитофон сабт намуда будем, ки он дар архиви мо зери рақами 113, 16 марти соли 1978 маҳфуз аст.

Пас аз андаке, яъне моҳи августи соли 1979, хабар омад, ки С.Исмоилов аз олам гузаштааст. Солҳои рукуд орзуву дархостҳои ӯ ногуфта монда буданд. Он вақт дар Ӯзбекистон рашидовчигӣ авҷ гирифта буд ва аз он баъзе миллатчиёни ӯзбек низ баҳра мебурданд. Ҳоло замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ аст. Мо ба ҷавонон орзуву дархостҳои як нафар коммунисти матин, софдилу қавиирода, халқу ватанпарвар – тоҷики Фарғона С.Исмоиловро ҳамчун сухани баъд аз марг пешниҳод мекунем.

Гуфту гузорҳои С.Исмоилов аз рӯи лентаи магнитофон навишта шуданд. Ҳангоми сӯҳбат он кас исми баъзе роҳбарони райому вилоят, номи баъзе ташкилотҳо аз маҳалҳоро пурра талаффуз нокарда монда

будааст, ки мо ҳам онҳоро бе иловаю ислоҳ, аслашонро овардем. Чунин камбудиҳои ноқис, ки одатан дар мавридҳои гуфтугӯй вомехӯранд, барои фаҳмидани мақсади асосии гӯянда халали ҷиддӣ нарасонидаанд. Ҳунари нақли шифоҳӣ аз санъати баёни хаттӣ бо пасу пеш омадани калимаву ибораҳо ва пешоянду пасояндҳо фарқ доранд. Мо ҳангоми ба хонандагон пешниҳод намудани матни он сӯҳбатҳо ба қоидаҳои баёни иншои забони адабии тоҷик риоя намудем. Умедворем, ки аз сӯҳбати дархостҳои як нафар журналисти бебоки тоҷики Фарғона С.Исмоилов ва нақлу ҳикоятҳои ибратангези саргузаштҳои ӯ ҷавонони арҷманд суд мебардоранд ва хулосаҳои даркорӣ мебароранд. "Сухан аз даҳони Луқмон хӯш аст" гуфта, ман суханро ба Исмоилов С. додам ва микрофонро назди ӯ гузоштам, ки дар ин бора нақл кунад.

Исмоилов С. - Аввало хуш омадед ба диёри мо. Бисьёр хурсанд ҳастам, ки Шумо бо ҳамроҳии Усто Ҷаҳонов якчанд шаҳру деҳаҳои Фарғонаро давр задед, бо мардуми он, алалхусус бо тоҷикон, сӯҳбат кардед. Мана имрӯз мо бо ҳам сӯҳбат карда истодаем. Номи ман Султоналӣ, фамилияам Исмоилов, 7 январи соли 1927 дар деҳаи Кафтархонаи райони Фарғона дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтам. Падарам Одинаев Исмоил, модарам Ӯғулбӣ хонашин буда, рафидаю остинча медӯхт, бо нӯги сӯзан 7 нафар фарзандро тарбия мекард. Падарам дар соли 1928-ум ҳамроҳи додараш Шер Одинаев дар сафи отряди "Калтакдорони Сурх" бар зидди босмачиён ҷангида, дар Қаротегин, Ҳоит ва Ҷиргатол, дар Сӯх ва Ҳушьёр /вилояти Фарғонаи РСС Ӯзбекистон/ барои барқарор кардани Ҳокимияти Советӣ иштирок кардагӣ. Дар соли 1929, вақте ки дар сафи "калтакдорони Сурх" ва баъд дар сафи Армияи Советӣ барои торумор кардани босмачиён пешсаф шуда кор мекард, дар Ҳоит ярадор шуд. Аз ин хабардор шуда, аҳли оилаи мо бо сардории тағоям Мирзо Карим, акаҳоям Аҳмадалӣ, Анзурат ва модарам Ӯғулбӣ ба Ғарм рафта, падарам-

ро дида, сонӣ боз баргашта омадагӣ. Акоам Аҳмадалӣ дар Ҳоит ҳамроҳи падарам монд. Аз байн як сол нагузашта, дар соли 1930-ум падарам вафот кардагӣ. Аком Аҳмадалӣ ба Фарғона омада натавониста, дар Ғарм монда /сабабашро намедонам/, хонда, кор карда, соли 1939 ба сафи Армияи Советӣ даъват шуда, дар ҷанги Финляндия иштирок карда, бедомӯ дарак нест шудагӣ.

Ман дар тарбияи аком Анзурати 21 сола, модарам мондам ва ҳамроҳи хоҳарам Азизбӣ дар интернати колхозии деҳаи Корасув /райони Фарғона/ хондам. Мо ба забони тоҷикӣ хондем. Дар ин мактаб синфҳои 8, 9, 10 мавҷуд буд. Дар қишлоқҳои Кафтархона, Арсиф, Бӯрбалик, Сӯху Риштон мактабҳои 7 сола мавҷуд буд.

Дар қишлоқҳои Мульён, Тагигул, Ҷангал, Лоғон, Ахтам, Қалача, Чӯинов ва дигар қишлоқҳои тоҷикнишин мактабҳои ибтидоӣ мавҷуд будагӣ. Дар ин мактабҳо муаллимон ба забони модарии худ - тоҷикӣ ба талаба ва толибагон дарс мегузаштанд.

Ман то синни 15 солагиам ба забони тоҷикӣ таълим гирифтам, дар як сол якбора ду синфро тамом кардам; дар синфи се хонда, имтиҳони синфҳои сею чора супорида, якбора ба синфи панҷ гузаштагӣ. Вақте ки синфи 8-ро тамом мекардем, ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд. Дар соли 1942 мо ба синфи 9-ум гузашта будем. Чӣ шуд, ки ҳамаи муаллимони мо ариза дода, ба сафи Армияи Сурх дохил гаштан, ба ҷанг рафтанд. Аксарияти хонандагони синфҳои 10-ум ҳам синну соли худро баланд карда, барои ҳимояи Ватан рафтанд. Сонӣ, вақте ки муаллимони забони тоҷикӣ ба ҷанг рафтанду муаллимони дарсмедодагӣ намонд, мактаби моро аз забони тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ гардонданд. Мамашариф Қаҳоров ва як чанд дигар талабагони синфи 10-и мактабамон ба мо маълум карда гуфтанд, ки мактабамон ӯзбекӣ мешудааст. Дар ҳақиқат мактабҳои тоҷикиро баста, ба ҷояш мактабҳои ӯзбекӣ ташкил кар-

данд. Мо талабаҳои синфҳои 9-и тоҷикиро бурда, ба синфи 9-уми узбекӣ хононданд. Мо, ки забони ӯзбекиро намедонистем, як чанд бор аз синф баромада гурехтем. 8 сол ба забони тоҷикӣ хонда, якбора рафта ба забони ӯзбекӣ ба синфи 9 ва 10 хондан, албатта, ба мо душвор буд. Аз ин ҳам падару модарҳо ва ҳам хонандагон норозӣ шуданд. Ин гуна норозигиро дида, кадом як роҳбар фармон баровард, ки талабаҳои синфҳои 9-10-и тоҷикӣ ба ин синфҳо хонда, онро тамом накарда бошанд ҳам, ба онҳо шаҳодатномаи бардурӯғ, яъне формаи № 7-ро додаанд. Ман ҳам ҳамин гуна формаи № 7-ро гирифта, рафта ба институти педагогии ш. Фарғона дохил шудам. Дар институт ҳам дарсҳо ба забони ӯзбекӣ мегузашт ва ба мо фаҳмидани дарсҳо душвор буданд.

Баъди чанд моҳ, як қисми студентони ҳамин Институти педагогӣ ба сафи Армияи Сурх даъват карда шуданд. Аз он ҷумла маро ҳам даъват карда буданд, лекин ба сабаби касалиам, маро ба армия нагирифтанд. Дарсҳо, ки ба забони ӯзбекӣ мерафтанд, мазмуни дарсҳоро баъзе муаллимони забони тоҷикиро каму беш медонистагӣ, ба монанди Иброҳимов, ба мо фаҳмонда медоданд, мо аз онҳо маслиҳат мепурсидем. Дидем, ки ба забони ӯзбекӣ хонда нафаҳмидем, маҷбур шудем, хонданро ба ғоибона гузаронем. Ман ғоибона хонда, ба мактаби № 41 районамон, ки он вақт мактаби ибтидоӣ буд, аввал муаллим, баъд мудири мактаб шуда кор кардам.

Соли 1943 ман бо қарори КМ комсомол ва қарори комитети иҷроияи районамон сардор шуда қариб 100 нафар комсомол-ҷавононро ~~ба~~ барои ёрдам ба ҳашари кофтани канали Фарҳодстрой бурдам ва онҳоро ба Беговот бурда, ба сардори трассаи № 5, ки он вақт шоири имрӯзаи мо Акмал Пӯлод буд, супурдам. Дар ин ҳашар мо ҳамроҳи комсомол-ҷавонон кор кардем. Баъд маро ба омӯзишгоҳи ҳарбии ба номи В.И.Ленин даъват карданд, вале маро ба ин мактаб ҳам ба сабаби касалиам

қабул накарданд.

Ман боз ба ихтиёри облоно омадам. Маро ба мактаби қишлоқи Дамкўл фиристонданд. Он ҷо ман мудири қисми илмӣ шуда кор кардам. Дар ин вақт ман курси якуми институти педагогиро ба забони ўзбекӣ ғоибона хатм карда, ба курси дуюм гузаштам. Бо таклифи раиси колхоз ман бригадаи зарбдори комсомолчавононро ташкил кардам, ки ин бригада ба корҳои таъҷилии саҳро ёрии амалӣ мерасонад, ки дар онҳо 25 нафар комсомолдухтарони ҷавонро низ ҳамчун комсорги колхоз ҷалб карда будам. Шўҳрати ин бригада дар миқёси райну вилоят паҳн гардид, ки ба он номи "Атака-бригада"-ро доданд. Барои ҳамин "Атака-бригада"-и комсомолчавонони Дамкўл замин ҷудо карда шуд ва аз ҳар як гектари он бригада 40 центнерӣ ҳосили пахта гирифт.

Сардори бригада Ҷамолова ба гирифтани Ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ман ба гирифтани Грамотаи Фахрии КМ ВЛКСМ, якчанд духтарони дигар ба гирифтани ордену медалу грамотаҳо сазовор гаштанд.

Рўзе аз рўзҳо Котиби Комитети Марказии Ўзбекистон Усмон Юсупов бо як гурўҳ ҳамроҳони худ ба колхози мо омада, бо раис сўҳбат кард. Он ҷо ман ҳам будам. Усмон Юсупов бо ман ҳам сўҳбат кард ва ба ҳам ҳозирон гуфт, ки "ман падари Султоналӣ - Одинаев Исмоилро нағз мешиносам. Он кас ҳамроҳи Калтакдорони Сурх дар сафи Армияи Советӣ бар зидди босмачиён ҷангида, орден гирифтагӣ, мана ҳамин хел камбағалу сағирҳои одамони фидокорро тарбия кардан даркор" гуфтан. Баъд, рўзи дигар маро ба райком ҷеғ зада, ба номзадии сафи Партияи Коммунистӣ қабул карданд. Сонӣ, ҳуҷҷатҳоро тахт карда супорида будам, ки соли 1944 маро аввал ба аъзогии ҳақиқии Партияи Коммунистӣ гузаронида, пас ба вазифаи Котиби дуюми комсомоли райони Фарғона интихоб намуданд.

Баъди ин бо илтимоси Усмон Юсупов котиби комитети комсомоли республика Малик Абдураззоқов бо кору бор ва ҳолу аҳволи ман шинос

шуд. Он вақт оилаи мо дар деҳаи Қалъача зиндагӣ мекард. М.Абдураззоқов бо аҳли оилаи мо шинос шуда дид, ки аҳволамон нағз нест. Модарам вафот кардагӣ, апаама шавҳараш дар фронт мурда, бо ду фарзандаш мондагӣ, занҳои акаҳоям ҳам бо дутогӣ фарзандашон бева мондагӣ, 12 ҷон хӯранда дар ихтиёри ман мондагӣ.

Маро бо тавсияи КМ Комсомоли республика ба мактаби партиявии кадрҳои комсомолӣ қабул намуданд. Вақте, ки ман ба хондан рафтам, аз тарафи мактаб ва ташкилотҳои болоӣ ба ман ва аҳли оилаам ёрии амалӣ доданд, аҳволи оилаамон нағз шуд. Пас аз мактаби партиявиро тамом намудан, соли 1946 дар Водиф комитети комсомолии район шуда кор кардам. Сонӣ, ба депутатии совети қишлоқ, ба совети комиҷроияи районӣ, ба бюрои комитети партиявӣ интихоб карданд, ба корҳои ҷамъият фаъол иштирок кардам. Соли 1951 ба Кароматхон ном духтари ӯзбек хонадор шудам. Баъди як сол фарзанд дидем - Усмоналӣ номидем. Баъди вай Алишер писарам таваллуд шуд. Баъди он духтарам Зебуннисо ва баъди он Улуғбек ном фарзандонам таваллуд шуданд. Рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд. Боз аз ҳоли ман ходими барҷастаи партиявӣ котиби комитети партияи Ӯзбекистон Усмон Юсупов хабардор шуданд. Баъди мулоқот бо У.Юсупов маро дар синни 24 солагиам ба котиби комитети партиявии районӣ Сӯх интихоб карданд. Дар он ҷой қариб 4 сол кор кардам. Сӯхиҳо тоҷиканд. Барои дар байни тоҷикон кор ва зиндагӣ кардан занам Кароматхон ба ман ваъда дод, ки забони тоҷикиро нағз ёд мегирад ва барои пеш бурдани корҳои таълиму тарбияи район ёрӣ медиҳад. Вай ҷидду ҷаҳд намуда, забони тоҷикиро пурра омӯхт, дар яке аз мактабҳои Сӯх, ки тоҷикӣ буд, мудири китобхона шуда кор кард. Апаи Кароматхон ҳоло дар Лоғон ҳастанд, забони тоҷикиро намедонанд, ба забони ӯзбекӣ гап мезананд, худи Кароматхон бошанд, ба забони тоҷикӣ чунон тоза гап мезанад, ки ҳеҷ кас ин касро ӯзбекзан намегӯяд.

Сонӣ, маро Бойғозиев ва Юсупов ба мактаби олии партиявии ш. Тошканд ба хондан гусел карданд. Он ҷо бо ёрии амалии У.Юсупов ба факультети журналистӣ дохил шуда хондам. Баъди он ба факультети таърихи институти педагогии ба номи Низомии ш. Тошкент дохил шуда, онро соли 1954 бо дипломи аъло /диплом с отличием/ тамом кардам. Бо тавсияи котибони Комитети Марказии Партияи Коммунистии Ўзбекистон аз соли 1958 ин ҷониб аввало мухбири махсуси газетаи тоҷикии собиқ "Ўзбекистони Сурх" шуда ва, сонӣ, мухбири газетаи "Ҳақиқати Ўзбекистон" шуда кор мекунам.

Дар ин муддат чандин дўстон зиёд кардам, дар бораи пешқадамони истеҳсолот, мактабу муассисаҳо чандин мақолаву ҳикояву очеркҳо навиштам., камбудиҳоро ба зери танқид гирифтам. Хуллас, супориши редакцияро мувофиқи тақозои замон ва ҳаёт нағз иҷро кардам. Дар корҳои ҷамъиятӣ нағз иштирок кардам. Хулосаи калом, ман аз он шодам, ки тоҷикон бисёр ҳасрату маслиҳата арзу додҳои худро ба ман, ҳамчун ба вакили газета мегуфтанд ва мегўянд, ба газета менавистам, бо ҷойҳои лозимӣ, ба органу идораҳои дахлдор мерасондам, ҳал мекунам.

Яке аз ҳамин гуна арзу дод ва ҳасрати тоҷикон масъалаи мактаб аст. Масъалаи мактаб - ин масъалаи миллӣ мебошад. Вақте ки ман мухбири махсус шуда омадам, бисёр падару модарони тоҷик аз ман пурсиданд, ки барои чӣ дар деҳаҳои Дамкўл, Кафтархона, Арсиф, Суфон, Аввал, Лоғон, Қаратеппа қариб сад фоизи аҳолӣ тоҷикон ҳастанду ба туфайли ҷанг мактабҳои тоҷикӣ ба забони ўзбекӣ гардонда шуд. Барои чӣ ҳоло тоҷикон мактабҳоро ба забони худ ташкил карда наметавонанд. Падару модарон ба забони худ гуфтанд, ки азбаски мактабҳои забони тоҷикӣ нест, мо газетаамон "Ўзбекистони Сурх"-ро ба забони худ хонда нағз фаҳмида наметавонем. Чунки онҳоро ба

забони ўзбекӣ хонондаанд, бинобар он газетаи тоҷикиро хонда нағз фаҳмида наметавонанд. Ман мепурсидам, ки "Ҳа, шумоён чӣ мехоҳед?" Падару модарон мегуфтанд, ки "Мо мехоҳем, барои мо, ба забони худамон, мактабҳои тоҷикӣ кушода диҳед".

Ин масъаларо ба назди ташкилотҳои дахлдор мондем, онҳо розӣ шуданд. Боз дубора дар райони Фарғона, Қувасой, Чуст, Косонсой мактабҳои тоҷикӣ ва дар назди мактабҳои ўзбекӣ синфҳои тоҷикиро ташкил карда кушоданд. Хусусан дар райони Фарғона якчанд синфҳо, мактабҳои тоҷикии солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ барҳамхўрда, аз сари нав ташкил карда шуд. Баъд аз чор соли ташкил шудани синф ва мактабҳои тоҷикӣ падару модарон бисьёр хурсанд шуданд, ки акнун фарзандои онҳо ба забони тоҷикӣ дарс мехонанд, савод меомўзанд, ба забони модарӣ гап мезананд, шеъру суруду ғазал мехонанд, китобҳои тоҷикиро хонда метиянд. Аз чунин шеъру суруд ва китобхониҳои фарзандони худ падару модарон ба шавқу завқ омада, талаб карданд, ки минбаъд ҳам хониш дар мактабҳо ба забони модарии худ давом карда шавад. Вале ба чӣ сабаб баъзе роҳбарони калтафаҳм хостанд, ки мактабҳои тоҷикиро пўшанд, ба ҷои мактабҳои тоҷикӣ боз мактабҳои ўзбекӣ ташкил кунанд. Дар ин бора ман ба Шумо /яъне ба Муродов О. ва Ҷаҳонов У./ гуфта будам. Дар натиҷаи аризаву шикоятҳои падару модарон мо санҷида дидем, ки баъзе аз роҳбарон дар бораи мактабҳои тоҷикӣ тактикаи нодуруст бурда истодаанд. Яке аз ин хел одамони роҳбарикунанда, масалан, Содиқҷон Наҷмиддинов гуфтанӣ одами аз ҷиҳати сиёсӣ донишаш-ниҳоят пасти солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ гўгирдфурўшӣ карда гаштагӣ одами калтафаҳми хушомадгўй, миллаташ ўзбек, бо кадом сабаб вай мудири районо шуда мондагӣ буд. Ин кас дар вақташ котиби якуми комитети партиявии райони Фарғона Акбаровро хондагӣ. Ин одам як кор карда каллаи котиби якум Акбаровро гаранг карда, ўро

ба гап даровардa, мактабҳои тоҷикиро пӯшида, ба ҷои онҳо мактабҳои ӯзбекӣ ташкил карданӣ шуд. Барои ин кор баҳонаҳои хушку холӣ кофт: ӯ мегуфт, ки барои мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ нест, муаллим намерасад, кадр нест. Бо маслиҳат ва талаби падару модарон ман маҷбур шудам, ки ба Комитети Марказӣ, ба редакция, ба рафиқ Матҷонов; ба "Учительская Правда", ба газетаи "Ӯқитувчилар", ба обкомпартия мактуб нависам. Мактуб нависта гуфтам, ки ҳамин хел – ҳамин хел мактабҳои тоҷикиро пӯшида истодаанд. Ин масъала бо супориши Комитети Марказӣ шуда бошад даркор, дар бюрои комитети районӣ муҳокима карда шуд. Алоҳида мактубҳои навистагии маро муҳокима карданд.

Ҳангоми муҳокима чанд тӯҳматҳое, ки ба гарданӣ ман бор карданӣ шуданд, ақли ҳеҷ кас бовар намекунад. Якчанд тӯҳматчиҳоро пешакӣ гап ёд дода, тайёр намуда, ба бюро оварданд. Як зани чалатоҷик хеста мегӯяд, ки С.Исмоилов панҷ сол пеш ба ман гуфта буд, ки ту ҷаро ба ӯзбек расидӣ? Ту миллати худатро ифлос кардӣ. Ин одам ~~миллатчигӣ ва~~ ҳамчун миллатчӣ ҷазо дода шавад. Якто аз одамони тайёр кардан тӯҳматчиҳо хеста мегӯяд, ки Исмоилов С. бандит аст, мана гӯристониба бурда мекуштагӣ шудагӣ; як чандтоашон боз дигар тӯҳматҳо карданд: яктоаш мегӯяд, ки ин одам се-чорта зан дорад. Қосимов гуфтанӣ одам даъво карда мегӯяд, ки ин одам ба хонандаҳои курси шабона /шабкурсҳоба/ дарс надода, пули вазората гирифта хӯрда истодааст, ҳеҷ кас назорат намекунад. Гуфта ба ман тӯҳмат кард ва аз бюро талаб кард, ки ба ман ҷазои сазовор дода шавад. Аксарияти ин тӯҳматчиҳо аз ӯзбекҳо ва ду нафари онҳо аз тоҷикони дурӯяи хушомадгӯй буданд. Аз онҳо якеаш директор ва дигараш завуҷи мактаб буданд.

Дар бюро ман хеста гуфтам, ки ман коммунистам, ҳаққи гапро мегӯям: ман якто зан дорам, агар ба номи шумо касе ариза дода бо-

шад, марҳамат, нишон диҳетон ва бо мазмуни он шинос кунетон. Ман дар деги партия ҷўшида баромадагӣ, як маротиба не - ду маротиба ба партшкол рафта хонда омадагӣ, ин як. Дуюм, зани мана худаш ўзбек /узбечка/, хоҳари ман ҳам ба ўзбек расидагӣ. О, ту зани тўҳматчӣ, ўзбек он тараф истад, ба куҷо гурез намерасӣ?! Ман ба ту чӣ кор дорам? Ман ба ту 5 сол аз ин пеш ҳамин гапро гуфта бошам, барои чӣ ту ҳамон вақт ин гапро нагуфтӣ ва онро акнун мегўӣ?

Зав районо хеста, ба забони ўзбекӣ мегўяд, ки мо мактабҳои тоҷикиро барқарор кунем, барои дарс додан камаш 24 муаллими забони модарӣ лозим, мо онҳоро аз куҷо меёбем. Ман гуфтам, ки онҳоро аз Тоҷикистон даъват намудан лозим. Зав.районо мегўяд, ки агар мо ин қадар муаллимро даъват намоем, барои таъмини онҳо хонаву ҷой надорем ва барои хонаву ҷой сохтан пул нест. Ман гуфтам: "Ўҳ, ҳамин ҳам баҳона шуд-мӣ?" Набошад, муаллимони маҳаллие, ки забони тоҷикиро медонанд, консультацияву семинарҳо ташкил намуда, онҳоро тайёр кардан лозим, ки ба мактабҳои тоҷикӣ дарс диҳанд. Ба ин таклиф мудири район ба забони ўзбекӣ ба котиби Обком гуфт, ки тоҷикҳои Фарғона ўзбекӣ хондагӣ, бинобар он тоҷикӣ дарс дода наметавонанд. Котиби обком, ки будани мудири районоро аз котиби райком пурсиду гуфт, ки ин одам аполитичный будааст. Шумо муаллимони тоҷикро ҷамъ намуда, ба курси якмоҳаи такмили ихтисос хононед ва бигузоред, ки онҳо ба забони тоҷикӣ чӣ қадаре, ки тавонанд, синф кушоянду дарс додан гиранд. Муаллимони пурихтисосро аз Тоҷикистон даъват карда натавонед, аз тоҷикони ҳаминҷой муаллим тамёр намоед, ҳаминҳо тоҷикӣ дарс додан гиранд. Исмоилов С. масъалаи проблемавиро бардошта истодааст, даъвои падару модарон ва навиштаҳои Исмоилов С. дурустанд. Дар районҳо курсҳои такмили ихтисоси муаллимони тоҷик кушода шаванд, кинофильмҳои тоҷикӣ намоиш дода шаванд, ҳофизҳои

тоҷик даъват карда шаванд ва сару либоси миллии тоҷикӣ дӯзонда шаванд ва ғ. Қарори ҷудо маъқул қабул карда буданд.

Одамон ба ман гуфтанд, ки ту танҳо, онҳо бисьёр, худи роҳбарони ӯзбек миллатчию гуноҳашонро ба гардани ту бор карда, туро миллатчӣ гуфта, қава мекунанд, ту яккагӣ мекашӣ. Ман ба онҳо ҷавоб дода гуфтам, ки ман ҷанг накарда бошам, яктаро назада бошам, накушта бошам, маро чӣ кор карда метавонанд? Ман пеш аз ҳама солдати партия, халқ талаб кардааст, дар назди партия масъаларо мондам, барои шахсияти шахсии худам кор накардаам, ин масъала - ба манфиати умум ба манфиати ҷамъият аст. Ин сиёсати миллии ленинӣ аст, ин корбарории ҳар як коммунист аст.

Аз қабул шудани қарори нағз ҳамаи одамон ҳам хурсанд шуданд, ба обком будагӣ одамҳо ҳам хурсанд шуданд, душманҳо шарманда шуданд. Ҳамаи одамон фаҳмиданд, ки барои кори ҳақиқат мубориза бурдан даркор будааст, ба нафъи халқ кор кардан, манфиати халқро ҳимоя кардан - ин кори хуб будааст.

Котиби комитети партиявии вилоят ба ман хат нависта доданд, бо он хат ба назди рафиқ Шермуҳаммадов рафтам. Он кас масъалаи кушодани филиали ягон институт ба забони тоҷикӣ ва дар назди омӯзишгоҳи педагогии ш. Чуст кушодани гурӯҳи забони тоҷикиро монданд. Рафиқ Шермуҳаммадов одами поквиҷдон ва марксисти ҳақиқӣ будааст. Ман аввало гумон карда будам, ки ин одам айёрӣ карда истодааст. Баъд рост будани андешаҳои он касро фаҳмида, ман бисьёр хурсанд шудам. Рафиқ Шермуҳаммадов гуфтанд, ки чанд сол ин ҷониб ман дар Комитети Марказии партияи коммунистии Ӯзбекистон кор мекунам, то ҳол ягон кас назди ман омада: "Писарам, додарам, рафиқам, дар бораи аҳволи мактабҳои тоҷикӣ гап ҳамину ҳамин, ту ба ман ёрдам те, ё ки маслиҳат те" нагуфтааст. Кори ту кардагӣ, масъалаи ту бардоштагӣ - бисъ-

ёр кори хуб. Мо таклифҳои шуморо, ки дар асоси таклифҳои падару модарон пешниҳод намудед, қабул мекунем. Дар омӯзишгоҳи муаллимии ш.Чуст якто гурӯҳи тоҷикии синфҳои ибтидоиро меомӯзондагӣ мекушоем, як то гурӯҳи тарбияи ҷисмонӣ мекушоем. Агар хоҳанд, дирекцияи института педагогии ш. Фарғона ба номи Комитеҷи Марказӣ мактуб нависанд ва талаб кунанд, мо дар назди институт як то гурӯҳи тоҷикии химияву математика кушоданамон мумкин. Мо ҳозир якбора институти тоҷикӣ кушода наметавонем, чунки барои ин корро кардан кадр намерасад.

Дар назди омузишгоҳи педагогии ш.Чуст гурӯҳи тоҷикӣ кушоданд. Ман ҳамон сол якбора I6 нафар талаба ва толибагонро аз райони Фарғона бурда, ба гурӯҳи тоҷикии омӯзишгоҳ дохил кунондам, ки аксарияташон духтарони ҳ маҳаллӣ ва аққалияташон писарон буданд. Аз онҳо I4 нафар духтару 2 нафар писарон буданд. Баъди ин худи бачаву духтарон ба он омӯзишгоҳ ба факультетҳои дигар, аз он ҷумла ба факультети тарбияи ҷисмонӣ дохил шуданд. Мана ҳамин хел карда, барои синфҳои ибтидоии тоҷикӣ кадрҳо тайёр шудан гирифтанд.

Аз байн се-чор сол нагузашта, аз пайдо ва зиёд шудани муаллимони синфҳои ибтидоӣ баъзеҳо тарсиданд-мӣ, дар деҳаи Кафтархона синфҳои тоҷикиро нест карда, ба ҷои онҳо синфҳои ӯзбекӣ кушоданд. Соли I977-ум дар деҳаи Лоғон дар мактаби ба номи С.Айнӣ синфи якуми тоҷикиро I5 рӯз хобонда, онро ба ӯзбекӣ гардонданд. Ман ба он мактаб рафтам ва бо чашми худам дидам. Мактаб - мактаби тоҷикӣ буд, аммо онро ба забони ӯзбекӣ гардонданд. Боз як кори нодуруст ҳамин, ки дар деҳаи Дамкӯл сад фоиз тоҷикон зиндагӣ мекунанд, дар ин ҷо ҳам мактаб - мактаби тоҷикӣ, аст, аммо дар атрофи деҳа, I км. ва ё 500 метр дуртар аз он мактабҳои ӯзбекӣ ҳастанд. Дар қ.Дамкӯл як шаш нафар оилаҳое ёфт мешаванд, ки падараш тоҷику модараш ӯзбек ва ё

баръакс, падараш ӯзбеку модараш тоҷик ҳастанд. Дар ин қишлоқ ҳам шаш нафар бачаҳои дузабонаро аз ҳар куҷо ҷамъ карда, шумораи онҳоро аз ҳисоби дигар бачаҳои маҳалҳои гуногуни атроф ба 16 нафар расонида, синфи тоҷикиро барҳам дода, синфи ӯзбекӣ ташкил кардаанд. Албатта, инро барои ба кори мактабҳои тоҷикӣ дахолат намудан кардаанд.

Ин корро дида ман ба шӯъбаи маорифи халқ даромада, ба Худоёр Ҷавҳархон гуфтам, ки ин кори онҳо карда истодагӣ нодуруст аст. Кушодани синфи ибтидоӣ мактаб - ин командаи яккачини футболбозон нест, ки кори таълиму тарбияи насли наврас аст. Шумо барои ин ҷавоб медиҳед. Ба ҳар ҳол рафта санҷидан даркор. Мана худатон шоҳид ҳастед, падару модарон ба шумо арз карданд. Охир, акнун тақдири яккаву ягона мактаби тоҷикӣ чӣ мешуда бошад? Ҳозир яккаву ягона мактаби тоҷикӣ ҳамин монд. Дар моҳи октябрь ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки мактабро аз як забон ба забони дигар гузаронад. Ин ғайриқонун аст. Дар инструкция гуфта шудааст, ки ин ё он талаба ва ё толиба ба мактаби дилхоҳаш рафта хонда метавонад, аммо синфро аз як забон ба забони дигар гардонидан мумкин нест.

Ана ҳамин хел нофаҳмиҳо ва каҷрафториҳо ҳаст. Ман ин масъаларо боз ба наздикӣ ба назди котибони Комитети партияи раёсат мегузорам. Ин масъаларо ман ба рафиқ Ниёзов[1] гуфта будам, он кас гуфтанд, ки "шумо андак истед акнун, ҳа гуфта ба мактабҳо часпидан мегиред-мӣ? Ин ҷо облано ҳаст, районо ҳаст. Ту ҳозир истода ист" - гуфтанд. Локин виҷдони ман ҳеҷ қабул карда наметавонад, чунки ин корашон нодуруст аст. Агар тӯғрӣ кор мекарданд, дар мактаб синфи ӯзбекиро аз аввали сентябрь мекушоданд, майлаш буд. Мо ҳам тарафдорем, ки агар барои кушодани синфи ӯзбекӣ талабот ва шароит бошад,

---

1. Ниёзов Ш. - муҳаррири "Ҳикмати Ӯзбекистон".

кушоянд, бачаҳоро таълим додан гиранд. Лекин барои ба кори таълиму тарбия ночоя дахолат кардан, синфе, ки дарс рафта истодааст, баста,нест кардан, конституция ба ҳеҷ кас ҳуқуқ намедиҳад, баръакс, барои пешгирӣ намудани чунин вайронкориҳо дар Конституция ҳуқуқ дорем. Мо барои ҳамин норозӣ ҳастем.

Сабаб чист, ки масъалаҳо мактабҳои тоҷикӣ ин тавр вайрон шуда истодааст гуфта,аз як-дуто роҳбарон пурсам, онҳо мегӯянд, ки мо дар асоси программаи Тоҷикистон, ки барои мактабҳои тоҷикӣ тартиб дода шудааст, дарс мегузарем. Аммо то ҳол ягон кас намеояд, намепурсад ва тафтиш намекунад, ки таълим аз рӯи программаи тоҷикӣ иҷро шуда истодааст ва ё не? Аз Ӯзбекистон вакилу намояндаҳо мебиёянд, рафти таълиму тарбия дар мактабҳои ӯзбекиро тафтиш мекунанд, аммо забони тоҷикиро, ки намефаҳманд, бечораанд, ба дарсҳои муаллимони тоҷикӣ намедароянд, намесанҷанд.

Намояндаву комиссияҳои тафтишотӣ, ки омаданд, аввало мепурсанд: "Даромад қанча?" - "Даромад чӣ қадар?" "Узлаштириш нечи процент бўлди?" - "Азхудкунӣ чанд фоиз шуд?" "Синф дафтари қалай?"- "Дафтари синф чӣ тавр?" "Олдиндагӣ ўқитувчӣ ким?" - "Муаллими пешқадам кист?" "Муваффақият тилаймиз"-"Муваффақият мехоҳем" мегӯянду бо меҳмон мешаванду мераванд, ба дигараш корашон нест.

Мо дар назди радиоузели райони Фарғона радиожурнали "Муаллим" ташкил кардем, ки дар як моҳ як маротиба дар бораи муаллимон сухан меравад. Ман шахсан ба мактабҳои тоҷикӣ меравам, дар бораи муаллимони пешқадам очерку мақолаҳо менависам. Ҳамон муаллимони тоҷик мегӯянд: "Рафиқ Исмоилов, охир ин чӣ гап, мо бачаҳоро ба забони тоҷикӣ мехононем, онҳо ба мактабҳои олӣ рафта,аз забону таъриху адабиёти ӯзбекӣ имтиҳон месупоранд, чунки дар мактабҳои олии Ӯзбе-

кистон факультетҳои тоҷикӣ нестанд, ба забони ӯзбекӣ имтиҳон супорида наметавонанд. Ман таклиф дорам, ки ё программаро нав кардан даркор, ё ба он ислоҳ даровардан лозим ва ё ягон касе аз роҳбарҳои мӯътамад ба мо ёрӣ расонад. Мо ҳамин хел таклифҳо доштем, ки аз маорифи халқи республикаи Тоҷикистон вакилҳо биёянд, мактабҳои тоҷикиро санҷанд, маслиҳату ёрдами методӣ ва амалӣ расонанд, сифати таълиму тарбияро беҳтар кунанд, албатта таҳсил нағз мешавад.

Ман хоҳиш доштаам, ки алоқаи маорифчиёни ду республикаро мустаҳкам намоянд, барои он, ки агар маорифчиёни бародарии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ва ӯзбекистониҳо дар Тоҷикистон шаванд, аз муваффақиятҳои ҳамдигар баҳравар мегарданд, камбудиҳои мавҷударо бартараф менамоянд, тарбияи насли наврас беҳтар мегардад. Ман тааҷҷуб дорам, ки барои чӣ пахтакорони ҳар ду республика ҳар сол як-ду маротиба рафту омад мекунанд, кори ҳамдигарро месанҷанд, камбудиҳоро ошкор месозанд ва аз муваффақиятҳо баҳравар мегарданд; бофандагони Фарғона бо бофандагони Ленинобод, бофандагони Марғелон бо бофандагони Душанбе алоқа ва рафту омад доранд. Хуллас, бофандагон, бинокорон, чорводорон, деҳқонон Тоҷикистону Ӯзбекистон кори ҳамдигарро месанҷанд, ҳамкорӣ доранд, ба ҳамдигар маслиҳат медиҳанду вале маорифчиён не? Ман дар муддати бист соли охир ягон бор ба хотир надорам, ки аз кормандони вазорати маорифи Тоҷикистон ягон кас омада, дар ягон мактаби тоҷикии вилояти Фарғона на санҷиш гузаронидаанду на маслиҳати методӣ додаанду ва на иҷрои программаи мактабҳои тоҷикии республикаи Ӯзбекистонро санҷидаанд. Агар онҳо тез-тез меомаданд, эҳтимол мактабҳои тоҷикӣ барҳам намехӯрд, равнақ меёфт, ба пешравӣ моил мегашт. Албатта, ягон кас кори мактабҳои тоҷикиро насан-

чад, мактабҳо худ аз худ барҳам хӯрда истодаанд. Саволе ба миён меояд: "Барои чӣ дар Тоҷикистон мактабҳои ӯзбекӣ тараққӣ мекунанду дар Ӯзбекистон мактабҳои тоҷикӣ нест мешаванд?"

Агар Шумо фурсат дошта бошед, ба посёлкаи Ҳайдаркони Қирғизистон равед. Ин посёлка кон кор карда мебарорад. Дар посёлкаи Ҳайдаркони Қирғизистон барои тоҷикони гирду атроф алоҳида мактабҳои тоҷикӣ сохтаанд. Тоҷикон ба ҳамин кон рафта кор карда истодаанд. Мактаб бошад аз синфи як то синфи даҳ ба забони тоҷикӣ аст. Дар он ҷо мактабҳои даҳсолаи тоҷикӣ ҳаст. Якеи он ба номи С.Айнӣ ва дигараш ба номи А.С.Пушкин. Директори мактаби ба номи А.С.Пушкин - шогирди ман аст. Дар Фарғона бошад барои барҳам додани мактабҳои тоҷикӣ ғайриқонунӣ хатту ҳаракат, ғайриқонунӣ корбарӣ карда истодаанд. Худи яке аз директорони мактаби районии Фарғона рафиқ Камолов ба Шумо /яъне ба Муродов О./ гуфтаасту "ҳамаи мактабҳои тоҷикӣ нест шуду мо акнун дубора кӯшиш карда истодаем, ки боз аз сари нав синфҳои ибтидоиро ба забони тоҷики кушоем".... Аз чунин аҳвол котибони комитети вилояти Фарғона ва роҳбарони республикаи Ӯзбекистон хабардор нестанд; аз ин кор роҳбарони Комитети Марказӣ хабардор нестанд. Лекин баъзе одамони калтафаҳм ба ин хел камбудиҳо роҳ дода истодаанд. То даме, ки дар баданам ҷонам ҳаст, то дар танам як қатра хунам ҳаст, ман ҳамчун коммунист бар зидди ин гуна камбудиҳо мубориза мебарам. Чунки ин кор ба манфиати партия ва ба манфиати дӯстии халқҳост. Агар дар ҷое, ки дӯстии халқҳо мустаҳкам бошад, пешравӣ ҳам бисёр мешавад. Мақсади ман ба роҳи партия кор бурда, талаби халқро иҷро кардан аст. Аз Шумо, О. Муродов, хоҳишмандем, ки ба кормандони вазорати маорифи халқи республикаи Тоҷикистон расонед, ки онҳо биёянд, бинанд, ёрӣ расонанд. Қайд кардан

даркор, ки кормандони Институти такмили ихтисоси муаллимони республикаи Тоҷикистон ба мо ёрии амалӣ дода истодааст. Дар курсҳо барои муаллимони мактабҳои тоҷикӣ одамон омада, маърӯзаҳо хонда мераванд, лекин лекция - барои муаллимон аст. Ин хел лекцияҳо чӣ натиҷа дода истодаанд? Таъсири он ба муаллимон ва дониши муаллимон дар дарс чӣ хел аст? Аҳамияту таъсири он лекцияҳо дар ҳангоми дарси муаллим ва дарсхазмкунии бачаҳо чӣ гуна аст, инро низ санҷидан даркор. Чунин лекцияҳо дар таълиму тарбияи наврасон чӣ навъ аст, таъсири онҳоро дар амал санҷидан даркор. Мо одамони ҳақиқии ҷамъияти коммунистиро тайёр карданамон даркор. Кадрҳои бошуури саводнок барорварданамон даркор. Агар илму дониш надошта бошад, одам чӣ хел соҳиби касбу ҳунар мешавад. Илму дониш нағз бошад, соҳиби касбу ҳунар мешавад. Барои ҳамин ман боварӣ дорам, ки ин омадани шумо ба мо ёрии амалӣ мерасонад.

То ҷанги Бузурги Ватанӣ дар райони Фарғона қариб 40 ҳазор тоҷикон ҳаёт ба сар мебурданд. Тоҷикони водии Фарғона, чуноне, ки ман гуфтам, тоҷикони тагҷоианд. Лекин дар бораи ҳаёт, таърих, дар бораи зисту зиндагонии онҳо материалҳои таърихӣ ҷудо ҳам кам аст. Тоҷикон таърихи бой доранд. Тоҷикони Фарғона ҳам монанди тоҷикони тоҷикистон таърихи бой доранд. Масалан, як деҳаи Сӯх ва ё Хушёрӣ, райони Хушёрро гирем, қариб дуним ҳазор сол пеш аз ин кишвари Киштӯт пайдо шудагӣ. Ҳокими Сӯх мавҷуд буд. Аз милод пеш ҳам Сӯх мавҷуд будагӣ. Дар замони феодализм ҳам тоҷикони Сӯх, Фарғона монанди тоҷикони дигар шаҳру районҳо - монанди тоҷикони самарқандӣ, панҷакентӣ, хуҷандӣ, исфарагӣ буданд. Дар ин боиса мардуми Исфара аз Конибодому Сӯх иборат аст мегӯянд. Таърихи Панҷакент, Конибодом ва Исфараро бисёр одамон омӯхтагӣ. Лекин таърихи Сӯхро, таърихи Қорасуврο, таърихи Дамкӯлро, таърихи Охсой ё ки Ахтамро, таърихи қадимии Риштонро олимон кам санҷидагӣ. Дар бораи он шаҳрҳои қадимии тоҷикнишин материалҳои таърихӣ

нест. Ман аз Шумо хоҳишмандам, ки олимони Академияи Тоҷикистон, ходимони Институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ овози моро шунаванд, ба водии Фарғона биёянд, дар бораи таърихи маданияти қадимӣ доштани тоҷикони водии Фарғона ва зисту зиндагониву касбу кори онҳо рисолаҳо нависанд, бисьёр хуб мешуд.

Вақте ки ман дар Самарқанд шудам, хостам, ки дар бораи Сӯх аз Институти археология материал гирам. Щербицкая гуфтанӣ кас дар он ҷой нишастагӣ буд, он кас ва боз ходимони дигари Институти археология мегӯянд, ки материалҳои то соли 1930 дар архиви Тоҷикистон аст. Як қисми Сӯх як вақтҳо тобеи Қирғизистон будааст, ҳоло бошад ба Ӯзбекистон нигоҳ мекунад. Агар археологҳои се республика: Тоҷикистону Ӯзбекистону Қирғизистон як шуда, материалҳои оид ба райони Сӯхро бардошта, якҷоя насозанд, омӯхтани таърихи археологияи ин район мумкин нест. Агар ҳамин гап рост бошад, аққалан олимону археологҳои Т Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ин бора кор баранд ҳам, хуб мешавад. Масалан, "Муғтаппа" гуфтанӣ ҷой дар ҳамин Фарғона ҳам ҳаст. Дар бораи ин қалъа чӣ қадар маълумот ёбеду нависед ҳам мешавад. Ё ки Дэваштичро гирем. Вақте, ки арабҳо Самарқанду Бухороро зер карда гирифтанд, Дэваштич ба ҳокими Сӯх мактуб фиристодагӣ, ки барои ёрдам аскар фиристонад. Ин мактуби Дэваштич ба ҳокими Сӯх дар ёфт шуд, ба газетаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" навишта паҳн карда будем. Агар археологҳои Тоҷикистон меомаданд, бо ҳамроҳии археологҳои Ӯзбекистону Қирғизистон кор мебурданд, бисьёр хуб мешуд.

Дар бораи маданияти тоҷикон ҳам бисьёр чизҳоро гуфтан мумкин. Лафзи тоҷикони Фарғона бисьёр ширин ва таркиби луғавии онҳо бой аст. Шумо лафзи тоҷикони Кафтархона, Аввал, Валик, Тоҷик-араб-теппа, Бӯрбаликро ба лентаи магнитофон навиштед, гӯш кунед, чӣ хел аҷоиб аст. Мо суруду таронаву ғазалу ашӯлаҳои ҳофизҳои тоҷикро дӯст медо-

рем. Вақте ки аз Тоҷикистон артистон мебиёянд, ҳамин шаҳри Фарғона аз шунавандаву тамошобин пур мешавад. Аз гирду атрофи шаҳр ҳама мебиёд. Онҳо программа доранд: Фарғона, Риштон, Сӯх. Дар худи Фарғона қариб 40-50 ҳазор тоҷикон ҳастанд, ки дар қишлоқу районҳои Кафтархона, Дамкӯл, Қалъача, Аввал, Лоғон, Чангал дар районн Қувасой-Кокулон, Мульён, Тоҷикқишлоқ ва ғ. ҳастанд. Дар вилояти Фарғона ба ҳисоби худи ман қариб 100 ҳазор тоҷик ҳаст; дар вилояти Намангон 120 ҳазор тоҷик ҳаст, қариб 50 ҳазор тоҷик дар районн Андиҷон ҳаст. Агар дар тамоми Ӯзбекистон ним миллион тоҷикон зиндагонӣ кунанд, аз он қариб 250 ҳазораш дар водии Фарғона ҳаст. Мо қариб 250 ҳазор тоҷик дорем дар ин водии Фарғона. Лекин дар бораи тоҷикони Марҳамат, Шаҳрихон, Асака ва ғ. ягон маълумоти таърихиву этнографӣ нест. Чандин сол пеш якта-дута муаллимон Усто Чаҳонов барин одамон ба Фарғона омада мерафтанд. Лекин ҳоло ҳеҷ як олим нарафтагӣ, қадам намондагӣ ҷою қишлоқҳои мо бисьёр аст.

Боз дар бораи маданиятамон мегӯям. Ин аз ҷиҳати сиёсати ҳозира нодуруст бошад ҳам, рӯирост гуфтан даркор. Барои чӣ ягонта дастаи ҳаваскорони тоҷикӣ, ягонта ансамбли тоҷикӣ дар Ӯзбекистон на дар Намангон, на дар Андиҷон, аз ҷумла дар водии Фарғона нест? Ҳатто ба забони тоторӣ ба радиову телевизор суруду рақсҳои ансамбли тоториро нишон медиҳанд, мешунавонанд; ансамбли қирғизиву қазоқӣ ҳаст, аммо барои тоҷикҳо нест. Ин масъаларо чандин бор бардоштанд. Ба наздикӣ ин масъаларо сӯхиҳо сахт бардоштанд. Онҳо конференцияи коркунони радиошунавонӣ ва телевизионро даъват карда гузаронидаанд. Дар конференция ман рафта натавонистаму мудири шӯъбаи /оид ба маданияту агитацияву пропагандаи районо/ рафта буд, дар конференция аз Тошканд одам /намоянда/ омада буд. Аз даъват карда шудани конференция, аз баромади сӯхиҳо доир ба масъалаи маданияти миллӣ ва қарори онҳо ман шунида,

ьёр хурсанд шудам. Котиби /райком/ ба тааҷҷуб омада, гуфтааст, ки гап ин? Ин ҷо тоҷикон бошанд, телевизорро оварда станцияву каашро сохта додетон - аз Ӯзбекистон, телевизоратон Қирғизистона ирад. Мо на намоишҳои Ӯзбекистонро дида метавонему на намоишҳои евизиони Тоҷикистонро? Ғайр аз тамоишҳои телевизиони қирғизистон дигар намоишҳоро дида наметавонем. Агар гирифта додани намоишҳои евизиони Тоҷикистон душвор бошад, дар назди телевизиони Ӯзбекис-якта журнали намоиши тоҷикӣ ташкил карда, ба мо нишон диҳетон. ин бора раиси совети қишлоқ Раҳимов гуфтанӣ кас ба конференция омад карда, ҷудо сахт талаб намудааст. Ӯ гуфтааст, ки барои чӣ рои ҷавонон ба забони ӯзбекӣ ва ҳатто ба забони қазоқӣ намоишҳои ксус мавҷуд асту барои тоҷикон ягон чиз ҳам нест?

Ман мехостам, ки артистони Тоҷикистон омада, дар райони мо ягон-ансамбли тоҷикӣ ташкил карда медоданд. Тарзи ташкилиаш дар асоси тиёрии ҷамъиятӣ-мӣ ё ки дигар хел роҳҳо қатӣ-мӣ, бисьёрҳо хуб ме-д. Мо дар байни халқ бисьёр суруду таронаву ашӯлаву лапарҳои аҷоибу вқовар дорем, онҳо худ барои худ месароянд. Чӣ мешуд, ки ҳофизу нандаву навозандагони пуртаҷрибаи Тоҷикистон омада, аз ҳамин а ҷавонони лаёқатнок даста ва ё ансамбли рақсу таронаҳои тоҷикӣ ашкил карда медоданд. Сурудхониву сурудшунавиро мо нағз мебинем, дамони тайёр ҳам дорем, аммо ба ҳамонҳо роҳбарӣ карда ёд медодагӣ дам нест. Ҳофизҳои Ӯзбекистон мебуроянд, ҳама ӯзбекӣ мехонанд. Дар ошканд пластинка бароварда мешавад, якта-нимта пластинкаҳо тоҷикиву игар ҳамаашон ӯзбекианд. Аз Тоҷикистон ягонта пластинкаи тоҷикӣ наме-ароранд. Кӣ моро намегузорад, ки суруду ашӯлаҳои худро дар бораи Ва-ан, модар, ишқу муҳаббат, меҳнату садоқат, дӯстии халқҳо ва монанди

инҳоро ба забони худ нахонем? Мана дар бораи Ватан ҳатто классикони мо ба монанди Камоли Хуҷандӣ навиштагӣ. Дар бораи Ватан, модар, ишқу меҳнат, дӯстии халқҳо шеърҳои хуби М.Турсунзода мавҷуданд. Шеърҳои беҳтарини классикони тоҷику форси мо бо оҳангҳои "Шашмақом": Наво, Дугоҳ, Сегоҳ, Чоргоҳ, Ушшоқ, Баёт, Бебоқча ва ғ. суруда мешуданд ва ҳоло ҳам суруда мешаванд. Аксарияти ҷавонони водии мо аз тоҷикӣ будани чунин як маданияту санъати халқи худ бехабаранд. Рӯзе аз радио мо суруди "Дугоҳ"-ро ба забони тоҷикӣ шунидем. Як одам аз ин дар ҳайрат омада: "Э, ба тоҷикӣ ҳам "дугоҳ" будааст-дия?" мегӯяд. Охир, калимаи "Дугоҳ" - худаш тоҷикӣ-ку? Аксарияти мардуми "Дугоҳ"-и ӯзбекиро шунидагӣ, аммо то ҳол "Дугоҳ"-и тоҷикиро нашунидаанд.

Савту сурудҳо рӯҳи одамонро баланд мебардорад. Мо бо сурудҳои тоҷикии худ фахр мекунем, дӯст медорем, Ҳофизон, сурудхонон, таронасароён биёянд, ҳунарнамоӣ кунанд, ҷавонони моро омӯзанд, шод мешавем.

Масъалаи дигар - масъалаи шоирон аст. Бисьёр шоирони ҷавон баромада истодаанд. Калонсолҳо гузашта истодаанд, аммо мактабҳои тоҷикии водии Фарғонаро надидаанд. Масалан, М.Миршакар ҳоло қариб пир шуда бошанд ҳам, ягон-то мактаби тоҷикии Фарғонаро надидаанд. Ва ҳол он ки дар вилояти Фарғона 35-то мактабҳои тоҷикӣ мавҷуданд. Дар як-то совхози „Сӯх" дар вақтҳои аввал 19-то мактабҳои тоҷикӣ буданд. Дар Риштон 5-то мактабҳои тоҷикӣ ҳастанд. Дар Валик, Бурболиқ, бисьёр мактабҳои тоҷикӣ ҳастанд. Дар райони Фарғона 6-то мактаби тоҷикӣ ҳастанд. Зиёда аз 10 ҳазор мактаббачаҳо ба забони худашон мехонанд. Онҳо дар китобҳои дарсӣ сурати шоиру нависандаҳоро мебинанд, бо намунаи асарҳояшон шинос мешаванду аммо худашонро ҳеҷ гоҳ надидаанд. Баъзеи шоиру нависандаҳоро мо соли 1968 Декадаи адабиёти тоҷик шуд, дар ҳамон ҷой дида будем. Охир, ҳамин хел Даҳаи

санъату адабиёт тез-тез шуда истад, шоиру нависандаҳо биёянд, бинем, сӯҳбат намоем, шод шавем.

Ӯзбекҳои чойҳои мо моро мазоқ намуда мегӯянд, ки "тоҷикон худро одамони таҷрии Фарғона ҳисоб мекунаду аммо аз аҳволу аҳволи онҳо тоҷикони худашон хабар намегиранд, бинобар он онҳо ӯзбек шуда рафтагианд, аз ҳамин ҷиҳат суруду таронаҳои тоҷикиро нашунавонем ҳам мешавад" мегӯянд, назарногирӣ мекунанд. Мо агар барои шунавониданн сурудҳои тоҷикӣ талабнома фиристонем, инҳо сурудҳои Ҳанифа Мавлонова-ро ба навор метиянд, ки он кас ҳам аксаран ӯзбекӣ месароянд. Ана ин ҳофизи тоҷик! Ин ба мо алам мекунад. Мо ба чуннин кори Ҳанифа ҳеч розӣ нестем. Шахсан ман ба чунин кор ҳеч, розӣ нестам. Мо худ ҳофизони хушхони ӯзбекисаро дорем. Ба мо ӯзбекӣ хондани Ҳ.Мавлонова лозим нест. Мо орзу дорем, ки он кас сурудҳояшонро ба забони тоҷикӣ хонанду мо мазза кунем. Овозашон нағз, қадду қоматашон нағз... Охир, ҳамон сурудҳои ӯзбекии он кас мехондагиро худи ҳофизони ӯзбек ҳам медонанд-ку? Мақсадашон ин, ки ҳамон тоҷикони дар Ӯзбекистон будагӣ хурсанд шаванд гуфта ин корро мекунанд-дия. Лекин мо аз он сурудҳо бисьёр роҳат намебарем. Артистҳои тоҷик чорто суруд хонанд ҳам - тоҷикӣ хонанд, ҳамаамон раҳмат мегӯем. Ҳанифа-апаро ин қадар ӯзбекӣ хонданаш нодуруст аст. Он кас сурудҳояшонро барои тошкандиҳо хонанд, дуруст аст. Дар водии Фарғона ягон районашро намеёбед, ки тоҷик надошта бошад. Баъзе колхозу совхозҳо сад фоиз тоҷиканд. Қаратеппа, Иштихон гуфтанӣ чойҳо сад фоиз тоҷиконанд. Дар райони Киров "Рапқон" гуфтанӣ чой ҳаст. Аслан ин ном - номи тоҷикии "Рафиқон" аст. Мардуми он чой ба пиёзкорӣ чунон шӯҳрат баровардаанд, ки ҳар як сар пиёзашон пиёла барин мана ҳамин қадарӣ мешавад. Рапқониҳо - ҳама тоҷиканду атрофиёнашон - ӯзбек. Байнашон рафту омади хуб доранд. Дар райони Комсомолӣ як совхоз ду шӯъба дошт, ки тоҷиконанд.

Дар "Охунбобоев" ҳам деҳаву қишлоқҳои тоҷикӣ ҳастанд. Боз мегӯям: роҳбарони району вилояти Фарғона барои тоҷикон ғамхорӣ мекунанд. Агар алоқаи ҳамкории байни тоҷикону ӯзбекон дар маданият, санъат, илму дониш наздиктару беҳтар мешуд, боз корамон равнақ меёфт. Масалан, пештар дар Фарғона ба забони тоҷикӣ газетаи "Фарғонаи Сурх" мебаромад; дар Риштон як рӯи газетаашон тоҷикӣ буд. Ҳоло ҳамаи инро барҳам доданд. Барои тоҷикӣ кардани онҳо боз масъала монда истодаем. Дар Сӯх якта газетаи бисьёртиражаро совхоз мебурорад, мактабро низ дар бар мегираду аммо дар бораи мактабҳо навиштан ҳақ надорад. Дигар ташкилотҳоро низ барои навиштан ҳақ надорад. Дар Сӯх як-то ансамбли тоҷикӣ ташкил карданӣ шудем, лекин дар хонаи маданияташ як одами дурусттари ташкилотчӣ нест. Писарони ҳаваскор ҳастанду духтарон нестанд. Ин масъаларо дар газетаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" сахт танқид карда баромадам. Ин масъалаҳоро дар шӯъбаи маданияти вилоят муҳокима намуданд. Албатта, камбудиҳо ҳам ҳастанд. Барои бартараф намудани онҳо ҳаракат карда истодаем. Ҳамаи инҳоро ба газетаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" менависем, вай ба ҳисоб мегирад, мақолаҳо чоп мекунад. Баъзе мақолаҳоро ҳамроҳи редактор дида баромада, чоп мекунем, баъзе мақолаҳоро барои санҷидан ва чора дидан ба маҳалҳо мефиристонем. Мо барои баланд бардоштани маданияту санъати тоҷикони Ӯзбекистонӣ кӯшиш мекунем. Чӣ қадар маданияту санъат, ҳунару эътибори тоҷикони мо баланд шавад, ҳурматашон афзояд, ҳамон қадар зиндагонӣ пеш меравад, кор осон мешавад. Ҳамаи ин бошад боз обрӯи Ӯзбекистон. Тоҷикони ин ҷо кор мекунанд барои республикаи мо, ӯзбекҳо ҳам кор мекунанд барои шаъну шавкати ҳамин республика. Ҳамаи халқҳои республикаҳо барои Ватанамон кор мекунанд. Чӣ қадар агар дӯстии халқҳои Ватанамон мустаҳкам бошад, пешравӣ ҳам ҳамон қадар осон мешавад,

корамон равнақ мейбад. То алҳол телевизори мо аз Тошканд мегираду халос. Мо ба наздикӣ масъалаи радиошунавониро бардоштем. Конференция шуд, ман бaромада танқид кардам. Нисбат ба радиошунавонии республикавӣ, радиошунавонии тоҷикии водии Фарғона ҳазор бор беҳ, гуфтам. Ўзбекҳо: "Э, нимага ундай деяпсиз?" - "Э, барои чӣ ин тавр гуфта истодаед?" гуфтанд. Барои он, ки гуфтам ман аз радиои республика барои тоҷикон 10 дақиқа вақт ҷудо мекунетон, аз ин 5 дақиқаашро барои обзори газетаи "Ҳақиқати Ўзбекистон" ҷудо мекунетон. Передачаҳоятонро хушку холӣ - халтура карда медиҳетон. Материалҳои мешунавонидагиатонро ба саҳифаҳои ҳамин газета мегиретон. Дуюм ин, ки аз маҳалҳои тоҷикнишин ягонта записи тоза нест - хушку холӣ. Радиои вилояти Фарғонаро ман ташкил кардам. Бо ин ман фахр мекунам, ки дар назди ин радио муҳаррири фахрӣ /почетный редактор/ ҳастам гуфтам. Дар байни ин ҳар ҳафтае як маротиба барои пионерон радиожурнали "Ленинчиёни Ҷавон" ҳаст. Моҳе як маротиба радиожурнали "Ҷавонӣ" ташкил кардагӣ. Дар як моҳ як маротиба радиожурнали "Муаллим" аст. Журналҳои ман ташкил карда мешунавонидагӣ калонанд, материалҳошон бисьёранд. Барои материалҳоро ба эфир додану шунавонидан 10 дақиқа вақт камӣ мекунад, рафта аз ўзбекҳову аз русҳо илтимос карда, 5 дақиқагӣ вақташонро гирифта, материалҳои тозаи тоҷикиро мегузаронам. Мо дар Фарғона ҳамин тавр кор мебарем, дар радиошунавонии тоҷикии республика ягон хели ин корҳо нест. Ҳамаи шунавониданиӣ мо бо сурудаш шунавонида мешавад, азони республика ягонта суруд ҳам намедиҳад - хушк аст. Ман дар вақташ кори бо суруд таъмин кардани радиои Фарғонаро ташкил карда будам. Аз Тоҷикистон рафта қариб 50-то сурудҳои тоҷикии Ҷурабек Муродов, Боймуҳаммад Ниёзов ва дигаронро навишта оварда будам, вале онҳо каманд. Ба мо сурудҳои тозаи ҳо-

физони тоҷик лозиманд. Аз Шумо хоҳиш мекунам, ки ин масъаларо ба шахсони даҳлдор рафта гӯед, ба Фарғона ҳофизони хушхонро фиристонанд. Онҳо омада ба ғайр аз программаро иҷро намудан, боз ба радиои мо ҳам баромад кунанд, якта-дута сурудашонро навишта гирем. Дар театр рафта сурудҳоро навишта гирем, вай барои радиошунавонии мо намешавад, чунки одам бисьёр, овозҳои ҳархела халал мерасонанд. Овози онҳоро дар радиоузель навишта гирем нағз, тозаву беғубор мебароянд.

Дар масъалаи нишон додани киноҳои тоҷикӣ дар соли 1969 обком қарор карда буд. Дар он қарор нишон дода шуда буд, ки дар мактабҳои тоҷикӣ кинофильмҳои тоҷикиро оварда, нишон дода шаванд. Барои иҷрои ин қарор ман ҷангу ҷанҷол кардам, баъзеи он киноҳоро ба Риштон овар-да, нишон дода буданд. Онҳоро ба Сӯх набурдаанду бо гуфти якта аҳмақ аз Риштон гардонда фиристондаанд. Дар байни 10-15 сол дар ягон мактабҳои водии Фарғона ягонта кинофильмҳои тоҷикӣ нишон додагешон нест. Мо талабнома /заявка/ ҳам додем, чанд бор худам ҳам рафта гуфтам. Дар шаҳр аслан лентаи кинофильмҳои тоҷикӣ нест, бинобар он ба мактабҳо ҳам намефиристонанд. Дар шаҳр ин хел фильмҳо бошад ба мо мефиристонанд, набошад аз куҷо фиристонанд? Барои мактабҳо ва аҳолии Фарғона киноӣ тоҷикӣ нест. Аммо намоиш додани онҳо барои мо ҷудо ҳам зарур аст. /Пас С.Исмоилов дар бораи мавқеи географӣ ва иқтисодии Фарғона маълумот дод/. Чӣ хеле, ки дидед, дар водии Фарғона тоҷикон бисьёранд, аммо барои таълиму тарбияи фарзандони онҳо муаллимони тоҷик намерасанд. Алалхусус, ба мо муаллимони химия, математика, физика, таъриху география ниҳоят заруранд. Баъд, мо ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ зарурат дорем. Асоси таълиму тарбияро дар синфҳои ибтидоӣ гузоштан зарур аст.

x x x

Охирин сатри суханони Султоналӣ Исмоилов низ дар роҳи барқаро-

рии мактабу маданият ва барои худшиноссии миллии мо, тоҷикон, буд. Сухани пеш аз марг... Дили бузургат, номи некат ёдгор бод ба мо, марди некниҳод. Кош ту барин дилогоҳон бештар мебуданд. Бубахш, ки дар мақолаи "То ба кай об аз тагиях меравад?" барои ҳарифони нолоиқ ҷой ёфт шуду барои ту не. Бубахш, ки то ҳозир мазори туро зиёрат накардаам, сари қабрат дусе нахондаам, гуле нагузаштаам. Рӯзе мерасад, ки ман ба суроғи фарзандонат меравам. Оё онҳоро меёфта бошам?!

27-уми январи соли 1988 дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" зери унвони "Гӯшаи муҳаррир" хабари муҳиме нашр шудааст. Дар он аз мулоқот бо А.Додобоев мағзи суханҳои котиби идеологии КМ ПК Тоҷикистонро оид ба алифбои классикии тоҷикон чоп кардаанд.

Дар Озарбойҷон воқеаҳои Кӯҳистони Қаробоғ сар шуд.

29 январи соли 1988. Соати 15^{10}, редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон". Дар яке аз утоқҳо Зафар Саидов нишаста мақолаамро тарҷума мекунад. Мақолаи Г.Уроқова ба эрод гирифтан ҳам намеарзад. Лекин бояд хотиррасон шавад, ки тамоми фитнакориҳо дар олами кабир аз эроди сағир ба майда-чуйда, аз хиёнати одамони дастнишондод сар мешавад. Ва фардо бояд мақолаҳои онҳо нашр шавад. Он гоҳ дер хоҳад шуд. Ба нашри ин мақолаҳо набояд роҳ дод.

Дар шоҳидии Ато Ҳамдам, Додоҷон Атовуллоев ва Ҷиронбек Шарифов ба котиби КМ ЛКСМ А.Норматов телефон кардам. Сабаби асосии ба ӯ занг заданам он буд, ки барои чоп кардани мақолаҳои З.Саидов ва Г.Уроқова, ки ба муқобили ғояҳои "То ба кай об аз таги ях меравад?" нигаронида шудаанд, шахсан А.Норматов роҳбарӣ мекард.

Ман ба Алишер Норматов барои мусоҳибаи телефонӣ ташаккур мегӯяму ~~гӯшак~~ гӯшакро ба ҷояш гузоштам. Ба Ато, Додоҷон ва Ҷиронбек

нигаристам. Хомӯшии гароне ба миён омад.

— Ато, - мурочиат кардам ба мухаррири "Комсомоли Точикистон"-ба ман ним соат мӯхлат дихед ба З.Саидов ва Г.Урокова чавоб нависам, хохед ба машинистка ~~зальёд~~ дикта мекунам.

— Баъд менависед, - бепарвоёна чавоб дод ӯ.

— Баъд дер мешавад, - посух додам, - мо вактро аз даст дода истодаем. Хозир дар як сахифа пурра маколахои тарафдори "То ба кай об аз таги ях меравад?" - ро чоп кардан даркор...

Ато Хамдам ба ин маслихат розӣ нашуд.

Мазмуни сӯхбати мо бо Алишер Норматов бисьёр мухим аст. Намедонам А.Норматов медонист ё не, ба хар хол тамоми сирру асрори КМ-и партия ва КМ ЛКСМ Точикистонро фош кард. Ин бисьёр хуб аст. Аз тараф дигар ман навз медонистам, ки "дирежёр"-и паси парда кӣ буд ва боз онхо дар ин команда кор мекарданд. Аз услуби маколахои мукобил ва маколахои омадаи нашр чунин бармеомад, ки "мухаррир"-и номаълуме хеле мехнат сарф мекунад, вале ӯ намефахмад /ва ё фахмидан намехохад/, ки имрӯз бо услуби солхои 30-юм халкро гумрох кардан душвор аст.

Боз як чихати масъала. Дар ин давра котиби якуми КМ ЛКСМ Точикистон Р.Олимов дар Маскав буд ва хама гумон мекарданд, ки ӯ ба ин корхо алокае надорад. Ва хол он ки Р.О.Олимов аз фаъолтарин одамоне буд, ки дар рохи иғво андохтан ва мисли лӯхтак истифода бурдани аппарати КМ ЛКСМ Точикистон чонбозӣ мекард.

<u>31-уми январи соли 1988</u> дар рӯзномаи "Комсомоли Точикистон" маколахои Г.Урокова ва З.Саидов нашр шуд. Муаллифи маколаи Г.Урокова кист на хама медонанд. Охир, кӣ бовар мекунад, ки донишчӯи ~~кадом~~ кадом институт ин кадар "фалсафафурӯшӣ" кунад? Ман доимо ба интихобу чоба-

чогузории кадрҳо дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон, ки зинаи аввали ҳокимият аст, қоилам. Ана, дар ҳамин ҷо ҳоло як "мутахассис" /ва ӯ танҳо нест!/ оянда, ки пайгири Файзулло Хоҷаев ва Абдулло Раҳимбоев хоҳад шуд, кор мекунад. Ӯ аллакай дар тайёр кардани мақолаи муқобил бо имзои як нафар духтар, ки аъзои КМ ЛКСМ аст, "хизмати хирсона"-е дар роҳи гумроҳ сохтани миллати тоҷик ба харҷ дод. Ин "кори" ӯ, албатта, қадр мешавад. ~~Аз эҳтимол~~ миллат /чӣ хеле ки ҳозир мардум дарк кардаанд/ ба хиёнатҳои фарзандони дурӯяаш дертар баҳои муносиб медиҳад.

Вале имонам комил аст, ки ин хел "паканаҳо" дер ё зуд рӯи об мебароянд. Онҳо барои мансаб тайёранд, ҳатто, ~~модари худро~~ ҳамаро фурӯшанд. Худшиносии сохта ва тасаввуроти умумии онҳо танҳо дар як нуқта гирд омадааст: зиндагии ман нағз гузарад, авлодам эмин бошад ва ғ. Миллати моро харобсохтагон, муттаҳам ва дурӯя тарбиякардагон низ аз ҳамин табақа мебароянду нумӯ мекунанд. Чӣ бадбахтӣ ~~ва~~ чӣ даҳшат!

Бегоҳӣ ин мақоларо анҷом додам, ки бо илҳом дар як они воҳид тайёр шуд.

"БА ҲАМА НАҒМАИ НОЧӮР ДИЛАМ МЕСӮЗАД..."
Ё ХУД МАКТУБИ КУШОДА БА КОТИБИ КМ ЛКСМ ТОҶИКИСТОН

А.НОРМАТОВ

6 январи соли ҷорӣ дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" чоп шуд. Ин мақола маҳсули нимсолаи кори банда буда, баробари нашри вай ман интизор ~~будам~~ доштам, ки роҷеъ ба он гуфтугӯи беғараз ва ошкоро ба миён меояд. Як қатор пешниҳодҳои баёнкардаро ман дар тарозуи хирад борҳо баркашидам. Алғараз, нияти ман аз нашри мақола беҳбудии кори тарбия ва тарғиби атеистию интернационалӣ, ваҳдати онҳо буд. Вале бо гузашти рӯзҳо миш-миш дар атрофи мақола зиёдтар шуд. На ҷои гуфтугӯи илмӣ тавассути телефон

ва баъзан дар маъракаҳо ба ман ишораҳо зиёдтар шуданд. Ва аз ҳама аҷоибаш он ки аз КМ ЛКСМ Тоҷикистон таъҷилан матни русии мақоларо талаб карданд. Табиист, ки матни русии мақола набуд, онро аз тоҷикӣ тарҷума кардан лозим аст. 22 январь мақола бо кӯшиш ва кӯмаки баъзе рафиқон, аз ҷумла З. Саидов ва У.Бобохонов ба забони русӣ гардонда шуд. Ва ҳамин ки мақола ба русӣ тарҷума шуд, муаллифи он ба бало монд. Намедонам бо чӣ сабаб роҳбарияти КМ ЛКСМ Тоҷикистон ва пеш аз ҳама шумо, рафиқ А.Норматов, кӯшиши зиёде ба харҷ додед, ки акси садои хонандагон ба мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" дар рӯзнома чоп нашавад. 28 январь шумо бо якҷоягии кормандони масъули КМ ЛКСМ Тоҷикистон Н.Матқулов ва З.Саидов ба редакция омада, нашри мактубҳои ба унвони мақола ҷамъомадаро манъ кардед. 29 январь бошад, шумо боз ба редакция омада, ~~ба таври таъҷилӣ нашр кардани~~ нашри таъҷилии ду мақолаи тайёршударо талаб кардед, ки якеаш ба аъзои бюро ва дигараш ба инструктори КМ ЛКСМ тааллуқ доштааст. Шумо бисъёр мехостед, ки мақолаҳои рафиқон Г.Уроқова ва З.Саидов бе нишон додани ҷои корашон дар рӯзнома чоп шаванд. Чаро?! Аз тайёр шудани мақолаҳо ҳатто мудири шӯъбаи маънавиёти рӯзномаро ҳам хабардор накардед /шояд муносиб надидагистед/.

Он рӯз ман муҳаррир ва кормандони рӯзномаро хеле мушаввашхотир дарьёфтам. Тафсилоти майда-чуйдаро як сӯ гузошта, рӯзи ҷумъа 29 январь баъди нисфирӯзӣ ман ба шумо, котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон рафиқ А.Норматов бо телефони 22-33-93 занг задам. Баъд аз саломy алейк ва шинос кардани хеш суҳбати мо чунин сурат гирифт:

Мирбобо Мирраҳимов. - Рафиқ А.Норматов! Маро бо ҷавобияи З.Саидов дар идораи рӯзнома шинос карданд, мақолаи дигарашро ҳанӯз нахондаам. Азбаски ин мақолаҳо бо кӯшиши шумо тайёр шудааст ва ба

муқобили навиштаҳои ман равонаанд, хуб мебуд, ки ба тарзи кӯтоҳ, баъзе ҷавобҳои банда низ дар паҳлуи онҳо нашр шавад.

А.Норматов. - Не, шумо фикратонро гуфтед, мо бояд "линияи ЦК"-ро гӯем.

М.М. - Дар сурати "линияи ЦК" будани мақолаҳо бояд ҷавоб гуфт. Инро мантиқи кори шумо тақозо мекунад.

А.Н.- Не. Ин газета органи ЦК комсомол.

М.М. - Органи КМ ЛКСМ Тоҷикистон монополияи шахсии шумо нест-ку?

А.Н. - Медонед! Ин мақолаҳо "позицияи ЦК партия ва ЦК комсомол аст".

М.М. - Ба фикрам, бо номи "ЦК партия" ҳар гапро гуфтан кори хуб нест.

А.Н.- Шумо аъзои партия?

М.М. - Не. Ин суоли шумо ба гуфтугӯи ҳозира чӣ дахл дорад?

А.Н. - Ман аъзои партия. Ман фарзанди партия...

М.М. - Биёед ин гуна даъвоҳоро як сӯ монем.

Шумо ақидаи хешро бо номи КМ напӯшонед. Ба ҳама маълум, ки мақолаҳои мазкур бо роҳбарӣ ва дахолати бевоситаи Шумо, котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон, тайёр шудааст. Ва Шумо шахсан ба редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" омада, барои чоп намудани онҳо кӯшиш карда истодаед?

А.Н. - Ин "линии ЦК" фаҳмидед?

М.М.-Охир, шумо "ЦК" нестед, рафиқ А.Норматов.

Чаро аз номи худ гап намезанед?

А.Н. - Ин "линияи ЦК". Мақолаҳо бо маслиҳати "ЦК" партия навишта шудагӣ ва "линияи ЦК"-ро ифода мекунад!

М.М. - Маҳз барои линияи шумо будани мақолаҳо онҳо ҷавоби маро тақозо мекунанд. Агар ин мақолаҳо фикри хонандагони рӯзнома мебуд, ман ҷавобе наменавиштам.

А.Н. - Ман намемонам ки ин хел шавад. Шумо фикратонро гуфтед, бояд мо ҳам гӯем, гапи "ЦК"-ро.

М.М. - Чаро шумо фақат "ЦК"-ро ном мебаред? Чаро ягон бор ҳам фамилия ё номи худатонро намегиред?

А.Н. - Мо бояд "сиёсати ЦК"-ро пеш барем.

М.М. - Дар сурати аввал чоп шудани мақолаҳои муқобили маро лозим меояд, ки ба чопи мақола дар нашриёҳои марказӣ розигӣ диҳам. Он гоҳ оқибати кор нек нахоҳад шуд ва шумо бояд аз гапатон нагардед.

А.Н. - Ман гуфтам, ин "линияи ЦК" аст ва мо намегардем. Котиботи "ЦК" тасдиқ кардааст.

М.М. - Линияи КМ не, балки кӯшиши шахсии шумо рафиқ А.Норматов! Кӣ ба шумо ҳуқуқ додааст, ки аз номи Комитети Марказии партия гап занед?

А.Н. - /паузаи кӯтоҳ/

М.М. - Сониян, бояд суол намоям, ки чаро аввал мақолаҳои муқобил чоп мешаванд?

А.Н. - Мо бояд "линияи ЦК"-ро пеш барем. Ин мақолаҳо ва мақолаи шуморо дар бюрои ЦК муҳокима мекунем.

М.М. - Чаро қариб як моҳ боз ба нашри мактуб ва дигар акси садоҳои ба мақолаи ман омада иҷозат намедиҳед!

А.Н.-Мо бояд аввал муносибати "ЦК"-ро ба мақолаи шумо гӯем.

М.М. - Оё ин поймол кардани ошкорбаёнӣ нест?

А.Н. - Не.

М.М. - Ба нашри мактуб ва мақолаҳои ба тарафдории "То ба кай об аз таги ях меравад?" омада иҷозат медиҳед ё не?

А.Н. - Иҷозат медиҳем. Танҳо баъди нашри ин мақолаҳо /мақолаҳои Г.Ӯроқова ва З.Саидов - шарҳи ред./

М.М. - Хулоса, дар шумораи арӯзи якшанбе 31 январь танҳо мақолаҳои муқобили ман, ки бо кӯшиши шумо тайёр шудааст, чоп мегардад?

А.Н. - Ҳа, танҳо мақолаҳои дар "ЦК" тасдиқшуда чоп мешаванд?

М.М. - Сухани ман тамом. Шумо ягон гап доред ба ман?

А.Н. - Не.

М.М. - Ташаккур барои гуфтугӯ.

Ин гуфтугӯро маҳз барои он пурра овардам, ки тафсилот ё худ механизми иншои мақолаҳои Г.Уроқова /чаро фамилияи аъзои бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон бо суханони дар Пленуми Ш КМ ЛКСМ Тоҷикистон "Аҷибаш он ки ба кӯдак номи пеш фикр карда не, балки қариб номи предмет, ҳайвонот ё мурғи ба чашмашон афтодаро медоданд", таъкид гардид, мувофиқ афтодааст/ ва З.Саидов ба хонандагон равшан гардад. Ва ҳоло ба мақолаи "Роҳи дигар нест" рӯ меорем.

Дӯсти азиз З.Саидов! Мақолаатонро хондам. Бисёр хуб. Ба ифодаи "экстремизми атеистӣ" эрод гирифтаед ва навиштаед, ки ба фикри шумо "кӯшиши ба фазои /чӣ калимаи фалсафимонанде - М.М./ илмӣ-пропагандистӣ дохил намудани мафҳуми "экстремизми атеистӣ" кӯшиши бебарор ва ба иштибоҳ андохтани хонандагон аст". Минбаъд мақоларо бодиққат хонед ва ибораеро аз ҷумла ҷудо карда ҳадаф қарор надиҳед, ки аз рӯи одоби танқид набуда ба таҳрифкорӣ даст задан аст. Сонияи, ҷумлае, ки мафҳуми "экстремизми атеистӣ"-ро аз он гирифтед, бо ~~ширифти~~ хатти сиёҳ нашр шуда пеш аз мафҳуми боло "зиёда аз ин вальгаризми маъмуриятчигӣ ё худ"... омадааст, ки ба ҳар як шахси босавод фаҳмост, ки банда на онро ба ягон кас бор карданӣ, балки баръакс ~~ҳақиқати реалии~~ воқеияти ҳаёти моро дар мафҳумҳо инъикос намудан мехоҳам. Худи шумо ҳам инро хуб мефаҳмед/ охир, шумо бо ихтисоси

"атеизми илмӣ" аспирантураи УДТ-ро хатм кардаеду имрӯзҳо бошад пайгирона барои дифои рисолаи илмӣ бо ихтисоси "Материализми диалектикӣ ва таърихӣ" кӯшиш доред/. Ман аз овардани мисолҳои зиёде аз боби вайрон кардани принципҳои ленинии озодии виҷдон аз тарафи органҳои маҳаллӣ ва маъмурони алоҳида худдорӣ менамоям, зеро ин аъмол чандин саҳифаро банд мекунад. Худи шумо аз ҳодисаи бо бульдозерҳо несту нобуд кардани "ҷойҳои муқаддас" дар ноҳияи Ҳисор бохабаред ва бо илтимоси банда ҷавоб нагуфтед ва пинҳон доштед, ки дар кадом деҳаи Ҳисор ин ҳодиса рух додааст. Ба иловаи ҳамаи ин набояд фаромӯш кард, ки қонунияти советӣ оид ба дину оин дар давраҳои наздик бояд такмил дода шавад. Зинда монем, боз аз паҳлуҳои нави маъмуриятчигӣ бохабар хоҳем шуд. Хуб мебуд, ки пеш аз навиштани - "чунки тафсири беҳад васеъ ва худсаронаи мафҳуми "экстремизм" дар шуури қисми аз ҷиҳати сиёсӣ хоми /пухтагиҳо чӣ кор кунанд? - М.М./ ҷавонон ва дигар категорияҳои аҳолӣ метавонанд дар хусуси гӯё дар СССР вуҷуд доштани ду "синф" - диндорон ва атеистон, "давлати атеистӣ", "диктатураи атеизми давлатӣ", "атеистони давлатӣ" тасаввуроти нодурусте тавлид созад", каме мулоҳиза мекардед, ки ибораҳо мафҳумҳои дар нохунак овардаи шумо дар мақолаи ман нест ва буда ҳам наметавонад. Зеро ман мисли шумо ҷасорат надорам, ки мафҳумҳои антикоммунистони хориҷиро ба дӯши дигарон бор кунам. Ва агар худи шумо тарафдори мафҳумҳои боло бошед ва онро исбот кардан мехоҳед, пас марҳамат ба майдони илм. Мехостам танҳо як нуктаи муҳими атеизми марксистиро хотиррасон намоям, ки мо на ба муқобили диндорон, на ба шахсияти онҳо расидан, балки барои онҳо, аниқтараш барои бо худ бурдани онҳо дар сохтмони ҷамъияти коммунистӣ кӯшиш мекунем. Ва мазмуни ин нуктаро бо ҳикмати суфтаи халқи тоҷик" одам ба одам зиндааст" хеле

равшан ифода карда метавонем. Сониян, хайрият, ки навиштаҳои банда ба миёнаи солҳои 30-юм рост наомад, вагарна ин даъвоҳои шумо барои кушодани делои ҷиноятӣ сабаб мегардид, ки маро ба бисьёр гуноҳҳо айбдор мекарданд ва собиқ прокурори Генералии СССР Андрей Януарьевич Вышинский ҳукми қатъии хешро мебаровард. Он солҳо низ фаҳш ба ҷои далел овардан бори аввал на дар зали суд, балки дар саҳифаи матбуот садо дод. Махсусан он ҷо то суд ба ҷои суд – аз ҷиҳати психологӣ тайёр кардани афкори умум ба он зарбе, ки дирижёр пешниҳод карда буд, оғоз ёфт"[1]. Барои боз ҳам равшан намудани масъала /ва шумо метавонед барои ин нуқтаҳо ба ҷойҳои дигар ҳам нависед/ овардани суханони ба тозагӣ таъкид кардаи директори Институти атеизми илмии Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии назди КМ КПСС, доктори илми фалсафа, узви вобастаи АИП СССР В.И.Гараджаро аз шумораи нахустини соли 1988-уми маҷаллаи "Наука и религия" дар нусхаи асл зарур донистам: "Установка на полное преодоление религиозности на нынешнем этапе развития и уровне зрелости нашего общества представляет собой" "забегание вперед", противоречит реалистическому подходу, к которому призывает нас партия; нетерпеливое стремление" покончить" с религией выливается в пресловутое администрирование, противоречащее ленинским принципам отношения к религии" /барои шумо ба зераш хат кашидем-М.М./ Сониян, истилоҳи "экстремизми атеистӣ" кайҳост, ки дар байни мутахассисони атеизми илмӣ маълум ва машҳур аст.

Акнун чанд сухан доир ба қалин. Дар мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад": "роҷеъ ба "қалин" дар омади гап ишрае рафтааст халос. Ва, алалхусус, ҳадаф аз он ки оё "қалин" ба ислом тааллуқ дорад ё не? Шумо бошед, дӯсти азизам, барои ду бор калимаи "қалин"-ро

---

1. Ниг.: Литературная газета, 27 январи с. 1988 с. 13.

истифода бурдани ман чандин саҳифаҳоро сиёҳ кардаед. Бояд хотиррасон шавед, ки "қалин" ба тамоми миллати тоҷик хос нест. Зиёда аз он, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳое /ман Осиёи Миёнаро дар назар дорам.- М.М./ ҳастанд, ки ин мафҳуми дӯстдоштаи шуморо ба табъи хеш таҳқир мешуморанд ва аз он мояи ифтихор кардани шумо барабас аст. Ё худ ман ҳаммуаллифи шумо Ҷ.Қобиловро танқид карда, "пишаки ягон касро пишт"- гуфтам? Ҳа, дарвоқеъ, шумо солиёни дароз дар УДТ ба номи В.И.Ленин аз фанни атеизми илмӣ дарс гуфтаед ва бо ман борҳо ҳамсӯҳбат ҳам шудаед. Пас, агар шуморо дар қатори Х.Давлятмендов барин устодони ин фан ҷой надода бошам, узр мехоҳам. Чаро шумо чун генератори идеяҳои нав дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон оид ба пешниҳодҳои банда чизе нагуфтед? Маҳаки асосии мақолаи банда дар пешниҳодҳо буд, ки бо ранги сиёҳ чоп шудааст.

Мӯҳтарам З.Саидов! Як сол пеш, вақте, ки шумо муаллими кафед-

раи атеизми илмии УДТ ба номи В.И.Ленин будед, дар мақолаатон" Принципи социалистии озодии эътиқод /?/ ҳамчун омили инкишофи озодии маънавӣ" навиштаед: "К.Маркс дар "Танқиди программаи Гота" дар ин бобат хеле амиқ мулоҳиза ронда, фарқияти "озодии эътиқод"-и буржуазиро аз талаботи коммунистӣ ба ин мавзӯъ нишон дода буд"[1]. Барои хонандагони гиромӣ ман аз "Танқиди программаи Гота" суханони К.Марксро айнан мисол меорам, то худи онҳо битавонанд аз омоли таҳрифкоронаи шумо хабардор шаванд. К.Маркс навиштааст: "Аммо партияи коргарӣ, мебоист аз ин фурсат истифода бурда, эътиқоди худро изҳор мекард, ки "озодии виҷдон"-и буржуазӣ танҳо равобинӣ аст нисбат ба ҳама гуна озодии динии виҷдон, на зиёдтар аз ин, лекин вай, яъне партияи коргарӣ бошад, баръакс кӯшиш дорад

---

1. Ниг.: Уфуқҳои илм, Душанбе - 1986, № 4, саҳ.70.

виҷдонро аз афъюни динӣ халос кунад"[I].

Айб аст, ки муҳаққиқе чун шумо оид ба атеизм фарқи оддитарин мафҳумҳоро надонад. Агар дару деворҳои бинои Шуъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон забон медошт, шояд гувоҳӣ медод, ки шумо ва ҷараёни навиштани мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" хеле хуб огоҳӣ дошед. Ҳатто ҳар гоҳ ки сухан аз камбудиҳо мерафт, шумо мушти худро гиреҳ карда, "кӯфтан даркор", "задан даркор" мегуфтед. Хайрият, ки ман "маслиҳатҳои бародаронаи" шуморо нагирифтаам ва касеро на кӯфтаму на задам, балки ~~хеле меҳрубонона~~ бо камоли ҷиддият камбудиҳоро нишон додам.

"Андешаҳои ман" ном мақолаи аъзои бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон Г.Уроқова ба ҷавоб гуфтан ҳам намеарзад. Танҳо маслиҳат додан мумкин: китоби хеле арзандаи "Великий Октябрь в исторических судьбах таджикского народа", ки ба наздикӣ нашриёти "Ирфон" /соли 1987/ аз чоп баровард ва ҳоло дар фурӯш ҳаст, гирифта хонед. Дар саҳифаи 12-уми китоби зикршуда омадааст: "Таджикская интеллигенция, воспитанная в новометодных школах в захваченная идеями джадидизма оказалось под влиянием пантюркизма. Многие и после Октябрьской революции не смогли освободиться от этой реакционной, антинародной идеи и становились ярыми пантюркистами, препятствовавшими проведению ленинской национальной политики Коммунистической партии в отношении таджикского народа, его языка, культуры и территории."

Оё дар навиштаҳои аъзои бюрои КМ ЛКСМ эҳёи тозаи ғояҳои кӯҳнаро мушоҳида накардед? Ман ҳам не. Вале...

Г.Уроқова навиштаанд, ки алалхусус, ин дар мавриде, ки сухан аз муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мерасад, бараъло ба назар мерасад. Дар ин ҷо проблемаҳои ҷиддӣ мавҷуд бошанд, пас, чӣ бояд кард? Охир, Ҷабраил ба мову шумо барои ҳалли ин проблемаҳо сурӯш намеорад, балки маҳз худи мо бояд онро ҳал

I. Маркс К., Энгельс Ф. Асарҳои мунтахаб. - Душанбе, 1965. - ҷ.2.-С.29

намоем. Ба ростӣ, ман аз саводи тоҷикдониатон чунон ҳаловат бурдам, ки аз ҷумлаи зерин: "баръакс, донистани забони халқи дигар, ҳурмату эҳтиром кардани дӯстон дар байни тоҷикон анъанаи нек аст, ки банда низ парвардаи ин обу ҳавоям ва аз он ифтихор дорам" хулосаи "илмӣ" баровардаед, ки "магар мутолиаи ин гуна чизҳо барои халқи ӯзбек таҳқиромез нест? "Офарин, сад офарин ба саводнокиатон ва маслиҳатгарони шумо! Бори дигар ҷумлаи маро хонед, баъд ба ягон бародари ӯзбек хонда диҳеду пурсед, ки оё ӯ аз суханҳои боло таҳқир дид?

Боз аз ҳамон китоби "Великий Октябрь в исторических судьбах таджикского народа" як факти илмие мисол меорем: "Таджики к моменту Октябрьской революции составляли 90% рабочих хлопкоочистительных заводов, высок был их удельный вес и на других промышленных предприятиях Туркестана и Бухары. Они непосредственно знакомились с членами Российской социал-демократической партии, с революционными идеями марксизма - ленинизма".

"Магар мутолиаи ин гуна чизҳо барои худи халқи ӯзбек таҳқиромез нест?" - шояд аз нав фарьёд занад Г.Уроқова! Офарин, аъзои бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон! " Омӯзед, омӯзед ва боз омӯзед!" гуфта буд доҳии аъзам В.И.Ленин. Шумо китоби номбурдаро омӯзед ҳам кифоя.

Бо амри тасодуф аз мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" чанд саҳифае ихтисор шуда буд. Ва агар он саҳифаҳо кӯтоҳ намешуданд, шояд З.Саидов ва Г.Уроқова мисли "лӯъбатакону фалак лӯъбатбоз" ба мақола эродгирӣ намекардаанд. Ҳоло он саҳифаҳоро пешкаши хонандагон менамоем, бигузор Г.Уроқова аз он дар ҳайрат намонанд:

Дар Ӯзбекистон сиёсати зиддитоҷикӣ, инчунин антисемитизм бур да мешавад. Моҳияти шовинизми бузурги ӯзбекӣ дар чунин самтҳо зоҳир мегардад: I. Нашри асарҳои ходимони гузашта, ки дар вақташ

ба миллатчигӣ ва пантуркизм гунаҳкор шуда буданду имрӯз сафед гардидаанд/ пеш аз ҳама Ф.Хоҷаев, ки дар вақташ ба ҳаракати пантуркистӣ ба муқобили тоҷикон роҳбарӣ мекард/.

Гап дар сари нашр не, балки дар он аст, ки ин асарҳо бе шарҳу муқаддимаи зарурӣ, баҳои марксистӣ, тавзеҳоти илмӣ - таърихӣ чоп мешавад. Ва ҳол он ки аксарияти онҳо дар давраи инкишофи пантуркизм бо мақсади густариши вай иншо шудаанд.

2. Минбаъда манъ кардани доираи истифодаи забони тоҷикӣ дар Ўзбекистон. Ин кор бо роҳи манъ кардани фурӯши китобҳои тоҷикӣ, китобҳои дарсии тоҷикӣ, рӯзнома ва маҷаллаҳо, кам кардани мактабҳои тоҷикӣ ба амал бароварда мешавад. /барои собит намудани ин ҳақиқати равшан маълумоти статистикии шумораи мактабҳои тоҷикиро дар вилоятҳои Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва дигар мавзеъҳо байни солҳои 1940-1982 муқоиса кардан кифоя аст/. Далел меоранд, ки китобҳои дарсии тоҷикӣ дар мактабҳо намерасанд. Ҳақиқатро гӯем, Вазорати маорифи РСС Ўзбекистон ба таври сунъӣ аз ~~заказаи~~ фармоиши китобҳои дарсии тоҷикӣ худдорӣ менамояд. Сониян, гӯё бо забони тоҷикӣ хондан оянда надошта бошад ва падарону модарон~~шонро~~ намехоҳанд, гӯё забони тоҷикӣ дар ин минтақа аз Эрон /!/ омада бошад ва ғайраю ҳоказо. Дар мактабҳои олии Ўзбекистон бошад, дар вақти қабул бо забони ӯзбекӣ иншо талаб карда мешавад. Дар Тоҷикистон дар институтҳои педагогии шаҳрҳои Душанбе, Ленинобод, Қӯрғонтеппа муаллимони ҳамаи фанҳо бо забони ӯзбекӣ тайёр карда мешаванд. Ҳамчунин дар техникуму омӯзишгоҳҳо низ таълим ба забони ӯзбекӣ ҷорист.

3. Яке аз ҷиҳатҳои хоси сиёсати хотирнишонщуда кӯшиши таърихи фарҳанги тоҷиконро бо номи хеш навиштан, махсусан онҳое, ки зодаи Бухоро ва Самарқанд ҳастанд. Ин амал навъе аз истеъмори фарҳанг аст.

Инчунин ба ҳама равшан аст, ки солҳои 20-30 ҳазорон -ҳазор тоҷикони Бухорою Самарқанд ва бисьёр дигар мавзеъҳо ба таври ғайриқонунӣ поспорташонро дигар кардаанд, яъте зӯрбазӯрӣ миллати онҳо "ӯзбек" навишта шудааст. Имрӯз на танҳо онҳое, ки дар Ӯзбекистон, балки дар Тоҷикистон ё дигар ҷойҳо истиқомат доранд ва фарзандону наслҳои ояндаи онҳо наметавонанд, ки ҳуқуқи миллиашонро барқарор намоянд. Ва таклифи ман он аст, ки дар рӯйхатгирии навбатии аҳолӣ ин рафтори зиддиконституционӣ бояд бартараф шавад ва "ҳақ ба ҳақдор расад". Ба шумо, мӯҳтарама Г.Уроқова, маслиҳат медиҳам, ки минбаъд номзадчаҳои илм не, балки ягон доктори илм ё профессори пуртаҷрибаро оид ба муносибатҳои миллӣ машваратӣ гиред, шояд, ки ёддоштҳои шумо бомаънитар бароянд.

Рости гап, ин нуктаҳо мисли ҳақиқатҳои кулл чунон равшан ва маълуманд, ки аз таъкиди онҳо шарми кас меояд. Дар кӯчаю паскӯчаҳо, сӯҳбату маҷлисҳо хосу оммебинанд ва мегӯянду мешунаванд. Пас, чаро Г.Уроқова, дидаю диниста сафедро сиёҳ карданӣ ҳаст ва чунин фалсафафурӯширо ба худ эб мебинад:

"Пас, барои чӣ имрӯз мо аз ҳамаи ин сарфи назар карда, бе ҳеҷ гуна далелу бурҳон/?/, аз хусуси саҳву хатоҳо дар рафти тақсимоти миллӣ - ҳудудии халқҳои Осиёи Миёна сухан ронем?" Чаро сухан наронем? Хоҳари азиз Г.Уроқова! Мегӯянд, ки то нашри мақолаи банда низ ба КМ партия аз номи мардуми Шофиркони Бухоро мактуби илтимосие омада будааст, ки дар он аз боби мактабу тадрис ба забони тоҷикӣ сухан мерафтааст. Бо таассуф маро хондани он мактуб насиб нагардид. Шояд худи шумо онро хонда, хулосае бароред.

Мантиқи суханронии Г.Уроқова аз нутқи котиби КМ ЛКСМ кам нест. Аҷабо, аъзои бюрои КМ ЛКСМ масъалаҳои миллиро ҳамин қадар нағз фаҳмаду чаро то имрӯз хомӯш бошад?

Дар охир мехостам боз ба шумо рафиқ А.Норматов муроҷиат намоям. Ҷавобияҳои аъзои бюро Г.Уроқова ва инструктори КМ ЛКСМ Тоҷикистон З.Саидов хеле бемағзона навишта шудааст. Ман ба ҳар як эроди онҳо даҳҳо далели илмӣ оварда метавонам, ки пояю буньёди фикрашонро ба бод медиҳад. Инчунин шубҳаовар аст, ки чаро ин мутахассисони КМ ЛКСМ Тоҷикистон ба видеофильми Е.Кузьин, ки дар Пленуми Ш КМ ЛКСМ нишон дода шуд ва хеле иштибоҳомез буда, алҳол овозаи фаҳшиёташ аз "Подоши хиёнат" баландтар аст, чизе нагуфтаанд? Хулоса, ҳам Г.Уроқова ва З.Саидов" маззаро аз қайла гузаронданд". Пас, биёед ба як қарор оем. Ман шумо, котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон, ки кори идеологияро пеш мебаред, ба мубоҳисаи телевизионӣ даъват менамоям. Мавзӯи мубоҳиса "Тарбияи атеистӣ ва интернационалӣ дар замони бозсозӣ. Проблема ва мулоҳиза". Мубоҳиса бояд бе сабт дар видео, яъне намоиши бевосита бошад. Шарти баҳс ин аст, ки дар сурати бой додани он ман ҳеҷ гоҳ ба рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" мақола нахоҳам навишт ва агар шумо бой диҳед, котибиро истеъфо медиҳед. Комсомолони республика сарвари наверо интихоб мекунанд. Довари баҳси мо тамошобинон мешаванд. Марҳамат ба баҳс.

Бо салом ва эҳтиром
Мирбобо Мирраҳимов.

<u>І-уми феврали соли 1988</u>. Имрӯз дар дафтари хотираам танҳо ҳамин фактро хоҳам навишт. "Мувофиқи рӯйхатгирии аҳолӣ соли 1916 дар Туркистон /аморатҳои Бухоро ва Хива истисно аст - М.М./ 1 миллиону 900 ҳазор /як миллиону нӯҳсад ҳазор/ тоҷикон ва 2 миллиону 500 ҳазор /ду миллиону панҷсад ҳазор/ ӯзбекон зиндагӣ мекарданд". Ин маълумот аз сарчашмаи мӯътамаде ба даст омад, ки дар Архиви давлатии Инқилоби Октябрь /Маскав/ маҳфуз аст.

<u>2-юми феврали соли 1988</u>. Соати 12.00-и рӯз фаҳмидам, ки ба муқобили мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" пагоҳ дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана", "Мактуби кушода"-и аъзои Иттифоқи

журналистони СССР Ҳ.Юсупов нашр мешавад. Ин оғози программаи калони маҳв кардани ман аст. Дар "Мактуби кушода", ки бояд нашр шавад, дар чандин ҷой /ман гранкаи тайёри газетаро хондам/ фамилияамро "Мирзораҳимов" ва номашро "Мирзобобо" навиштаанд. Аз ин услуб дарк кардан метавон, ки муаллифони "Мактуби кушода", якчанд нафаранд.

Имрӯз боз як фоҷиаи шахсӣ ба сарам рехт. Аз деҳа додарам хабар дод, ки оилаи хоҳарам вайрон шудааст ва агар ӯро эҳтиёт накунем ба худсӯзӣ даст мезанад. Инашро интизор шудан мумкин буд. Пештар ҷиянам Абдулло Додобоев огоҳ карда буд, ки оилаи хоҳари хурдиамон нотинҷ аст. Қарор додем, ки хоҳарам ба Душанбе биёяд ва ~~бигузор~~ назди мо бошад ~~бехатар аст~~.

Аз дарду ғам ва ташвиши зиндагӣ қариб аст, ки дилам кафад. Каме оромӣ мехоҳам, вале...

3-юми феврали соли 1988. Соат 02.30. Шаб. Вале имшаб кормандони дилогоҳи редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" хобу оромӣ надоранд. Ато Ҳамдамро аз вазифаи муҳаррирӣ дур кардаанд. Тақдири ӯ дар дасти Худаш аст.

Соати 8.20 пагоҳӣ. Аз киоски газетфурӯшии назди бозори "Баракат" се шумораи "Коммунист Таджикистана"-ро харида, сӯи КМ партия, ҷое, ки ҳақиқат бояд бошад, раҳсипор шудам. Дар он ҷой аксари кормандони редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" ҷамъ омадаанд, ки ба котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Қ.Маҳкамов барои беасос аз кор гирифтани А.Ҳамдам аз вазифаи муҳарририи рӯзнома эътироз баён кунанд. Посбони дар маро дидан замон дар ҳайрат мемонад ва ба сӯи телефон медавад. Чӣ гап бошад?

-- Худаш омад! - мешунавам дар гуфтугӯй бо мусоҳибааш.

Посбон маро ба бюрои рухсат /пропуск/-и КМ, ки воқеъ дар

қаноати чапи биност, мефиристад. Он ҷо кормандони редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон" нишастаанд. Бо онҳо саломy алейк ва пурсупос карда, назди масъулони бюрои рухсат меравам. Онҳо маро боз ба назди посбон мефиристанд ва ӯ боз ба бюрои рухсат. Хуллас, мисли моку ду-се бор байни посбон ва бюрои рухсат равуо кардам.

Дар ин ҷо боз ба котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон М.Шодиева ва котиби дуюми КМ ЛКСМ Тоҷикистон Панин дучор меоям. Онҳо гумон доранд, ки ман назди онҳо омадаам. Чӣ иштибоҳ!

Соати 8.55 бо мудири сектори матбуоти КМ ПК Тоҷикистон Н.Каримов вохӯрдам. Ба ӯ чунин изҳор кардам:

-- Хоҳишмандам ду мулоҳизаи маро ба котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Қ.Маҳкамов расонед:

Якум. Агар "Мактуби кушода"-и Ҳ.Юсупов дар республика рӯҳияи зиддирусиро барангезад, ба он маро гунаҳкор кардан мумкин нест;

Дуюм. Дар сурати дар хориҷа нашр ё тавассути радио пахш шудани мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" ман аз ҳуқуқи муаллифӣ даст намекашам.

Баъд аз ин ман ба ҷои кор баргаштам. Дар чашмони одамон мехондам, ки гӯё гуфтан мехостанд, ки "корҳо тамоман дигар шудаанд", "шахси маҳкумшуда", "оянда ин бача нест"... ва ҳоказо. Суханони Нозирҷон Қулматов, ки баъд аз якчанд рӯзи чопи мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" - "шумо маҳбуби халқ хоҳед шуд", гуфта буданд, ба ёдам расиданд.

Нисфирӯзӣ ду нафар дӯстонам омаданд ва мо барои хӯрокхӯрӣ ба боғи Ғалаба рафтем. Аз баландии боғи Ғалаба ба Душанбе нигаристам. Дилам ба ҳоли шаҳр, ба ҳоли одамон, ба истеҳзои тақдир сӯхт. "Ноумед шайтон" мегӯянд одамон. Пас, аз зиндагӣ набояд ноумед шуд.

Огоҳ шудам, ки мардумони равшанфикр барои дастгирии банда

ба номи сармуҳаррири рӯзномаи "Правда" В.Афанасьев телеграмма фиристодаанд. Ба гумон аст, ки ақли журналист Ҳ.Юсупов ба навиштани "Мактуби кушода" расад. Услубан мақолаи "Коммунист Таджикистана" ҳисоботҳои КМ ПК Тоҷикистон ва хосса КМ ЛКСМ Тоҷикистонро ба хотир меоварад. Шояд бо мурури замонҳо ягон нафар таърихшинос "муаллифи ҳақиқӣ"-и "Мактуби кушода"-ро кашф кунад. Чӣ иштибоҳ аст, ки ҳақиқати таърихӣ дер ба одамон мерасад...

4-уми феврали соли 1988. Пагоҳӣ хабар ёфтам, ки дина пас аз нисфирӯзӣ Муаззама Аҳмадова баъд аз фиристодани телеграмма ба редакцияи "Правда" дар рӯи мизи кориаш аз олам гузаштааст. Кӣ ба ин гунаҳгор? Марги Муаззама нашри мақолаи С.Табаровро /дар "Адабиёт ва санъат"/ боздошт.

5-уми феврали соли 1988. Дар Иттифоқи журналистони Тоҷикистон пиромуни рафтори рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" ва хосса "Мактуби кушода"-и Ҳ.Юсупов баҳои тӯлоние ба вуқӯъ пайваст. Мегӯянд, ки М.Олимпур хеле сахт баромад кардааст.

9-уми феврали соли 1988. Соати 14.00. кӯчаи ба номи Киров, ҳавлии № 4. Ин ҷо бо устод Шарифҷон Ҳусейнзода сӯҳбат дурударозе доштем. Марди фозил ва нуронӣ. То солҳои 1927-28 танҳо бо забони ӯзбакӣ эҷод кардаанд. Устод Ш.Ҳусейнзода таъкид карданд, ки ҳатто С.Айнӣ низ дар солҳои баъди Инқилоби Бухоро /солҳои 1920-24/ низ ба ғояҳои пантуркистӣ дода шудааст, ки онро аз нашри маҷмӯаи "Ахгари инқилоб" /қисми туркиаш/ дидан метавон. Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ дар маҷаллаи "Маориф ва ӯқитувчи" /1924, № 12/ очерки "Мени тарҷумаи ҳолим"-ро навишта, миллаташро"тоҷик" гуфтааст /ин фактро ман пештар медонистам/. Устод Ш: Ҳусейнзода ваъда доданд, ки ҳамон шумораи маҷалларо, албатта, ба ман медиҳанд. Сониян, мувофиқи нақли Ш.Ҳусейнзода /ва ман ба он бешубҳа боварӣ дорам/ соли 1924 чанд муддат

Ҳ.Ҳ.Ниёзӣ ба ғазаби пантуркистон дучор гардидааст ва бародари он кас- Каримҷон Ҳусейнзода ~~рӯҳан~~ равонаи шод бод он равшанфикри ҷавонмаргро/ ду ҳафта Ниёзиро дар хонаашон пинҳон кардааст.

--Нисор Муҳаммад, - гуфтанд Ш.Ҳусейнзода, - шахсест, ки дар ташаккули маданият, маориф ва худшиносии тоҷикон роли бағоят бузург бозидааст. Вақте ки Нисор Муҳаммад /соли 1924/ ба Хуҷанд меояд, пантуркистон барои аз шаҳр рафтани ӯ ҳамагӣ 24 соат мӯҳлат медиҳанд. Номи ин хиёнаткорон дар ЭСТ ҷой дорад ва таърифро ҳам дареғ надоштаанд. Сардори пантуркистони Хуҷанд А.Мавлонбеков /чаро ки устод Ш.Ҳусейнзода "Мавлонхӯҷаев" гуфтанд - М.М./ дертар котиби КМ ПК Тоҷикистон шуда, охири охирон Н.Муҳаммадро ба қатл мерасонад.

Устод Ш.Ҳусейнзода хизмати ду марди фидоӣ - Насириддини Тӯсӣ ва Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро дар ҳифзи илму маданияти тоҷик ва ҷамъоварии он махсус таъкид карданд. Шогирди содиқи Ш.Ҳусейнзода номзади илми филологӣ С.Акрамов шоҳиди сӯҳбати мо буданд.

<u>26-уми феврали соли 1988.</u> Соат 22.40. Навакак аз шаби эҷодии Бозор Собир омадам. Ба шабнишинӣ, мо дертар омадем, вале чӣ шаби хуш ва илҳомбахше буд барои ман. Тасаввур кардан душвор. Вақте ки Бозор бо таклифи аҳли зал барои муаррифӣ номамро эълон кард, ки аз ҷоям хезам, мардум бо кафкӯбиҳои ҳақиқатан ҳам пурмавҷ, ~~шӯру валвала~~ истиқболам карданд. Чунин мукофоти баланди халқам маро илҳом бахшид. Барои онҳо, барои худшиносии халқам ҳеҷ гуна дар бароям даҳшатнок нест ва аз роҳи мубориза қафо нахоҳам гашт.

<u>29-уми феврали соли 1988.</u> Аз соати 10.00 то соати 13.35 бо намояндаи КМ ВЛКСМ А.В.Степаненко дар Шӯъбаи фалсафаи АИ Тоҷикистон сӯҳбат кардем. Дар боби мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?", схемаи генералии идоракунии республика, ~~авлодгирой~~ ва хешу ақрабопарастӣ сухан рафт. Ба ӯ як китобчаи "Праздник Навруз"-ро тақдим

кардам.

Барои А.В.Степаненко чунин санаҳои муҳимро қайд кардам, ки ба мақолаи мо алоқаманд буд.

I/ 26.0I.1988. А.Додобоев, котиби КМ ПК Тоҷикистон фикри бандаро аз боби омӯзиши алифбои арабӣ дар вохӯрӣ бо мухбирони нашрияҳои марказӣ дастгирӣ кард.

2/ 27.0I.1988. Ҳисоботи мухтасар аз он вохӯрӣ дар "Гӯшаи муҳаррир"-и "Комсомоли Тоҷикистон" чоп шуд.

3/ 3I.0I.1988. Дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" мақолаҳои Г.Уроқова ва З.Саидов ба муқобили мо бо табъ расид, ки ҳамаи корҳоро вайрон кард.

4/ 27.0I.1988. Ҳамаи бадбахтӣ аз мақолаи А.Саъдуллоев ва И.Усмонов, ки дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" чоп шуд, оғоз ёфт.

5/ Луқмаи хеле муносиб ва аз рӯи одоб каме беруни Д.Атовуллоев /ӯ баъд ин корро намекард ва ман шахсан он рафторашро муносиб надида будам/ "Уштура гуфтам ғализа кун...", ки дар "Комсомоли Тоҷикистон"... чоп шуд, барои душманони бозсозӣ дастаки хуб шуд.

6/ 3.02.I988. Дар "Коммунист Таджикистана", "Мактуби кушода"-и Ҳ.Юсупов, ~~чоп шуд,~~ ба табъ расид, ки бо дасти дигарон навишта шудааст.

Ҳамин рӯз ~~навиеанда~~ идиба, Муаззама ~~Ҳа~~ Аҳмадова дар рӯи ~~столи~~ мизи кориаш дар идораи ҳафтномаи "Адабиёт ва санъат" қазо кард. Сабаби марги М.Аҳмадова асосан нашри мақолаи Ҳ.Юсупов ва мақолаи С.Табаров буд, ки баъд рӯзи панҷшанбе 4.02.I988 чоп мешуд. Марги Муаззама нашри мақолаи С.Табаровро боздошт.

7/ 5.02.I988. Дар Иттифоқи журналистони Тоҷикистон доир бо одоби журналистӣ баҳо ба амал омад.

8/ I8.02.I988. Мақолаи С.Табаров дар "Адабиёт ва санъат" чоп шуд.

9/ 26.02.I988. Дар ҳафтаномаи "Ӯзбек адабиёти ва санъати"

бо имзои 36 нафар архитекторони Ўзбекистон омўхтани ҳуруфоти арабӣ дастгирӣ мешавад.

10/ I.03.1988. Дар Маҷлисгоҳи Госплани РСС Тоҷикистон доир ба "назарияи" С.Ҳакимова "баплангирии оила" баҳси бесарунўг зиёда аз 10 соат давом кард. Садри маҷлис М.Осимӣ буд. Аз маҷлис Т.Назаров ва М.Ғаффорова хеста рафтанд.

2-юми марти соли 1988. Соати 11.00 ба редакцияи "Коммунист Таджикистана" ин номаро супоридам: "Мўҳтарам, муҳаррири газета!

Бо сабаби он ки пас аз нашри "Мактуби кушода"-и аъзои Иттифоқи журналистон Ҳ.Юсупов шарҳи гуногуни мақолаи ман "То ба кай об аз таги ях меравад?" идома дорад. Зеро муаллиф қасдан бисьёр нуктаҳои илмии мақолаи маро таҳриф кардааст. Аз ин рў хоҳишмандам онро бо тарҷумаи саҳеҳ аз тоҷикӣ ба русӣ дар газета чоп намоед. Бо эҳтиром М.Мирраҳимов". Вақте ки ба ҷои кор омадам, даъватномаи аз комитети комсомолии УДТ ба номи В.И.Ленин ба ёдам расид, ки соати 15.00 баҳс даъват кардаанд.

Соати 15.00 бо мошинаи рафиқамон Ш.Саъдиев ба назди бинои маъмурии УДТ ба номи В.И.Ленин рафтем. Он ҷо одамони зиёде ҷамъ омадаанд. Ректори УДТ рафиқ Т.Назаров барои гузаронидани баҳо хеле монеъ шуд, вале охирам маҷбур шуд, ки золи худро кушояд. Дар президиуми маҷлис инҳо нишастанд: профессор Воҳид Асрорӣ, котибони комитети партиявӣ ва комсомолии УДТ /фамилия ва номашонро намедонам/, мудири сектори КМ ЛКСМ Тоҷикистон. Н.Матқулов, ки ҳама ҷо ҳозиру нозир аст, С.Улуғзода.

Дари даромади маҷлисгоҳро худи ректори УДТ Т.Назаров ва вазири маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси РСС Тоҷикистон Ш.Султонов барўҳда доштанд, ки хеле ғалатӣ менамуд.

1.Баъдтар маълум гардид, ки ташкилкунандагони ин мулоқоти тамоман ғайричашмдошти хуфия ду тан ~~ҷавонон~~ ҷавони худшинос-Қ.Ҳикматёр ва Т.Акрамзода будаанд.Ин кори онҳо барои роҳбарияти Донишгоҳ чунон ҳам ногаҳонӣ буд, ки ректори он чӣ кор карданашро намедонист.Баъдтар яке аз он ду танро аз Донишгоҳ хориҷ карданд,вале ӯ хор нашуд,балки бо гузашти замон ба ҳарифони хеш дастболо шуд.Шарҳи муаллиф 13.09.1990.

Маму ~~Мову~~ Додочон Атовуллоев дар қатори одамон ҷой гирифта, кир-дори дар ~~президиум~~ риёсат нишастагонро мушоҳида мекардем.

В.Асрорӣ суолҳои ба президиум омадари гирифта, ба кисаҳояш меандохт ва ҳар лаҳза рӯй турш карда, зери лаб ~~чим-чиҳо~~ чизе мегуфт. Т.Назаров бошад бо якҷоягии Ш.Султонов аҳли маҷлисро синчакунон шояд барои "қурбониҳо"-и хеш одам меҷустанд.

Баъд аз каме ман аз он ҷо рафтам. Фаҳмидам, ки нияти муҳокимаи маро надоранд. "Шербачаҳо" ҳар лаҳза равуо доштанд ва нағз ҳис мекардам, ки чашм аз банда намекананд.

Соати 16.00 бюрои КМ ПК Тоҷикистон корашро сар кард. Бюро Ато Ҳамдам /Хоҷаев/-ро аз вазифаи муҳарририи рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" озод намуд. Ба ҷои ӯ, албатта, ягон нафар ро ~~одами мувофиқи~~, ки ба табъи Р.Олимов рост ояд, муҳаррир мекунанд. То кунун ба мақолаи банда беш аз дусад номаву мақолаҳо омадааст. Телефонҳоро касе нашумурдааст. Имрӯз як мансабдор эълон кардааст, ки "Мирраҳимовро ба ҷояш шинондан даркор!".

3-юми марти соли 1988. АИ Тоҷикистон, соати 9.25, имрӯз барвақттар ба кор омадам ва нияти ба китобхона рафтанӣ доштам, ки соати 9.35 муаллим Р.Маҷидовро ба назди Ғ.Ашӯров даъват карданд. Соати 9.45 Р.Маҷидов бо ранги парида ба утоқи 34 "а" омаданд. Гуфтанд, ки ба ҳеҷ ҷой наравам. Зеро соати 10.45 дар толори маҷлисҳои АИ мақолаи моро муҳокима мекардаанд ва ба ин кор рафиқон Қ.Маҳкамов ва П.Лучинский /котибони якуму дуюми КМ ПК Тоҷикистон/ роҳбарӣ хоҳанд кард. Бисьёр хурсанд шудам, ки имконияти бо котибони КМ ПК Тоҷикистон баҳс кардан дорам. Ба зудӣ /бо кӯмаки Б.Олимов/ аз хона ду папкаи пури материалҳоро доир ба мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" овардам.

Соати 10.50 дарҳои маҷлисгоҳи АИ Тоҷикистон қуфл карданд.

Аҳли зал аксар маҳоади ҷамъомадро мефаҳмиданд. Онҳо академикҳо, узвҳои вобастаҳо, докторҳои илм /албатта, на ҳамаашон/ гӯшзад шуда буданд, ки "М.Мирраҳимовро бояд маҳкум кард".

Спектакли академӣ, ки бояд мақолаи маро маҳкум мекард, бо суханронии муқаддимавии Қ.Маҳмамов оғоз ёфт. Ӯ диққати ҳозиронро ба фактҳои аз мақола канда-канда ҷалб кард. Ба масъалаи ислоҳоти маориф ва муттаҳид кардани вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб бо номи "вилояти Панҷ" даҳолат кард, ки на ҳама қабул карданд.

Сонӣ, Ғ.Ашӯров тохта ба минбар баромад. Ӯ фурсати муносиби интиқомгириро ёфт. Охир, ӯ чӣ хел метавонист маро бубахшад? Маро ёд омад, ки чӣ тавр як сол пеш 16 апрели соли 1987 дар семинари методологии "Таърихи фалсафа ва замон", ки дар ҷои корамон барпо шуда буд, Ғ.Ашӯров ин байти Муҳаммад Иқбол:

Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллати бешоире анбори гил, -

ро ашъори миллатчиёна номид. Ва маро лозим омад, ки ба ин фикри ғалати Ғ.Ашӯров ҷавоби муносиб диҳам. Ғ.Ашӯров боз ба Ато Ҳамдам низ баҳои сиёсӣ дода, ӯро низ сахт маҳкум кард. Ғ.Ашӯровро дар минбар дида, ба ҳолаш раҳмам омад. Пояи тобути ӯро кӣ мегирифта бошад? Ато Ҳамдам нек аст ё бад гапи дигар. Ӯ вазифаи муқаддаси худашро дар худшиносии ҳазорон-ҳазор тоҷикон ба ҷой овард, номашро дер бошад ҳам, дар саҳифаи таърих сабт кард, аммо Ғ.Ашӯров...

Баромади ректори УДТ ба номи В.И.Ленин Т.Назаров тамоман тӯҳматомез ва беасос буд. Ӯ ~~нотидо~~ сарогоз ҳамаи воқеаҳоро таҳриф кард, сонӣ, ба тӯҳмат гузашт, ки донишҷӯёне, ки "хешу табори М.Мирраҳимов мебошанд, ташкилкунандагони баҳои рӯзи дуюми март дар УДТ ҳастанд". Ин суханони ӯ маро ба тааҷҷуб овард. Зеро дар ин донишгоҳ ягон хеши ман таҳсил намекунад. Халқи мо хеле хуб фармуда-

аст, ки душман агар айбе наёбад "думи сагат кач" мегӯяд.

Ҳамаи ин як бало ва балои дигар ҷилваи А.Маниёзов дар минбар буд. Он кас тамоми маҳорати ~~дикторӣ~~ гӯяндагии худро сарф карда, диққати роҳбарони республикаро ба "хизматҳои арзандаи олимон дар соҳаи забон ва адабиёт" ҷалб намуданд. Ба А.Маниёзов суол доданд, ки М.Мирраҳимов дар сӯҳбати /13-уми январи соли 1988/ чӣ гуфта буд. А.Маниёзов чунин изҳор доштанд:

— Мо 13-уми январи соли ҷорӣ бо М.Мирраҳимов сӯҳбат гузарондем. Он кас ба ҳуруфоти арабӣ баргаштанро талаб карданд. Дар мақолаашон низ ҳамин талаб ҷой дорад. Ин ақидаи хатарнок аст...

Ман дар умрам бисьёр тӯҳмат шунидаам, вале чунинашро бори аввал дучор месмадам. Бо дастонам рӯямро пӯшидаам. Лаҳзае тамоми сӯҳбати 13-уми январьро ба хотир овардам. Охир, он вақт А.Маниёзов ҳатто ба суол додан ба банда ҷуръат накарда буд! Наузубиллоҳ! Наход узви вобастаи АИ, сарвари як муассисаи мӯътабари илмӣ ба чунин тӯҳмату таҳриф қодир бошад?!

Хулласи калом, на танҳо Ғ.Ашӯров, А.Маниёзов ва Т.Назаров, балки боз як зумра олимтарошоне низ ~~баромад карда~~ мақолаи маро "маҳкум" карданд. Танҳо баромади А.Мухторов рафти муҳокимаро "халалдор кард". Он кас як қатор масъалаҳои дар мақола ҷойдоштаро дастгирӣ намуданд, ки ин ғайри чашмдошти Қ.Маҳкамов ва М.Осимӣ буд. Аз афташ барои бо А.Мухторов "сӯҳбат кардан" фурсат нашудааст. Раҳим Додихудоев бошанд рӯирост изҳор карданд, ки назарияи ба се забон тақсим кардани забони тоҷикӣ дар амал ҷорӣ буд.

Баромади Қ.Ш.Ҷӯраев низ хеле бамаънӣ ва таҳдор буд.

Дар фароварди сӯҳбат ба ман сухан доданд ва интизор буданд, ки ~~ман~~ аз садрнишинон "бахшиш" мепурсам.

Ба минбар баромадам. Оромона ба аҳли зал назар дӯхтам. Ҳама хомӯш. Ҳаяҷонамро фурӯ нишонда, ба забони русӣ лаб кушодам.

-- Дўстони гиромӣ! Ҳоло ба муқобили мақолаи банда ва пиромуни он овозаҳои бардурўғе паҳн кардаанд. Гўё ки мақоларо ман нею кимкиҳо навишта бошанд. Ин тўҳмат аст. Мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" маҳсули ранҷи нимсолаи ман аст, ки ба хулосаҳои он тамоми умр роҳ паймудаам. Ин мақола умри ман аст. Барои исботи ҳар як фикри дар мақола дарҷёфта метавонам садҳо далелу санад биёварам.

Дигар он ки баромади рафиқ Т.Назаров тўҳмати рўирост асту бас. Ман ҳеҷ гуна хешутабори наздик дар университет надорам. Агар ба таври ҳаққонӣ гўем, асосан хешу табори шумо барин ректорҳо, рафиқ Т.Назаров, дар мактабҳои олӣ мехонанд. Зиёда аз ин, шумо аз ташкили баҳс дар университет хеле хуб огоҳӣ доштед. Вале рўзи I-уми март фаҳмидед, ки баҳс ба фоидаи тарафдорони шумо анҷом намеёбад аз ташкили он худдорӣ кардед... Умуман шумо барин ректорҳо барои обрўи сиёсӣ гирифтан ба ҳама кор қодиред ва боварӣ дорам, ки "ҷоннисории" шумо қадр хоҳад шуд[I].

Лозим омад, ки бисьёр масъалаҳоро равшан намоям. Ва аз ҳама аҷоибаш он буд, ки ҳангоми суханронии банда рафиқ К.Маҳкамов хост маро ба вартаи сарбастае равон созад. Яъне ба ман чунин ақидаро бор кард, ки гўё алифбоҳоро муқобил гузоштаам ва баргаштан ба ҳуруфоти арабиро талаб дорам.

-- Мўҳтарам, Қаҳҳор Маҳкамович, - бо тамкин ҷавоб додам ба ў,- шумо, шояд кори партиявӣ, хоҷагӣ, сиёсатро нағз донед, вале бубахшед, вақте ки олим пешниҳоди илмӣ мекунад, онро фаҳмидан даркор, на таҳриф кардан. Ва ба корҳои илмӣ дахл кардани шумо он қадар босалоҳият нест.

I.Пешбинии мо ҳақ баромад. Дертар Т.Назаров барои ин "хизмат"-аш вазири маорифи халқи РСС Тоҷикистон ва депутати халқии СССР ҳам шуд /шарҳи муаллиф/.

Сониян, мо дар китобҳои гуногун зиндагонӣ намекунем. Шумо метавонистед маро даъват карда, суҳбат намоед, фаҳмед, ки барои чӣ ман чунин пешниҳод мекунам...

Суханони боло аз рӯи одоби баҳс буданд, вале ба рӯи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон ҳақиқатро рӯирост гуфтан, ба фикрам, бори аввал рух дод. Ман бори аввал ҳис кардам, агар олим ҳақ будани худро фаҳмад ва сари пешниҳодаш устувор бошад, ҳеҷ қуввае ӯро тарсонда наметавонад.

М.Осимӣ дарк кард, ки маҷлиси оростааш пурра шикаст хӯрд, охирин усули санҷидашуда, ки мақсадаш одамро асабонӣ кардан, баҳсро майдагапӣ бурдан аст, истифода бурд.

-- Шумо дар мақолаатон навиштед ва таклиф мекунед, ки, - оғоз кард М.Осимӣ, - ба ҳуруфоти арабӣ баргардем...

Рости гап, тоқатам тоқ шуд, ҷонам ба лаб омад. Чӣ қадар ин хел сафсатаҳоро шунидаам ва махсусан дар як-ду соли охир. Вале ин мардум шарму ҳаёро намедонанд. Ҳар куҷо, ки минбар ва микрофон насиб шавад, он чӣ, ки ба даҳонашон омад, мегӯянд. Аввал хуб андешидам, ки ҳаққи гапро гӯям ё на. Охир ба хулоса омадам, ки гуфтан лозим аст.

-- Медонед, чӣ домулло Муҳаммад Осимӣ, - ба гап сар кардам,- аввало, намехостам, ки суханамро лагад занед. Ин хуб нест. Шумо гап задед, мо гӯш кардем. Акнун гӯш кардан навбати шумо. Дуюм, ин ки шумо чун демагог доимо пешниҳоди илмиро таҳриф мекунеду халос. Аз аҳли зал пурсед, ки оё аз мақолаи банда фикрҳои демагогии шуморо ёфтан мумкин аст ё не...

Вақте ки калимаи "демагог"-ро ба забон гирифтам, аҳли зал ва махсусан М.Осимӣ як оҳи чуқур кашиданд, ки дар он ҳам оҳанги афсӯс

буду ҳам надомат.

Баъд доктори илми иқтисод Х.Умаров баромад кард. Ӯ чунин гуфт:

-- Шумо, рафиқ М.Мирраҳимов, дар мақолаатон М.Осимиро олими бузург ва "устод" мегӯед, ин ҷо бошад, шарм надошта чунин шахси мӯътабарро "демагог" меномед...

Ин суханҳои Хоҷамаҳмад Умаров "болои мурда сад чӯб" буд. Баъд аз анҷоми маҷлиси таърихӣ доир ба вохӯрӣ бо Қ.Маҳкамов маслиҳат кардем.

Бегоҳӣ ба хона расидан замон ин номаи ҷавобиро гирифта дар ҳайрат мондам:

„Рафиқи мӯҳтарам Мирраҳимов!

Агар мақолаи шумо ҳаҷман мӯътадилтар мебуд, мо онро якҷоя бо мақолаи Юсупов медодем. Алҳол чопи он тамоман беҷо аст, зеро дар бюрои КМ ПК Тоҷикистон 2 марти соли 1988 ба вай баҳои аз ҳама манфиатарин дода шуд. Муҳаррир В.Наумов" /№ 35, 3.03.1988/.

Ин номаи ҷавобии муҳаррири "Коммунист Таджикистана" маро бисьёр шод кард. Ӯ ~~аз рӯи ғазаб~~ дар болои қаҳр сирри қарори бюрои КМ ПК Тоҷикистонро ба ман хабар додааст, КМ на ҳар як одами боақл ин хел рафтор мекунад. Ба ҳар ҳол то нашри қарор ба он истинод кардан аз рӯи одоби журналистӣ нест.

Ин бегаҳ дар саҳифаҳои дафтари хотираам қиссаи маҷлиси таърихии имрӯзаро менависаму гаштаву баргашта меандешам, ки аз марги ногаҳонӣ озод шудам. Чӣ хушбахтӣ, ки ман озодам, аз нашъаи зиндагӣ, аз ҳуқуқи ба Офтоби оламоро нигоҳ кардан, саҷда овардан касе наметавонад маро маҳрум созад. Маҷлиси мазкур, дар ҳақиқат, барои ман таърихист. Ин баҳс барои ҳуқуқи хеш мубориза бурдан, дар баҳсу талошҳо шикаста нашуданро омӯхт, рӯҳамро ба

худшиносӣ қавӣ ва роҳҳоро равшантар кард.

Имрӯз газетаҳои республикавӣ чоп нашуданд. Пагоҳ аз эҳтимол ягон материали муҳим чоп шавад. Ҳоло аз бинием хун омад. Бори аввал соли гузашта баъд аз баҳс пиромуни мақолаи Т. Бердиева ҳамин ҳолат рух дода буд...

4-уми марти соли 1988. Дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи якҷояи академик Р.Амонов ва доктори илми филология Р. Ғаффоров "Оё табдили алифбо дуруст набуд?" ва қарори бюрои КМ ПК Тоҷикистон доир ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба аз кор гирифтан муҳаррираш Ато Ҳамдам ба табъ расид. "Гуноҳҳо"-и Ато Ҳамдам зиёд будааст. Вале кас ҳайрон мешавад, ки чаро то имрӯз ӯро аз кор нагирифтаанду танҳо баъд аз нашри "То ба кай об аз таги ях меравад?"! "Камбудӣ"-и асосии Ато Ҳамдам дар он буд, ки ӯ ба доми Р.Олимов афтода, худаш ариза навишт, ки ба кори дигар гузаронанд. Ана, ҳамин сустиродагиаш сарашро хӯрд. Бо вуҷуди ин ман ҳамаи сустиҳояшро мебахшам. Ӯ барои ман чун рафиқ ва муҳаррири ҷасуртарини /албатта, баъд аз Б.Бердиева/ давраи бозсозӣ боқӣ мемонад. Ҳайати комиссияе, ки дафтари аъмоли Ато Ҳамдамро варақ зада, ӯро маҳкум кард, аз инҳо иборат аст: Ғ.Н.Қаландаров, А.Д.Ашӯров, Ҳ.Г.Гадоев, Ғ.А.Ашӯров, Т.Б.Каримов, Н.Н.Кузьмин, Р.П.Аҳмадов, А.А.Норматов.

Дар қарори бюрои КМ ПК Тоҷикистон, ки Ато Хоҷаев /Ҳамдам/-ро аз вазифаи муҳарририи "Комсомоли Тоҷикистон" гирифт, ҳатто ягон сатр ҳам дар бораи мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" гап нест. Вале ҳама медонанд, ки асоси масъалаи аз вазифаи муҳарририи рӯзнома гирифтани Ато Ҳамдам мақолаи мост. Маълум мешавад, ки маҷлиси дирӯза дар АИ кори худро кардааст. Онҳо натавонистанд, ки рӯҳи моро шикананд.

Барои Ато дилам сӯхт. Метарсам, ки ӯ тамоман ноумед наша-

вад. Дар таърихи журналистикаи тоҷик баъд аз Б.Бердиева номи Ато Хоҷаев бо хати заррин сабт хоҳад шуд.

Ном ва вазифаҳои аъзоёни комиссияро дар рӯзномаҳои республикавӣ хонда,кас дар ҳайрат мемонад. Чи истеҳзои тақдир аст, ки Ғ.Ашӯров барин одамон, ки дар умрашон ягон ниҳол нашинондаанд, метавонанд дигар ниҳолони пурмеваро шикананд. Маълум шуд, ки як мансабдор, ки ӯро "демагог"-аш гуфта будам пеш аз нашри мақолаи Р.Амонов ва Р.Ғаффоров гранкаи онро махсус хондааст. Обрӯи Р.Амонов ва Р.Ғаффоров бо ин мақола ба оби ҷӯй баробар шуд. Албатта, мувофиқи одоби шарқӣ бо онҳо саломуалейк кардан мумкин, вале халқи мо он қадар ҳам гумроҳ нест, ки баъди чунин рафтор онҳоро ҳурмату эҳтироми зиёд кунад. Шояд лагандбардороне ҳам ёфт шаванд онҳоро "олим" гӯянд. Ва аз ҳама тааҷҷубовараш он ки мақолаи мазкур худшиносии баръаксро дар симои Р.Амонов нишон дод, ки чӣ тавр одам барои мансаб аз роҳи дуруст ба хиёнат меравад. Мо бо Р.Амонов аз моҳи феврали соли 1982-юм шиносам. Пеш аз иншои мақолаи мазкур бо он кас ва Р.Ғаффоров сӯҳбат ҳам кардаам. Танҳо хоҳиш карда будам, ки мақолаашонро /бигузор муқобили банда бошад ҳам!/ дар "Комсомоли Тоҷикистон" чоп кунанд, ки имконияти баҳс бошад. Ба иловаи ин дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" нашр шудани мақолаи онҳо ба одоби рӯзноманигорӣ мухолиф аст. Ҳайронам, ки онҳо баъд аз нашри ин мақолаи бемаънӣ бо кадом рӯй бо оламу оламиёнменигаранд!

<u>5-марти соли 1988.</u> Соати 9.40 маро ба КМ ПК Тоҷикистон даъват карданд. Ин чунон ҳам ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт буд, ки кас ҳайрон мемонд. Дуруст аст, ки вохӯриро ман талаб карда будам, вале чунин "меҳру шафқат" дили касро бисьёр мефишорад. Бо моши-

наи АИ ба КМ рафтам. Сӯҳбати мо бо котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Қаҳҳор Маҳкамов қариб ду соат давом кард. Мо бо забони русӣ дар шоҳидии Н.Д.Абаканов, ки ~~ёрдамчии~~ ёвари котиби якуми КМ аст, сӯҳбат кардем. Бегоҳӣ баробари ба хона баргаштан тафсилоти сӯҳбатро рӯи коғаз овардам, ки ба тариқи зерин аст:

Матни мухтасари вохӯрӣ бо котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон

р. Қ.М.Маҳкамов

5.03.1988 аз соати 10 то 12-и рӯзи шанбе. Дар сӯҳбат ёрдамчии Қ.М.Маҳкамов Николай Дмитревич Абаканов иштирок дошт ва дар рафти сӯҳбат дар дафтарчааш қайдҳо мекард. Мазмуни сӯҳбат мухтасаран ба тариқи зер буд /сӯҳбат асосан ба забони русӣ гузашт/:

/баъди пурсупоси расмӣ/

Қ.Маҳкамов .- Марҳамат, бо кадом забоне, ки хоҳед, хоҳ русӣ, хоҳ тоҷикӣ, хоҳ ӯзбекӣ.

М.Мирраҳимов. - Хубаш ба забони русӣ сӯҳбат мекунем, зеро р. Н. Абаканов низ ҳузур доранд.

Қ.М. - Шумо чӣ мехостед гӯед:

М.М. - Ман мехостам баъзе масъалаҳои оид ба мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?"-ро равшан кунам. Шумо ва р.М.Осимӣ ҳамон ҷумлаи мақола: "Хулоса, шояд вақти он расида бошад, ки ба масъалаи таълими ҳуруфоти арабӣ /ин танҳо ба номи арабӣ аст, аммо қайҳо тоҷикӣ шудааст/ дар мактабҳои миёнаю олӣ баргардем"- ро бошуурона таҳриф кардед.

Қ.М. - Инро тарҷумони беҳтарин тарҷума кардааст. /тарҷумаро гирифта, ҳамон ҷумларо мейёбад, ки ба болояш қалами сурх давонда шудааст, мехонад/: - короче говоря, настала время возвратиться к арабскому графику во всех школах и вузах". Ин

бехтарин тарҷума аст.

М.М. – Ба фикри ман, тарҷумон махсус ҳамин ҷумларо нодуруст тарҷума кардааст. Шакли дурусти вай чунин аст: "Очевидно, настало время возвратиться к вопросу изучения арабской графики /давно ставшей таджикской/ в средних школах и вузах". Ин тарҷума ба мазмуни тоҷикӣ наздик аст, муаллим.

Қ.М. – Барои чӣ ҳамин хел навиштед? Мақсад чӣ буд?

М.М. – Мақсад? Медонед чӣ, ман вазъияти кори идеологӣ, диндорӣ, маданият, хулоса тамоми тарафҳои зиндагиро дида, ба хулоса омадам, ки решаҳои бемаданияти халқи мо аз куҷо сар мезанад. Сониян, чаро ҷавонон бештар ба хурофоти динӣ шавқу рағбат доранд. Ман ҳамаи инро гӯё дар рӯи каф медидам ва мебинам.

Қ.М. – Гап аз куҷо сар шуд?

М.М. – Ҳамааш аз он сар шуд, ки ҳангоми ба навор гирифтани фильми "Он чӣ, ки аён аст..." ман масъалаи ~~экстремизми~~ вазъияти динро омӯхтам ва дарк кардам, ки мо дар куҷо ба диндорон бой медиҳем. Барои ҳамин дар фильм ман фақат як ҷумла навиштам: "Ва ле дар як даҳсола ду бор ҳуруфотро иваз кардему сафи бесаводонро се бор афзудем". Моҳи октябри соли 1987 ҳангоми намоиши аввалини фильм р.М.Осимӣ бо якҷоягии Ғ.Ашӯров ба "Тоҷикфильм" омаданд /бояд гӯям, ки бе таклифи ман/. М.Осимӣ талаб карданд, ки маҳз ҳамин ҷумларо аз фильм гирам. Ман розӣ нашудам. Он кас исрор карданд. Ман он касро бори аввал "софист-демагог" номидам. Ва гуфтам, ки 30 сол боз миллати тоҷикро фурӯхта, пул кор мекунанд. Ин гапи рост аст.

Қ.М. – Ин ҷо бояд фақат гапи ростро гуфт.

М.М. – Ман он чизҳое, ки мегӯям, боварӣ дорам, ки берун

намерафтагист?

Қ.М. - Ҳеҷ гап аз ин ҷо берун намебароядд.

М.М. - Хуб. Бонӣ, дар тӯли ним соли гузашта ман оҳиста-оҳиста аъҷубаи /феномени/ нигилизми миллӣ ва фавқинтернационалистиро омӯхтам. Кормандони КМ ЛКСМ Тоҷикистон медонистанд, ки ман ~~кимҷи~~ чизе навишта истодаам. Ман гуфта будам, ки масъалаи тарбияи атеистиро мавзӯи Пленум қарор додан худаш як навъ экстремизм аст. Ва аз Пленуми комсомол чизе нахоҳам гузашт. Дар ин ~~мобайн~~ миён мақолаи "Халқ гунаҳгор нест"-ро навиштам, ки баъдтар дар Пленуми УШ КМ ПК Тоҷикистон шумо танқид кардед. Ва ман рӯзи 23 декабрь, рӯзе ки материалҳои Пленум чоп шуд, ба мақолаам хотима гузоштам. Чанд порчаҳои алоҳидаро баъзе ҳамкоронам шунида буданд. Ягона шахси берунае, ки тамоми мақоларо шунид, Иброҳим Усмонов буд. Ӯ ҳангоми хондани мақола ба редакция омад ва Д.Атоуллоев ӯро ба ман муаррифӣ кард. Баъд ман тамоми мақоларо дар ҳузури И.Усмонов хондам, ӯ гӯш кард. Махсусан ана ин қисми хотимавии мақола ба ӯ /яъне ба И.Усмонов/ маъқул афтод:

~~"Сониян, имрӯз дар боби муносибатҳои миллӣ низ масъалаҳои~~

"Сониян, имрӯз дар боби муносибатҳои миллӣ низ масъалаҳои зиёде чун аъҷубаи нигилизми миллӣ, "фавқинтернационализм" хеле ба авҷи аъло расидааст, ки баррасӣ накардани онҳо боиси иштибоҳ мебуд. Махсусан ин равия барои дарки интернационализми ҳақиқӣ хатарнок аст, зеро он зоҳирпараст ва манфиатҷӯй мебошад.

Дар ин миён ба масъалаҳои забони тоҷикӣ дахл кардан пеш омад. Ҳангоми омӯзиши ҳаракати экстремистӣ ва умуман диндорӣ дар республика ба хулосае омадам, ки ҳарифони маънавии мо "Гулистон"-у "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Баҳористон"-и Ҷомию "Ғиёс-ул-луғот"-ро аз баъзе муаллимони соҳибунвони факультетҳои

филология ва шарқшиносии УДТ хубтару беҳтар медонанд. /Бигузор ин суханони ман ба иззати нафси муаллимони хушсалиқа ва донишмандони ҳақиқӣ нарасад/. /Луқмаи И.Усмонов дар редакцияи "Комсомоли Тоҷикистон ҳангоми мутолиаи мақолаи ман: - Ин хел муаллимони бесавод дар университет хеле зиёданд/. Бо ҳамин сабабҳои боло кӯшишу кори хайри А.Нуров ва кормандони нашриёти "Адиб", ки "Ғиёс-ул-луғот"-ро чоп кардаанд ва боигарии забонамонро тарғиб менамоянд, ба таҳсину дастгирии ҳаматарафа сазоворанд.

Аз эҳтимол баъзе андешаҳои банда чун фикри шахсӣ баҳраталаб бошад. Ман даъво надорам, вале дар пешниҳодҳоям устуворам".

Қ.М. - Он чизе, ки барои мо зарур буд. Чаро маҳз ҳамин қисмро партофтед?

М.М. - Ҷой набуд ва ман ба кӯтоҳ кардани мақола розӣ шудам.

Қ.М. - Яъне Д.Атовуллоев кӯтоҳ кард?

М.М. - Не. Ман худам бисъёр ҷойҳо, қариб даҳ саҳифа барин материалро кӯтоҳ кардам. Д.Атовуллоев ба ин кор дахл надорад. Сонӣ, ҳаҷми мақола, дар ҳақиқат, калон - 32 саҳифа буд., ки ба рӯзнома намеғунҷид. Ман худам розӣ будам, ки кӯтоҳ шавад ҳам, майлаш.

Қ.М. - Чаро барои чоп бо ягон кас маслиҳат накардед?

М.М. - Агар маслиҳат мекардем, ин мақола пайдо намешуд. Боз ин ки шумо дар Пленум мақолаи "Халқ гунаҳгор нест"-ро танқид кардед ва ноҳақ. Ҳамаи ин ғазаби маро овард. М.Осимӣ ва мудири шӯъбаатон Ҷ.Л.Латифов бо баҳсҳои беохир дар атрофи фильм ба ҷонам расонданд. Агар ин мақоларо наменавиштам ва чоп намекардам, ман ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан мемурдам. Бале,

мемурдам.

Қ.М. - Чаро ба назди ман надаромадед?

М.М. - Даромадан чӣ фоида дошт, вақте ки Ҷ.Латифов аз номи КМ доимо гап мезад. Ман ҳамин хел фаҳмидам, ки онҳо бо шумо маслиҳат мекунанд.

Қ.М. - Не, ин хел нест. Ҳозир медонед аҳвол чӣ хел?

М.М. - Не, намедонам.

Қ.М. - Ана, воқеаҳои Кӯҳистони Қаробоғ. Ҳамааш аз этикеткаи халтаҳои орд сар шуд, ки дар вай тамғаи Арманистон будааст. Ҳамааш аз ҳамин сар зад. /Дарк мекардам, ки Қ.Маҳкамов ба ман дурӯғ гуфта истодааст. Масъалаи Кӯҳистони Қаробоғ низ аз мактабу маориф, оинаи нилгуну матбуот ва алоқаҳои маданӣ сар зада буд. Ин илова 13.06.1988 навишта шудааст. М.М./. Мақолаи шумо ҳам ҳамин хел. Мо худамон масъалаҳои байни ду республикаро ҳал карданӣ будем. Шумо ба ин халал расондед. Камбудии шумо ҳамин. Ҳар чӣ тезтар навишта, гуфтан даркор, ки хато кардед.

М.М. - Дар бораи "хато кардам" гуфта навиштан сухан рондан душвор аст. Зеро ин проблемаҳо новобаста аз мақолаи ман вуҷуд доштанд ва доранд. Ман метавонам танҳо чунин нависам: "Бигузор масъалаҳои доир ба муносибатҳои миллӣ дахлдошта дар байни ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва компартияҳои онҳо ҳал карда шавад". Ин ҳақиқат аст. Ман дар ин ҷо дурӯғ гуфта наметавонам.

Қ.М. - Шумо ин ҷо ба дурӯғ гуфтан ҳақ надоред. Ин ҷо, медонед, ҳеҷ кас моро намешунавад?

М.М. - Ман боварӣ дорам.

Қ.М. - Касе иқрор намешавад, шояд аз ин ҷо набарояд ҳам. Дурӯғ гуфтагӣ ҳам. Инро набояд фаромӯш кард. Мо дар байни ду-се

моҳ ҳамаашро меёбем, кӣ дар Университет буд, кӣ сардораш, ҳамаашро меёбем, р. М.Мирраҳимов!

М.М. – Ба ҳар ҳол ман метавонам ба ранги боло нависам. Ё умуман ба масъалаҳои муносибатҳои миллӣ дахл накарда, танҳо доир ба алифбо нависам. Ба ҳамаи онҳое, ки мақола навиштанд, ҷавоб диҳам.

Қ.М. – Навиштан даркор. Шарҳ диҳед, ки барои чӣ шумо омӯхтани алифбои арабиро зарур медонед.

М.М. – Инчунин академикҳо ва докторҳои бесаводро фошофош шарманда месозам.

Қ.М. – Умуман мақолаатонро ягон кас хонда буд ё не?

М.М. – Ман боз такрор мекунам, ки аз одамони берунӣ танҳо И.Усмонов цурра гӯш карда буд ва маъқул дониста буд. Ду нафар кормандони КМ ЛКСМ Тоҷикистон р. Матқулов Н. ва З.Саидов медонистанд, ки ман мақола навишта истодаам. Ва ман гуфта будам, ки Пленуми КМ ЛКСМ Тоҷикистонро зада якпул мекунам. Зеро бисьёр масъалаҳо дар Пленум чаппа гузашта шудааст ва ман розӣ нестам.

Қ.М. – Пас, чаро маслиҳат накардед бо ягон кас?

М.М. – хислати ~~Ман~~ ~~характерам~~ ҳамин хел. Ҳангоми навиштани мақолаҳо кӯшиш менамоям, ки касе аз одамони беруна бохабар набошанд. Сониян, ман бо Ғ.Ашӯров ё М.Осимов маслиҳат карданро ба худ муносиб надидам. М.Осимиро ман аз ин пеш ҳангоми муҳокимаи фильми "Он чӣ ки аён аст".. ду маротиба "софист" ва "демагог" гуфта будам. Боз одамҳои он кас илтимос карданд, ки ба мавзӯи алифбо ва иваз карда шудани он дахл накунам. Ин бошад рағбати маро афзуд. Охири охирон, бояд ягон кас ин масъалаҳоро мегуфт?!

Қ.М. - Лекин ин хел...

М.М. - Дигар хелаш ҳам намешуд.

Қ.М. - Хайр, боз кадом масъалаҳоро гап мезанед.

М.М. - Масъалаи нашри мақолаҳои С.Табаров, Г.Уроқова ва З.Саидов. Ҳанӯз 7 январь редакцияи "Адабиёт ва санъат" супориш гирифта будааст, ки бамуқобили ман мақола тайёр кунанд. Ман 12 ё 13 январь бохабар шудам, ки С.Табаров мақола навишта истодааст ва аз номи редакцияи ҳафтанома С.Ҳалимшо ба он пешгуфтор менависад. Ин корро онҳо мехостанд пинҳонӣ ба ҷой расонанд. Вале нашуд. Мақолаи С.Табаров баъд 4 февраль нашр мегардид. Вале марги М.Аҳмадова ба ин кор монеъ шуд.

Қ.М. - Кӣ вай М.Аҳмадова?

М.М. - Як нависанда - адибаи ҷавон. Мана ин сурати вай аз "Адабиёт ва санъат".

Қ.М. - Вай чӣ кора буд?

М.М. - Дар редакцияи "Адабиёт ва санъат" кор мекард. Мақолаи Ҳ.Юсуповро хонда, дар худи редакция, идораи ҳафтанома, дар рӯи мизи коргариаш аз олам гузашт. Ман як хоҳиш дорам, ки қабри ӯро нақананд.

Қ.М. - Инашро ман ваъда дода наметавонам. Ӯ ба шумо чӣ мешуд?

М.М. - Дӯст, ба маънои ҳақиқии ин калима. Мисли додару хоҳар ҳурмат мекардем ҳамдигарро. Вале ӯ издивоҷ надошт ва ман кӯшиш мекардам, ки муносибати хоҳаронаи ӯро дигарон бадгалат маънидод накунанд.

Қ.М. - Боз чӣ медонед?

М.М. - Бадзабонҳо мегӯянд, ки барои пешсухани мақолаи С.Табаров, ки дар ҳаққи ман тӯҳматҳои зиёдеро дареғ надоштааст,

р. А.Додобоев редакцияро табрик кардааст. Сониян, мақолаҳои Г.Уроқова ~~Н.М[illegible]~~ ва Ҳ.Юсуповро якчанд нафар одамон навиштаанд. Ман онро ба мудири сектори матбуот Набӣ Каримов рӯзи 3 феврал, пагоҳӣ гуфта будам. Ба Шумо нарасондаанд?

Қ.М. – Не.

М.М. – Чаро? Ман гуфта будам, ки: I/ Дар сурати болоравии рӯҳияи зиддирусӣ /баъди нашри мактуби кушодаи Ҳ.Юсупов/ дар республика минбаъд ҳеҷ кас маро гунаҳкор карда наметавонад; 2/ Агар мақолаи маро дар хориҷа чоп кунанд, ман аз ҳуқуқи муаллифӣ даст намекашам.

Қ.М. – Ҳеҷ кас ба ман ҳеҷ чиз нагуфтааст!

М.М. – Боз ду масъалаи дигар. Аввал филм. Мо бисёр таклифҳои шуморо оид ба филм ба инобат гирифтем, вале маъмуриятчигии мудирони шӯъбаҳо К.Юлдошев ва Ч. Латифов кайҳост, ки ба дил задааст.

Қ.М. – Филмро тезтар ба охир расонед.

М.М. – Масъалаи дигар нашри тавсиянномаҳои Ё.Одинаев, доценти ИДПД ба номи Т.Г.Шевченко аст, ки ҳамааш дуздӣ аз корҳои ба шӯъбаи пропаганда ва агитацияи КМ супоридаи ман мебошад. Ман барои тайёр кардани қарори КМ ПК Тоҷикистон оид ба маросимҳо аз 16 то 28 марти соли 1987 дар КМ кор кардам[1]. Мана он материалҳо. Бинед.

Қ.М. – Ана, ин таблицаро ман дида будам.

М.М. – Ман фамилияи худам ва дигар рафиқонро навишта будам, ки дар сурати хато будани ~~будани~~ фикр, масъала, мо ҷавобгарӣ ва масъулиятро ба гардан мегирем.

1/ Ин қарор моҳи ноябри соли 1987 дар матбуоти республика чоп шудааст /шарҳи муаллиф/.

Қ.М. – Тавсияномаҳои Ё.Одинаевро дар куҷо чоп мекунанд?

М.М. – Дар ҷамъияти "Дониш"-и республика.

Қ.М. – Мо ба Додобоев А. ва Ҷ.Латифов мегӯем, ки чопашро боздоранд.

М.М. – Онҳо, албатта, чоп мекунанд.

Қ.М. – Не, мо мегӯем[1]. Шумо доир ба Наврӯз як фильми ҳуҷҷатӣ гиред. Шавад, ба забони русӣ тарҷума мекунем.

М.М. – Ман тайёр. Маблағ шавад, худи ҳамин рӯз сар мекунам.

Қ.М. – Ҷавобро кай менависед?

М.М. – Ҳоло се-чор мақолаҳо муқобили ман омодаи нашр аст. Бигузор онҳоро чоп кунанд. Баъди понздаҳ-бист рӯз ҷавоб менависам. Лекин танҳо доир ба масъалаҳои дохили республика гап зада, ҳамаашро ҷо ба ҷо мегузорам.

Қ.М. – Акнун фаҳмидед, ки ҳамаи одамони дар КМ кор мекардагӣ ба ман бисёр чизҳоро хабар намедиҳанд.

М.М. – Ҳа, каме дар дил сабукӣ ҳис карда мешавад.

/Хайрухуши расмӣ/

11-уми марти соли 1988. Соати 10-11-и рӯз ман бо ҷонишини раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон р. У.Ғ.Усмонов вохӯрдам ва масъалаи сценарияи фильми доир ба наврӯзро маслиҳат кардем.

14-уми марти соли 1988, соати 16^{00} сценарияи фильми ҳуҷҷатии "Рӯзи ҷашни Наврӯз"-ро ба У.Ғ.Усмонов нишон додам. Соати 17.25 он кас занг зада, ба ман гуфтанд, ки ба назди Ғ.Н.Қаландаров равам.

---

1. Рафиқ Қ.Маҳкамов ба ваъдашон вафо накарданд, худи ҳамон рӯзи 5-уми март китобчаи Ё.Одинаев ба нашр тавсия шуд. Маълум гардид, ки аппарати КМ ПК Тоҷикистон барои аз мо қасос гирифтан ҳамаи усулҳоро ба кор мебарад. Зиёда аз ин Ҷ.Латифов дар дасисакорӣ беустухон будааст. Дертар ӯ аз вазифаи мудири шӯъбаи пропаганда ба муҳарририи маҷаллаи "Коммунист Таджикистана" гузашт /шарҳи муаллиф/.

Соати 18.20 ба Комитети давлатӣ оид ба телевизион ва радиошунавонӣ ба назди Ғ.А.Қаландаров рафтам ва каме сӯҳбат карда, сценарияи фильмро супоридам. Тафсилоти сӯҳбат як китоб мешавад.

16-уми марти соли 1988 соати 18.40-55 дар хонаи маорифи сиёсии КМ ПК Тоҷикистон бо р. Ғ .Н.Қаландаров вохӯрдам. Он кас хабар доданд, ки ба Қ.Маҳкамов занг зада, маро таъриф кардаанд. Ва таклиф карданд, ки рӯзи 17 март с. 12.00 рӯз ба наздашон дароям.

17-уми марти соли 1988 соати 11.53 ба назди Ғ.Н.Қаландаров даромада сценарияро гирифтам ва барои ба сифати мушовир ё шореҳ кор карда тавонистанам ариза ҳам навиштам.

18-уми марти соли 1988, соати 14.15-25 бо тел. ба Н.Д.Абаканов гуфтугӯ кардам:

М.М. - Н.Д.Абаканов? Ман мехостам чанд масъаларо ба шумо хабар диҳам. 1/ Дирӯз дар конференцияи минтақавӣ оид ба тарбияи атеистӣ фильми хоҷчатии" Он чӣ, ки аён аст..."-ро нишон доданд. Дар вақти намоиш Ҷ.Латифов гурехт. Рӯзи 9 март Ҷ.Латифов ва К. Юлдошев фильмро аз киностудияи "Тоҷикфильм" ба телестудия оварда, ба видео сабт кардаанд ва ба Маскав фиристодаанд. 2/ Шанбеи гузашта, 12 март дар комитети партиявии ш.Душанбе р.Иноятова маҳкум кардани мақолаи маро ташкил кардааст, ки бо шикаст анҷом ёфтааст. 4 март дар Институти хоҷагии қишлоқ Имомназар Келдиев муҳокимаи мақоларо таклиф карда, шарманда шудааст. Ният доранд, ки муҳокимаи мақоларо дар Институти тиббӣ низ ташкил созанд. 3/ Тавсияномаҳои Ё.Одинаев 800 нусха чоп шудааст, дар сейфи р. Н. Кононенко /ҷонишини раиси ҷамъияти "Дониш"/ ~~нах~~ нигоҳ дошта мешавад.

4/ Имрӯз дар рӯзномаҳои "Комсомолец Таджикистана" ва "Комсомоли Тоҷикистон" ахборе доир ба маҷлиси шӯрои олимони ҷавон чоп шудааст, ки тамоман таҳрифкорист. Ман он ҷо будам ва ёд дошта бошед, дар сӯҳбат ҳам доир ба он маҷлис сухан рафта буд /маҷлис 4 март аз с. I8 то 2I.40 дар КМ ЛКСМ шуда буд – М.М./. Ин мақолача тамоман вайронкорӣ аст. Ҳамаи инро ба р. Қ.М.Маҳкамов расонед.

31-уми марти соли I988 дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи бесарунӯги навбатии Р.Амонов ва Р.Ғаффоров "Як забон ё се забон" нашр шуд.

I апрели соли I988 рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" мақолаи М.Осимиро ~~[illegible] уҷвонӣ~~ чоп кард, ки хеле тагдор ва ба муқобили банда буд.

6-уми апрели соли I988 бояд маҷлиси солонаи АИ РСС барпо мегардид, вале бо кадом сабаб бошад, ки маҷлиси солона нашуд. Овозаҳо ҳастанд, ки тақдири М.Осимӣ ҳал шудааст ва бояд аз вазифаи президенти АИ Тоҷикистон равад.

8-уми апрели соли I988 мақолаи ҷавобиамонро ба рафиқ Н.Д.Абаканов супоридам, ки бояд ба Қаҳҳор Маҳкамов расонад.

Аз I2 то I5 апрели соли I988 бо ҳамроҳи мудирони шӯъбаҳои КМ ЛКСМ Тоҷикистон Р.Қ.Ҳасанов ва П.О.Пӯлодов дар Тошканд будем. "Самтҳои асосии ҳамкории ташкилотҳои комсомолии РСС Ӯзбекистон, РСС Қазоқистон, РСС Қирғизистон, РСС Тоҷикистон, РСС Туркманистон баҳри мустаҳкам намудан ва вусъат додани муносибатҳои байни миллатҳо ва тарбияи интернационалии ҷавонон" ва Протоколи он чорабиниҳо[1] маҳсули он сафари таърихист.

I. Ниг.: Комсомоли Тоҷикистон, 29.04.1988 /шарҳи муаллиф/.

Аз 17 то 23-юми апрели соли 1988 дар Симпозиуми байналхалқӣ "Маросимҳои социалистӣ дар системаи маданияти маънавӣ" /дар Киев/ иштирок намудам. Доир ба ҷашни Наврӯз ва меросияти анъанаҳои халқӣ маърӯза кардам. Маърӯзаам бояд чоп шавад. Азбаски дар симпозиум олимони Польша низ ҳузур доштанд, як нусхаи маърӯзаи маро бо худ гирифтанд. Боз дар шаби эҷодии шоири ҷавонон ва мутарҷим Игорь Маленький сухан гуфтан лозим омад.

26-уми апрели соли 1988 мақолаи М.Осимӣ "Бо тақозои ҳаёт ва амри виҷдон" дар "Тоҷикистони советӣ" нашр шуд. Фарқ дар он буд, агар дар "Коммунист Таджикистана" он кас вазифаашонро "президенти АИ Тоҷикистон" қайд карда бошанд, пас дар поёни мақолаи дар "Тоҷикистони советӣ" нашршуда хеле хоксорона "узви вобастаи АИ СССР" навишта шудааст, ки бисёр аҷоиб аст. Сониян, ҳайрати кас аз он меафзояд, ки чаро мақолаи дар "Коммунист Таджикистана" бо забони русӣ чопшуда бе ягон қайду шарт боз ба забони тоҷикӣ нашр шудааст? Охир аз рӯи одоби журналистӣ бояд қайд шавад "мақола фалон рӯз дар фалон рӯзнома ба табъ расида буд". Ба фикрам дар ҳеҷ ҷумҳурӣ ё мамлакат ба одоби журналистӣ, одоби олимӣ ин қадар беэътиноӣ нест чӣ хеле ки дар Тоҷикистони мо аст.

Имрӯз аз Н.Д.Абаканов мақолаи ҷавобиамро, ки барои раддияи даъвоҳои Р.Амонов ва Р.Ғаффоров навиштаам, гирифтам. Эшон аз банда табъа мехостанд. Ҳа-ҳа!! Ана, гапу мана гап! Об хӯрдед садрнишинони беистеъдод! Об хӯрдед! Ман аз он олимоне нестам, ки имрӯз на-висаму пагоҳ аз гапам гардам. Хулоса, Қ.Маҳкамов ба мақола эътирозе надорад. Т.Нигорова /муҳаррири нави "Комсомоли Тоҷикистон", ки ба ҷои Ато Ҳамдам аст/ розӣ аст, ки мақоларо чоп кунад. Баъди каме муҳлат аз ... ва "маслиҳати" Р.Қ.Олимов, Т.Нигорова аз қавлаш гашта, роҳи тамоман нодурустро пеш гирифт. Мақсади Т.Нигорова /ба фикрам, бо

супориши баъзеҳо/ фаҳмидани рӯҳияи ман аст. Хайр, бубинем оқибаташ чӣ мешавад.

6-уми маи соли 1988. Ин бегоҳ дар барномаи "Ахбор"-и оинаи нилгун доир ба ҳафтаи поси хотир сухан гуфтам.

9-уми маи соли 1988 мувофиқи анъана барои зиёрат сари марқади устод Бобоҷон Ғафуров рафтам. Писаронам - Миралишоҳ ва Миртоҷикиконшоҳро бо худ бурдам, ки дар бораи Бобоҷон Ғафуров ба онҳо нақл кунам. Зиёратамон нағз гузашт. Сари санги ёдгорӣ гулҳои тару тоза гузоштам.

II маи соли 1988. Дар маҷлисгоҳи АИ РСС Тоҷикистон конференцияи илмӣ-назариявии "Ислом ва сиёсат" идома дорад. Ин конференцияи умумииттифоқиро Ассоциацияи илмҳои сиёсии шӯравӣ ташкил кардааст. М.Осимиро аз вазифаи президентӣ /ду сол пеш аз мӯҳлат/ озод карданд. Дар маросими "гусел"-и он кас ширкат варзида, ҳис кардам, ки Сайидои Насафӣ чӣ хел пайғамбари бузурги хиради инсонӣ будааст:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,

Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад!

Соати 16.00 дар маҷлисгоҳи АИ фильми ҳуҷҷатии "Дар рӯзи равшан" /муаллифи сценария Л. Маҳкамов/ -ро намоиш доданд. М.Осимӣ ва М.Н. Худоиев ба ин маърака сарварӣ доштанд. Нияти онҳо равшан буд. Мехостанд, ки иштирокчиёни конференцияи умумииттифоқӣ фильми моро /банда ба сифати мушовир ва барандаи ин фильм ~~[illegible]~~ дар моҳҳои декабри соли 1987 январи соли 1988 бо "Тоҷиктелефильм" ҳамкорӣ дошт/ маҳкум мекунанд. Вале ин ҳодиса рух надод. Баръакс фильмро ҳама дастгирӣ карданд ва тири душманони ошкорбаёнӣ хок хӯрд.

12 маи соли 1988. Ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" мусоҳибаи Ҷонибек Акобировро бо хатиби масҷиди Сариосиёи шаҳри Душанбе Ҳабибхон Аъзамхонов ба табъ расанд. Ин нахустин мусоҳибаи каму беш ошкор

бо намояндаи масҷиди расмӣ буд ва дар кори ба маҷрои дуруст равона кардани афкори умум аҳамияти калон дорад. Бигузор одамон арзишҳои ахлоқиро аз назари динӣ бошад ҳам, идрок кунанд. Тасаввуроти яктарафаеро, ки диндоронро доимо чун ашхоси бо макру риё нишон медиҳанд, бояд шикаст хӯрад.

<u>13 маи соли 1988.</u> Дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" мақолаи А.Олимов "Бизнез на дурмане" чоп шуд, ки муаллифи он низ ба Ҳабибхон Аъзамхонов истинод мекунад. Вале мақсади ин мақола тамоман дигар аст. Муаллиф бо услуби хеле пӯшида ходимони масҷидҳои расмӣ ва хосса ҷавононеро, ки исломро мустақилона омӯхтаанд, "фош" карда, бо ин роҳ обрӯи ба эҳтиром намеарзидагии хӯҷаҳо, тӯразодаҳо, эшонзодаҳо, сайидҳо ва даҳҳо хонадону авлодҳоро баланд бардоштан аст. Бояд хотиррасон шавад, ки А.Олимов додари котиби якуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон Р.Олимов аз хешовандони наздики М.Осимӣ аст. Чӣ гардиши айёме, ки дар илми озодфикрӣ низ онҳо ба мо роҳ нишон медиҳанд!

<u>15 маи соли 1988</u> дар дафтари хотираам мақолаи Ш.Ҷабборов "Ба муқобили таҳрифи сиёсати миллӣ /масъалаҳои ҳалношудаи миллӣ ва забонӣ дар Самарқанд ва атрофи он/"-ро аз маҷаллаи "За партия", 1929, № 3-4, саҳифаҳои 93-98 менависам.

Дар мақолаи мазкур сухан аз боби сиёсати пантуркистӣ меравад, ки тоҷиконии Самарқанд ва вилоятро зӯрбазӯрӣ "ӯзбек" кардан мехоҳанд. Ин гуна унсурҳо на танҳо аз байни зиёиёни ӯзбек, балки аз байни зиёиёни тоҷик низ кам набуданд /Бадбахтона, пантуркистони ашаддӣ асосан аз худи тоҷикон баромадаанд, ки намунаи барҷастаи онҳо А.Раҳимбоев, Ф.Хоҷаев, А.Мавлонбеков, А.Фитрат буданд. Дар аввали фаъолияти хеш худи А.Муҳиддинов ва А.Хоҷибоев низ аз ин

ҷараён натавонистанд берун шаванд/. Қувваҳои иртиҷоитарини пантуркистӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур намуданд: даъват мекарданд, ки ҳамаи маҷлисҳо ба ӯзбекӣ гузаронда шавад, ҳатто дар он ҷое, ки ӯзбекҳо набуданд ва тоҷикон аксариятро ташкил медоданд; онҳоеро, ки худро "тоҷик" меномиданд, таҳдид мекарданд, ки ба кӯҳҳои Тоҷикистон бадарға мекунанд. Ба иловаи онҳо ҳангоми рӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 1926 ҳамаи тоҷиконро "ӯзбек" навиштаанд. "Ҳангоми рӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 1926, - навиштааст муаллифи мақола, - дар байни мардум чунин овозаҳои бардурӯғ паҳн карданд, ки "бояд худро "ӯзбек" нависем. Мегӯянд, ки касе, ки худро "тоҷик " номад, замину обашро мегиранд ва ба Тоҷикистон бадарға мекунанд" /саҳ. 97/.

Назар ба маълумоти Туркстатбюро соли 1920 дар собиқ уезди Самарқанд 76. 700 нафар тоҷикон буданд /дар шаҳр ва атрофи он тоҷикон 57,32%, ӯзбекҳо ҳамагӣ 10,88%, русҳо 15,77%/ ва то соли 1929 шумораи тоҷикон ба ҳисоби миёна бояд аз 100 ҳазор мегузашт. Вале мувофиқи рӯйхатгирии аҳолӣ соли 1926 тоҷикон ҳамагӣ 10.700 нафарро ташкил доданд /саҳ.98/.

Чунин аст расми ҷарои дурушт
Гаҳе пушти зину гаҳе зин ба пушт.

<u>17 маи соли 1988</u> аз соати 14.55 то соати 15.35 дар ҳузури ректори ИДПД ба номи Т.Г.Шевченко М.Қ.Ғаффорова будам. Рафтори оз одоби инсонӣ берунии доценти институти мазкур, номзади илми фалсафа Ёқуб Одинаевро, ки ба плагиат даст задааст, муҳокима кардем. М.Қ.Ғаффорова ба ҷонишини якуми раиси Правленияи ҷамъияти "Дониш"-и РСС Тоҷикистон А.И.Кононенко телефон кард. Ӯро наёфт. Сонӣ, ба котиби илмии ҷамъияти "Дониш" М.Қурбонова занг зад. Ӯ ҳам дар ҷояш набудааст. Ваъда дод, ки аз муҳаррирӣ, албатта, даст мекашад. Ҳарчанд нағз медонистам ки кори Ё.Одинаев, ҷанӯз 5-уми марти соли 1988 дар ротопринти

ҷамъияти "Дониш" нашр шуда буд.

19-уми маи соли 1988 соати 14.37 ба КМ ПК Тоҷикистон номаро супоридам /сержант Л.Бердиев қабул кард/: Соати 17.00 бо академик М.Шукуров вохӯрдам. Он кас аз ҷавоби банда ба Р.Амонов ва Р.Ғаффоров изҳори шавиш карданд. Он кас тамоми умр тарсончак буданд ва ҳамин тавр хоҳанд монд.

20-уми маи соли 1988. Имрӯз аз соати 14.00 то 21.35 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ интихоби директор баргузор шуд. Довталабон А.Маниёзов, А.Сатторов ва А.Сайфуллоев. Ин интихобот истеҳзое ба демократия ошкорбаёнӣ аст. Зеро дар бюллетенҳои интихобот одамон метавонанд ду кас ва хато як нафар аз саргармӣ се касро қайд кардааст. Дар кори интихоботи директор Ғ.Ашӯров, М.Давлатов ва мудири шӯъбаи илми КМ ПК Тоҷикистон А.Раҷабов иштирок доштанд. Тамоми рафти ин интихоботро президентҳои собиқ ва нави АИ кайҳо репитиция кардаанд. Одамон бошанд мисли пиёдаву савораҳои шоҳмот дар рӯи тахта бозӣ доштанд.

23 маи соли 1988. Ин пагоҳӣ тахминан соатҳои 9.30- 10.00 сардори Управлениям корҳои дохилии шаҳри Душанбе Раҳмонов сардори Шӯъбаи тафтишотии райони Марказӣ Ҷӯрақул Раҷабовро ба наздаш даъват карда, мегӯяд:

— Аз паи шумо органҳо дахлдор кор мебаранд. Кӣ ба шумо иҷозат додааст, ки ҳуҷҷатҳои тафтишотиро ба забони тоҷикӣ тартиб диҳед? Чаро одамон ба забони тоҷикӣ баёнот менависанд?

Аз ин ҷанде пештар 21 май /рӯзи шанбе/ майор Зафар Ярашев бошад ба рафиқ Ҷ.Раҷабов таҳдид менамояд: чаро коргузориро бо забони тоҷикӣ ташкил кардед? ~~Ва~~ коргузорӣ ба забони тоҷикӣ "миллатчигӣ" аст.

Зафар Ярашев писари ҳамсояамон М.Ярашев буда, набераи Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандист. Чунин рафтори ӯ боиси маломати ниёгон аст. Чӣ илоҷ, давраи манқуртӣ фаро расидааст.

Аз соати 22.15 то 23.40 тавассути оинаи нилгун намоиши "Робита" барпо шуд. Шоира, Гулрухсорҳ баромад кард. Роҷеъ ба мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" ва пешниҳодҳои банда номаву суолҳои зиёде омадаанд. Гулрухсор ҷавонмардона гуфт, ки пешниҳодҳои Мирбобо дуруст ва ҳақиқатан ~~ҳам~~ барои мансабдорон талх буданд. Азбаски меъдаи ҳамаи моён ба қанд, ширинӣ одат кардааст, шояд бо ҳамин сабаб онро напазируфтем. Баъзеҳо бошанд нисбати мақола то ҳол абрӯ чин мекунанд.

Маро вохӯриамон бо Гулрухсор дар рӯзи Наврӯз ба ёд расид. Вақте ки Гулрухсорро баъзе садрнишинҳо даъват карда, нисбати мақолаи банда фикрашро пурсон мешаванд, ӯ ба таври қатъӣ талаб мекунад, ки маро ором гузоранд. Вагарна оқибати муносибати нодуруст ба ман боиси ғазаби халқ мешавад. Зиҳӣ занони равшанфикри тоҷик! Зиҳӣ зане, ки аз мардони хонашер, ҷасуртар аст.

Дар ин рӯзҳо боз як зани мардсифат, собиқ муҳаррири рӯзномаи "Маориф ва маданият" ~~/алҳол "Газетаи муаллимон"/~~ Б.Бердиева намерасанд. Маро ҳам дар роҳи худшиносӣ рӯзномаи Б.Бердиева тарбия карда, ба воя расондааст. Чӣ ~~қадар~~ дили бузург ва қувваи бепоён, ҷасорати ҳақиқатан мардона лозим буд, ки дар замони рукуд Б.Бердиева мақолаҳои заруриро чоп мекарданд. Ҳоло бошад баъзе рӯзномаҳо ҳатто ба пояи нахустини рӯзномаи Б.Бердиева ҳам нарасидаанд. Эҳёи ҷашни миллиамон наврӯз ба дастгирии рӯзномаи Б.Бердиева алоқаманд аст.

<u>29 маи соли 1988.</u> Соат 00.40 дақиқа. Шаб. Ҳозир аз тамошои

фильми Милош Форман "Полет над гнездом кукушки" /аз кинотеатри тобистонаи "Октябрь"/ баргаштам. Як ҷаҳон таассурот, як олам ғизои маънавӣ. ~~Тасаввуф~~ Хайдарёгӣ, ки аксарият мазмуни ин фильмро намефаҳманд. Ва ҳол он ки тамоми фильми мазкур рӯҳи озодӣ, даъват ба худшиносӣ аст. Чӣ калимаи сеҳрнок аст "худшиносӣ"! Рӯзҳое, ки бароям душвор бу~~д~~данд, дар клуби ба номи "Сатядҷит Рей" дар ҳонаи кино ба номи Б.Кимёгаров/ яке аз шоҳасарҳои ӯ "Регтайм"-ро тамошо кардам, ки он ҳам ба озодӣ ва худшиносии шахсӣ бахшида шудааст. Он вакт ба хулосае омадам, ки дар худшиносӣ як нафар низ метавонад, накш гузорад. Ҳарчанд барои фарди алоҳида ба амал баровардани тамоми накшаҳо бисьёр душвор аст...

Ҳафт-ҳашт соат мукаддам маколаи "То ба кай об аз таги ях маравад?"-ро бо ду саҳифа пешгуфтор /дастнавис/ ба тарҷумон, шоири украин Игорь Маленький супоридам. Мувофики пешбинии ӯ ҳафтаномаҳои адабии Тоҷикистону Украина саҳифаҳои муштарак нашр кардаанд ва Игорь мехоҳад, ки маколаи бандаро дар Украина низ азоб медиҳад. Баъзе одамони ~~иғ~~вогаре ҳастанд /масалан, номзади илми филология Д.Баҳриддинов барин ҳо/, ки баробари дидани ман "ошӯбгар", "скандалист", "каҳрамон" гӯён хурсандӣ зоҳир мекунанду дарҳол ба наҳ задани тоҷикон оғоз мекунанд:

одамон ҳастанд. Як [illegible] маро

—"Ин миллати мурда", "ин миллат аз хоб намехезад", "ин миллат пир" ва ҳоказо.

Суханронии ин кабил ашхос хеле хатарнок, ба вартаи сарбаста теладиҳанда, аз роҳи худшиносӣ ба гумроҳӣ андозанда аст. Аз ин кабил одамон ҳама чизро интизор шудан мумкин бидуни ҷоннисорӣ дар роҳи худшиносии комилро.

<u>4 июни соли 1988.</u> Аз шумораи имрӯзаи "Известия" мусоҳибаи Е.Манучароваро ба академик Г.И.Заславская мутолиа кардам. Рости

гап, ақидае, ки дар ҳамин даҳ-дувоздаҳ соли охир бо он устувор ҳастам ва тамоми кӯшишҳоям барои равшан кардани он сарф мешавад, дар мусоҳибаи мазкур бамавқеъ таъкид шудааст. Гап дар сари он аст, ки дар республикаҳои Осиёи Миёна, махсусан дар Ӯзбекистону Тоҷикистон ~~~~ авлодҳои муайян тамоми риштаи идоракуниро дар даст доранд. Ин факти бебаҳс аст. "Известия" навиштааст:

"Е.Манучарова. - Роҳе, ки роҳбарияти сиёсӣ мувофиқ донистааст, чӣ хеле ки ман мефаҳмам, ҳеҷ ягон гурӯҳи иҷтимоӣ пешниҳод накард. Камтар аз онро чӣ? Мехостам бифаҳмам, ки оё мо қафо баргашта метавонем? Оё чунин гардиши таърих имкон дорад? Ин таҳдид ҷой дошт?

Т.Заславская. - Фикр мекунам, ки ҳоло чунин таҳдид нест, ҳарчанд қувваҳои иртиҷоъ /ин гурӯҳро ҳамин тавр номем/ боқӣ мондааст. Дар мамлакат лонаҳои пурзӯри ҷинояткории муташаккил фош шуданд. Ин шаҷараҳо қисми аз ҳад гузаштаи коркунони савдо, корчаллонҳои олами иқтисоди пинҳонӣ, ҳокимият, ҳатто органҳои муҳофизати тартиботи ҷамъиятиро дарбар гирифтаанд... Ба гумон аст, ки онҳо танҳо роҳи интизории оромро пеш гирифта бошанд - бозсозӣ барои онҳо бой додани ҳама чиз аст. Ва онҳо аз ҳеҷ кор рӯ намегардонанд".

Ана, ҳамин тавр аст зиндагонии мо. Вассалом.

7-уми июни соли 1988. Имрӯз дар ҷои корамон бо рӯйхати махсус ~~брошюраи~~ китобчаи ҳамкорам Т.Васневаро, ки доир ба тадқиқоти социологии коргарони Душанбе аст, бо одамон тақсим карданд. Аҷоибаш он ки дар рӯйхати кормандони сектор ному фамилияи ман набуд. Тахмин мекунам, ки дар комитети партиявии шаҳри Душанбе барои нишон додани "ҳисси эҳтиром" номи маро махсус хат задаанд.

Боз як воқеаи дигаре низ рух дод. Ногаҳон Р.Маҷидов ба гап

даромада, хабар доданд, ки дар Правлениями ҷамъияти "Дониш"-и Тоҷикистон корманди КМ ПК Тоҷикистон Зинченко талаб кардааст, ки М.Мирраҳимовро ба корҳо тарғибу ташвиқ /лекцияхонӣ/ ҷалб накунанд. Р. Юсуфбеков бошад ин фикрро хеле гарму ҷӯшон дастгирӣ кардааст. Охир, ӯ худои М.Осимӣ аст, пас, чаро аз чунин ~~лаҳзаҳо~~ лаҳзаҳои муносиб истифода набарад?!

10-уми июни соли 1988. Имрӯз бо редакцияи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи ҷавобиам ба Р.Амонов, Р.Ғаффоров ва С.Табаров "Мардумони бохирад ё идомаи "То ба кай об аз таги ях меравад?"-ро супоридам. Рақами қайдаш 2915. Боз як воқеаи дигаре ба вуқӯъ пайваст. Аз ҳамин рӯз банда эътиборан ~~ба сифати мушовир~~ дар шӯъбаи мактубҳо ва тадқиқоти социологии Комитети давлатӣ оид ба радиошунавонӣ ва телевизион ба сифати мушовир кор хоҳам кард. Дина 9-уми июнь тавассути оинаи нилгун намоиши мо рафт, ки ба масъалаи зарурати омӯзиши ҳуруфоти классикӣ ва забони тоҷикӣ бахшида будем. Хулоса, ғояи яке аз пешниҳодҳоямонро барои амалӣ намудан ҷоннисориҳо хоҳам кард. Муборизаи ҳақиқӣ дар роҳи худшиносӣ нав оғоз меёбад. Мазмуни иҷтимоии "То ба кай об аз таги ях меравад?" баъд аз се-чор сол равшантар хоҳад шуд.

18-уми июни соли 1988. Соати 19.00 дар Хонаи маорифи сиёсии КМ ПК Тоҷикистон маҷлиси дӯстӣ бо иштироки котибони КМ ПК Ӯзбекистон Р.Нишонов, Анищев, Ҳолмуҳаммадов, раиси Президиуми Совети Олии РСС Ӯзбекистон Хабибуллоев, раиси Совети Вазирони Ӯзбекистон Қодиров барпо гардид. Ин маҷлис низ дар рӯҳияи беҳтарин анъанаҳои рашидовчиҳо ва расуловчигӣ гузашт. Р.Нишонов назар ба пешгузаштагонаш боақлтар метобад. Ӯ ба суоли Аҳмадҷонзода роҷеъ ба масъалаи он ки чаро дар паспорт миллати тоҷиконро "ӯзбек" менависанд ин тавр ҷавоб дод:

--Мана рафиқ Аҳмадҷонзода мепурсанд, ки: -Оё роҳбарияти республика ба он тоҷиконе, ки дар шиносномаҳо /паспортҳо/-яшон "ӯзбек" ё "ӯзбекзан" навиштаанд, рухсат медиҳад, ки шиносномаи нав гиранду миллати худро "тоҷик" ё "тоҷикзан" нишон диҳанд? - Марҳамат! Хуш омадед! /қарсакзанӣ/. Инро метавон дар вақти рӯйхатгирии аҳолӣ, ки дар моҳи январи соли оянда мешавад, ислоҳ кард. Анкетаи рӯйхатгириро пур карда, миллати ҳақиқии хешро навиштан даркор. Аз рӯи зарурат дар органҳои маъмурӣ паспортро иваз кардан мумкин аст. Ҳеҷ гуна монеият нест. Чӣ хеле ки мегӯянд, мо бояд хоҳиши калонсолонро қонеъ гардонем. Доир ба бачаҳо бошад миллати онҳо мувофиқи хоҳиши волидайн сабт мешавад[I].

Ва суоли дуюм. Сухан дар бораи намоишҳои телевизионӣ Душанбе ба Самарқанд меравад. Барои чӣ маҳз бо канали 21-ум, бо истифодаи блоки махсуси қисмат ва антена? Рафиқон, ин тадбири иҷборӣ аст. Вале мо алҳол бо якҷоягии комитети давлатии СССР оид ба телевизион ва радиошунавонӣ ва комитетҳои телевизиону радиои Ӯзбекистону Тоҷикистон кор мебарем, ки дар тамоми ҳудуди Ӯзбекистон,

---

I. Ин ҷавоби Р.Н.Нишоновро р.К.Маҳкамов ва А.Додобоев борҳо тавассути оинаи нилгун ва маҷлисҳо такрор карданд. Вале ҳеҷ кадоме аз онҳо нафаҳмиданд, ки то он вақте ки Низомномаи системаи паспортӣ дар СССР, ки бо қарори Совети Вазирони СССР 28 августи соли 1974 тасдиқ шудааст, бекор нашавад, ваъдаҳои роҳбарони Тоҷикистону Ӯзбекистон танҳо гапҳои холианд. Зеро системаи паспортӣ дар СССР дар салоҳияти ВКД СССР ва Вазорати адлияи СССР мебошад ва то он вақте ки системаи паспортӣ дар СССР дигар нашавад, ҳамаи суханҳои калоншавандаҳои мо пиромуни масъалаи шиносномаҳои тоҷикон суханҳои беасосанд. Яъне ҷиҳати ҳуқуқии масъала роҳи қонунии онро бояд ёфт ва ҳал кард. Сониян, агар системаи паспортӣ дар СССР тағйир ёбад, пас, бояд дар назар дошт, ки на танҳо як ӯзбекон аз ҷиҳати миқдор кам мешаванд, балки даҳҳо халқҳои дигар, ки дар шиносномаҳояшон "рус" навиштаанд, озодӣ ба даст меоранду ҳақ ба ҳақдор мерасад. Ба ёд орем ки дар солҳои баъди Инқилоби Октябрь қариб дусад халқу миллат дар мамлакат зиндагӣ дошт ва дар охири солҳои 80-ум зиёда аз сад халқу миллат нест шудааст, равшан мегардад, ки халқҳои бузург аз ҳисоби кадом халқҳо афзудаанд /шарҳи муаллиф/.

аз ҷумла Бухорою Самарқанд, имконияти тамошои телевизиони тоҷик бошад /қарсакзанӣ/. Барои ин камтар вақт лозим аст, аммо масъала ҳал хоҳад шуд [I].

Қ.Маҳкамов бошад ҳамаро шарманда кард. Ӯ студенткаи ИДПД ба номи Т.Г.Шевченко, ӯзбекдухтар С.Алиеваро ба ҳозирон "стипендиати сталинӣ" муаррифӣ кард. Баъд, вақте ки яке аз дар паҳлуяш нишастагон ба иштибоҳи ӯ ишора кард, бе ягон узру маънӣ "стипендияти ленинӣ" гуфт: Ин кори ӯ узри бадтар аз гуноҳро мемонд, ки боиси хандаву кафкӯбиҳо шуд. Шармандагӣ аз ин зиёд намешавад. Маълум мешавад, ки роҳбарони мо дар дил меҳри Сталинро мепарваранду орзуи баргаштан ба он даврахоро доранд... Боз як шармандагии дигар. Артисти халқии СССР Ҷ.Муродов дар поёни консерти имшаба чун "тарошаи аз бом афтода" ба ҳама ин тавр муроҷиат кард:

— Биёед, ҳамин кашмакашҳоро монем. Дӯстӣ бошад, дӯстӣ бошад...

Ин чӣ аҳмақӣ? Гӯё одамон беҳуда кашмакаш мекарда бошанд. Чунин рафтори Ҷ.Муродов шахси дурӯя буданашро нишон медиҳад.

Хабар оварданд, ки мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад"-ро ба забони арманӣ тарҷума ва пахн кардаанд. Мувофиқи суханронии Қ.Маҳкамов дар Тоҷикистон 952 мактаби ӯзбекӣ мавҷуд аст. Акнун худи шумо муқоиса кунед: барои аз 872 ҳазор /бигузор

I. Иқтибос аз стенограммаи шаби дӯстӣ дар Хонаи маорифи сиёсии КМ ПК Тоҷикистон 18.06.1988. Бояд хотиррасон шавад, ки Р.Н.Нишонов дар ин ҷавоби хеш низ ҳамаро ба гумроҳӣ андохт. Аввалан, дар Иттиҳоди Шӯравӣ системаи намоишҳои телевизион ба минтақаҳо тақсим шудааст ва тамоми системаи телевизионии республикаҳои Осиёи Миёна тобеи Тошканд мебошад. Пас, "усул ба дасти нақоратчӣ"-аст. Сониян, маълумотҳои соли 1989 низ шаҳодат медиҳанд, ки дар ин кор тағйироте ба миён наомадааст /шарҳи муаллиф/.

900 ҳазор гӯем, ҳарчанд садҳо ҳазори онҳо аз тоҷикон, туркманҳо, қирғизҳои бегуноҳе ҳастанд, ки миллаташонро ноҳақ "ӯзбек" навиштанд/ 952 мактаб ҳаст, ки бемалол метавонанд бо забони модариашон маълумоти миёна гиранд, вале барои 700 ҳазор /мувофиқи маълумоти охирин/ нафар тоҷикони сарсахт ҳамагӣ 174 мактаби ба номи тоҷикӣ /шояд аксар омехта, яъне тоҷикӣ-ӯзбекӣ/ мавҷуд асту халос. Ку адолат?!

3-юми июли соли 1988. Як ҳафта беш тар аст, ки бо хоҳиши Р.Маҷидов тарҷумаи "Китоб дар бораи Қуръон"-и А.В.Авксентьев ва ва Р.Р.Мавлудовро таҳрир мекунам. Ба ин кор 21-уми июнь сар кардам. Дастнавис 166 саҳифа.

6-июли соли 1988. Мақолаи зеринро навишта, ба редакцияи ҳафтаномаи "Московские новости" фиристодам.

ФИКРИ ШАХСИИ МАН

Рӯшод мегӯям: конференцияи XIX умумипартиявӣ умедҳои маро амалӣ накард. Гап дар сари он ки: даставвал, ҳамаи баромадкунандагон /ва худи котиби Генералӣ низ/ бо суханҳои хеле хубу пурмазмуни академик Л.И.Абалкин доир ба рафти бозсозӣ ҳуҷум овардaнд ва ин кор то баромади Б.Н.Ельцин давом кард: дуюм, баъд аз баромади худ Б.Н.Ельцин ҳадафи таъқиб қарор гирифт; сеюм, бидуни баромадҳои Л.И.Абалкин, Б.К.Пуго, С.Г.Арутюнян, В.И.Мельников /котиби якуми комитети партиявии вилояти Коми/, Г.Боровик, Б.Н.Ельцин, Б.Я.Бакланов дигар нотиқон метавонистанд умуман баромад накунанд ё худ баромадҳояшонро 90-фоиз кӯтоҳ созанд; чорум, баромадҳои рафиқони зикршударо метавон натиҷаи бозсозӣ, ақлҳои рӯшани ҷомиа номид, панҷум, баромади р. Е.К.Лигачёв ба худфошкунӣ монандӣ дошт. Охир, ин чӣ маънӣ дорад: "Борис, ту хулосаҳои

дурусти сиёсӣ набаровардӣ" /магар ин ба ахлоқи коммунистӣ мезебад!/ "даҳшат, вале факт" /алҳол ин факт нест, зеро ки кафолат дода метавонад, ки баромади ӯро тарафдорони шумо ҳадафи майдагапӣ қарор намедиҳанд/, ё худ "ту, Борис, вилоятро ба талон овардӣ" /агар аҳвол ҳамин тавр бошад, пас чаро ӯро шумо ба Москва овардед ва ба аъзогии Бюрои сиёсӣ тавсия додед ва ғ./. Ва суханони "социализм сохтам" танҳо даъват ба баланд бардоштани шахспарастии хеш асту бас. Шояд Ельцин дар ҳақиқат ба ҷои дардноки мафияи ҳизбӣ пой монда бошад /афсӯс, ки маҳалгароии р. Н.С.Чикирёв ва И.С.Лукин аз назар дур афтод/; шашум, аксари вакилон танҳо дар як кор аз дилу ҷон ҳамдастӣ, ҳамдилии хешро баён карданд – ин маҳкум кардани матбуот, зери назорати қатъӣ гирифтани воситаҳои ахбори оммавӣ /хосса рӯзномаву маҷаллаҳо/. Баромади нависанда Ю.Бондарев[1] шоирони дарбории Шарқро /барои чунин муқоисаи баланд маро маъзур доред/ ба ёд овард. Ва охирин пешниҳоди банда чунин аст: агар р. Б.Н. Ельцин дар Москва лозим набошад, хоҳишмандам ӯро ба сифати котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон фиристед /танҳо як худи ӯро, на зиёд аз он/. Азбаски то ҳол дар диёри мо аз бозсозӣ насиме нест, бигузор ҳавои бозсозӣ бо ӯ якҷоя биёяд. Афсӯс, ки ҳатто мӯҳтарам Михаил Сергеевич низ назар ба баромади худ дар Пленуми январии /с. 1987/ КМ КПСС хеле суст сухан ронданд, ки онро метавон "як қадам ба пеш ду қадам ба ақиб" маънидод кард. Ҳамаи ин фикри шахсии ман аст. Ва агар рӯзнома ҷасорати чопи ин сатрҳоро бар ӯҳда гирад, хоҳишмандам таъкид кунед, ки инҳо фикрҳои шахсианд. Чунки боз рафиқ Лигачёв шуморо ба интихоби номаҳои ғаразнок айбдор накунад[2].

1. Дертар, дар интихоботи депутатҳои халқии СССР, ки моҳи марти соли 1989 ба вуқӯъ пайваст, нависанда Ю.Бондарев муборизаро бо корманди комсомолӣ бой дод /шарҳи муаллиф/.
2. Ин номаи кӯтоҳи моро ҳафтанома ҷоп накард. Ба фикрам, бисёр ошкоро буд, ки аз акси садояш ҳаросиданд /шарҳи муаллиф/.

II-уми июли соли 1988. Ин бегоҳ аз соати 20.20 то 21.30 робитаи мустақими телевизионӣ буд ва бадоҳатан ин сатрҳоро навиштам:

ҲАНГОМАИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ВА Ё ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ....

Овозаи вохӯрӣ бо вакили конференцияи XIX партия, котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Қ.Маҳкамов тавассути оинаи нилгун водорам намуд, ки беш аз як соат ду чашм ба сӯи телевизор нишинам Вохӯрӣ мебоист ба тариқи суолу ҷавоб сурат мегирифт. Вале...

— дар чунин вохӯрӣ ширкати вазирон ва раиси Госплан оё ҳоҷат дошт?

— вохӯрии телевизионӣ магар маҷлиси ҳисоботӣ аст, ки вақти қимати тамошобинонро гирифта, роҷеъ ба нархи бозор, сохтмон ва ғайра домани халқро "бо чормағзи пуч пур кард?"

— ҷавобҳои пешакӣ тайёрро, ки ҳатто чопи машинка будани онҳо равшан намудор буд, хондан шарт аст? Чаро ба ягон суоли тамошобинон, ки шояд ба даҳҳо рақамҳои телефонҳои мавҷуда омадаанд, ҷавоб гуфта нашуд? Пас, чӣ ҳоҷат буд, ки чунин вохӯрӣ ташкил намоянд? Охир, дар видео сабт кардани ҷавобҳои рафиқ Қ.Маҳкамов беҳтар мебуд!

— модоме ки ҳатто ба ягон суоли тамошобинон ҷавоб гуфта нашуд, ин ҳангомаи телевизионӣ ба кӣ даркор?

Азбаски дароз кардани сухан малоли хотир нагардад аз шумо, рафиқ Қ.Маҳкамов, хоҳиш мекардам, ки:

—"навиштаҷот"-ро "навиштазот" нахонед, ки ин калима маъное надорад;

—"ҳазми кор" не, шояд "ҳаҷми кор" ~~будагист~~ бошад?

— барои камбудиҳои боло аз тамошобинон бахшиш /узр/ пурсидан фаромӯш нашавад мувофиқи матлаб аст;

— худи ҳамин муносибати шумо ба забони тоҷикӣ гувоҳи он аст, ки қарорҳои қабулшуда оид ба инкишофи ду забон /чӣ забони русӣ ва чӣ забони тоҷикӣ/ чӣ тавр амалӣ мешавад;

— воҳӯриҳои минбаъда бо дигар вакилони конференцияи XIX партиявӣ ҳамин хел сурат мегирифта бошанд, бори дигар хоҳиш мекунам, ки моро аз азоби монологи ороми беадрес тавассути оинаи нилгун бираҳонед ва бигузоред, ки телевизиони тоҷик ягон барномаи шавқангез, дар ҳақиқат, мувофиқи талаби айёми бозсозию ошкорбаёниро пешкаши тамошобинон созад[I].

13-уми июли соли 1988. Ба наздикӣ мақолаи мудири кафедраи забони русии Университети давлатии Ереван С.Т.Золян ва сардори шуъбаи институти тадқиқотии Вазорати адлияи Арманистон К.Г.Балаян "Сумгаит: санҷиши ошкорбаёнӣ"-ро мутолиа кардам. Муаллифон навиштаанд: "Мувофиқи Конвенцияи Женева аз 9 декабри соли 1948, ки мамлакати мо имзо гузоштааст "зери мафҳуми геноцид /наждкушӣ, қир кардани як халқ/ чунин амалиёт фаҳмида мешавад, ки он ба таври мақсаднок пурра ё қисман нест кардани ягон миллат, гурӯҳи этникӣ, ирқу нажод ё динист. Ва аниқтараш:

I. қатлу куштани аъзоёни ин гурӯҳҳо.

2. зарари ҷисмонӣ ё ақлӣ ба аъзоёни ин гурӯҳҳо.

Конвенция онро дар назар дорад, ки ҳам геноцид ва ҳам тайёрӣ ба мақсади амалӣ намудани вай, бевосита ва рӯирост шӯр андохтан

I. Ин мақоларо 12.07.1988 ба редакцияи "Тоҷикистони советӣ" супоридам ва хоҳиш кардам, ки чоп кунанд ё ба худи р. Қ.Маҳкамов фиристанд. Ба р. Қ.Маҳкамов фиристоданд ё не намедонам /шарҳи муаллиф/.

барои геноцид ва ширкат ба он лоиқи ҷазо аст. Ҷиноят ба муқобили инсоният "но мумкин ва бояд ҳам дар миқъёси байналхалқӣ ва ҳам тартиботи миллӣ маҳкум кард" /иқтибос аз китоби: "Курс международного права". М., 1972, с. 14. 145. Преступления против человечества/.

22-юми июли соли 1988. Имрӯз ҷумъа. Пас аз ду рӯз, яъне 24-уми июль рӯзи Иди қурбон. ~~- 131 -~~

23-24-уми июль бо якҷоягии Саидалӣ Воҳидов ва Баҳром Олимов ба тӯи Абдураҳмон Қурбонов рафтем. Дар деҳаи Доғистони ноҳияи Мӯъминобод бо зиёиёни Кӯлоб вохӯрдем. Ин ҷо аз бисёр воқиаҳо огоҳ шудем. Аз ҷумла маълум шуд, ки пас аз нашри "То ба кай об аз таги ях меравад?" барои ором кардан ё худ аниқтараш фикри мардумро баръакс бо маҷрои гумроҳӣ андохтан котиби КМ ПК Тоҷикистон Воҳидов ва Т.Назаров /ҳамон ректори тӯҳматгари УДТ ба номи В.И.Ленин/ ба Кӯлоб меоянд. Онҳо мардумро ҷамъ карда, маҷлис мегузаронанд. Албатта, чӣ қадар аз дасташон меояд, маро сиёҳ карда аз ҳозирон, ки асосан равшанфикрони Кӯлоб будаанд, даъват ба амал меоранд, ки муаллифи мақоларо маҳкум кунанд. Вале кор тамоман баръакс мешавад. Як ҷавонмарди бадахшонӣ аз ҷояш бархеста, талаб мекунад, ки на муҳокимаи муаллифи мақола, балки масъалаҳои дар муносибатҳои миллӣ ҷойдоштаро, ки дар мақола аз боби онҳо сухан рафтааст, бояд ҳал кард. Хулоса, ҳеҷ кас ба муқобили банда набаромадааст. "Тарбузи меҳмонон аз бағал" меафтад...

Маро як нукта ба ташвиш овардааст, ки он ҳам бошад, муҳаррири рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" М.Муҳаббатшоев ваъдаашро иҷро накард. Мақолаи ҷавобии бандаро, ки бояд чоп мешуд, аз нашр боздоштааст.

~~Ҳангоми бозгашт аз Кӯлоб нақшаи мақолаи ҷавобиро кашидам, ки бояд "Одаму ақл..." ном гузорам.~~

25-уми июли соли 1988. Соати 9.00. Рӯзи 21.07.1988 дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" мақолаи С.Наимбоев "Одаму либос" чоп шудааст, ки аз ҷиҳати ғояви идомаи мақолаҳои Р.Амонов ва Р.Ғаффоров буда, бевосита ба муқобили фикрҳои банда перомуни либоси миллист. Расо соати 9.00 сари мизи кори нишаста, соати 12.50 мақолаи ҷавобиам "Одаму ақл... ё андешаҳо перомуни мақолаи "Одаму либос"-ро иншо кардам. Соати 14.15 мақоларо ба редакция супоридам.

26-уми июли соли 1988. Баъд аз нисфирӯзӣ ба идораи ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" рафта, мақолаамро бори дигар хондам. Танҳо бо исрор ва хоҳиши Д.Раҷабӣ розӣ шудам, ки номашро "Одаму ақл.." нею, бигузор "Дарро задам..." гузоранд.

Бегоҳирӯзӣ ҳамсоямон Н.Сайфуллоев хабар оварданд, ки таъҷилан ба Ҷ.Латифов ва ё А.Раҷабов телефон кунам. Ба Ҷ.Латифов занг задам. Ӯ аз боби фильми нави ҳуҷҷатӣ доир ба ҷашни Наврӯз пурсон шуд, гила кард, ки чаро байни мо хунукӣ афтодааст. Хоҳиши вохӯрӣ кард. ~~Вохӯрданро орзу кард.~~

Маълум мешавад, ки ма~~фия~~нсабдорон роҳу усули муносибаташро бо банда дигар карда истодаа~~ст~~нд. Инро бояд нағзакак мулоҳиза намуд, то ки ба доми онҳо барнахӯрем.

Пагоҳ ба Истаравшан меравем.

Имрӯз боз як вохӯрӣ доштам, ки он бо муҳаррири маҷаллаи "Помир" М.Муллоҷонов буд.

Дар ҷамъомади ба муносибати 60-солагии шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев номгузорӣ кардани кӯчаи колхозчӣ ба номи пуршарафашон ширкат варзида, аз номи сокинони шаҳристони 102 ин иқдомро дастгирӣ кардам.

Ин бегоҳ мақолаи зеринро ба охир расондам. Дертар ба рӯзномаи "Известия" мефиристам.

ФИКРИ МАН ДАР БОРАИ
"ТАНҚИДИ АФКОР ВА ФИКР ДАР БОРАИ ТАНҚИД"
/Известия, 9.07.1988/

Оқибат ҳамон тавр шуд, ки интизораш шудан мумкин буд. Нутқи рафиқ В.Мельников меҳвар ва ороиши конференцияи XIX партиявӣ шуд. Гап дар сари ном бурдани роҳбарони олимартабаи партияамон набуда, балки дар кушодани моҳияти тобеияти иқтисодии бисьёр минтақаҳои мамлакатамон буд. Ана ҳамин чиз ба бисьёрҳо маъқул нест. Ман аллакай ба рӯзномаи "Московские новости" ақидаамро навишта будам /ба шумо нусхаи ин мактубро мефиристам/ ва намехоҳам такроран нависам. Фақат баъзе мулоҳизаҳоямро қайд карданӣ ҳастам.

Рафиқ Г.Арбатов яке аз аввалинҳо шуда, ба нутқи академик Л.Н.Абалкин эрод гирифт ва ин ишорае шуд ба дигар нотиқон. Бинобар ин рафиқ В.Мельников Г.Арбатовро намояндаи давраи рукуд номида кори хайре кард. Қайд мекунам, ки борҳо дар якчанд пленумҳои КМ ва съездҳои партия илм танқид шуда буд. Ва ҳама вақт дар як чиз: дар надонистани аҳволи иқтисодиёт, сиёсат, ҷамъият ва ғайра ва ҳоказо аз тарафи намояндагони илм. Алқисса, дар тамоми хатову камбудиҳо илм ва олимон гунаҳкоранд /дар хотир дорам, ки котиби якуми яке аз комитетҳои шаҳрӣ олимонро ба хар монанд карда, фарқро фақат дар он медид, ки аввалинҳо маслиҳат медиҳанду дуюмӣ бор мекашад/.

Барои ҳамин чунин меҳисобам, ки гузориши Л.М.Абалкин доир ба рафти бозсозӣ дар мамлакат тамоми вакилони конференцияи партиявиро бояд ба эҳтиёт шудан, ба ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳо водор мекард, на ба чизи марғубро ҳамчун воқеият тасвир кардан.

Шарҳи муҳаррири "Правда" В.Афанасьев бисьёр аз сидқи дил ва шоистаи коммунист аст. Аммо ба Г.Арбатов баҳои хуб додани В.Чебаненко ноҷоя буд.

Танқид ва плюрализми афкор бояд меъёр бошад, ~~на~~ дар 60 сол як бор. Ва мо бояд худ ҳисси ҷавобгариро дар худамон тарбия кунем. Ман мехоҳам он роҳбаронеро, ки қарори ба Афғонистон дохил кардани қувваҳоро қабул кардаанд, ном ба ном донам. Албатта, ~~қӯшунҳои~~ сипоҳи мо дар фоҷиаи бисьёр оилаҳои советиву афғон ҷавобгар нестанд, вале талафот фақат моддӣ нест.

~~Кӣ~~ Кадоме метавонад он талафотеро, ки обрӯи партия ва давлат, ҳатти маънавӣ ва дӯстии халқҳо додааст, ҳисоб кунад. Шарқи исломӣ ҳеҷ гоҳ ба Иттифоқи советӣ ва ҳатто ба ягон бовиҷдонтарин фарди он ин ҷиноятро намебахшад /ман инро чун мутахассис хуб медонам/. Бинобарин гунаҳкорони ин фоҷиаро ном ба ном бояд донем. Пас аз ин дар оянда ҳар як раҳбари Ватанамон дурандешттар ва борикбинтар хоҳад шуд. Ва ман бисьёр мехостам донам, ки аз олимон маслиҳати ба Афғонистон дохил кардани ~~қӯшунҳоро~~ сипоҳро додааст /воқеан, Ким Фил~~ба~~би бисьёр ошкоро гуфтааст, ки аз ӯ дар бораи дохил шудани ~~қӯшунҳои~~ сипоҳи мо ба Афғонистон маслиҳат напурсидаанд. Ниг. ба "Л.Г." Инчунин мақолаи академик О.Богомолов, директори Институти иқтисодиёти системаи социалистии ҷаҳони АИ СССР доир ба ҳамин аст/.

Дигар он чӣ, ки мехоҳам изҳори ақидаи шахсии хешро доир ба он бикунам, ин нутқи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон рафиқ К.М. Маҳкамов дар конференцияи XIX партиявӣ мебошад. Нутқи ӯ беҳтарин намунаи гузоришҳои даврaи рукуд мебошад. Дар бораи масъалаҳои республикаамон ва минтақа ба ҷои ӯ рафиқон Б.К.Пуго ва В.Н.Мельников ҳарф заданд. Кӯшиш мекунам ин ақидаамро фаҳмонам.

Якум. Рафиқ К.М.Маҳкамов ба вакилони конференцияи XIX партиявӣ чунин хабарро расонд: "Ҳамаи мо дида истодаем, ки имрӯз ба мав-

кеи аввал афроди алоҳида ва ҳатто гурӯҳи одамоне, ки баъзан кора-шон омад ҳам мекунад ва худашонро мубориэони адолат меноманд, ме-хоҳанд бароянд. Вале моҳияти ҳаққонии онҳо - демагогия аст".

Ана ҳамин тавр ҳодисаҳои якуним соли охир дар республика рӯйдодаро тавсиф кард Қ.Маҳкамов.

Дар асл ҳама чиз аз по ба сар монда шудааст. Ба тафсилоти ҳол машғул нашуда, фақат як мисолро меорам.

Як сол муқаддам муаллифи сатрҳо бо ҳамкории коргардон П.Аҳмадов фильми ҳуҷҷатии "Он чӣ, ки аён аст"-ро ба навор гирифтем /Тоҷикфильм с. 1987/, ки он дар бораи ҳаракати динӣ ва масъалаҳои тарбияи атеистӣ, дар бораи бесаводии коркунони партиявие, ки ба ин соҳа мутасаддӣ ҳастанд, оид буд.

Чӣ қадар муҳокимаҳо, насиҳатҳо /ҳатто таҳдидҳо/-е шуд ба унвони фильм аз тарафи мудири шӯъбаи пропаганда КМ ПК Тоҷикистон Ҷ.Л. Латифов, президенти АИ Тоҷикистон М.С.Осимӣ ва думбардорони онҳо Ғ.Ашӯров, А.Маниёзов, М.Миршакаров, Р.Олимов ва дигарон. Фильмро манъ карданд. /Дар ҳамин рӯзҳо!/. Бо вуҷуди он ки фильм аз Комиссияи ҳалли ҷанҷолҳои Иттифоқи китематографистони СССР гузашт, дар шӯъбаи пропаганда ва агитацияи КМ ПК Иттифоқи советӣ намоиш дода шуд, ба ман ҳамчун яке аз муаллифони фильм тақдираш номаълум аст.

Воқеан, худи рафиқ Қ.Маҳкамов шахсан кӯшиш кардааст, ки баъзе кадрҳои фильмамонро суфтатар кунад. /агар кормандони ре-дакцияи "Известия" рағбати тамошои фильми "Он чӣ, ки аён аст"-ро дошта бошанд, кӯшиш мекунем ба шумо онро биёрем ва муҳокима кунем/.

Дуюм. Дар мақолаи ман „Халқ гунаҳкор нест" /рӯзномаи "Тоҷи-кистони советӣ", 24.10.1987/ ва "То ба кай об аз таги ях меравад?" /рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон, 6.01.1988/ то ҳол ба рафиқ

Қ.Маҳкамов ~~қарор~~ ором намедиҳанд /ҳол он ки дар Пленуми УШ КМ ПК Тоҷикистон моҳи декабри соли гузашта ӯ шахсан мақолаи "Ҳақ гунаҳкор нест"-ро зери танқид гирифта буд/.

Як ҷузъиёти аҷоиб: ба дастгирии мақолаи ман "То ба кай об аз таги ях меравад?" қариб 200 мактуби ҷавобӣ омадааст /ба истиснои ҳазорҳо занги телефон/.

Ҳайфо, ки на рафиқ Қ.Маҳкамов, на дигарон ~~иҷозат~~ ба ичозат чоп кардани ин мақолаҳоро надоданд. Баръакс аппарати КМ ЛКСМ ва КМ ПК Тоҷикистон якҷоя бо АИ республика дар 3 номгӯй рӯзнома қариб 5 мақолаи "супоришӣ" чоп кардаанд. Бо вуҷуди он ки ҳеҷ як аз мақолаҳои мунаққидонаи қирои танқид намекунад, онҳоро бо супориш аз "боло" ҳатто газетаҳои вилоятӣ низ чоп кардаанд.

Натиҷаи ҳамаи ин фаъолиятҳо ин шуд, ки адиба М.Аҳмадова дар ҷои кориаш вафот кард /рӯзи чопи "мактуби кушод" ба ман дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" 3.02.1988/. Ин як андӯҳ буд, ки боз 3 марти соли равон рафиқон Қ.Маҳкамов, П.К.Лучинский ва президенти /ҳоло собиқ/ АИ Тоҷикистон М.Осимӣ дар толори АИ спектакли ҳақиқие ташкил карданд. Мақолаи банда "То ба кай об аз таги як меравад?" махсус муҳокима шуд, вале ин муҳокима бо шикасти пурраи онҳо анҷом ёфт. Ҳамаи нотиқон /ғайр аз А.Мухторов ~~ва~~ ва чанде дигарон Р.Додихудоев/ салоҳияти хешро танҳо дар хушомадгӯӣ, тӯҳмат ва ғайра нишон дода тавонистанду халос!

Рафиқон Қ.Маҳкамов ва М.Осимӣ худро ба он шарманда кардаанд, ки мақолаамро, ки ба забони тоҷикӣ навишта шудааст, дуруст хонда фаҳмида натавонистаанд. Хушбахтиам дар он аст, ки ҳамаи ин то "шӯҳрати" Н.Андреева рӯй дода буд. Агар каме баъдтар рӯй медод, тақдири дигар хелтареро интизор шудан мумкин буд.

Сеюм. Рафиқ Қ.М.Маҳкамов гуфт: "Солиёни дароз дар баъзе минтақаҳои ҳамсарҳади Узбекистону Тоҷикистон низоъҳо вуҷуд доштанд ва баъдтар 4-5 моҳи охир бе тартиби ягон хел протокол роҳбарон ва намояндагони ҷамъияти республикаҳо якчанд бор вохӯрданд".

Хулоса, дар ин ҷо низ тавзеҳоте лозим аст. Гап дар сари он аст, ки на "солиёни дароз", балки зиёда аз 60 сол инҷониб нисбат ба тоҷикони дар Узбекистон истиқомат дошта таҳрифи сиёсати миллии ленинӣ давом дорад.

Ҳозир дар Бухоро, ки беш аз 80% аҳолиаш тоҷик аст, ягон мактабе ба забони тоҷикӣ намондааст. То ин 4-5 моҳ пеш рафиқ Қ.Маҳкамов дар куҷо буд. Ҳамааш баъд аз чопи мақолаи "То ба кай об аз таги як меравад?" сар шуд. /Тарҷумаи ин мақоларо бо иловаҳо ба шумо мефиристам/. Муҳаррири рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" рафиқ А.Хоҷаевро аз кор гирифтанд, аввал аз партия хориҷ ва баъд боз барқарор карданд.

КМ ЛКСМ Тоҷикистон ва КМ ПК Тоҷикистон қарорҳои худро оид ба мақола қабул карданд ва табиист, ки муаллифи онро сахт маҳкум карданд. Вале оқибат маълум шуд, ки на фақат мулоҳизаҳои мақола инкор нашуд, балки дар асл дар муносибатҳои миллӣ масъалаҳои ҷиддитаре вуҷуд доштааст. Бо шитоб қусури вақти рафтаро баровардан лозим шуд. /Берун аз фоида намешуд, агар кормандони редакция мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?"-ро мехонданд. Он гоҳ маълум мешуд, ки чаро яку якбора ҳам рафиқ Қ. Маҳкамов, ҳам рафиқ Р.Нишонов ба ҷунбиш омаданд. Аз маврид истифода бурда, ба редакция барои мусоҳиба бо рафиқ Р.Нишонов ташаккур баён мекунам/.

Лекин барои котиби КМ шоиста нест, ки ба вакилон фақат зоҳиран чизеро нишон дода, минбари баланди конференцияи XIX партиявиро барои бо касе ҳисоб кардани истифода кунад. Ба ҳар ҳол ба ман /"мо" наменависам/ кӣ чӣ буданаш равшан аст.

Воқеан, рафиқ Маҳкамов дар республикаамон муваффақияти бузурге карда истодааст /фақат ба доираҳои маҳдуде маълум шуд, ки боре ӯ қабули ҳоҷатмандонро то нисфи шаб давом дод/. Муҳаррири рӯзномаи партиявии "Тоҷикистони советӣ" рафиқ М.Муҳаббатшоев фавран ин чизро навишта, рафиқ Қ.Маҳкамовро таърифу тавсиф кард. Ва ин бори аввал нест.

Танқиди рафиқ Қ.Маҳкамов ва косалесони ӯ ҳеҷ гоҳ рӯи нашрро нахоҳад дид.

Ҳоло боз як мӯди нав пайдо шудааст: парастиши собиқ котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷ.Расулов. Намедонам то кадом андоза ин асоснок бошад. Охир, то ба кай об аз таги ях меравад?

P.S. ~~Ба гумонам~~ Яқин, редакция ин афкорро ягон вақт чоп нахоҳад кард. Лекин агар қабул фармояд, қайд кунад, ки андешаҳоямро дастгирӣ намекунад. Ман тайёрам далели мунаққидонамро гӯш кунам /аниқтарам шунавам/ ва ба онҳо ҷавоб гӯям. Инчунин, тайёрам ба ҳар як фикрам далел биёрам.

~~Бо эҳтиром Мирбобо Мирраҳимов -~~

~~номзади илмии фалсафа.~~

26-уми августи соли 1988. Бо аҳли оила аз рухсатӣ баргаштам. Дар рейси 74 /Ленинобод - Душанбе/ бо А.Қ.Ёқубов вохӯрдам. Он кас рӯзи 24 август дар деҳа оид ба дину оин лекция хондаанд.

Воқеаи аз ҳама фараҳбахш вохӯрӣ бо коргарони фабрикаи трикотажии ба номи 60-солагии СССР буд, ки беш аз 2 соату 35 дақиқа давом кард. Худшиносии коргарони мо аз ҷаҳонфаҳмии баъзе зиёиёни таҳсилкардаашон баландтар аст.

30-юми августи соли 1988. Аз соати 14.30 то 18.30 бо муҳаррири рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" М.Муҳаббатшоев мақолаи "Мардумони бохирад"-ро хондем. Масъалаи ба чопаш рухсат доданро бо маҷлиси ҳайати таҳририя ба рӯзи 6.09.1988 соати 14-и рӯз вогузошт. Ку бубинем чӣ мешавад?

3-юми сентябри соли 1988. Ин пагоҳӣ падарам бо аҳли ҳамдеҳагонам барои шикоят ба Душанбе омадаанд. Онҳо мехоҳанд, ки ба КМ ПК Тоҷикистон ва Президиуми Совети Олии республика /қабули Ғ.П.Паллаев/ раванд. Аз Тошканд хабар омад, ки дар ду шумораи газетаи "Ёш ленинчи" мақолаи ба шаъни тоҷикон хеле таҳқиромез ва таҳрифкоронаи Муҳаммад Алӣ чоп шудааст. Чӣ хуш аст, ки дар Ӯзбекистон чунин шоирон ҳастанд! Бигузор таърихро таҳриф кунанд. Ин рафтори онҳо ҷараёни баръакс, эътирозро хоҳад барангехт.

15-уми сентябри соли 1988. Дар рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" мақолаи Мӯҳсин Умарзода "Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст. Маънии "тоҷик" аз нигоҳи бархӯрдҳои таърих ё бехудиҳои муаллифи "Худро бишнос", ба табъ расидааст, ки ҷавоби дар ҳақиқат сазовор ба Муҳаммад Алиҳост. Баробари дидани мақола вохӯриамон бо М.Умарзода, ки дар моҳи апрель дар Тошканд ба вуқӯъ пайваст, ба ёдам расид. Он вақт мо аз рафти воқеаҳо ва ҳуҷумҳои навбатии

пантуркистон андеша кардем. Ба ёд овардем, ки барои чунин ранг гирифтани ҷараёни воқеаҳо сафари ғуломонаи А.Додобоев, М.Осимӣ ва Ғ.Ашӯров ба Тошканд, ки дар охири моҳи январь – ибтидои феврали соли 1988 ба амал омад, нақши асосӣ гузошт. Ин рафтори роҳбарони Тоҷикистон ба доираи ақл ҳам намегунҷид. Магар мардуми ҷабрдидаи Бухорову Самарқанд ва ҳамаи тоҷикони Ӯзбекистон ваколатдор кардаанд, ки бе розигии онҳо тақдирашонро А.Додобоев, М.Осимӣ ва Ғ.Ашӯров дар Тошканд ҳал кунанд?!

Лозим омад ба М.Умарзода изҳор намоям, ки ошкорбаёниро дар Тоҷикистон ба қабри чуқуре гӯронданд ва умеди дастгирии матбуоти Тоҷикистон хаёли хом аст. Ҳама бояд ба қуввваи худ бовари дошта бошад. Агар "Ҳақиқати Ӯзбекистон" минбаъд ба чопи мақолаҳои тезутунд кӯшиш ба харҷ надиҳад, корҳо тамоман ранги баръакс хоҳад гирифт...

25-уми сентябри соли 1988. "Тоҷикистони советӣ" мақолаи М.Умарзодаро бо номи "Маънии "тоҷик" аз нигоҳи бархӯрдҳои таърих ё беҳудиҳои муаллифи "Худро бишнос" ба табъ расонд. Агар дастгирии зиёни тоҷик, ки бо кӯшиши номзади илми таърих Н.Хотамов рӯи кор омад, намебуд, пантуркистон ҳаёти М.Умарзодаро вожгун мекарданд.

14-уми октябри соли 1988. Ҳар рӯз навигарӣ. Дар ин муддат мақолаҳои банда доир ба ҷашни Меҳргон /ҳаммуаллиф О.Шаҳбозиён "Тоҷикистони советӣ", 28.02.1988/, ҷавоб ба С.Табаров, Р.Амонов, Р.Ғаффоров "Адаб гӯяд суханро мухтасар гӯй..." /ин ҳамон мақолаест, ки бо номи "Мардумони бохирад..." навишта будам ва расо ҳафт моҳ чопашро интизор шудам дар "Тоҷикистони советӣ" 2.10.1988 чоп шуд/, "Номгузорӣ – василаи тарбия" /"Тоҷикистони советӣ, 11.10.1988 бо ҳаммуаллифаи Р.Маҷидов, К.Олимов ва Ш.Абдуллоев/ ва сӯгворие дар марги дӯсти ҷавонмаргам Садриддин Ҳомидди-

нов "Чу рахти хеш барбастам аз ин хок..." /"Комсомоли Тоҷикистон", I2.I0.I988/ ба нашр расиданд. I2.I0.I988 бошад барои пропагандистон филми мо "Он чӣ, ки аён аст..."-ро дар Хонаи маорифи сиёсӣ намоиш доданд. I3-уми октябрь дар вохӯрӣ бо ҳайати таҳририяи рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ", ки телевизиони тоҷик бояд I7-уми октябрь намоиш хоҳад дод, ба "назария"-и С.Ҳакимова ҷавоби мувофиқ гуфтам. Дар ин мобайн барои нашри сӯгвории Садриддин Ҳомиддинов бо М.Мирзошоев гапамон гурехт. Мувофиқи аризаи вай дар Шӯъбаи фалсафа маро бо тезӣ /!/ "муҳокима" ва огоҳ карданд. Дар натиҷа бо мудири Шӯъбаи фалсафа М.Диноршоев гапамон гурехт. Ба фикрам, аз Шӯъбаи фалсафа рафтани ман лозим меояд. Аламовар аст, ки дар тамоми давраи муҳокимаҳои мақолаам касе аз "калладорҳо"-и шӯъба ба ҳимоя нахест ва ҳамин ки М.Мирзошоев аз болои мо аризаи шикоятӣ навишт /албатта, ӯ ин корро бе "маслиҳат" накардагист!/ ба таври таъҷилӣ муҳокима оростанд. Агар муҳаббати бепоён ба миллати азиз ам намебуд, сарамро гирифта, ба ягон ҷой мерафтам...

<u>I5 ноябри соли I988</u>. Соати 02.I5. Шаб. Моҳи октябрь хушбахтиҳои муайяне насибам гардид. Ибтидо баромади маро дар вохӯрӣ бо ҳайати редакцияи "Тоҷикистони советӣ" I7-уми октябрь тавассути оинаи нилгун пешкаши тамошобинон намуданд. Дар "Газетаи муаллимон" роҷеъ бо эҷодиёти акаи Одина Ҳошим "Ёдгори умр" ба табъ расид. Памфлети "Ҷонишин" /дар "Адабиёт ва санъат"/ ва мақолаи "Гурӯҳе аз рӯзнома қимобанд" дар "Тоҷикистони советӣ" нашр шуданд.

Ҳамчунин 2I-уми октябрь соати I9.20 ~~аз тариқи~~ ба воситаи "Телевизион ва тамошобин" ҳамроҳи доктори илми таърих Р.М.Масов доир ба беадолатиҳои тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар Осиёи Миёна сухан рондем

ва, ба фикрам, бори аввал дар мавзӯи мазкур бо чунин ошкоргӯӣ даст задем. Ва аз ҳама муҳиммаш имсол ягон рӯзномаву маҷалла ё дигар воситаи ахбори оммавӣ аз боби рӯзи таъсисьёбии республика ҳарфе нанавиштаанд. Танҳо дар намоиши мустақими телевизионӣ мо тавонистем миллати хешро аз лаҳзаи таърихӣ огоҳ ва ба ҷашни некӯ табрик гӯем. Намоиши мазкур имконият фароҳам овард, ки номаи Шириншо Шотемурро ба Иосиф Сталин рафиқ Р.М.Масов қироат кунад ва оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои тоҷикӣ ба суолҳои банда ҷавоб диҳад. Инҷо овардани мактуби Шириншо Шотемурро салоҳ медонам, зеро пеш аз мо низ худогоҳон кам набуданд ва ҷони хешро ба гарав гузошта, барои саодати халқ мубориза бурдаанд.

Ин ҷо овардани он номаи таърихии Шириншо Шотемурро зарур мешуморам, махсусан вакте ки доир ба "душворӣ"-ҳои давраи сталинӣ сухан меравад, набояд фаромӯш кард, ки одамоне низ буданд, ки камбудиҳои тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, дар Осиёи Миёна, инчунин беадолатиҳо дар ҳакки тоҷиконро фошофош нишон медоданд, мубориза мебурданд ва хатто ба дараҷае, ки аз Котиби Генералӣ ҳам ҳарос надоштанд (алҳол нисбати ягон роҳбари имрӯзаи ҳизбии ҷумҳурӣ, ки масъалаҳои ба муносибатҳои миллӣ дахлдоштаро таҳлил намоянд, сухан ронд). Шириншо Шотемур моҳи майи соли 1926 чунин навиштааст:

Арзнома ба р.Сталин, Нусха ба бюрои Осиёимиёнагии КИ ВКП (б) (ба р.Зеленский ва Шӯъбаи Нацменьшинстви КИ ВКП (б) доир ба вазъияти маданӣ, иҷтимоию иктисодии тоҷикон дар ҳудуди

Ҷумҳурии Ӯзбакистон

Баъд аз тақсимоти миллию ҳудудии Осиёи Миёна дар ҳудуди ҷумҳурии Ӯзбакистон тахминан ҳаштсад ҳазор тоҷикон боқӣ монданд, ки тақдирашонро бо халқҳои он ҷо пайвастанд. Дар ҷумҳурии сӯсиёлистӣ ва мавҷуд будани дастурҳои ҳизби коммунист доир ба масъалаи миллӣ хотиррасон намудан ва талаб кардани диққати махсус ба оммаи тоҷикон шояд ҳайратовар намояд, вале вазъияти кунунии онҳо ин нуктаро талаб мекунад.

Вазъияти тоҷикон дар ҳудуди собиқ ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро то тақсимоти миллию ҳудудӣ

Ибтидо мавҷудияти тоҷикон ба истиснои ҳудуди Кӯҳистони Бадахшони шарқӣ Помир рад карда шуд (ниг.: рӯзномаҳои ӯзбакии "Зарафшон" ва "Туркистон" дар моҳҳои декабрь, январь ва феврали с.1924). Ҳатто вақте ки тоҷикон мувофиқи маълумоти расмӣ дар ҷумҳурии Туркистон шашсад ҳазор нафарро ташкил медоданд, аҳвол ҳамин тавр буд. Боз мувофиқи ҳамон маълумот дар ҳудуди ҷумҳурии Туркистон дусад ҳазор тоҷикон зиндагонӣ доштанд, ки имконияти ба забони модариашон нашри адабиёт, мактаб ва ғ.-ро соҳиб буданд.

Тоҷикон аз ҳамаи чизҳо маҳрум буданд. Дар ҷумҳурии Бухоро ҳаштсаду ду ҳазор тоҷик ва дусад ҳазор қирғиз буд. Қирғизҳо мактабҳои худро

---

1. Ҷумҳурии Мухтори Туркистон соли 1918 ташкил ёфт ва то соли 1924 вуҷуд дошт. Ҷумҳурии Халқии Бухоро солҳои 1920-1924.

доштанд. Илова бар он дар КИМ-и Бухоро Шуъбаи Қирғизҳо мавҷуд буд. Тоҷикон ҳатто аз ҳуқуқи ба забони модариашон сухан гуфтанро надоштанд. забони онҳоро "забони амир" мешумориданд, ҳарчанд худи амир ӯзбак буд, вале дар аморат забони давлатӣ забони тоҷикӣ буд. Зеро ин забон чун забони аз ҳама бештар маданӣ ва адабӣ на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон қабул буд. Таъқиби забони тоҷикӣ чунон ҳам беақлона ва бемаънӣ аст, агар муқоиса намоем, ки баъд аз инқилоб забони русиро дар ҳамон асос, ки Николаи II бо он гуфтугӯ мекард, бояд таъқиб кард.

То тақсимот гузориши ин масъала ба мақсад мувофиқ набуд. Зеро вақти мувофиқ фаро нарасида, босмачигарӣ, аҳволи мамлакат, ва ахиран гурӯҳҳое дар байни ин халқиятҳо халал мерасониданд. Дар ҳамин давра ӯзбакҳо дар мактабҳои тоҷикӣ таълимро ба забони ӯзбакӣ ҷорӣ карданд, ҳарчанд забони тоҷикӣ қудрати баланди фарҳангӣ ва адабиро дорост. Аз ҳамин давра сар карда тоҷикон аз ҳуқуқи ба забони модариашон таҳсил кардан маҳрум шуданд.

Чунин аҳвол ба мазоқи доираҳои панисломистӣ, пантуркистӣ ва панӯзбакистии зиёиёни имрӯзаи ӯзбак ва рӯҳониён мувофиқ меомад ва мувофиқ меоянд. Қисми тоҷиконро бо ҳамин усул беадолатии ваҳшиёнаи маъмурӣ ва шовинистӣ таълим додан мехоҳанд.

Моҳи сентябри ҳамон сол дар шаҳри Самарқанд рӯзномаи "Овози тоҷик" ба нашр оғоз кард, вале пахн кардари он расман мамнӯъ гардид.

[э]ътирофи мавҷуд будани тоҷикон дар ҳудуди Ӯзбакистон, кушодани дорул-[му]аллимин ва нашри рӯзномаҳо дар арафаи ба ноҳияҳо тақсим кардан ба он [м]уносибат буд, ки тамоили ба Тоҷикистон муттаҳид шудани тоҷикони вило-[я]тои Фарғонаю Самарқанд фурӯ нишонда шавад.

Ба ин нигоҳ накарда вақте ки р.Калинин дар соли 1924 ба Фарғона мерафт тоҷикони Конибодом ба пешвози ӯ баромада хоҳиш карданд, ки онҳо-ро ба Тоҷикистон ҳамроҳ кунанд. Ҳарчанд хоҳиши онҳо қонеъ нашуд (зару-рат набуд), вале ин ноҳия райони тоҷикнишини ҷумҳурии Ӯзбакистон ном гирифт. Аз он давр ду сол гузашт. Ҳарчанде ки бачагон забони ӯзбакиро [на]медонанд дар тамоми мактабҳои ин район таълим ба забони ӯзбакӣ бур-да мешавад.[1] Аз ҳамон даврai таъсиси ноҳия дар байни тоҷикон хурӯҷҳо [р]ӯй медиҳанд: онҳо ҳуқуқҳои миллии худро ҳимоя мекунанд. Дар бисёр ноҳи-[я]ҳо аҳолӣ масъалаи ба забони модарӣ гузаронидани таълимро дар бардоштаанд, вале то имрӯз [на]зди комиссариати маорифи Ӯзбакистон [тал]аби онҳо беҷавоб мемонад.

Ба таври маъмурӣ маҷбур кардани одамон, ки хомӯш бошанд, ҷой дорад.

1.[Бе]штар бо кӯшиш ва эҳтимоми директори Архиви ш.Конибодом Ш.Зоҳидов [ҳ]уҷҷати ҷолибе дастрас шуд, ки аз ҷонбозиҳои мардуми ин ноҳия дар худшино-[с]ии миллӣ ва истиқлол шаҳодат медиҳад. Рӯзномаи "Машъали коммунизм" дар [ш]умораи 7-уми январи с.1989 овардааст: "дар фармони комиҷроияи райони [К]онибодом аз 7.05.1925 бо №14 чунин сатрҳо навишта шудааст: 1. Аз ҳамин [р]ӯз эътиборан тамоми корҳои муассисаҳои давлатӣ, таълим ба забони мода-[р]ӣ бурда шавад. Касе, ки ин фармонро бо бадназарӣ ба амал барорад, дар [а]соси Қонуни №107 ба ҷавобгарӣ кашида шавад..." (Шарҳи муаллиф). Манбаъ: Архиви вилояти [Ф]арғона.ф.121, оп.2, д.195, л.67.

соли 1925 бо талаби қатъии тоҷикон дар шаҳри Самарқанд курси 4-моҳаи такмили муаллимтайёркунӣ даъват шуд. Вақте ки муаллимон ин курсҳоро хатм карданд ва ба зодгоҳашон баргаштанду ба забони модариашон таълимро сар карданд, таъқиби онҳо оғоз ёфт ва бо таҳдидҳои гуногун таълим ба забони тоҷикӣ манъ шуд (ниг.: Замимаи №12 аризаи омӯзгор Қулиҳон Осимзода). Оқибат котиби масъули Компартияи Ӯзбакистон р. Иванов дар пленуми охирини КМ ПК Ӯзбакистон (даъвати якум дар моҳи ноябри с. 1925) таъкид намуд, ки кормандони ӯзбак дар водии Зарафшон (дар Бухоро) тоҷиконро ҳаматарафа тазйиқ меоранд ва ҳатто ба забони модариашон гап задан наменонанд.

Чунин таъқиби забони тоҷикӣ аз тарафи ташкилотҳои ҳизбии маҳалҳо дар байни тоҷикон тасаввуроти нодурустеро доир ба сиёсати ~~партияи~~ ҳизби коммунист ва Ҳукумати Шӯро дар масъалаи миллӣ ба миён меорад. Барои нишон додани муносибати ташкилоти ҳизбӣ воқеаи зеринро мисол меорем: 15 марти соли 1926 ба мавҷудияти Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон як сол пур шуд. Ба ин муносибат Намояндагии иқтисодии ҷумҳурии мазкур маҷлиси тантанавие орост, ки ба он аз ташкилотҳои гуногун намояндагон ва аз заводҳои Тошканд коргарони тоҷик, инчунин донишҷӯёни тоҷики ш. Тошканд даъват шуда буданд. Маҷлисро кушода ба забони ӯзбакӣ идома доданд. Дар байни тоҷикон норозигӣ пайдо шуд, зеро аксарияти онҳо забони ӯзбакиро

намедонистанд ва талаб карданд, ки маҷлис ба забони тоҷикӣ ё русӣ баргузор шавад. Оҷири охирон маҷлис ба намоиши муқобили Ӯзбакистон анҷом ёфт.

... Ҳизби коммунистии Ӯзбакистон нисбат ба талаботи маданию миллии тоҷикон хеҷ кореро ба субут нарасонидааст.[1]

x x x

Ман аз арзномаи Ширинишо Шотемур чашм канда як лаҳза ба андеша ғарқ шудам: чӣ қадар ҳаққонӣ ва замонианд ин суханони шасту ду сол пеш иншошуда...

Аз 3-юм то II-уми ноябрь дар командировка будам. Ба вилояти Ленинобод сафар карда, барои обуна ба рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" ташвиқот бурдам. Дар Самарқанд ва Сӯх бо шахсони бофарҳанг ва аҳли дил вохӯрдам. Пас, аз бозгашт онҳоеро, ки бо ман вохӯрда буданд, каме норохат сохтаанд. "шербачаҳо" аз боби сӯҳбатҳои банда маълумот талаб кардаанд. Махсусан ба чанд тан дӯстони самарқандиам тазъиқ овардаанд.

Кашмакашҳо дар деҳаамон ба авҷи аълояш расидааст. Рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" бошад бо сарварии муҳаррираш, ки ӯро табақаи мансабдори вилояту республика ҷонибдорӣ мекунанд, кӯшидааст, ки "обро лой карда моҳӣ" гирад.

Имрӯз маро раиси Анҷумани таърихшиносони ҷавони Тоҷикистон интихоб карданд. Вазифа масъулияти хеле бузург аст.

29-уми ноябри соли 1988. Соати 10-и пагоҳӣ дар маҷлисгоҳи АИ республика клуби "Ҳикмат" роҷеъ ба масъалаҳои миллӣ баҳс орост. Дар баҳс олимон, аҳли қалам, рӯзноманигорон ва хоҳишмандон ширкат доштанд. Матни баромади банда ба се масъала: вазъияти тоҷикон

---

1. ПА ИМЛ, ф.1, оп.1, ед.хр.214, л.1.

дар СССР; муносибати таҳқиромезона нисбат ба ислом, ки дар Тоҷикистон вуҷуд дорад; маҳалчигӣ дар байни тоҷикон доир буд[1]. Чанд ишораи мухтасар доир ба масъалаи маҳалгироӣ.

Ш. Маҳалгироӣ се давраи асосиро дарбар мегирад: Якум, аз давраи Инқилоби Октябрь то солҳои 37-40. Дар ин давра асосан ифтихор аз зодгоҳ хеле қавӣ буд ва ваҳдати миллӣ устувор. Симоҳои барҷаста Ш.Шотемур, А.Муҳиддинов, Ҷ.Имомов, А.Ҳоҷибоев, Нисормуҳаммад, Нусратулло Махсум ва бисёр дигарон зодаи маҳалҳои гуногун буданд, вале барои манфиати миллӣ муттаҳид. Дуюм, ин давра солҳои 40-50-ум мебошад, ки маҳалгироӣ ба таври махфӣ таваллуд шуд ва чун фарзанди замони социализм қомат рост кард. Сеюм, замони роҳбарии Ҷ.Расулов /аз охири солҳои 50-ум ибтидои 60-ум/ ва Коваль авҷи ҷӯшу хурӯш ва такомули маҳалчигӣ дар Тоҷикистон, ки то имрӯз идома дорад. Дар ин давра интихобу ҷо баҷогузорӣ ба вазифаҳои роҳбарӣ на аз рӯи қобилият, истеъдод, дониш ва фазлу ҳунар, балки маҳз аз рӯи хешутаборӣ ва маҳалгироӣ густариш ёфту миллатро хароботар кард.

2-юми декабри соли 1988. Моро ба радиои тоҷик даъват карданд. Сӯҳбат доир ба муносибатҳои миллӣ буд. Бо ҳамроҳи директорӣ Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши АИ Р.М.Масов аз боби муҳимтарин масоили муносибатҳои миллӣ, камбудиҳо ва пешомадҳои он сухан гуфтан. Ин гуфтор бояд 7-уми декабрь /афсӯс, ки мо дар Маскав ҳастем/ пахш шавад[2].

---

1. Дар маҷаллаи Коммунисти Тоҷикистон /1989, № 2/ матни ин "мизи мудаввар" чоп шуд, вале баромади мо ва рафиқони дигарро, ки ба табъи муҳаррири он р. Ҷ.Латифов маъқул набуд, чоп накардаанд. Аз рӯи одоби журналистӣ ин рафтори Ҷ.Латифов ба ягон кодекс намегунҷад /шарҳи муаллиф/.

2. Бо супориши махсуси ҷонишини раиси Кумитаи радио ва телевизион р.В.Захватов ин гуфторро даҳ рӯз "ҳабс" карда охир маҷбур шудаанд, ки ба исрори муҳаррири гуфтор онро шунавонанд (шарҳи муаллиф).

Ду ҳафта пештар /17.XI.1988/ дар Хонаи адибон ба номи Мирзо Турсунзода баҳое дар дастгирии мақолаи М.Бурҳонова "Самая, самая, самая" /"Социалистическая индустрия" 7.IX.1988/ оид шуд. Ман низ ба сухан баромадам ва сиёсати нодурусти бо обанбор табдил додани ноҳияҳои беҳтарини кӯҳистони тоҷик, кӯчонидани 28 ҳазор аҳолӣ ва аз байн рафтани 42 деҳаро "геноцид" номидам. Чунин воқеъ гардид, ки А.Комилов чанд лаҳза аз баҳо, суханрониҳои мӯйсафедони комсомолободӣ, узви вобастаи АИ Қ.Ш.Ҷӯраев ва хабарнигори "Социалистическая индустрия" С.Юрловро тавассути оинаи ба мардум расонд. Аҳмадшо Комилов бо ин кораш ба пӯсти роҳбарони республика кайк андохт. Ибтидо ба ӯ выговор эълон карданд. Ин сатрҳо барои ҳимояи А.Комилов рӯи коғаз омаданд ва ният дорам, ки ба редакцияи "Правда" барам.

САРБАНДИ ДАҲШАТ.

Редакцияи азиз! Мақолаи Отахон Латифӣ "Сарбанд"-ро мутолиа карда /Правда, 21.II.1988/, бисьёр хуш шудам ва боз дар ҳайрат мондам. Гап дар сари он ки дар ~~ретонаи~~ арафаи нашри ин мақола, аниқтараш 17-уми ноябри соли 1988 дар Хонаи адибони Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода пиромуни мақолаи М.Бурҳонова "Аз ҳама, аз ҳама...", ки дар шумораи сентябрии "Социалистическая индустрия" чоп гардидааст, баҳс доир шуд. Ба ин баҳс намояндагони Госплан ва дигар вазоратҳо даъват шуда буданд. Вале чӣ ҳодиса рух дод? Бидуни олимон, ришсафедони ~~б~~обрӯманди Комсомолобод, адибон, рӯзноманигорон аз роҳбарони республика касе ба он баҳс наомад. Мубоҳиса се соат идома ёфт. Дар асоси далелҳои мӯътамад олимон собит карданд, ки баланд кардани сарбанди ~~истешгии~~ маркази (банд)и барқи Роғун чӣ даҳшатҳо ва оқибатҳои фоҷианоки экологиро ба миён меорад. Танҳо як пешни-

худ буд: Роғунро оқилона бояд сохт, ба ҳаққу ҳуқуқи осмон дасти тааддӣ дароз кардан шарт нест, сарбандро 100 /ё 150/ метр пасттар бунёд кардан мумкин аст. Алқисса, ҳеҷ гуна бадбахтие набуд дар он баҳс.

Натиҷааш чӣ шуд? Ҳамин ки репортаж аз ин баҳс ва суханронии узви вобаста АИ Тоҷикистон Қ.Ш.Ҷӯраев, хабарнигори "Социалистическая индустрия" В.Юрлов 18-уми ноябрь тавассути ҷаҳоннамои тоҷик пешкаши тамошобинон гардид, шахсан Қ.М. Маҳкамов бо ҳамроҳии раиси комитети бехатарии Тоҷикистон В. Петкель ба идораи ҷаҳоннамо омада, ҳамаи он наворҳоро аз нав тамошо карданд. Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон аз журналист А.Комилов талаб кард, ки ӯ ба масъалаҳо бояд "муносибати партиявӣ" кунад. Мазмуни ин суханро ман дертар аниқ кардам. Дар Тоҷикистон роҷеъ ба камбудиҳои лоиҳаи ~~истгоҳи~~ бандӣ барқи Роғун ва заводи алюминии тоҷик сухан гуфтан мамнӯъ аст, "зеро ҳеҷ кас монанди ман онҳоро хуб намедонад" /ин суханони Қ.М.Маҳкамов аз намоиши телевизионии соли 1987/ ва танқиди онҳо норавост. Дар омади гап, барои репортажи зикршуда журналист А.Комилов "выговор" гирифт бо иловаи "қатъӣ". Операторро низ бе "мукофот" нагузаштанд.

Пагоҳии 20-уми ноябрь дар намоиш мустақими "Сапеда" ҳамин ки номзади илми иқтисод Х.Муҳаббатов ба шарҳи беасосии лоиҳаи ~~истгоҳи~~ бандӣ барқи Роғун оғоз кард, баромади ӯ аз экрани ҷаҳоннамо "ғайб" зад. Ман шахсан аниқ кардам, ки ба Х.Муҳаббатов 3 дақиқа вақт додаанд, вале ӯ наметавонист, ки ҳатто 30 сония ҳам баромад кунад. "Аз боло" суханронии ӯро манъ карданд. Худи Х.Муҳаббатовро ба назди телефон даъват кардаанд, аммо ӯ, хушбахтона, идораи ҷаҳоннаморо тарк карда буд. Аҳвол ба таври пӯшида эълон шудааст,

ки доир ба камбудиҳои ~~истешани~~ баланди барқи Роғун сухан гуфтан мамнӯъ аст. Таъриф мумкин, вале ҳақиқатро нишон додан гуноҳ аст.

Дар оғоз ман навиштам, ки чоп шудани мақолаи Отахон Латифӣ маро дар ҳайрат гузошт боз ба он сабаб, ки нашри мақолаи М.Бурҳоноваро дар Тоҷикистон манъ карданд. Ҳатто ба забон гирифтани ному насаби ӯ боиси қаҳру ғазаб мегардид. Пинҳонӣ аз мардум намояндагони Госплани РСС Тоҷикистон ва дигар идораҳо "муҳокимаи" мақолаи М.Бурҳоноваро ташкил карданд /дар охири моҳи октябрь/ ва "аз номи халқ" ҳатто эътироз ҳам баён карданд. Ба идораҳои дахлдор мактуб фиристода, муаллифашро ба он гунаҳкор кардаанд, ки гӯё ӯ "салоҳият" надорад" ва ғ. Хулоса, боз ба роҳи дигар равона кардани афкори умум. Ба ин муносибат банда ба котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Қ.М. Маҳкамов чанд суол дорам. Нахуст, - шумо, мӯҳтарам, котиби якум, Қаҳҳор Маҳкамович, қариб 20 сол мешавад, ки риштаи ҳукмрониро дар бисьёр вазифаҳои роҳбарикунанда /шумо раиси Госплани РСС Тоҷикистон, раиси Шӯрои Вазирон/ будед, "муносибати партиявӣ ба сохтмони ~~истешани~~ баланди барқи Роғун"-ро чӣ хел мефаҳмед? /Охир, шумо доимо аз номи партия сухан гуфтанро дӯст медоред ва эътироф ҳам кардаед, ки масъалаҳои болоро аз ҳама беҳтар медонед ва шояд дар оғози онҳо истода бошед/.

Дуюм, - Оё лоиқи ахлоқи партиявӣ аст, ки ба ҳама корҳо дахолат кард? Ҳарчанд шумо забони тоҷикиро бад медонад /ман дар бораи экология ва ҳифзи фарҳанг чизе намегӯям/.

Сеюм, - Ва то ба кай об аз таги ях меравад, агар шумо ва командаи содиқатон дар республика аз рӯи нодонӣ /аз эҳтимол бошуурона бошад!/ тавассути баланд бардоштани сарбанди истешани барқи Роғун, заводи алюминии тоҷик, комбинати кимёи Ёвон, заводи нурихои азотии Вахш ва сиёсати нодурусти тайёр кардани коргарҷавон

/яъне бо номи барои хондан ба ОКТ-и марказ бурдан, маърӯзаатонро дар Пленуми мартии с. 1988 ба ёд оред/ рӯҳияи зиддирусии аҳолии муқимиро бармеангезед? Ва охиран. Сухани хеле ноҷояи шуморо дар Пленуми КМ ЛКСМ Тоҷикистон /7.XII.1988/ чӣ хел бояд фаҳмид? Он ҷо чунин изҳор доштед: "Шояд шумо мақолаҳои охирини ба ин мавзӯъ /яъне бунъёди Сарбанди Роғун - М.М./ нашр кардаи "Социалистическая индустрия" ва "Правда"-ро хонда бинед, намоиши ҷаҳоннаморо, ки ба ин сохтмон бахшидаанд, дидаед. Хулоса, шӯрушавқ дар атрофи Роғун дар авҷ аст, ҳол он ки асосе бар он нест". Наход? Мӯҳтарам Қ.Маҳкамов, фаромӯш накунед, ки ~~истешани~~ банди барқи Роғун дар минтақаи заминҷунбии даҳбалла сохта мешавад ва ҳангоме ки фалокати табиӣ ~~ба хуруҷ оид~~ сар мезанад шуморо нахоҳад пурсид. Ақл бовар намекунад, ки барои чунин як ҷумҳурии кӯчак ҳамин қадар силсилаҳои ~~истешанҳои~~ бандҳои барқ басанда набошад? Ё худ шумо аз рӯи шиори "баъд аз ман офтоб набароянд" амал мекунед? Воқеан барои Саргазон ва ва ҳалокати одамон ҳеҷ кас ҷазое нагирифт /ҳатто танбеҳи маънавӣ ҳам/. Чунин буд мазмуни номаи мо ба "Правда". Баъд аз чанд рӯз аз редакция ин хел ҷавоб гирифтам:

Рафиқи мӯҳтарам М.Мирраҳимов!

Номаи шуморо оид ба мақолаи О.Латифӣ "Сарбанд" гирифтем. Нашри он то дида баромадани мақолаи "Сарбанд" дар органҳои давлатӣ ба мақсад мувофиқ нест. Барои мактубатон ташаккур.

Бо эҳтиром В.Парфенов.

Муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёти "Правда".

Ин ҷавоб маро ноумед накард, ҳарчанд дар таги дил як навъ ~~накард~~ ноумедӣ пайдо мешавад. Ва ин ҷо суоле қонунист, ки чаро мо бояд барои ҳар як ваҷаб хоки кӯҳистон, ҳар як санг ва як пора замини кӯҳсори

тоҷикон мубориза барем? Ин ҳикмате дорад. Вақте ки тамоми таърихи халқи тоҷикро аз назар мегузаронем, ба падидае дучор меоем, ки он ҳам бошад ваҳдати тоҷикони шаҳрӣ ва рустоӣ /бумӣ ва кӯчӣ, водӣ ва кӯҳистон, шаҳр ва деҳот/ мебошад. Ҳеҷ гоҳ дар таърихи мо муқобилгузории онҳо пеш наомадааст. Ин бурди таърихӣ, меросият, силсилаи ногусастании наслҳои миллат буд.

Нахустин бор ҳамин хати меросият ва инкишофи миллат ҳангоми тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ дар солҳои 20-ум шикаста шуд. Пантуркистон ва ҳаводорони онҳо тавонистанд, ки Бухорою Самарқандро кашида гиранд ва пойтахти ҷумҳурӣ аз Самарқанд ба Душанбе кӯчонида шуд. Халқ аз дили пурэҳсосаш маҳрум шуд. Дигар он ки интихоби маркази ҷумҳурӣ низ бар зарари халқи тоҷик анҷом ёфт. "Пас аз ташкил шудани ҷумҳуриятҳои миллӣ дар Осиёи Васатӣ лозим омад, ки ҳар ҷумҳурият ба ҷои худ қарор бигирад ва корҳои худро пеш барад, - навишта буд "Овози тоҷик" 26 декабри соли 1924 дар мақолаи "Чаро марказ Душанбе шуд?"- Мо аз хусуси ҷои маркази Ҷумҳурияти Иҷтимоии Тоҷикистон андаке баҳс мекунем. Чаро ки байни халқ гуфтугӯйи бисьёр аст. Барои маркази мо, ки чаро дар аввал мавқеи маркази Тоҷикистон дар Самарқанд нашуда, ба якбора лозим шуд, ки дар Душанбе шавад?

Барои ин марказ дар Душанбе шуд, ки Шарқи Бухоро аз ҷиҳати маориф ва иқтисоду корҳои сиёсӣ хеле паст мондааст. Маълум аст, ки халқи он ҷо тақрибан якуним миллион мебошад, ки ҳамагӣ аз маорифу корҳои лозимаи худ бебаҳраанд". Чунин будааст яке аз сабабҳои асосии кӯчонидани пойтахти ҷумҳурӣ ба Душанбе. Баръакс мисолҳо далолат мекунанд, ки вазъият тамоман дигар хел буд. Устод С.Айнӣ дар боби "Маорифи кӯҳистон"-и мақолаашон "Тоҷикони кӯҳистон" худи ҳамон солҳо чунин овардаанд: "Аҳолии Кӯҳистон нисбат ба соири

ҷаҳон Туркистон бисъёртар соҳиби хату савод ҳастанд. Дар аҳди куҳна мадрасаҳои Бухоро ва Самарқандро бисъёртар талабаи тоҷикони Кӯҳистон ишғол мекарданд. Аҳолии Кӯҳистон умуман соҳиби заковат ва завқи соф буда, ба хондан зиёда муҳаббат доранд"[1].

Дар иқтибосҳои боло ду фикри бо ҳам мухолиф ҷой доранд. Яке хабари расмӣ барои ором кардани одамон, афкори умум /чӣ хеле ки аксаран дар рӯзҳои мо ҷой доранд/, ки ҷаро на Самарқанд, балки Душанбе пойтахт шуд ва дуюмӣ нигоҳи тозаи олими сиёсатмадорон аст, ки фикри худро бо мисолу далелҳои ҳаётӣ собит мекунад.

Алҳол дар натиҷаи дахолати беасоси мо зиёда аз 2 ҳазор деҳоти тоҷик хароб шудааст. Ва агар ин ҷараён боз тавассути бунъёди азаматпарастонаи банд(марказ)ҳои ~~нотешанҳои~~ барқ, ки садрнишинони ҷумҳурӣ бо кӯмаки бародарони бузургу миёна иқдом доранд, идома ёбад, чанд деҳаҳои боқимонда низ дар кӯҳистони тоҷик барҳам дода мешавад. Он гоҳ дарахти сабзи миллат аз решаҳои асосиаш маҳрум мегардад, ки бахшиданошуданист. Пас, набояд роҳ дод, ки тоҷикон аз кӯҳистони худ низ маҳрум шаванд.

Ҳарчанд "Овози тоҷик" бо як ифтихор навишта буд, ки "аз рафтани марказ ба Душанбе мо хеле хурсандиҳо мекунем. Мо ба зудӣ босмачиҳои он ҷоро тамом карда, шарқи Бухороро аз толони ҷоҳилонаи онҳо халос менамоем ва Шарқи Бухоро ҳамчун гулистони "Ирам" хоҳад шуд"[2].

Чӣ даҳшате хоҳад буд, агар ин гулистони нобунъёди "Ирам" ба коми обанборҳои банди ~~мотешони~~ барқ фурӯ равад ва тоҷикон аз такрористеҳсолкунии табиӣ, меросияти наслҳо дар асрҳо маҳрум шаванд!

---

1. Айнӣ С. Шӯълаи инқилоб. - Душанбе: Ирфон, 1986. - с. 262.
2. Овози тоҷик, 26.12.1924.

Имрӯз дар редакцияи "Газетаи муаллимон" бо Карим Абдулов /собиқ ҷонишини мудири шуъбаи илми КМ ПК Тоҷикистон/ вохӯрдем ва бисьёр масъалаҳои марбути мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" равшан шуд. Аз ҷумла аниқ гардид, ки моҳҳои январь - февраль президенти АИ М.Осимӣ борҳо ба КМ ПК Тоҷикистон "ташриф" оварда, рӯйхати мақолаҳоеро, ки ба муқобили банда бояд чоп мешуданд, пешкаш кардааст. М.Осимӣ махсус таъкид кардааст, ки М.Мирраҳимовро бояд сахт маҳкум карда, минбаъда барои маҳви ӯ чора дид. К.Абдулов аз М.Осимӣ пурсон мешавад, ки оё президенти АИ манфиати илмро ҳимоя намекунад? М.Осимӣ бошад боисрор маҳкум кардани маро талаб кардааст. Ахиран К.Абдулов аз рӯйхати мақолаҳо бисьёрашонро хат зада, баъзеашон /масалан, мақолаҳои Р. Амонов, Р.Ғаффоров, С.Ҷабаров/-ро бетағйир мондааст. Ба ҳамаи ин корҳои "махфӣ" котиби дуюми КМ ПК Тоҷикистон П.К.Лучинский ҳ роҳбарӣ доштаву котиби якум Қ.Маҳкамов бо салоҳдиди онҳо кор мекардаст. Чунин будааст ҳоли "бозиҳои паси парда", ки аксарият аз он бехабаранд ва агар донанд ҳам, мекӯшанд, ки ин гуна сирҳо фош нашаванд /оқибат онро ба гӯр мебаранд/.

Дар омади гап бояд хотиррасон шавад, ки мо огоҳ будем, ки дастнавис ва гранкаи мақолаи нахустини Р.Амонов ва Р.Ғаффоров "Оё табдили алифбо дуруст набуд?"-ро, ки дар "Тоҷикистони советӣ" 4 марти соли 1988 чоп шуд, президенти АИ РСС Тоҷикистон /алҳол собиқ/ М.Осимӣ таҳрир ва махсус хондааст.

6-уми декабри соли 1988. Ин сатрҳоро бояд дар Душанбе менавиштам, вале бо амри замон дар Маскав утоқи 605-уми меҳмонсарои Миусс - 6 рӯи сафҳа омаданд. Ҳафтаи гузашта, аниқтараш 1.12.1988, воқиаи бузурге рух дод. Имконият фароҳам омад, ки бо М.А.С. вохӯрам. Сӯҳбатамон хеле тӯл кашид. Лозим омад фаҳ-

мондам, ки ба тарзи ифротӣ мубориза бурдан барои халқи мо манфиате намеорад. Аз ин рӯ бояд танҳо дар асоси демократияи советӣ кор бурд. Роҳи ҳалли масъалаҳоро на дар муқобилгузорӣ, балки пеш аз ҳама дар асоси ҳамкорӣ ва дастаҷамъии миллат ба амал баровард. Барои тақдири таърихии бозсозӣ мубориза бурдан зарур аст. Ба фикри ман, ӯ дар ҳақиқат, шахсияти арзандаи ҷомеаи мост. Аммо бо ҷунин донишмандӣ ва фазилат баъзе хислатҳои ҷузъӣ ӯро аз роҳи дурусти кор дур андохтааст. Худшиносӣ дар либоси динӣ барои бархе аз табақаҳо ногузир мебошад. Вале набояд фаромӯш кард, ки имрӯз доираи ин масъала басе фарох, риояи арзишҳои умумиинсонӣ ва донишу ҳушьёрии сиёсиро талаб мекунад.

<u>15-уми декабри соли 1988.</u> Москва, метрополитени ба номи В.И.Ленин, истгоҳи "Университет", соати 14.30, 14-уми декабрь зодрӯзи Нуралӣ Давлатов буд, ки дар хобгоҳи МГУ қайд кардем. Рӯзи 13-уми декабрь бошад ба редакцияи "Правда" рафтам. Бо мудири шӯъбаи ҳаёти партиявӣ В.Кожемяко ним соат бештар сӯҳбат кардам. Ду мақолаам – "Время горьких размышлений" /"Замони андешаҳои талх"/-ро ба ӯ супоридам. Пештар аз ин воқиаҳо дар ҷамъияти Умумиттифоқии "Знание" доир ба муносибатҳои миллӣ "мизи мудаввар" барпо шуд, ки ~~мову~~ ману Саидалӣ Воҳидов ширкат доштем. Вақте ки мо барои сухан гуфтан ба садри маҷлис хатчае фиристодем, Г.Б.Бобосодиқова /алҳол ӯ ~~вазифаи~~ ҷонишини раиси ҷамъияти умумииттифоқии "Знание" мебошад/ онро боздошт. Мо аз имконияти сухан гуфтан маҳрум шудем.

Даҳ шабонарӯз бештар аст, ки дар Маскавем ~~иқомат дорам,~~ Орзуи иншои китоберо доир ба тақдири таърихии халқи тоҷик дар сар дорам. Дар китобхонаи ба номи В.И.Ленин ҳар рӯз бо ҳамин ният менишинам. Китобҳо ва одамон... Чӣ тақдир? Саҳифаҳои ба мурури замон зардгаштаи китобҳо аз гузаштаи талх, аз таърихи азобу

уқубат, таҷовуз ва гоҳе ҳақиқат ҳикоят мекунанд. Чашмонам аз мутолиаи зиёд дардманд шудаанд. Вале ку оромӣ?! Кӣ бояд ба суолҳои ниёгону ҳозирон ҷавоб гӯяд? Шояд ҳеҷ халқ мисли тоҷикон ин қадар хору забун ва беҳуқуқ набошад. "Ғуломони пахта" /"хлопкораб"- ғуломпахта/ ё худ пахтағулом аст халқи ман. Пахтае, ки "шараф ва нон" /?/ мегуфтанд, халқро бешараф ва ҳақиқатан ҳам ба ғулом табдил дод. Иҷрра, пудрати оилавӣ дар пахтакорӣ бо он нархи пасте, ки имрӯз пахтаро мехаранд, ба дӯши халқи бечора боз чӣ азобу уқубатҳо хоҳад овард. Кӣ кафолат дода метавонад, ки пудрат ба истисмори хеле васеъ ва печ дар печи меҳнати бачагон ва модарони тоҷик дар пахтазор намеорад? Тақдири ояндаи фарзандонат чӣ гуна хоҳад буд, халқи азизам!

Ин сатрҳоро навишта истода, модари чашминтизорамро ба ёд овардам. Кош дар деҳа мебудам ва ~~барои~~ дар коре ба ту кӯмак мерасондам, модарҷон! ~~Тақдир маро чунон ҳам ба ҳолати ногуворе гузоштааст, ки~~ дар тамоми лаҳзаҳои шодиву андӯҳ модарамро ёд мекунам. "Зеботарин чашм чашмони модари ман аст. Ҳеҷ чашме ба он баробар нест" - фармудааст ҳикматшиносе. Оре, зеботарин чашмони пурмеҳри модар аст. Ва ҳоло мо ба мулоқоти сармуҳаррири маҷаллаи "Огонёк" В.Коротич, ки дар До~~рулфунуни~~ нишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносов барпо мешавад, шитоб дорем. Таассуроти хешро пас аз вохӯрӣ менависам.

Вохӯрӣ бо В.Коротич бисёр самимӣ гузашт.

Соати 20.35. Вохӯрӣ бо В.Коротич бисёр самимӣ гузашт. Вақте ки сухан аз боби масъалаҳои иқтисодии Осиёи Миёна рафт ва ҳозирон сабаби эътирози роҳбари Ӯзбекистон Р.Нишонов ба маҷаллаи "Огонёк" пурсон шуданд, мо низ мавқеи маҷалларо дар боби "хлопкораб" дастгирӣ кардем. В.Коротич изҳор дошт, ки аз Ӯзбекистон ва дигар ҷумҳуриҳо /шояд Тоҷикистон бошад/ ба

маҷалла дар бобати истилоҳи "хлопкораб" /чи хеле ки пештар таъкид кардем, "ғуломи пахта", "пахта ғулом" ё "ғуломони пахта"- М.М./ мактубу телеграммаҳои зиёде омадаанд, ки муаллифонаш ин истилоҳро таҳқири "ҳисси миллӣ" /охир, пахта "шарафи миллист", пас, чаро таҳқир напазиранд!/ номидаанд. Аммо ҳеҷ кас барои дастгирии мавқеи "Огонёк" намекӯшад. Дар ин лаҳза мо ин хатчаро ба В.Коротич фиристодем:

Мӯҳтарам В.Коротич!

Оё шумо розӣ ҳастед, ки дар "Огонёк" мактуби кушодаро ба унвони котибони якум КМ ПК Узбекистон Р.Нишонов ва КМ ПК Тоҷикистон Қ.Маҳкамов доир ба масъалаҳои "хлопкораб" ва муносибатҳои миллӣ чоп кунед?

Бо эҳтиром М.Мирраҳимов.

Вақте ки хатчаи мо ба дасти В.Коротич расид, ӯ бо тезӣ чунин посух дод:

-- Ана як нома омад, ки муаллифон мехоҳад мактуби кушодае дар ин мавзӯъ нависад. Мо интизори материали ҷолиб ҳастем...

20-уми декабри соли 1988. Имрӯз бо вазири нигаҳдории тандурустӣ Гулнора Камиловна Пӯлодова беш аз ду соат сӯҳбат кардем. Мавзӯи сӯҳбати мо пиромуни дасисаҳои рафиқон П.К.Лучинский Қ.М.Маҳкамов ва С.Ҳакимова буд. Аҷоибаш дар он ки вазири нигаҳдории тандурустӣ нав ба ақидаи мо омадааст. Ӯ хатари бузургеро ҳис мекунад, ки дер ё зуд ба сари одамон хоҳад омад. Гулнора Комиловнаро ман асосан барои падараш, ки дар энциклопедияи советии ӯзбек миллаташро махсус "тоҷик" нависандааст, ҳурмат мекунам. Маълум мешавад, ки ҳамаи хангомаҳои паси парда дар атрофи мақолаи С.Ҳакимова доир баплангирии оила асосан бо ишораҳои П.К.Лучинский, Қ.М.Маҳкамов ва М.Осимӣ сар задааст.

Комитети Марказӣ асосан лонаи дасисаҳо будаасту халқи бечора онро макони адолат мешуморад. Чӣ иштибоҳе!

21-уми декабри соли 1988. Соати 19.50, Хонаи адибони ба номи М.Турсунзода. Имшаб дар ин толор базми назму навои ӯзбекӣ идома дорад. Ин сатрҳоро дар ҳавои шеъру сурудҳои ӯзбекӣ навишта истодаам. Аҳмадшо Комилов лаҳзаҳои дилчаспи ин шабнишиниро ба навор гирифту рафт.

Дирӯз бошад боз як воқеаи муҳим рух дод. Дар Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мубоҳисае оид ба озодии виҷдон барпо шуд. Дар он имом, хатиби масҷиди Сариосиё Ҳабибхон Аъзамхон, муҳаррири маҷаллаи "Коммунист Тоҷикистон" Ҷ.Латифов, Р.Маҷидов, У.Шарипов, У.Саидалиев, Ш.Абдуллоев ва бисьёр рӯзноманигорон ширкат доштанд.

Соати 23.10. Ба хона баргашта, бисьёр хурсанд шудам, ки холаам, акои Мирмаҳмад Гулов бо ҳамсар, набера ва духтарашон ба Душанбе омадаанд. Ҳоло ҳама дар хона хобанд. Ин сатрҳоро дар ошхона навиштан лозим омад.

Мувофиқи суханронии Ҳабибхон Аъзамхон дар ҷумҳуриамон беш аз 1000 масҷиди пинҳонӣ вуҷуд дорад, ки ба ном "чойхона" аст. Намоз хондан бадахлоқӣ нест /кӣ онро бадахлоқӣ номидааст мафҳум нашуд/. Масъалаи таъзия баён кардан то 3 рӯз дар ислом ҳаст. Вале дастархон оростан, дабдаба карданро ислом ҳатмӣ нашуморидааст. Доир ба маҳр. "Беҳтарин маҳр ҳамон аст, ки сабук бошад" - таъкид кардаанд пайғамбар алайҳиссалом.

Р.Маҷидов. - Муносибати шумо ба комиҷроияҳо ва намояндагони шӯро оид ба дин дар назди Совети Вазирони СССР, ки дар Тоҷикистон мебошад, чӣ гуна аст?

Ҳ.Аъзамхон. - Дар Душанбе муносибати мо бо намояндагони

шӯро оид ба корҳои дин хуб аст, аммо дар ноҳияҳо ~~бошад~~ аҳвол тамоман дигар ва ҳатто бад аст. Масалан, мардуми Рогун барои кушодани масҷид ба комиҷроияи шаҳри Орҷоникидзеобод муроҷиат кардаанд, аммо раддия гирифтанд, ки аз рӯи адолат нест. Дар Яман воқеъ гардид, ки дар маросими никоҳе ширкат доштам. Мулло ҳамаи ҳуҷҷатҳоро гирифта, ба никоҳ шурӯъ кард. Ибтидо роҷеъ ба никоҳ, маънӣ ва мақоади он маълумот дод. Дуюм, доир ба ҳаққу ҳуқуқи мард ва ҳаққу ҳуқуқи зан сухан гуфт. Сеюм, роҷеъ ба таъмини нафақаи зан аз ҷониби мард. Чорум, дар боби ҳурмату эҳтиром ва ниҳоят хутбаи никоҳро хонд. Талоқ бошад асосан дар ҳолати душворӣ рӯй медиҳад. Кароматулло Мирзоев. - Муллоҳо коғази ЗАГС-ро надида, "иҷоб" мекунанд. Маросимҳо серхарҷ шудаанд, махсусан дафну ҷаноза.

Баъд сухан бевосита аз ~~xxxxx~~ риояи принципҳои озодии виҷдон рафт. Яке аз даъвоҳои рӯзноманигорон /ин айби онҳо нест, зеро онҳо аз ҳақиқати ҳол бехабаранд/ ин буд, ки гӯё атеистон /бо забони омма гӯем кормандони Шӯъбаи фалсафа/ ба кушодани масҷидҳои расмӣ муқобиланд. Хандаовар аст, ки журналистон намефаҳманд, ки кормандони илмӣ дар кушодан ё манъ кардани масҷид ~~ягон~~ муносибате надоранд.

Ш.Абдуллоев. - Агар ҳаққи гапро гӯем мо, озодфикрон, чунин мешуморем, ки ҳамаи он 1000 масҷиди пинҳонӣ бояд расмӣ бошанд, ва ~~аз~~ он зиёдтар дар куҷое, ки ба масҷид ё калисо зарурат ҳаст, бояд кушод. Ба кушодану бастани масҷидҳо Совет оид ба корҳои дин ва намояндагони он мутасаддӣ мебошанд, на Шӯъбаи фалсафа ва кормандони он.

У.Саидалиев. - Рафиқ Ҷ.Латифов аз тайёр будани ҳуҷҷатҳо барои расмӣ барои кушодани 10-12 масҷид бохабар буданд, вале

кардани онҳо монеъ шуданд.

Ҷ.Латифов. - Ташкилотҳои партиявӣ барои кушодан ё накушодани масҷидҳо дахолат намекунанд. Айб асосан ба гардани комиҷроияҳо.

М.Мирраҳимов. - Пас, гунаҳкор кист? Инро ҳозир бори дигар муайян кард. Мо, олимон, нағз медонем, ки шумо, кормандони КМ, атеизмро ба биёсат табдил додаед ва манъ кардани намозхонӣ, бастани масҷид ё кушодани онро тавассути органҳои маъмурӣ дар даст доред. Чаро айби худро бо дурӯғ мепӯшонед? Охир, ҳама медонад, ки талаби мардумони Қубодиёну (Ленинград), Панҷакенту Ӯротеппа, Роғуну Исфараро асосан ташкилотҳои партиявӣ бо дуғу пӯписа рад мекунанд, ба коре, ки дар салоҳияташон нест, беибо дахл мекунанд. "Ба хурофот роҳ нест!" барин ҳақоратномаҳоро на олимон, балки шумо, рафиқ Ҷ.Латифов ва ҳамкорони шумо, ки алҳол дар КМ мебошанд, айбдор ҳастед. Чӣ ҷои руст кардан, бояд рӯшод эътироф кард, ки хатои аз шумоён, роҳбарони партиявию советӣ, сар задааст.

Мазмуни баҳси онрӯза ҳамин тавр буд. Мубоҳисаро корманди радио А.Таваллоев /албатта, бо супориши махсус/ ба лентаи овоз сабт кард, ки бовари дорам, барои омӯхтани масъала ва лозим оянд танқиди озодфикрон истифода мебаранд.

22-юми декабри соли 1988. Соати 10-и пагоҳирӯзӣ дар толори АИ роҷеъ ба масъалаҳои миллӣ пешниҳодҳои КМ ПК Тоҷикистонро, ки бояд ба КМ КПСС фиристода шавад, муҳокима карданд. Боз ҳамон "мехчагули тошкандӣ" ва бисьёр идеологҳои замони рукуд баромад карданд. Ин баҳс қариб ду соат тӯл кашид. Банда бо як қатор мисолҳои раднашаванда баромад карда, пешниҳоди КМ ПК Тоҷикистонро ботил ва беасос шуморид. Хайрият, А.Турсунов низ

ҳозир буданд ва маро тарафдорӣ карданд.

Аз соати 14.00 то 16.00 дар факультети таърихи УДТ ба номи В.И.Ленин дар мавзӯи "Ислом ва ҷамъият" бо донишҷӯён мубоҳиса барпо гардид.

М.Диноршоев. Мавқеи ислом дар инкишофи фалсафа. Баъди тасаллути ислом зери пардаи динӣ ҷараёнҳои зиёди фалсафӣ пайдо шуданд, масалан, фалсафаи калом /намояндагонаш А.Ғаззолӣ, Ашъарӣ, Ибни Таймия ва бисьёр дигарон/, тасаввуф /ибтидо, зӯҳд/ равиши фалсафаи машшоъ тағйир ёфт. Машшоиён /аристотелизм/ пеш аз ислом низ вуҷуд дошт, вале баъди тасаллути ислом ранги дигар гирифт. Боз фалсафаи асҳоби ҳаюло-идомаи зурвония ва даҳрия буд. Зурвониён ва даҳриён ҳеҷ гуна худоро эътироф намекарданд, аммо асҳоби ҳаюло бошанд, вуҷуди ҷавҳари асосӣ ва нафсро эътироф мекарданд. Агар дар Ғарб фалсафа асосан хидматгори дин бошад, пас, дар Шарқ, то асри ХУ /15/ фалсафа мустақилияти хешро нигоҳ дошт.

Суолҳо:

--Оё ислом ба санъати тасвирӣ зид аст?

С.Аҳмадов: -Ҳадисе ҳаст, ки мувофиқи он овардаанд: "Ҳар касе, ки, расм мекашад, ба саге монанд аст, ки дар пасттарин дӯзах аст". Боз овардаанд, ки "Ҷабраил ба паямбар ваҳй меорад ва ба хонаи ӯ ворид намешавад. Ба пайғамбар мегӯяд, ки зери ту сурате ҳаст, барои ҳамин ман ба хонаат намедароям".

3-юми январи соли 1989. Баъд аз чанд дақиқа рӯзи нав -- санаи 4-уми январь оғоз мешавад. Алҳол метавон баъзе лаҳзаҳои соли 1988-умро ҷамъбаст кард. Соли 1988 бароям соли хушиносии комил, мубориз аҳо ва ҷонбозиҳои ҳақиқӣ буд. Мувофиқи пурсишномаи рӯзномаи "Комсомолец Таджикистана" /1.01.1989/

панҷ нафар Қ.Маҳкамов, П.Лучинский, Ш.Назаров /тренери командаи "Помир"/, М.Муҳаммадиев /бозингари "Помир"/ ва муаллифи ин сатрҳо "Одами сол" унвон гирифтаанд. Ҳеҷ кас аз байни панҷ нафар баҳои мутлақро соҳиб нашудааст. Кас ҳайрон мешавад, ки Қ.Маҳкамов ва П.Лучинский барои кадом хизматҳояшон одами сол шудаанд? Дар қатори онҳо будан ~~ор-ва~~ шармам меояд.

Соли гузашта соли шикасти ~~мафини~~ М.Осимӣ, ҳаммаслакони ӯ Ғ.Ашӯров, Р.Олимов, Р.Амонов, Р.Ғаффоров ва боз даҳҳо нафари дигар буд, ки солиёни зиёде дар илм ва сиёсат фармонравоӣ дош- доштанду халос. Вале муборизаҳои ҳақиқӣ ҳоло дар пешанд. Нағз ҳис мекунам, ки душманони мафкуравӣ ҳеҷ гоҳ ором намешаванд. Ба қарибӣ академики мушовир Б.Раҷабов ба баҳои илми 29-уми ноябри с. 1988 дар АИ роҷеъ ба муносибатҳои миллӣ барпошуда дар саҳифаҳои рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" ҳуҷум кард. Дертар ҷавоби ӯро хоҳем гуфт.

Воқеан сафари дар ибтидои моҳи ноябри с. 1988 ба Самарқанд кардаамон аз назари органҳои дахлдор пинҳон намондааст /чӣ хушбахтӣ, ки туро дар ҳама ҷо меҷӯянд/. Шербачаҳо бо шоир Ҳаёт Неъмат суҳбат карда, тафсили вохӯриро пурсон шудаанд. Хандаовар аст, ки ман он шахси дар Самарқанд доир ба сафарам хабардодаро хеле хуб мешинобам. Вақташ ояд, доир ба он шахс низ ҳамаашро хоҳам навишт.

Имрӯз бошад намоиши "Оҳанги зиндагӣ"-ро /аз Шӯъбаи иҷтимоию сиёсии оинаи нилгун/ дар видео сабт карданд, ки онро бояд рӯзи 5.01.1989 намоиш диҳанд. Ин силсилаи намоишҳо ба масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва фарҳангии шаҳру деҳоти тоҷик оид аст. Як хусусияти аҷоиби давраи ҳозираро қайд кардан зарур аст. Агар пештар кам сухан мегуфтем ё каме танқид

мешуд, натиҷаҳоямро ба зудӣ медидему эҳсос мекардем. Ҳоло бошад на ҳам, ба гӯши садрнишинон намерасад.

Имшаб хоб аз чашмонам парид. Пеш аз ҳама дафтари қайдҳоямро варақ задам ва диққатамро мақолаи номатбӯи доктори илми ҳуқуқ, профессор Т.Тоҳиров ҷалб намуд, ки 20-уми декабри соли 1988 дастрас шуда буд. Номи мақола "Вақте ки Бухоро%бомбаборон карданд". Ба ёд овардани воқеаҳои пурдаҳшати таърих дар ин шабҳои аввали соли 1989 душвор аст. Вале...

Умуман, қайд кардани он нуқта зарур аст, ки олимони тоҷик хосса таърихшиносон дар чил-панҷоҳ соли охир кӯшише накардаанд, ки ҳақиқатро барои халқамон нишон диҳанд ва аз дилу ҷон хидмат кунанд. Бадбахтии зиёиёни солҳои 30-80-уми асри XX асосан дар он аст, ки аксаран манфиати шахсии хешро назар ба манфиати миллат боло гузоштаанд. Ҷоннисорон хеле кам ва ангуштшуморанд. Зиёда аз ин онҳо наметавонистанд, ки ба ҷараёни таърихӣ таъсир расонанд. Вагарна чӣ метавон кард, ки таҳқирномаҳо ба шаъни халқи тоҷик, ки ба шакли китобу мақолаҳои то Инқилоби Октябрь ва баъди ин нашр шудаанд, аз назари олимон дур монданд. Дар ҳолати хубтарин баъзе аз китобҳои миссионерҳои Русияи подшоҳӣ, ки барои мустамликадорӣ дар Осиёи Миёна кор мекарданд, чун "тадқиқотҳои арзанда" ва "мӯътамад" муаррифӣ шудаанд. Бигирем китоби В.Наливкин ва М.Наливкина "Очерки маишати занони муқимии аҳолии Фарғона"[1]-ро, ки бархе аз олимон ба он истинод карданро меписанданд.

В.Наливкин ва М.Наливкина чанд сол дар байни аҳолии водии

---

1. Очерк быта женщины оседлого туземного населения Ферганы. - Казань, Типография Императорского Университета, 1886. - 245.с.

Фаргона зиндагонӣ карда, ҳаёти одамон, маишати халқро омӯхтаанд. Худи муаллифон иқрор шуданд, ки "чанд сол дар байни сортҳои Фаргона зиндагонӣ кардаанд ва аз нигоҳи вазъияти ондавраи ҳаёт низ ба сортҳо монандӣ доштаанд." "Аз нигоҳи нажодӣ ё қабилавӣ, - навиштаанд В.Наливкин ва М.Наливкина, - аҳолии муқими Фаргона, ки номи умумиашон с о р т ҳ о мебошад, аз ӯ з б е к ҳ о /ё худ туркҳо/ ва т о ҷ и к о н иборатанд /Бидуни ин ду халқи асосӣ боз яҳудиён, лӯлиҳо ва ҳиндуҳо низ ҳастанд/"[1].

Мустамликадорони Русияи подшоҳӣ аз ибтидои истилои Осиёи Миёна ~~ва ҳамроҳ кардани он ба Россия~~ кӯшиданд, ки ба ниёгони мо таҷрибаҳо гузарондаанд. Ва тааҷҷубовар аст, ки таърихшиносони мо ҳатто боре ҳам накӯшиданд, ки сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳиро танқид карда, моҳияти инсонбадбинонаи онро баррасӣ созанд. Яке аз таҷрибаҳои нангини мустамликадорони подшоҳӣ ба таври оммавӣ паҳн кардани фоҳишагӣ ва дар ҳамин асос таҳқиру паст задани гурури миллӣ буд. Чӣ метавон кард, ки боби хотимавии китоби В.Наливкин ва М.Наливкина махсус "Фоҳишагӣ" ном дорад. "Вақте ки соли 1875 дар Намангон маъмурияти русӣ барқарор шуд, яке аз аъзоёни он ба шахси маҳаллие, ки ба собиқ маъмурияти хонигарӣ тааллуқ дошт, бо суоле мурочиат кард, - навиштаанд В. Наливкин ва М.Наливкина, - ки дар замони хонӣ ин ҷо фоҳишагӣ то чӣ андоза инкишоф ёфта ва оё дар Намангон фоҳишаҳои пинҳонӣ зиёданд? Сорт чунин ҷавоб дод:

-- Рости гапро гӯям ҳамаи занҳои аз 12 сар карда то 60 соларо дар Намангон метавон фоҳиша номид. Ӯ, аз эҳтимол, каме муболиға карда, вале ба ҳақиқат наздик буд. Баъдтар, дар ҳақиқат, боварӣ ҳосил шуд, ки камтарин занро ба муҳаббати мувақкатӣ

---

1. В.Наливкин и М.Наливкина. Очерки быта женщины оседлого туземного населения Ферганы. - Казань, 1886, с. 15.

тавассути мукофоте ҷалб кардан мумкин аст ва ӯ аз ин кор ба иваزи 3-5 сӯм рӯ намегардонад. Андозаи "ҳакк" баъзан дар байни аҳолии маҳаллӣ хеле ночиз аст. Ҳарчанд аз русҳо 5-10 баробар зиёдтар назар ба сортҳо меситонанд"[1].

Бадбахтии халқи маҳаллӣ аз он иборат буд, ки хурду калон оҳиста-оҳиста ба беҳаёй ва бешармӣ муросо карданд. Зиёда аз ин ҳамин хусусиятҳои боло ба он сабаб шуд, ки халқ аз шарму хаё, шараф ва ғурури миллӣ дур равад. Боз ба навиштаҳои муаллифони зикршуда рӯ меорем, ки мардуми маҳаллиро ба фоҳишагӣ гунаҳкор мекунанд: "Дар давраи ҳозира дар ин ҷо ду шакли фоҳишагӣ мавҷуд аст: рӯшод, яъне кушоду равшан ва пинҳонӣ"[2]. Ин ҷумлаи болоро хонда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки гӯё таърихан ин ду шакли фаҳишагӣ дар ин минтақа вуҷуд дошт ва дар амал буд. Вале чӣ метавон кард, ки худи мубаллиғони мустамликадории Русия таърихи пайдоиши фоҳишагӣ ва фоҳишахонаҳоро хеле барҷаста маънидод кардаанд: "Нахустин фоҳишаҳонаҳо дар шаҳрҳо баробари ишғол кардани ин ҷойҳо пайдо шуд, - навиштаанд В.Наливкин ва М.Наливкина. - Яке аз аввалин рафтори фоҳишаҳои маҳаллӣ ин буд, ки онҳо дар кӯчаҳо бо рӯи кушод мегаштанд. Ин кори онҳо ким-чӣ хел мобайни туф кардан ба олами кӯҳна, ки пештар ба ӯ таъзиқ меовард марсельезаи хосе буд, ки дар вайронхонаи он режими кӯҳна, ки пештар ӯро метавонист сангборон кунад, ҷой дошт".

Минбаъд фоҳишаҳои маҳаллӣ дар Осиёи Миёна бо унвонҳои "ислободӣ" "искобулӣ" /бо насаби генерали подшоҳӣ Скобелев/ ва /аз номи "слобода"- шаҳрак, маҳалла/ машҳур шуданд./Кор ба дараҷае аз ақл дур аст, ки дертар Фарғонаро ба номи генерал Скобелев гузоштанд/. Озодшавии занҳоро маъракаи "Ҳуҷум" анҷом бахшид ва бешармиро ба шаҳрохи васеъ баровард, ҳарчанд то имрӯз

1.Наливкин В., Наливкина М. Очерк быта женщины оседлого туземного населения Ферганы. - Казань. 1886.-с.237.
2. Ҳамон ҷо, с.238.

сабаби ин таҷрибаро касе баррасӣ накардааст. Зиёда аз ин, баъзе адибон /масалан М.Симашко/ ва як қатор олимтарошон чунин "назария"-еро пеш ронданд, ки дар байни ниёгони мо анъанае будааст, ки гӯё соҳибона завҷа ё хоҳари хешро ба меҳмон вогузор мекардааст. Ёд дорам, ки ҳанӯз пеш аз бозсозӣ дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" ба ин даъвоҳо ҷавоб гуфта будам. Вале бо-таассуф аз назари борикбини хонандаи тоҷик ин нукта пинҳон монд. Мардуми мо на ҳама вақт мӯйро аз хамир ҷудо мекунад. Баъзан ба гумроҳии баъзе ашхос ангушти ҳайрат мегазем.

Аз ҷумла соли гузашта чунин "назария"-и нав рӯи об омад, ки ҷоҳилият низ дар таърихи тоисломии ниёгони мо буд ва гӯё падар ба духтар /мисли он ки дар боло овардем/ алоқаи ҷинсӣ доштанд... ва ғайра. Ин низ яке аз роҳҳои гумроҳ кардани халқ аст, ки тез ба ҳадаф мерасад. Ин "назария"-ро баъзе ҳомиёни дин ба роҳбарӣ гирифтаанд. Набояд фаромӯш кард, ки ҷоҳилият асосан хоси аъроб аст ва ба таърихи халқи тоҷик кӯчонидани анъанаи халқҳои семитӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи хеле муҳим-худшиносӣ, тоҷикон боз ҳадаф ва маркази таҷрибаи муайян қарор гирифтаанд.

4-уми январи соли 1989. Соати 22.10. Ин санае, ки сипарӣ шуд, бароям яке аз рӯзҳои ғамангезе буд. Ман аз муҳаррири "Ҷа-вонони Тоҷикистон" чунин ноодамиро интизор набудам. Фаҳмост, ки баъд аз Ато Ҳамдам /Хоҷаев/ вазифаи муҳарририи рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" /аз 1-уми январи с. 1989 "Ҷавонони То-ҷикистон"/ насиби дигар кас шуд. Ва сабабгори шиносоии ман бо ин муҳаррир боз ҳамон Д.Атувуллоев аст. Ӯ ба одамон ва одамшиносӣ хеле соддадилона муносибат мекунад. Нахустин шахсеро, ки ӯ чун "ҳомии миллат" охири моҳи декабри соли 1987 муаррифӣ

карда буд, баъд аз 20 рўзи нашри мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" ба худи Д.Атовуллоев ҳуҷум овард...

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, се рўзи дароз Додоҷон Атовуллоев маро илтиҷо кард, ки назди муҳаррири яке аз рўзномаҳои республикавӣ равам. Ва сабаби хафагии ман аз садрнишинони рўзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" нашр нашудани матни баромади Акбар Турсунов мебошад, ки дар шумораи 12-ум маҷаллаи "Дружба народов" ба табъ расидааст. Муаллиф дар қатори масъалаҳои муҳим ҷанҷоли беасоси дар атрофи мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" бавукўъпайвастаро баррасӣ кардааст. Пеш аз Соли Нави /мувофиқи солномаи насронӣ/ 1989 бо муҳаррири "Ҷавонони Тоҷикистон" маслиҳат кардем, ки ман мақолаи А.Турсуновро меорам ва пас аз тарҷума роҳи нашрашро мекобем. Вале "беҳ нашуд бадтар шуд" гуфтаанд бузургон. Ба ҷои чопи мақолаи А.Турсунов дар шумораи солинавии рўзнома тўҳматномае ба муқобили Д.Атовуллоев ба табъ расид...

Т.Нигорова изҳор дошт, ки ў маҳз ба суханони зерини А.Турсунов розӣ шуда наметавонад. Зеро Д.Атовуллоевро на таъриф кардан лозим, балки... А.Турсунов дар маҷаллаи "Дружба народов" овардааст: "Ба қарибӣ рўзномаи ~~ҷаридаи~~ ҷавонон "Комсомоли Тоҷикистон" ҷасорат карда, аз остони меъёри дар ҷумҳурият муайяншудаи ошкорбаёнӣ гузашта, мақолаи ҷиддии проблемавии як нафар олими маҳаллиро дарҷ намуд. Баромади ходими калони илмии Академияи улуми ҷумҳурӣ норизоии шадидеро ба амал овард /чанде қабл Мирбобо Мирраҳимов дар бораи таъқиботи диндорон мақолааш ў барои эҷоди фильми мустанад дар бораи таъқиботи диндорон машҳур гардида буд, зимнан ин фильм то ҳол рўи саҳнаи фароҳро нашукук гардида буд, ... механизми ба арзи солиён мураттабёфта ба кор дидааст/. Фавран механизми ба арзи солиён мураттабёфта ба кор даромад: аввалан бар зидди муаллифи мақолаи номатлуб тавассути рўзномаи ~~ҷаридаи~~ "Коммунист Таджикистана" ҳамлавар шуданд, сониян, масъалаи

ташкилиро низ мухокима карданд - мухаррирро аз вазифааш озод на-
муданд /кадом як гунохҳои собиқаи вайро ба хотир овარданд/,
солисон "Русия"-и тахиягари ҳамон мақолаи бехосият, журналисти
ҷавони боистеъдод Д.Атоуллоевро тагурӯ кардан гирифтанд /пушти-
бони ӯ кист, бо тавсияи кӣ вайро ба узвияти ҳизб қабул намуда-
анд ва ғайраҳо/, ҳамчунин ба муаллифи "беэҳтиёт" ба мақсади
дарьёфтани илҳомбахши ғоявиаш дар баромади матбуотӣ як силсила
сӯҳбатҳо гузаронида шуданд. Хайр, М.Мирраҳимов дар бораи чӣ
мақола навиштааст? Дар бораи он чизҳое, ки ҳоло тамоми мамла-
кат дар гуфтугузор аст, доир ба муносибатҳои байни миллатҳо,
оид ба зарбаҳое, ки сталинизм ба анъанаҳои мадании халқҳо расони-
дааст /дар мисоли иваз намудани алифбои ба мағз андар мағзи ма-
данияти бостонии тоҷикон ва ӯзбекон ҷой гирифта/, роҷеъ ба
моҷароҳои атеистӣ, ки дар фарҷоми он масҷиду мадрасаҳо вайрон-
гар гардида, дастхатҳои нотакрори қадима несту нобуд карда шу-
данд...."[1]

Намефаҳмам, ки кадом нуктаҳои суханони А.Турсунов ба
иззати нафси мухаррири "Ҷавонони Тоҷикистон" расида, ки ӯ ба чо-
пи он дар рӯзнома сахт муқобил буд. Чӣ тазоде дар замони боз-
созӣ. Ин шом боз Муаззамаро ба ёд овардаму диламро ғам пахш
кард. Чӣ одамонеро мебинам баъд аз ту хоҳарам, Муаззама! Мани
содда ба суханони баъзе "дӯстонат" бовар карда, гунаҳгорони мар-
гатро ба маҳкама накашидам. Бо илтимосу илтиҷои онҳо сабаби
марги нобаҳангоматро дар ҷойҳои зарурӣ, сӯҳбатҳои хосса, баҳо-
ҳои олимартабаҳо нагуфтам. Ва ҳамаи ин барои он буд, ки
баъзеҳо мисли пештара аз курсӣ ба курсии дигар нишинанду ҷум-

1. Дертар ин мақолаи А.Турсуновро ду маҷалла-"Агитатори Тоҷи-
кистон" № 6 ва "Садои Шарқ" № 4 чоп карданд. Ман ба сухани
ба хадар рафта афсӯс хӯрдам /шарҳи муаллиф/.

ҳурӣ ба роҳи худшиносӣ қадам нагузорад, одамон гирифтори ғуло-
мии маънавию иқтисодӣ бошанд. Муаззамаи ноком...

Боз хоҳарам Файзинисо ва тақдири талхи ӯро пеши назар оварда, дарун-дарун хун гиристам. Мегӯянд, ки мардҳо намегирьянд. Не, баъзан гиристан лозим, то ки каме андӯҳи дил холӣ шавад...

Мубориза҇ҳо баъд аз як соли мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?" ба зинаи нав баромад. Кайҳо боз нияти иншои китоберо бо унвони "Падидаҳои худшиносӣ ё саҳифаҳо аз дафтари хотира" дар сар дорам. Асоси китобро бояд ҳамин навиштаҳои дафтари хотира ташкил диҳад. Ҳоло бошад ҳамаи кӯшишро барои китобҳои "Ҷашну маросим ва ҷаҳоншиносӣ" ва "Советская обрядность и религиозные традиции" равона кардаам.

9-уми январи соли 1989. Нӯҳуми январь зодрӯзи ман аст. Вале тантанаҳоро бад мебинам.

10-уми январи соли 1989. Соати 5.40. Дишаб /ё ин шаб будагист?/ ҳамроҳи Д.Атовуллоев дар тарабхонаи "Тоҷикистон" каме аз оламу одам сухан гуфтем. Баъд аз тӯҳматномаи солинавии "Ҷавонони Тоҷикистон" ӯро танҳо гузоштан ~~он қадар~~ кори оқилона нест. Нағз мефаҳмам, ки чӣ тавр барои ӯ ва Ато Ҳамдам душвор аст. Вале чӣ коре, ки нашуда бошад ҳам, ҳарифони маънавии мо аз бекории Д.Атовуллоев манфиатӣ бурда наметавонанд.

Яке аз марҳалаҳои муҳим дар худшиносии /вале то ҳол
ки то ҳол ба ҳаракати иҷтимоии зиёиёни
нашинохтан/ миллӣ он аст, Ҳатто баъзе
халқ ҷадид ва ҷадидия аз пояи илмӣ баҳо надодаанд.
олимон, профессороне ҳастанд, ки таърихи адабиёти тоҷик /охири
асри XIX ибтидои асри XX/-ро дидаю дониста таҳриф мекунанд.
Баъзеҳо худро аз С.Айнӣ ва "Намунаи адабиёти тоҷик" /нигаред

қисми саввуми китоби мазкур/-и ӯ низ "донишманд" мешуморанд.
Материалҳои солҳои 20-уму 30-юмро омӯхта метавон ба хулосае омад, ки аз байни олимон, шоирону нависандагон ва соҳибмансабони синни калонсол кам андар кам одамони покро ёфтан мумкин аст. Хеле ва хеле тааҷҷубовар аст, ки имрӯзҳо онҳо худро "ҳомии бозсозӣ", "падари миллат" метарошанд. Яке аз мақолаҳое, ки ҷавоби аниқро талаб мекунад, падидаҳои Р.Ҳодизода мебошад, ки дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" чоп шудаанд.

8-уми январь дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" мақолаи дӯстам М.Саидов ба табъ расид, ки камбудиҳои илми фалсафаро баррасӣ кардааст. Ва дирӯз дар ҷои кор аксари рафиқон на масъалаҳои асосии мақола, балки бештар ба ҷузъҳои он эрод гирифтанд. Ин хубие надорад. Яке аз курсинишини АИ ду-се танро ~~даъват карда~~ хоста ташкили муҳокимаи мақолаи М.Саидовро талаб кардааст. Хайрият, ки онҳо розӣ нашудаанд.

Имрӯз ба иншои мақолае барои "Медицинская газета" сар кардам. Дар ин мақола бояд ба ҷавоби А.Додобоев, ки дар "Медицинская газета чоп шудааст /ниг. 28.02.1988/, зарба зад.
Аз коллегияи сценарӣ-таҳририи "Тоҷиктелефильм" ба сценарияи банда, ки "Мерос" ном дошт, "Хулоса"-и ғазабноке фиристоданд.
Хулосаи бисьёр бемазмун ва пастният. Кормандони "Тоҷиктелефильм" ба ман ҳаммуалифӣ пешниҳод карданд, мо бошем рад кардем.
Маҳз бо ҳамин сабаб сценарияро нахостанд. Сармуҳаррири коллегияи сценарӣ-таҳририи "Тоҷиктелефильм" Сайфи Ҷӯрабоев баробари нав шудани роҳбарияти комитети давлатии Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ /ба ҷои Ғ.Қаландаров А.Ш.Ҷӯраев, собиқ ҷонишини мудири шӯъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон омад/ ҷомаашро чаппа пӯшид. Ҳоло ҷавоб ба "Хулоса"-и онҳоро навишта истодаам. Номашро "Бошад андар парда бозиҳои пинҳон ғам махӯр"

ё ҷавоб ба "Хулоса"-и ҳайати сценарӣ-таҳририи "Тоҷиктелефильм" гузоштам.

12-уми январи соли 1989. Ҷавоб ба "хулоса"-ро бо тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва сценарияи "Мерос" ба редакцияи ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" супоридам. Сценарияро ба идораи намоишҳои адабӣ-драмавии телевизион пешкаш кардам. Маъқул шуморанд, видеофильм бадоштан мумкин.

Оинаи нилгун аз моҳи январи соли ҷорӣ сар карда, барои Лоиқ, Давлат, Гулрухсор, Бозор, Акбар Турсун ва мо мамнӯъ будааст. Инро ба наздикӣ аниқ кардам. Азбаски дар ин идора кам бошад ҳам кор дорам, сиёсати дохилии онро ба зудӣ дарк кардам. Шахсан барои банда дар барномаҳои оинаи нилгун ва радио баромад кардан ё накардан он қадар аҳамият надорад, вале тамошобину шунавандагони тоҷик аз маълумотҳои саҳеҳ ва рӯшод бебаҳра мемонанд. Барои ҳамин баъзе масъалаҳоро дар ин ҷавоб равшан кардан лозим. Бигузор одамон донанд, ки дар паси парда чӣ гапҳо ҳаст. Донанд, ки барои чӣ сатҳи ғоявии намоишҳои ҷаҳоннамои тоҷик паст аст. Ин кори махсус роҳи тарғибро барои аз фарҳанги миллӣ дур андохтан, ба муқаллидии аврупоӣ табдил додан, тарбияи манкуртияро ба роҳ мондан мувофиқ аст. Ва баромадҳои рӯшанфикрон ба мазоқи мансабдорони мо ва хӯҷаинони онҳо писанд намеояд. Онҳо мардумро бедор мекунанд.

Бегоҳирӯзии 10-уми январь дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон маҷлиси Шӯрои олимони ҷавон барпо гардид, ки мо низ иштирок доштем. Масъалаи маҷлиси машваратӣ дар Душанбе доир ба "Масъалаҳои рӯзмарраи тарбияи атеистӣ" муҳокима шуд. Ин маҷлиси машваратӣ

16-21 март, яъне дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз, баргузор мешавад. Инҷо маҷлиси машваратиро мо /бо ҳамроҳии П.Пӯлодов ва Р.Ҳасанов/ ҳангоми дар Тошканд /моҳи апрели соли 1988/ буданамон ба нақша гирифта будем. Ин корҳо мувофиқи нақшаҳои ҳамкории ҷумҳуриҳои иттифоқии Осиёи Миёна ва Қазоқистон амалӣ мешаванд.

13-уми январи соли 1989. Дишаб ду мақоларо анҷом додам. Яке "А что в предложениях?" /ҷавоб ба ҷавоби А.Додобоев, ки дар "Медицинская газета" 28.XII.1988 нашр шудааст/ ва дигар мақолаи "Оё Рӯдакӣ ба ҷашни Наврӯз меояд?" мебошад. Ҳардуяшро ба редакцияҳо супоридам.

Якчанд рӯз аст, ки мо ба масъалаи интихоботи номзад ба депутатии халқии СССР оварем. Кас ба бепарвоии одамон дар интихоби номзадҳо ба депутатҳои халқии СССР ангушти ҳайрат мегазад. Дар Конибодом, Роғун, Панҷакент одамоне ба депутатӣ номзад шуда истодаанд, ки онҳо қабри тоҷиконро кайҳо кандаанд.

14 январи соли 1989. Имрӯз шанбе. Тамоми рӯз машғули мутолиаи китобу рӯзномаҳо будам. Дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи А.Сайфуллоев "Интернационализм қонуни ҳаёти мост" чоп шудааст. Як сол пеш ягон кас доир ба алифбои арабиасоси тоҷик сухан гуфтанро ба худ муносиб намедид /аниқтараш ҷуръат намекард/. Имрӯз ҳама мубаллиғ ва "мубориз"-и ҳуруфоти арабиасос-анд, вале масъаларо боз ба майдагапӣ мебаранд. Ҳатто як академик аз паси ин мавзӯъ обрӯи сиёсӣ ҳам гирифт. Аламовар он аст, ки баробари истифодаи мавзӯъ ҳуруфоти форсӣ қариб ҳама тӯтивор ҳамчунин баргаштан /?/ ба таҳрифи Қ.Маҳкамовро такрор мекунанд. „Ҳамчунин баргаштан /?/ ба алифбои арабӣ маънӣ надорад, - навиштааст А.Сайфуллоев, - зеро ин иқдом низ, чунон ки рафиқ Маҳкамов Қ.М. таъкид кард, - пеш-

рафти моро чандин сол ба қафо мекашад".

Ибтидо бояд хотиррасон шавад, ки Қ.Маҳкамов масъалаи ба таври бояду шояд омӯхтани ҳуруфоти ниёгонро дидаю диниста таҳриф мекунад. Зеро бе ҳуруфоти форсӣ худшиносии миллати мо ҳеҷ аст. Сонийн, як-ду сол пеш ман наметавонистам ин фикрро кушоду равшан баён кунам, вале ҳоло имконият ҳаст, ки сари мақсад оем ва талаб кунем, ки: а) забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон бе ягон хел қайду шарт забони давлатӣ эълон карда шавад; б) форсӣ, дарӣ ва тоҷикиро бояд як забон донист; г) ба алифбои форсии ниёгон /классикиамон/ бечуну чаро дар мӯҳлати чор-панҷ сол бояд баргашт. Ҳеҷ гуна монеият дар ин роҳ ба манфиати кор нест. Чунин аст лучу пӯсткандаи гап.

На р. Қ.Маҳкамов, на рафиқон А.Сайфуллоев, Р.Амонов, Р.Ғаффоров, С.Табаров, С.Наимбоев, М.Осимӣ ва дигарон намедонанд, ки тақдири алифбои форсӣ соли 1929 не, балки баръакс хеле бар-вақттар-баробари истилои аморати Бухоро сурат гирифтааст. /Ҳоло торикӣ фаро расид ва хаёли ман ба таърихи гузашта парвоз мекунад аз қаъри китобу рисолаҳо далелҳои радиашавандаро пеш меорад/. Ба фикри мо, роҷеъ ба иваз кардани алифбои форсӣ /арабӣ/ нахустин сабақро озариҳо доданд. Ва ин рафтори хеле бемазмуни онҳо сабаб шуд, ки ба сиёсатдорон масъалаи иваз кардани ҳуруфоти арабиро васеътар гузоранд. Ба ин маънӣ соли 1924 дар маҷаллаи "Жизнь национальностей" бори аввал барои мубоҳиса мақолаи хеле миллатгароёнаи Г.И.Брайдо "Роҷеъ бо иваз кардани ҳуруфоти арабӣ ба лотинӣ"[1] ба табъ расид. Маълум аст, ки "Жизнь национальностей"

---

1. См.: Брайдо Г.И. К вопросу о замене арабского алфавита латинским. - Жизнь национальностей. 1924, кн.I /УI/.- с.34-37.

органи Комиссариати халқӣ оид ба кори миллатҳо буд, ки сардории онро И.Сталин - Ҷугашвилӣ бар ӯҳда дошт. "Ҷиҳати манфии ҳуруфоти арабӣ дар чӣ зуҳур меёбад? - худ ба худ суол медиҳад Г.И. Брайдо. Ва баҳоро чунин идома додааст, --ин камбудӣ дар он аст, ки вайро дурудароз омӯхтан ва босавод шудан метавон"[1]. Овардани ҷумлаи дигареро аз навиштаҳои Г.И.Брайдо зарур мешуморем, ки мантиқан ба ду ҷумлаи овардаамон зид аст. "Аз ин рӯ душвории асосӣ на дар омӯзиши ҳуруфот,-таъкид мекунад муаллиф , - балки дар усули таълим ва роҳи истифодаи он аст". Муаллиф онро мехост ё не, вале маҷбур шудааст, ки камбудии усули таълимро эътироф кунад, ки ҷадидҳо ҳанӯз дар ибтидои асри XX дарк карда, ба ислоҳаш кӯшиданд. Ин ҷо боз ба далелҳо рӯ меорем. Устод С.Айнӣ дар боби "Андешаҳо барои таъмини истиқболи мактаб" дар "Таърихи инқилоби Бухоро" ба беҳбудии усули таълим диққат зоҳир карда, доир ба таҷрибаи арзандаи мактаби Шакурӣ /дар Самарқанд/ ва асосан ташкили аввалин мактаби усули ҷадид дар Бухоро маълумот овардааст. С.Айнӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ ва Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим на танҳо бо усули нав тавонистанд бачагони синни хурдсолро савод омӯзанд, балки калонсолонро низ дар муддати кӯтоҳ босавод карданд. "Мирзо Абдулвоҳид ба ғайри инҳо /яъне кори мактаби нав - М.М./ боз як кори душворро ба зимма гирифт. Барои калонсолон курси шабона кушода, касони бист-сисоларо ҷамъ карда, рӯзе ду-се соат таълим медод. Инҳо бошандагони шаҳр, касоне буданд, ки дар вақташ 8-10 сол дар мактаб хонда, оқибат /аз вайронии тартиби таълим/ "алиф"-ро аз "бе" фарқ карда натавониста, "аз хату савод насиба надоштаем"- гӯён аз мактаб баромада рафта буданд. Онҳо дар мактаби

---

1. Ҳамон ҷо, с. 35.

нав дар андак муддат савод баровардани писари калонии домулло Икром Ҳабибуллоро дида, аз нав ба хондан дил баста, дар атрофи Мирзо Абдулвоҳид ҷамъ шуданд. Мирзо Абдулвоҳид ҳам бо вуҷуди хастагӣ ва камии вақти худ инҳоро ноумед накард. Дар байни 40-50 рӯз ба онҳо хондан ва навиштанро омӯхт"[1].

Ҳаққи гапро бояд гуфт, ки дар тӯли қариб панҷоҳ сол усули таълим бо ҳуруфоти кириллӣ ягон бартарие аз худ нишон надод. Баръакс завқи эстетикӣ, маърифатӣ, донишдӯстӣ ва санъати хату сухан ба дараҷае паст рафт, ки ҳоҷати гап нест. Вале ҳанӯз соли 1924 Г.И.Брайдо /ва на танҳо ӯ/ тамоми қаҳру ғазаби худро ба Бухоро рехт ва аз эҳтимол нағз медонист, ки то он вақте ин шаҳр чун маркази илму фарҳанг устувор аст ва то он вақте ки хати форсӣ барқарор аст, бероҳа кардани мардум, шикастани риштаи меросияти ва анъанаҳои неки маърифатдӯстӣ, илму ҳикматпарварии тоҷикон душвор аст. Суоле ба миён меояд, ки чаро бе ҳеҷ ягон тайёрӣ дар даҳ сол ду бор ҳуруфотро иваз кардан мумкин будаасту барои ба таърихи хеш пайванд шудан, риштаи меросиятро пайвастан, ҳақиқати гузаштаро донистан мӯҳтоҷи розигии дигарон бошем? Чаро функционерони ҳизбии мо наметавонанд аз ботлоқи рукуд баромада, ба халқ гӯянд, ки бияед масъалаҳои баргаштан ба ҳуруфоти ниёгонамон, забони давлатӣ ва айнияти дарӣ-форсӣ-тоҷикиро ба ҳамапурсӣ (референдум) мегузорем. Он гоҳ ҳоҷат ба майдагапӣ ва демагогия намемонад.

Барои чӣ хати кириллӣ он обрӯ ва эҳтиромеро, ки дар байни мардуми мо нисбат ба маърифат буд, пайдо накард? Пеш аз ҳама мулоҳиза мекунам, ки ба хату забони русӣ тобишҳои сиёсӣ дода шуд. Дуюмин камбудии ҷиддӣ ба эҳсосоти миллӣ ва динии халқҳо /аз ҷумла халқи тоҷик/ бо мурури иваз кардани алифбо ранги му-

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе: Адиб, 1987. - с. 41-42.

носибати таҳқиромезона пайдо кард. Ин нуқтаро инкор кардан душвор аст. Сӯхтану ба об партофтани ҳазорон-ҳазор китобу дастнависҳо, муносибати хеле хунукназарона ба дин, "Қуръон" ва пойдевори ахлоқии халқ, фарҳангу ҳикмати ниёгонамон, ки ҳамаашон тавассути ҳуруфоти классикӣ ба мо расидааст, дер ё зуд одамонро ба худшиносӣ даъват мекард. Ва агар боз ду-се насли зиёиён ҳам маҳв шаванд, хуни миллат аз алифбои форсӣ бӯй медиҳад. Алҷазоириҳо пас аз яксаду сӣ соли мустамликадории ~~франсавиҳо~~ фаронсавиҳо ба омӯзиши забони модарӣ ва хати арабӣ оғоз карданд. Шукр, ки мо барвақттар аз роҳи гумроҳӣ ба роҳи худшиносӣ иқдом намудем.

Шояд барои дигар халқҳо иваз кардани алифбои арабӣ аввал ба лотинӣ ва ~~редактор~~ дертар ба кириллӣ роҳи пешрафтро боз кард. Йӯлдош Охунбобоев, аввалин президенти Ӯзбекистон, соли 1932 пиромуни масъалаи алифбои лотинӣ чунин навишта буд: "Алифбои нави ӯзбекӣ ба маънои пурраи ин калима алифбои синфии коргарон, колхозчиён, камбағалон ва миёнҳолон, алифбои нави маданияти социалистии Ӯзбекистон гардид, ки "фарҳанги" кӯҳнаи истисморгарони бойҳо, муллоҳо, эшонҳо ва миллатчиёни аксулинқилоб муқобил меистад"[1]. Он солҳо аксарият чунин фикр мекарданд ва чунин мепиндоштанд, ки баробари иваз кардани алифбо ҳама чиз муҳайё мешавад, ҳатто илм ва маданият[2]. Аммо ин афсонае буд, ки то ҳоло касе нахонда...

---

1. Ахунбабаев. Культурные достижения Узбекистана. - Революция и национальности, 1932, № I. - с. 85.
2. Дертар дар рӯзномаи "Правда Востока" аз 4 маи соли 1989 докторҳои илми таърих Ф.Исҳоқов ва Р.Сафаров бо номи "Всеузбекский аксакал" мақолае навишта, дар масъалаи роли Й.Охунбобоев дар иваз кардани алифбоҳо ҷавоб гуфтаанд. ~~Онҳо таъкид кардаанд.~~ Онҳо таъкид кардаанд, ки "ӯ маҳсули замони худ буд ва табиист, ки аз инкишофи пурҷӯши ҳодисаҳо берун буда наметавонист. Зиёда аз Йӯлдош-ота беохир ба ғояҳои партия содиқ буд ва ҳамаи қарорҳои онро покдилона ба ҷо меовард". Ин "сафедкунӣ"-и Й.Охунбобоев узри бадтар аз гуноҳ аст.

Маро аз банди андешаҳо яке аз шумораҳои ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" /5.0I.1989/ ба худ овард. Ба фикри мо, мусоҳибаи аз ҳама бемаънӣ дар соли 1989 суханрониҳои М.Қаноат мебошад. "Мо проблемаҳоро тезутунд карданӣ нестем, - мегӯяд ӯ доир ба масъалаи муносибатҳо бо Ӯзбекистон дахолат карда, - даъвои марказӣ надорем, танҳо мехоҳем, ки ҳуқуқи мардуми тоҷик дар Ӯзбекистон ба расмият шинохта шавад". Магар ин гап шуд?! Даставвал М.Қаноат овардааст, ки дар Ӯзбекистон "мактабҳо, кӯдакистонҳо, шӯъбаҳои тоҷикӣ дар донишгоҳҳо, чопи китобҳо ба забони тоҷикӣ, барномаҳои радио, телевизион, театрҳо таъсис мееёбанд". Ин ҷо шоири мо ба эҳсосоти пурғалаёни худ дода шудааст. Дар бораи чопи китобҳо ҳаминро бояд гуфт, ки алҳол бо як "Гулдастаи Самарқанд" /бо ҷонбозиҳои Аслиддини Қамар/ баҳор намешавад. "Театҳо" не, балки танҳо як дастаи хурди ҳаваскорон вуҷуд дорад, ки он ҳам бо дастгирии молиявии Ҳаёт Неъмат рӯи об омад. Мактабҳо бошанд он қадар зиёд кушода нашудаанд. Дар мактабҳои тоҷикӣ китобҳои дарсӣ намерасанд. Нигоҳе ба саҳифаи рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" кофист, ки кас аз ташвишҳои тоҷикони беҳуқуқи Бухорою Самарқанд огоҳ шавад. Вале М.Қаноат ба ин кор вақт наёфтааст у пойбанди суханҳои ҳавоӣ шудааст. "Сустию тоҷикӣ"-и мо низ дар ҳамин зуҳур меёбад.

Роҷеъ ба алифбои классикиамон аз ҳама бехтар /ҳатто аз баъзе академикҳо низ/ Ӯктами Холиқназар дар мақолааш "Забони ман - ҷаҳони ман" /Тоҷикистони советӣ," II.0I.1989/ навиштааст. Ӯ иллати пастравии забон ва савияи забондониро чунин шарҳ додааст: "Ба пиндошти ман, сабаби онро дар соли 1929 --дар он соле, ки ҷои ҳуруфоти арабиро ҳуруфоти лотинӣ гирифт, бояд ҷуст. Ман намедонам, ки дар сари ин иқдом кӣ истода буд. Аммо чизи дигар

ба ман чун ба бисьёре аз шумо равшан аст, ки баробари сурат гирифтани ин амал мардуми тоҷик аз заминаи табиии худ канда, аз муҳити муқаррарии худ дур афканда шуд". Доманаи ин мавзӯъро васеътар баррасӣ карда, ёдовар мешавем, ки бо иваз кардани ҳуруфот халқи тоҷик ба бефарҳангӣ ва нестӣ маҳкум гардид[1]. Ин нукта ба ҳамон шабоҳат дорад, ки Лоиқ дар шеъри "Гӯри Дониш дар куҷост?"[2] меорад:

Ин замон андар Бухорои шариф
Худшиносон худфидой мекунанд,
Ноҳудогоҳон худой мекунанд.
Он Бухоро -
Он қадамгоҳи бузургон
Шуд адамгоҳи бузургон...

Бухоро ... Маро мақолаи профессор Т.Тоҳиров пеши назар меояду ба ёди азизонат хун мегирьям, эй шаҳри шариф! Ва инак он мақола:

ВАҚТЕ КИ БУХОРОРО БОМБАБОРОН КАРДАНД

Агар дар асрҳои миёна дар фазои Флоренция гурӯҳи ҳавопаймоҳо парвоз карда, бомбаҳои несту нобудкунанда мепартофтанд, даҳшат ва воҳимаи мардум поён надошт. Вале агар ҳавопаймоҳо дар Флоренция ҳангоми ҷанги якуми ҷаҳон пайдо шуда, шаҳрро бомбаборон мекар-

---

М.Диноршоев аз тариқи оинаи нилгун
I. Дертар, яъне 6.04.1989, ки дар гузашта мо шаш ҳазор
ба ин масъала равшанӣ андохт, се ҳазор ҳикматшиносону олим ва боз
шоир, ду ҳазор нависанда, ки мероси ҳамаи онҳо
ҳазорон-ҳазор номбардорони миллат доштем, Ба назари мо, муаллим
бо ҳуруфоти классикиамон иншо шудааст. соҳибдевонро қайд карданд.
М.Диноршоев танҳо 6 ҳазор шоирони навшоирон буданд, ки
Зиёда аз онҳо боз даҳҳо ҳазор шоирону омадаанд. Агар тамоми су-
то имрӯз мероси на ҳамаи онҳо ҷамъ бешубҳа дар китоби Рекорд-
ханварони форсигӯйро ҳисоб кунем, дар ҷои аввалан /шарҳи
ҳои Гиннес халқи мо бо шоирони хеш
муаллиф/.

2. Ниг.: Адабиёт ва санъат, 12.01.1989.

данд, аллакай одамон мефаҳмиданд, ки ҳавопаймо чист ва бомбаҳои чӣ. Ва аммо ҳамон вақт ҳам ин ваҳшонияг буду халос. Зеро Флоренция - рамзи маданияти аврупой, мамнӯъгоҳи меъморӣ, ки дар натиҷаи меҳнати даҳҳо насли бинокорон ва меъморон, рассомон ва пайкарасозон пайдо шудааст.

Ҳеҷ гуна ғояҳо, нақшаҳои ҳарбӣ-стратегӣ, ки барои нест кардани ҳариф, ки дар қасрҳо ~~пинҳон аст~~ нишонанд, наметавонанд бомбаборон кардани шаҳр-музейро ҳақ бароранд. Ва умуман ҳамаи инро хонанда сафсатта мегӯяд. Бале, ин ҳамин тавр аст.

Аммо ҳоло ба таърихи шикасти аморати Бухоро дар ибтидои асри XX рӯ меорем. Албатта, хонигарии Бухороро бо демократияи Флоренция муқоиса кардан душвор аст. Бухоро зиндони ғуломон, пойтахти ~~монархияи~~ ҳокимии мутлақ буд. Вале бо вуҷуди он Бухоро -- ин шаҳри қадимтарин шарқ, ҷои пайдоиш ва гулгулшукуфии эҳёи мусулмонӣ, хусусан музеи меъморию таърихии Машриқ аст.

Соли 1920 ҷанги беамони ҳокимияти шӯроҳо дар Туркистон бо аморати Бухоро сурат гирифт. Дар Бухоро ҳизби ҷавони бухориён ба шӯриш тайёр медиданд. Ҳамла ба шаҳр оғоз ёфт. Баҳри кӯмак ҳавопаймоҳо сафарбар шуданд. Барои бомбаборон кардани Бухоро, чӣ тавре ки дар "Война в песках" /Материалҳо доир ба таърихи ҷанги гражданӣ дар Осиёи Миёна, ки зери таҳрири М.Горький соли 1935 нашр шудааст/ қайд гардидааст "чунон ҳам иттиҳоди бузурги ҳавопаймоҳо сафарбар шуданд, ки ҳеҷ гоҳ дар фронти Туркистон набуд" /с.298/. Дар яке аз рӯзҳои охирини моҳи августи соли 1920 дар станцияи Когони назди Бухоро даҳҳо ҳавопаймоҳоро ҷамъ оварданд. Байни онҳо форманҳо, фарсаҳо, совичҳо, ньюпорҳо, вуазенҳо ва альбатросҳо /номҳои ~~маркаи~~ ҳавопаймоҳои ибтидои садаи XX-М.М./

буданд. Аз Чорҷӯй бошад ба ин ҷо авиаотряди хосса омад. Чӣ тавре ки дар китоби мазкур қайд шудааст, ба бомбаборон лётчикҳо Степанов, Столяров, Фоусек, Ильин, Зеленский тайёрӣ диданд. То ин вақт аллакай авиарейди нахустини бомбаборони Бухоро сар шуда буд. Дар авиарейди дуюм бомбаҳои чорметра, ки ҳар кадоме 64 кг. вазн дошт, аз баландиҳои садметра рост "ба қасри сапсафеди амир, ки боигарии бепоён дошт" /с.299/ афтиданд. Ҳавопаймои форман, ки лётчик Фоусек идора мекард, баъди бомуваффақият бомбаҳояшро партофтан, аз ҳама охирин баргашт. Дар рӯзи сеюм низ аз нав, аз пагоҳӣ ҳавопаймоҳо пур-пури бомбаҳо ба Бухоро парвоз карданд.

Шоҳид ва иштирокчии бевоситаи бомбаборонкунии Бухоро лётчики озмоишгар Фоусек ба ёд меорад: "Мо Бухороро бомбаборон кардем. Мо аморати куҳанро вайрон кардем. Хурсандии моро аз ҳама бештар он зиёд мекард - вақте ки бомбаҳо ба "Манораи марг" мерасиданд, ҳарчанд ин бомбаборон барои мо аҳамияте надошт" /с.303/.

Ҳамон вақте ки "артиллерия дарвозаҳои маҳаллаҳои наздикро ба хок яксон кард" /с. 304/ авиация на танҳо аҳолӣ ва афсарони амирро ба даҳшат меовард, балки ба манораҳои қасрҳо ва масҷидҳо, ки равшан аст ҷои ҷамъомади одамони аз даҳшат ба ҷон расида буд, бомбаҳо мепартофт. Ахиран одамон то ҳол чунин паррандаҳои оҳанинболро ҳеҷ гоҳ надида буданд. Барои аҳолии Бухоро дар соли бистум пайдоиши ҳавопаймо ҷаҳаннам ва охирзамон буд.

Зиёда аз ин аэростати махсус ба ҳаво бардошта шуд, ки барои тӯпборон кардан ба сифати нишонгирӣ кӯмак мерасонд. Фармондеҳии авиация фармон дод, ки шаҳрро то он вақте ки сӯзишворӣ ва бомбаҳо кифоя аст бомбаборон кард /с.304/. Лётчик Николай Алексеевич Ласкин дар саатҳои музеи округи ҳарбии Туркистон

қайд мекунад, ки ҳангоми ҳамла ба Бухоро 26 пуд бомба партофта-аст. "Ситораи Моҳи хосса" - қароргоҳи берунишаҳрии амирро бомбаборон кардем. Ҳама ҷо ва ҳама чизе, ки аз амир нишон-медод, бомбаборон мекардем". Дар қаргоҳи амир аҳли ҳарамсарой ва хидматгорон буданду халос.

Доир ба бесарусомонӣ дар байни афсарони аморати Бухоро шоҳиди дигар ва иштирокчии ҷанг бо амир В.Клеменаев дар китоби "За Советский Туркестан" /Ташкент, 1963, с. 458-459/ нақл мекунад. Қасри амир таърихи садсолаҳо, шояд ҳазорсола дошт. Манораҳои марҷарини он аз садҳо фарсах намудор буданд. Бомбаборон гунбазҳои асосӣ ва манораҳои қасро нест кард.

Бухороро деворҳои қалъаи 30 манора печонида буд. Ҳамаи ин манораҳо ва деворҳои шаҳрро несту нобуд карданд. Деворҳо дарвозаҳо доштанд, ки баъзеи онҳо аз оҳан буд.

Дар китоб фавқуззикр тарконидани яке аз дарвозаҳои Бухоро тасвир шудааст. "Наздикиҳои соати 3-и 1-уми сентябрь инженер хабар дод, ки чаптар аз дарвозаи Қаршӣ нақб канда, 52 пуд моддаҳои тарканда ҷойгир карда шуд ва ҳамаи кор барои таркиш тайёр аст" /с.462/. Дар Бухоро хеле ҷангҳои шадид мерафт. Барои ҳар як маҳалла, ҳар як хона мубориза давом дошт. Таърих хабар надорад, ки чӣ қадар одамон дар ин ҷангҳо ҳалок шудаанд. Чунин ҳисоботи оморӣ /статистикӣ/ нест. Вале маълум аст дар натиҷаи ҳамлаи артилерӣ ва бомбаборони шадиди ҳавоӣ, ки якчанд рӯз идома дошт, бисьёр биноҳои Бухоро асосан вайрон шуданд. Ёдгориҳои таърихӣ аз рост наафтодани бомбаҳо ба гунбазҳояшон эмин мондаанд. Ва ҳатто онҳое, ки эмин монданд, ифтихори фарҳанги маҳаллӣ ва ҷаҳониананд. Соли 1920 ба амри Бухоро муяссар гардид, ки гурезад. Ҳавопаймоҳои таъқибкунанда қариб буд, ки дар сарҳад

ӯро боздоранд. Якчанд ароба бо тилло ва зебу зиннатҳои шахсии ба тасарруф афтодаро ба Маскав фиристоданд.

Ҳар сол ҳазорон сайёҳон аз тамоми гӯшаю канори олам ба Бухоро меоянд ва зебоиҳои онро тамошо мекунанд. Ба қарибӣ роҳ-мекард, ки чӣ тавр дар натиҷаи заминҷунбӣ қасри мармарин ба замин яксон шуд. Ин хел шарҳ агар беасос менамуд. Бахусус бисьёриҳо мепурсиданд, ки, пас, чаро дигар биноҳои таҳхурсиаш аз ин сусттар аз офати заминҷунбӣ эмин мондаанд. "Охир ман наметавонам бигӯям, ки қасрҳои Бухоро дар натиҷаи бомбаборон вайрон шудаанд, - шикоят мекард ба ман раҳнамои интурист".

Дар замони ошкорбаёнӣ ва покшавӣ мо наметавонем ба воқеаҳои тобистон ва тирамоҳи соли 1920 барнагардем.

Ба таърихшиносон лозим буд, ки воқеаҳои қаҳрамонона ва фоҷиавии он давраро пурра барқарор кунанд. Имрӯз дар давраи ошкорбаёнӣ мо умедворем, ки воқеаи Бухоро инъикоси комили хешро дар саҳифаи таърихи мо пайдо мекунад. Албатта, барқароршунии ҳокимияти шӯроҳо дар Бухоро барои тақдири социализм дар Осиёи Миёна аҳамияти таърихӣ дошт. Аммо оё бомбаборон кардани Бухоро шарт буд? Магар ба дигар роҳ ба амир ғалаба кардан мумкин набуд? Охир, ёдгориҳои маданияти ҷаҳонӣ арзишҳои дахлнопазири инсон аст. Ва шаҳре, ки "Бухорои шариф"-аш меноманд, аз ин қисмат берун нест. Бомбаборон кардани Бухоро яке аз бузургтарин фоҷиаҳои ҷанги гражданӣ аст. Онро аз хотираи мо хат задан наметавон.

Т.Тоҳиров, профессор, доктори илми ҳуқуқ, Институти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳо байналхалқии АИ СССР

Ин мақола моҳи декабри соли 1988 ба даст омад. Ман намедонам, ки муаллифи он чӣ хел одам, лекин аз мантиқи навиштаҳояш пайдост, ӯ аз аҳли савод аст. Танҳо чанд иловаеро раво мешуморем, ки таъкиди онҳо зарур аст. Нахустин, фоҷиаҳои Бухоро бешуморанд, вале охирин фоҷиа - бомбаборон кардани шаҳр ва мардуми бепушту паноҳ, дар ҳеҷ таърих рух надодааст. Ин гуна фоҷиаҳо танҳо ба Осиёи Миёна хос аст. Дигар он ки муаллиф қиркунии одамонро таҳлил накардааст. Таърихшиносони мо то ҳол ба нақши М.В. Фрунзе ва муносибати ӯ ба аҳолии маҳаллӣ, махсусан тоҷикон, баҳо надодаанд. Чаро чунин ҳолат рух дод, ки вақти истилои Осиёи Миёна ва дертар тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ асосан тоҷикон ҳадафи таҳқиру таъқиб шуданд. Чаро дар Русияи подшоҳӣ мувақкатан бошад ҳам, тоҷикон ин қадар азоб надиданду, танҳо пас аз инқилоб боз бештар ҳадафи истеъмори марзӣ ва фарҳангӣ қарор гирифтанд? То ҳол доир ба ~~юриши~~ лашкаркашии С.М.Буденный ба Осиёи Миёна дар охири солҳои 20-ум ҳеҷ кас маълумоти кофӣ надорад /банда низ танҳо аз нақли ~~риш~~ мӯйсафедон хабар дорам, ки бо шунидани номи ин "сарлашкар", ба забон гирифтани "корномаҳои" ӯ ба даҳшат меомаданд. Мегӯянд, ки С.М.Буденный то Шибирғони Афғонистон дасти таадДӣ дароз кардааст/.

Дина ба редакцияи "Медицинская газета" мақолаи "А что в предложениях?"-ро фиристодам. Хайр, барои имрӯз ҳаминаш кофист.

15-уми январи соли 1989. Якшанбе. Ҳозир ду мақолаи бисёр муҳимро мутолиа кардам. Анҷоми навиштаҳои Артём Боровик /писари Генрих Боровик/ "Чӣ тавр ман аскари армияи ШМА будам"[1] ва адиб, рӯзноманигор, педагогро роҷеъ ба Ф.Вигдарова /1915-1965/

1. Ниг.: Огонек. - 1988, № № 48-49.

суди шоир Иосиф Бродский[1] /соли тав. 1940/, ки ҳоло дар хориҷа умр ба сар мебарад ва мукофоти Нобелӣ гирифтааст, хондам. Суд дар шаҳри Ленинград ду бор - 18.02.1964 ва дафъаи дуюм 13.03.1964 барпо шудааст ва И.Бродскийро ба мӯҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум кард. Сатрҳои маҷаллаи "Огонёк"-ро хонда истода, мақсадҳои пӯшидаи мақолаҳои Г.Ӯроқова, З.Саидов, Ҳ.Юсупов С.Табаров, Р.Амонов, Р.Ғаффоров ва М.Осимӣ пеши назар меоянд. Чӣ шабоҳати қарине доранд онҳо ба мақолаи Я.Лернер, А. Ионин, М.Медведев[2] ва акси садо ба он[3]. Шояд каме "дастгирии халқ" ба мақолаҳои дар "Комсомоли Тоҷикистон", "Адабиёт ва санъат", "Коммунист Таджикистана" ва "Тоҷикистони советӣ" /танҳо "Газетаи муаллимон" ба ин дасисаҳо ҳамовоз нашуд, ки ~~барои еллоси~~ аз он якумрӣ ~~ман нисори онҳост~~ миннатдорам/ чопкардаи рафиқони зикршуда мебуд, маро ҳам муҳокимаи судӣ ва аз эҳтимол маҳкама насиб мегардид. Ба ҳар ҳол сиёсатмадорҳои соли 1937-ро паси сар карда пешбинӣ мекарданд, ки "ояндаи М.Мирраҳимов сиёҳ аст". ~~Танҳо Н.Қулматов баъди чопи "То ба кай об аз тагӣ ях меравад?" ба ёдам мерасад, ки гуфта буд:~~

~~—Азоби зиёде насибатон мешавад, вале шумо маҳбуби халқ мешавед...~~

Ҳайронам, бо кӣ лозим буд таҳриф кардани ғояҳои мақолаи банда? Суоле қонунист, ки агар нияти душманони маънавии мақолабанда? Суоле қонунист, ки агар нияти душманони маънавии мақола... Ҳанӯз ду сол ам амалӣ мегардид, пас, ман бояд чӣ кор мекардам? Ҳанӯз ду сол пеш аз чопи мақола ба хулосае омада будам, ки воқеаи соли 1968 дар Сайгон рухдодаро такрор мекунам. Соли 1968 дар майдони марказии шаҳри Сайгон роҳиби буддоӣ бо аломати эътироз ба амрикоиён худашро оташ зад. Чӣ тақдири шӯрангез ва ҷовидонӣ! Маро сӯхтану

1. Судилище. - Огонек- 1988, № 49, - С.26-31.
2. Окололитературный трутень. - Вечерний Ленинград. - 29.XI.1963
3. Ниг.: Тунеядцам не место в нашем городе. - Вечерний Ленинград. - 8.01.1964 г.

афрӯхтан мебояд, на сар хам кардан ба онҳое, ки мехоҳанд аз ман хабарчинӣ кунанд. Дертар васият кардам, ки ҳатто ҷисми сӯхта ва хокистарамро /агар ҷисмамро наёбанд/ ба Самарқанд баранд, дар шаҳр ё Даҳбед гӯрам кунанд, то ки бо ҳаммилатҳоям гироям, деворҳои маҳалгироиро бишканам. Бо маргам ҳам ба пайванд, ба ваҳдати миллӣ хизмат намоям. Чунин буд нақшаҳо як сол пеш. Зеро:
~~Имрӯз дар "Ҷавонони~~

Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,
Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.

Имрӯз дар "Ҷавонони Тоҷикистон" мақолаи А.Истад "Бухорову Самарқанд..." ба табъ расидааст. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки маҷаллае ба ду забон тоҷикӣ ва ӯзбекӣ чун органи КМ комсомолии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсис ёбад. Як сол пеш дар Тошканд мо ҳамин пешниҳодро баён карда будем.

Варақҳоро такопӯ карда, чашмам ба ин хабар афтод, ки диққатамро ба худ ҷалб кард:

Пас аз танқид

"СУХАНИ НОБАРҶОЙ ЗИШТ БОШАД"

Мақолае, ки таҳти ҳамин сарлавҳа дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" 27 январи соли ҷорӣ чоп гардида буд, мебоист ҳамчун дастури маслиҳатдеҳ ва пешгиркунандаи хатогиҳои рӯзномаи ҷавонӣ хизмат мекард. Дар мақолаи мазкур оид ба худсариҳои баъзе муаллифон сухан рафта, риоя нашудани этикаи рӯзноманигорӣ ишора гардида буд. Ҳанӯз рӯзи аввали чоп шудани мақола аксари ходимони рӯзнома мақсад доштанд, ки он дар рӯзномаи мо низ чоп шавад.

Аммо ба ҷои он, 31 январь дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон" мақолаи ҷавобии Д.Атовуллоев таҳти сарлавҳаи "Уштура гуфтанд ғамза кун, полеза вайрон карду рафт" чоп шуд, ки минбаъд боиси гуфтугӯи доманадор гардид.

Д.Атовуллоев ҷавобнома навишта, дар он ба вайрон кардани этикаи рӯзноманигорӣ, нуктаи баланди беэҳтиромӣ ба ҳамкасб роҳ дод.

Дар маҷлиси истеҳсолӣ ва партиявие, ки мақолаҳои мазкур мавриди муҳокима қарор гирифтанд, барои зоҳир намудани беэҳтиромӣ нисбат ба ҳамкасб, мавриди хандаю истеҳзо қарор додани муаллифони "Сухани нобарҷой зишт бошад" ба коммунист Д.Атовуллоев выговори қатъии партиявӣ дода шуд.

Т.Нигорова,

Муҳаррири рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон"[1].

Маълум мешавад, ки муҳаррири баъди Ато Ҳамдам ба рӯзнома омада, аз ибтидо доир ба Д.Атовуллоев материалҳои "зарурӣ" ҷамъ меовардааст. Ва намунаи барҷастаи он дар шумораи 1-уми январии соли 1989 инъикос ёфтааст. Танҳо як суол беҷавоб мемонад: кӣ аввалин шуда, этикаи рӯзноманигориро вайрон кардааст ва кӣ охирин шуда боз ба ин кор даст задааст?!

16-уми январи соли 1989. Имрӯз дар Комитети давлатии Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ бо ҷонишини раис В.Захватов /собиқ муҳаррири "Комсомолец Таджикистана", ки шодра-
вон В.Г.Счастнев дар вақташ ӯро барои беистеъдодиаш ба кор на-
гирифта буд/ ва муҳаррири идораи мактубҳо ва тадқиқотҳои социоло-
гии радио Элла Ивановна Рязанова /яке аз муқаррабони В.Захватов/
сӯҳбати талхе барпо гардид. Оё шумо бо онҳое, ки худро интернаци-
оналист меноманду ~~вале~~ дар амал миллатчии ашаддианд, вохӯрдаед?
Не? Ман бо ин гуна одамон хеле бисёр вохӯрдаам. Вақте ки ман
онҳоро дар рӯ ба рӯям мебинам ва баъзан ҳамсӯҳбат мешавам, як

1. Тоҷикистони советӣ, 27.07.1988.

олам ҳаловат мегирам. Чӣ мегӯед, ки В.Захватов ба ин вазифа ба ивази "хизматҳои хоссааш дар назди рейх" ҷой гирифт. Ӯ ҳатто тавонист, ки дар сӯҳбат чунин суханро низ раво донад:

— Ман доир ба мақолаи шумо /яъне "То ба кай об аз таги ях меравад?"/ ақидаи худамро дорам. Он хел чоп кардан лозим набуд...

— Танҳо дар ҳамин шакл чоп шуданаш ба ман маъқул аст, - ҷавобаш додам, - Дигар хел чоп шудан ё чоп кардан ба ҳадаф намерасид...

Пештар шеъри миллатгароёнаи М.Дудинро хонда будам, ки дар он халқҳои мусулмон ҳадафи таҳқир қарор гирифтаанд. Алҳол дар шумораи аввали соли 1989-уми маҷаллаи "Огонёк, шеъри хеле намакини Е.Евтушенко "Афганский муравей" чоп шудааст, ки ин ҷо меорем.

АФГАНСКИЙ МУРАВЕЙ

Русский парень лежит на афганской земле.
Муравей-мусульманин ползет по скуле.
Очень трудно ползти...Мертвый слишком небрит,
И тихонько ему муравей говорит:
"Ты не знаешь, где скончался от ран.
Знаешь только одно-где-то рядом Иран.
Почему ты явился с оружием к нам,
Здесь впервые услышавший слова "ислам"?
Что ты дашь нашей родине - нищей, босой,
Если в собственной - очередь за колбасой?
Разве мало убитых вам, - чтобы опять
К двадцати миллионам еще прибавлять?"

Русский парень лежит в афганской земле.
Муравей-мусульманин ползет по скуле,
и о том, как его бы поднять, воскресить,
Муравьев православных он хочет спросить,
Но на северной родине сирот и вдов
Маловато осталось таких муравьев.

Назар ба қавли Е.Евтушенко шеъри мазкур соли 1983 эҷод шуда ва муаллиф онро дар доираҳои хурди дӯстони марҳам хонда будааст. Вале ин шеър ба зудӣ паҳн мешавад ва дар байни афсарони шӯравӣ дар Афғонистон ба он оҳанги марғубе низ эҷод мегардад.

Пагоҳирӯзӣ ба назди муҳаррири "Тоҷикистони советӣ" М.Муҳаббатшоев рафта, роҷеъ ба мақолаи С.Ҳ.Ҳакимова сӯҳбат кардам. "Алови чашми" муҳаррири бечорароо П.К.Лучинский чунон гирифтааст, ки тамоман рӯҳафтода аст. Ӯ чопи мақолае доир ба мавзӯи таҳрифи андешаҳои С.Ҳ.Ҳакимова ва ба он ворид кардани фикрҳои Гиммлер /аз программаи "Ост"/-ро, ки дар ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ ба он даст задаанд, розӣ нашуд.

Ҳоло масъалаи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ кӯндаланг истодааст ва ҳама побанди ин фикранд. Ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки оқибаташ чӣ мешавад. Ба фикри ман, дар сурати рад кардани афкори умум дар ҷумҳурӣ вазъияти ноором ба миён меояд. Вақте ки:

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан... -

То наафтад бар замин қадри сухан... - То наафтад бар замин қадри сухан... -

тоҷик чӣ қадру қимат дорад. Умуман хоҳ забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирад хоҳ не, дар ҳар ду ҳолат ҳам баҳо дар атрофи рукни муқаддаси миллат-забон ба худшиносии оммаҳои васеъ таконе медиҳад.

17-уми январи соли 1989. Имрӯз китоби Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев "Адабиёти тоҷик /асарҳои XVI-XIX ва ибтидои асти XX/. - Душанбе: Маориф, 1988"-ро хонда, чунон ҳам ба ҳайрат афтодам, ки қалам аз иншои он оҷиз аст. Махсусан боби "Адабиёти ибтидои асри XX /Аз соли 1905 то арафаи Революцияи Октябрь/" бисьёр мубҳам ва бесарунӯг аст. Муаллифи ин боб, ба фикрам, аз кӯчаи тадқиқоти илмӣ нагузаштааст, ё умуман намехоҳад, ки насли тоҷикон аз таърихи адабиёти худ огоҳӣ дошта бошад. Вагарна оё олим ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки ба монанди замони солҳои 30-юм чунин нависад: "Аз аввали асри XX дар Осиёи Миёна - чи дар мулкҳои маъмурии тобеи Россия ва чи дар Бухорои амирӣ ҷунбиши буржуазияи савдою тиҷоратии /?/ маҳаллӣ ва зиёиёни миллатчӣ /? ?/ пурзӯр гардид"[1]. "Буржуазияи маҳаллӣ дар мубориза ба муқобили амирати Бухоро ва мутлақияти подшоҳӣ сусту заиф буд, - навишчи таает Р.Ҳодизода ва идома медиҳад, - зиёда аз ин идеологҳо ва роҳбарони ҷадидон дар лаҳзаи ҳалкунандаи муборизаи революционии халқӣ /муаллиф кадом муборизаҳои ҳалкунандаи инқилобиро дар назар дорад, ба хонанда маълум нест-М.М/ ба муқобили рӯҳи ҷанговари мардуми мубориз мебаромаданд, сафи пролетариати /оё синфи пролетариат дар Осиёи Миёна, дар ҳақиқат, ташаккул ёфта, буд?- М.М./ революциониро суст карданӣ мешуданд"[2]. Ин олим

1. Ниг.: Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик /асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX/. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе: Маориф, 1988. - С.391.

2. Ҳамон ҷо, с. 392.

доир ба мазмуни ғоявии адабиёти он давра навиштааст: "Мазмун ва ғояҳои асосии ин адабиёт асосан давоми ҳамон равия ва мавзӯъҳое буданд, ки мо онҳоро дар нимаи дуюми асри XIX дида будем"[1]. Ё худ "дар осори адабии шоиру нависандагони тарафдори буржуазияи маҳаллӣ низ ғояҳои маърифат ва илму донишу тарзи нави донишомӯзӣ дида мешуд. Аммо баробари ҳамин дар қисми зиёди асарҳои адабиёти тарафдори буржуазияи маҳаллӣ мо мавзӯъҳои миллатчигӣ, пантуркистӣ ва исломпарастиро мебинем"[2]. ~~Пас,~~ кифоя аст иқтибос овардан аз ин китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Муаллиф ҳатто ягон асари А.Фитрат~~ро~~ ~~ҳатто~~ ба номашро мисол наовардааст.

Агар ба "Намунаи адабиёти тоҷик"[3]-и устод С.Айнӣ назар андозем, пас, дар боби "Як ду сухан дар бораи қисми саввум" /саҳифаҳои 529-530/ роҷеъ ба мавзӯъ ва мундариҷаи адабиёти он чунин сатрҳоро мехонем: "Аз соли 1905 то 1917 мавзӯи адабӣ бо эътибори умумият Ватан, миллат, илму маориф буда, ташвиқ ба муқобили ҳукумати мустабиди замона, ҳуҷум ба уламо сароҳатан аз мавзӯоти ҳамаи ин давра ба шумор мерафт". "Эй чашми ҷаҳонбин ба тамошои ҷаҳонхез" – фармудааст аллома Муҳаммад Иқбол. Пас аз қариб ~~Дар тӯли~~ ~~на-камтар аз~~ 70 сол Р.Ҳодизода чунон ҳам устокорона С.Айниро "ислоҳ" кардааст, ки хонанда тамоман ҳеҷ чизро нахоҳад фаҳмид. Ҳол он ки С.Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" доир ба А.Фитрат навиштааст, ки "ранги адабиёт и нав гирифтани забони тоҷикӣ аз Абдурауфи Фитрат оғоз меёбад" /ҳамон асар, с. 531/. Пас, ба кӣ бовар кунем, бо шахсе, ки шоҳиди зиндаи адабиёти солҳои 1905-1917 буд ё ба шахсе, ки ба иллати мулоҳизоти вазъи рӯз ҳақиқати илмиро поймол мекунад?

1. Ҳамон ҷо, с. 395.
2. Ҳамон ҷо, с. 395.
3. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав, 1926. – С. 529-530.

С.Айнӣ дар "Таърихи инқилоби Бухоро", як боби махсусро "Абдурауфи Фитрат ва асарҳои вай" ном гузошта, аз ҷонбозиҳои ӯ далелҳое меорад, ки дар навиштаҳои Р.Ҳодизода ҳатто ишорае пайдо кардан амри муҳол аст. "Асари аввалинаш ба забони форсӣ "Мунозира" /С. 1909/ ном дошт, – навиштааст устод С.Айнӣ доир ба А.Фитрат, – ва дар он низои қадиму ҷадид мавриди муҳокима қарор ёфта буд. Ин асар азбаски дар забони содда ва возеҳи форсӣ бо ба эътибор гирифтани рӯҳияи халқи Бухоро, ба тариқи роман навишта шуда буд, ба халқи Бухоро хеле таъсири хубе бахшид"[1]. "Сайёҳи ҳиндӣ" /с. 1912/ дар таърихи адабиёти ҷадида сухани бикр буд. Ин асар баробари "ба Бухоро расиданаш/ ба хонандагон аз "Мунозира" ҳам беҳтар ва муҳимтар таъсир бахшид"[2]. Маҷмӯаи шеърҳои форсии А.Фитрат "Сайҳа" /с. 1909/ "агар бигӯем, ки ин асар ба хонандагон чун қувваи электр таъсири сареъ ва қавӣ дошт, ҳаргиз муболиғае накардаем"[3].

Ва ахиран таъсири асарҳои дигари Абдурауфи Фитрат чун "Раҳбари наҷот", "Оила", "Таърихи ислом" ва публицистикаи ӯ дар худшиносии мо, дар ташаккули адабиёти нави форсӣ басо пурқувват нақш аст. Ҳарчанд баъди инқилоб Абдурауфи Фитрат пантуркистӣ ашаддӣ гардид ва ҳатто ба онҳое, ки дар Бухоро ба забони форсии тоҷикӣ ҳарф мезаданд, ҷарима андохт, вале то солҳои 1914-1916 ӯ барои адабиёти нави тоҷик хизмат кардааст. Ногуфта намонад, ки ӯ аввалин драматурги тоҷик низ мебошад, ки пьесаи таърихии "Шӯриши Восеъ"-ро соли 1927 таълиф кардааст. Ҳамаи ин иловаҳое мебошанд, ки ба навиштаҳои олими мӯҳ-

1. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 109.
2. Ниг.: Фитрат А. Баёноти сайёҳи ҳиндӣ. –Садои Шарқ, 1988, № 6, с. 12-57. Бо саъй ва эҳтимоми Х.Мирзозода. "Ин асарро муфтӣ Маҳмудхоҷаи самарқандӣ ба русӣ тарҷума кунонида, нашр карда буд" – навиштааст С.Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро, с. 102.
3. Ҳамон ҷо, с. 102.

тарам Р.Ҳодизода дар боби "Адабиёти ибтидои асри XX" бояд ворид гардад /ва танҳо доир ба як тан намояндаи адабиёти он давр/[1].

Доир ба адабиёти ибтидои асри XX танҳо чанд танро метавон номбар кард, ки аз рӯи виҷдон тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд, аз паси шӯҳрат нарафтаанд, ба ҳақиқати илмӣ боэътиноӣ накардаанд. Холиқ Мирзозода шояд барои ҳақиқатгӯяш бошад, ки аз соли 1937 инҷониб ҳадафи мунаққидони сурх қарор гирифтааст. Ҳанӯз 20-уми сентябри соли 1937 А.Бухоризода дар мақолааш "Як ҳалқаи "мустаҳкам"-и душманони халқ дар Институти педагогӣ"[2] ба ӯ часпида буд. Баъд аз нӯҳ рӯзи ин мақола А.Бухоризода як саҳифаи рӯзномаи "Тоҷикистони сурх"-ро бо "Эҷодиёти адабӣ"-и Мирзозода ё ки "назария"-ҳои миллатчигии буржуазии аксиинқилобии Бектош" пур кард[3]...

Дина мақолаи А.Аҳмадзода ва ҷамъ 50 нафар номзад ва докторҳои илмро бо унвони "Оина тозаву беғубор бошад ё худ сипосснома ба роҳбарони республикаҳои бародарии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон"[4] чоп шудааст. Ин мақола намунаи барҷастаи тангназарии як зумра зиёиёни тоҷик мебошад, ки тамоми муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро танҳо дар доираи равобити адабӣ ва телевизион мебинанду халос. Ин маҳдудияти миллии аксар рафиқон аст, ки аз кам омӯхтан ва кам андеша рондан дар мавзӯъҳои илмӣ ба майдон омадааст.

---

1. Дуруст аст, ки дар солонаи С.Айнӣ /1989. апрель/ роҷеъ ба эҷодиёти А.Фитрат сухан рафт, вале он маводҳо на ба ҳамаи хонандагони "Адабиёти ибтидои асри XX" дастрас аст /шарҳи муаллиф/.
2. Ниг.: Тоҷикистони сурх. - 20.IX.1937. № 218 /2714/.
3. Тоҷикистони сурх. - 29.IX.1937, № 226 /2722/.
4. Тоҷикистони советӣ. - 17.01.1989.

23-уми январи соли 1989. Имрӯз соати 5.00 саҳар бо вақти маҳаллӣ дар наздикии Душанбе заминҷунбии сахте рух дод. Фоҷиа ба сари деҳаҳои Шарора, Оққӯли Боло ва Оққӯли Поён фуруд рехт. Як деҳа тамоман дар зери хок, лойобаи теппае, ки аз бараш канал мегузашт, мондааст. Гуноҳи ин фоҷиа ба гардани онҳост, ки барои ҷор тӯб пахта шуда, ба ҳама ҷой канал гузарониданро мақсади хеш қарор додаанд. Ва боз аз ҳама аҷоибаш он аст, ки ҳамон вақте ки арманиҳо ва тоҷикон ба худшиносӣ иқдом намуданд, фалокати "табиӣ" заминҷунбиҳо маҳз дар сарзамини онҳо рух дод. Кас ҳайрон мешавад, ки гӯё заминҷунбиҳо роҳи худшиносии моро интизор будаанд, ки аз "ҳастии хеш" шаҳодат диҳанд... Арманиҳо ба ҳар ҳол пушту ҷ панохе доранд, онҳоро ҳамзабонон, ҳаммиллатҳояшон ва ҳамдинонашон дастгирӣ мекунанд, дар рӯзи сахт онҳо боз муттаҳид ва устувор мешаванд, вале мо, тоҷикон чӣ? Миллатҳое, ки дар олам паҳну парешонанд, лекин тамоми хазинаи илму хирадро дар даст доранд, барои хеш дини миллӣ эҷод кардаанд. Вале мо:

Шаби ҳиндӣ-ғуломонро саҳар нест,
Ба ин хок офтоберо гузар нест.
Ба мо кун гӯшаи чашме, ки дар шарқ,
Мусулмоне зи мо бечоратар нест.

Фоҷиае, ки ба сари миллати мо омад, танҳо бо гузашти солҳо дарк мешавад. Дар рӯйхати заминҷунбиҳои калон, ки дар рӯзномаҳо чоп шудаанд, ман ҳатто заминҷунбии Ҳоитро надидам. Ҳол он ки дар рӯйхат заминҷунбиҳое оварда шудаанд, ки ҳамагӣ панҷ нафар одам ҳалок шудааст. Дар Ҳоит бошад 30 ҳазор тоҷик зери хок мондааст, лекин дар рӯйхати заминҷунбиҳо Ҳоит қайд нашудааст. Боварӣ дорам, ки фоҷиаи Ҳисорро низ аз будаш даҳҳо баробар кам карда, айбро асосан ба "хонаҳои гилин" партофта, гунаҳкорони асосиро сафед мекунанд.

Дар программаи "Ахбор"-и телевизиони тоҷик роҷеъ ба ин заминҷунбӣ васеътар маълумот оварданд. Сонӣ, баъд аз программаи "Время" конференцияи матбуотро дар Шӯрои Вазирони Тоҷикистон намоиш доданд. Дар ҷумҳурӣ ягон нафар роҳбари бофаҳм пайдо нашудааст, ки ба ҷои онҳо р. Г.В.Кошлаков дар он конференцияи матбуот суханронӣ кард. Баҳар ҳол ин рафтори роҳбарони ҷумҳурӣ ба дили кас сахт мерасад. Наход ду даҳан сухани тасаллибахш гуфтан душворӣ пеш орад? Имшаб ба худ аниқ кардам, ки тоҷикон танҳо барои пахтакорӣ лозиманд. Зеро муносибати хеле хунукназарона, ки асосан барои паст, кам нишон додани зарари заминҷунбист бо чӣ мақсад бошад? Оё фоҷиаро бо даҳ-дувоздаҳ миллион баркашидан мумкин аст? Ҳатто программаи "Время", ки баъзан дар бораи ташкил шудани ин ё он кооператив се-чор дақиқаро дареғ намедорад, роҷеъ ҳ ба заминҷунбӣ репортажи Никулин ва Зайналпурро чун воқеаи муқаррарӣ пешкаши тамошобинони умумиттифоқӣ кард.

Дишаб /яъне 22.01.1989/ мо дар Театри Давлатии Ҷавонон ба номи М.Воҳидов нахустнамоиши "Хонасӯзон"-и Макс Фришро, ки таҳиягар Ф.Қосимов ба саҳна гузаштааст, тамошо кардем. Театри тоҷик /ба маънои томи ин калима/ ба дарди миллат даво меҷӯяд ва ин намоиш нахустин иқдом аст, ки бояд табрик гуфт. Нақшҳои офаридаи ҳар як санъаткор дар "Хонасӯзон" сазовори таърифу ва қадршиносист. Танҳо метарсам, ки онҳо аз набудани шароит, тангии ҷои кор ва маишат дилмонда ва ~~шуда~~ пароканда нашаванд. Зеро санъаткори ҳақиқӣ дар тӯли 5-10 сол ташаккул меёбаду як лаҳза /яъне ҳайати эҷодии Ф.Қосимов/-ро пароканда сохта метавонад онҳо. Дар поёни намоиш ман сухан гуфта ~~баромад карда~~ таъкид кардам, ки рӯшан зад. барои фикрон бояд ба роҳбарияти ҷумҳурӣ муроҷиат кунем, то ки барои гурӯҳи Ф.Қосимов шароит муҳайё созад. Дигар он ки бигузор роҳбарон на бо даъватнома, балки бо пули хеш дар навбат истода, ба

театр оянд... Барои тамошои ин намоиш аз Кӯрғонтеппа як автобус одамон омадаанд, ки шоир П.Сатторӣ ва рӯзноманигор Қ.Сатторов дар байни онҳо буданд.

Имрӯз маъракаи пешбарии номзадҳо ба депутати халқӣ ба Советии Олии СССР ба охир расид. Номзадии маро дар УДТ ба номи В.И.Ленин танҳо 20 нафар дастгирӣ кардаанд. Д.Атовуллоев дар он маҷлис ширкат дошт ва қиссае аз онро рӯи коғаз овардааст, ки ба гумон аст нашр шавад. Зеро нағз мефаҳмам, ки мувофиқи гап-гапи паси парда ба депутатии устод О.Латифӣ ва банда бояд роҳ надиҳанд.

24-уми январи соли 1989. Дина ҳукумати РСС Тоҷикистон 25-уми январро рӯзи мотам ба ёди шаҳидони заминҷунбии Ҳисор эълон кард. Ҳозир соат 20.50 ва ман барқасд программаи I телевизиони Ӯзбекистонро тамошо мекунам. Имшаб телевизиони Ӯзбекистон барои нишон додани дӯстӣ /гап-гап ҳаст ки боз р. А.Додобоев, Ғ.Ашӯров ба Тошканд рафтаанд/ концерти М.Ҳамроқулова ва У.Зиёевро намоиш дод. Ин аҷҷубаи дӯстиро тамошо карда истода, беихтиёр ин сатрҳо рӯи саҳифа омаданд.

ИН ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?!

Имрӯзҳо барои халқи мо рӯзҳои мотам аст. Мо ба ёди шаҳидон, ба ёди тифлони бегуноҳ, арӯси ноком, домоди бенасиб ашк мерезем. Душвор аст ҳамаи фоҷиаро рӯи коғаз овардан. Мо тавассути оинаи нилгун ҳақиқати ҳолро дида, фоҷиаи деҳаҳои Шарора, Оққули Боло ва Оққули Поёнро мотами хеш медонем. Рости гап, вақте ки ман ҳамдардии халқҳои қирғиз омадани котиби якуми КМ ПК Қирғизистон рафиқ Масолиев, раиси Совети Вазирони РСС Қирғизистон Ҷумъаниёзов, намояндагони ноҳияи Сариосиёи РСС Ӯзбекистон бо сардори котибони якуму дуюми комитети партиявии

район ва раиси комичроияи он, телеграммаи ҳамдардии бародарони арманиро дидам ва шунидам, ашконам шашкатор шуданд. Вале маро ду нукта хеле мушавваш кард. Ибтидо муносибати программаи телевизиони Марказӣ "Время" ба воқеаҳои заминчунбӣ дар Точикистон. Гӯё таъсиси ~~ҷамъияти акционерони~~ ширкати саҳомии Львов аз фочиаи миллати точик муҳимтар аст, ки ҳангоми таҳияи барномаи "Время" онро дар оғозаш чой додаанд. Дуюмин воқеа ин концерти хеле сурурангези Артистони Шоистаи РСС Точикистон М.Ҳамроқулова ва У.Зиёев тавассути телевизиони Тошканд мебошад, ки бегоҳии 24-уми январь намоиш дода шуд. Банда як нуктаро намефаҳмад: вақте ки Комитети Марказии Партияи Коммунистии Точикистон Президиуми Совети Олӣ ва Совети Вазирони РСС Точикистон ҳанӯз 23-юми январь рӯзи 25-уми январро дар республика Рӯзи мотам эълон кардаанд, наход баромади артистон ва сурудҳои шодифазои онҳоро ба рӯзи дигар мавқуф гузоштан имкон надошта бошад? Наход дар Тошканд аз фочиаҳои мо бехабар бошанд?

Ман чунин мешуморам, ки Астистони Шоистаи РСС Точикистон М.Ҳамроқулова ва У.Зиёев фавран бояд барои ин "саҳви" телевизиони Тошканд аз мардуми республика узр пурсанд. Вагарна чунин саҳви телевизионӣ боиси качфаҳмӣ /шояд/-ҳои зиёде хоҳад шуд ва "илочи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард".

25-уми январи соли 1989 ба редакцияи "Точикистони советӣ супоридам.

Ҳаққи қалам ба сандуқи ёрӣ барои зарардидагон № 70030

Имрӯз "Газетаи муаллимон" мусоҳибаи Д.Худоназаров "Мо ғулом наем, ғуломон лоланд"-ро, ки дар мачаллаи "Искусство кино" /1988, № 11/ нашр шуда буд, ба табъ расидааст. Мухбири мачалла В.Бело-

польская кӯшидааст, ки ба суолҳояш аз Д.Худоназаров ҷавоб пурсад.

Давлат Худоназаров роҷеъ ба фильми мо чунин таъкид намудааст:

—Соле қабл ҳамкорони мо М.Мирраҳимов ва П.Аҳмадов дар "Тоҷикфильм" навори мустанади "Он чӣ, ки аён аст..."-ро таҳия намуданд. Кори ҷиддӣ ва нахустине буд аз силсилафильмҳои мушкилоти мазҳабии республика ва вазъи тарғиби атеистӣ.

Он чизҳои омӯзанда дошт. Масалан, даъвати котиби якуми КП районро касе гӯш намедиҳад, даъвати муллоро ҷумлагӣ мутаваҷҷеҳанд. Барои чӣ таъсири сухани мулло баъзан бештар аз таъсири суханони котиби райкоманд? Барои чӣ қариб ҳазор нафар ба комитети вилоятии партия омаданд, то "пири" худро наҷот бидиҳанд? Ва охиран: дар ҳоле, ки муллоҳои судшаванда дар зиндагӣ ва ҳам дар экран ба ақида ва амали хеш аз кормандони советию партиявӣ, милиционере, ки дар шаҳодати хеш пешпо мехӯрад, пойдортар аст, кинематографист чӣ гуноҳ дорад?

Барои кинематографистони ҷавон кушоиши неруҳои ниҳоии хурофоти динӣ душвор буд, аммо мушоҳидаи мавод онҳоро ба хулосае овард, ки аз хусуси хатари ҳарифи идеологиамонро нодида гирифтан, муқобили онҳо тарғиботи зӯракӣ бурдан ва кори тарбияи атеистиро ба коғазбозӣ табдил додани мо фильми таъкидкунандае бояд гирифт.

Воқеан, чаро имони моро касодӣ фаро мегирад. Имони иҷтимоие, ки бо баҳои хун харидаем? Фильм, ба фикрам, боваріибахш буд, зеро мулло на дар заминаи муҳайёкардаи хеш, балки дар заминае, ки кормандони идеологӣ бо атеизми дурӯғин ва говзӯрӣ фароҳам оварда буданд, тантана мекард.

..."Он чӣ, ки аён аст..." ба саволҳо ҷавобҳои созгор нагуфт, баръакс, суолҳое ба миён гузошт, ки ҳал намудани онҳо вазифаи ҳама

гон аст. Гарчанде ин фильм пас аз танқидҳову дархостҳои роҳбарони партиявӣ дар муддати кӯтоҳ ба навор гирифта шуда буд, қабули он тӯл кашид. Мутасаддие[I] ~~аммо~~ 6 бор онро тамошо кард. Баъди ҳар тамошо ба ин фильм хурдагириҳои беҳудае мекарданд, ки онҳо баъди ҷашни ҳазораи насрсония хандаовар буданд.

Оқибат, тамошобинони сершумор аз дидани он бебаҳра монданд.

25-уми январи соли 1989. Ин сана ба таърихи ҷумҳуриамон чун Рӯзи мотам ба ёди шоҳидони заминҷунбии Ҳисор сабт аст.

26-уми январи соли 1989. Дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" мақолаи камина "Вақте ки ҷашни сада меояд" ба табъ расид. Баъд аз зуҳр ба нашриёти "Адиб" китоби мақолаҳоям - "Ҷашну маросим ва ҷаҳоншиносӣ"-ро супоридам. Рафиқони дилогоҳ ваъда доданд, ки онро чоп хоҳанд кард. Агар ин китоб сари вақт нашр шавад, барои хонандагон хушбахтиҳо насиб мегардад.

Пагоҳ бояд ба Самарқанд равам. Агар билети бозгашт набошад, моро лозим меояд, ки тавассути Истаравшан ё Ленинобод ба Душанбе баргардем. А.Олимов ин навбат ҳамсафари банда мебошад. Соати 22-и шаб мо ба Самарқанд расидем ва роҳи ҳавлии дӯстонамон Абдусалим Насимовро пеш гирифтем. Ба Самарқанд омадани мо чӣ қадар мушкилиҳо дошт, ки ҳисобаш нест. Маълум шуд, ки парвози самолётҳоро ба Самарқанд махсус кам кардаанд /дар омади гап рейси Душанбе-Бухоро пурра барҳам хӯрдааст/. Дар ин бобат, албатта, мақолае навиштан лозим аст ва диққати мардумонро ба ин мавзӯъ бояд ҷалб кард.

I. Ин "мутасаддӣ" мудири шӯъбаи пропагандаи КМ ПК Тоҷикистон Ҷ.Латифов /алҳол собиқ/ буд, ки рӯзнома ҳангоми тарҷума ному насаби ӯро наовардааст. Ҳарчанд дар маҷаллаи "Искусство кино" ин шахс рӯшод номбар шудааст /шарҳи муаллиф/.

27-уми январи соли 1989. Соати 14-и рӯз дар маҷлисгоҳи комиҷроияи шаҳри Самарқанд, дар ҳамон ҷое, ки як вақтҳо тақдири таърихии тоҷикон ҳал шуда буд, ҷамъомади шӯъбаи самарқандии иттифоқи адибони Ӯзбекистон - "Сайқал" барпо шуд. Ибтидо раиси "Сайқал", номзади илми филологӣ, Аслиддин Қамаров, ки марди фидой ва, дар ҳақиқат "шӯълаи сӯзандаи уммеди дилҳои халқ" /Лоиқ/ аст, роҷеъ ба кори якҷолаи маҳфил сухан ронд.

Дар ин ҷамъомад бояд ҷамъияти фарҳангии тоҷикон бо номи "Сайқал" таъсис меёфт. Мо ба лоиҳаи кори он шинос будем. Аз он пайнавишт органҳои дахлдори вилояти Самарқанд низ огоҳӣ доштанд. Дар комитети партиявии вилояти Самарқанд онро ҳатто маъқул донистанд. Вале ҳангоми ҷамъомад ҷонишини мудири Шӯъбаи идеологии комитети партиявии вилоят Владимир Иванович /фамилияашро дар ёд надорам - М.М./ бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ки тоҷиконро саркӯб ва ба гумроҳӣ тела диҳад. Он гоҳ шоир Хаёт Неъмат ба ӯ суол дод:

— Оё шумо тоҷиконро халқи муқимии Самарқанд мешуморед?

— Бале,-тасдиқ кард Владимир Иванович ва боз мехост, ки бо ҳар роҳ гуфти худашро зери шубҳа гузорад.

Маълум мешавад, ки ҳамаи овозаю дарвозаҳо оид ба "сиёсати оқилонаи миллӣ-ленинӣ" танҳо дар рӯи коғаз будааст, махсусан дар Ӯзбекистон. Охир дар Тоҷикистон бошад ҳамаи талаботи ӯзбекҳо аз будаш зиёд қонеъ карда мешавад-ку? Пас, чаро дар ҳаққи тоҷикон дар Ӯзбекистон ин қадар таҳқирҳо ҷой дорад?

Аз суханронии Зоҳир Ҳасанзода маълум гардид, ки дар ноҳияи рустоии Самарқанд зиёда аз 250 ҳазор тоҷикон зиндагонӣ доранд ва ин маълумоти пешакӣ аз рӯйхатгирии соли 1989 бармеояд. Аммо моро як нукта аз ҳозир ба ташвиш овардааст, ки ҳамаи ин

маълумот, албатта, таҳриф ва "таҳрир" мешаванд. Аҷоиби кор дар он буд, ки мухбири (дар Самарқанд) будан рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ба ин маҷлис наомад. Инро чӣ хел бояд шарҳ дод?

Оид ба рӯйхатгирӣ дар Ӯзбекистон ҳаминро таъкид кардан зарур аст, ки ин маърака низ дар дар рӯҳияи беҳтарин анъанаҳои давраи брежневӣ – рашидовчигӣ ба субут расид. Кайҳо ба хулосае омадам, ки барои бародари бузург бародари миёнае лозим аст, ки бародари хурдиро зери тазъиқи иқтисодию маънавӣ нигоҳ дорад ва дар ӯ сифати худфурӯширо ташаккул диҳад.

Чун "барги сабз" аз Ҳаёт Неъмат ин шеърро ба Душанбе овардам:

ПАССАЖИРИ БЕБИЛЕТ.

Аз қирони ду ситора дар замин,
Тавлиди бахти маро фармудаанд.
Он замоне, ки ба олам омадам,
Волидонам коммунистон будаанд.

З-он даме, ки дид чашмам оламе,
Меҳри модар бар дилам андоза дод.
Шуд имон покиза аз панди падар,
Шири модар ғояҳои тоза дод.

Дар ҷавонӣ хостаам гирам билет,
Нокасе буррид роҳи матлабам.
З-он замон ин орзӯ дар сина ҷо,
Бо аламҳоям фурӯ баста лабам.

Аз ҳамон чун пассажири бебилет
Дар "вагони" коммунистон меравам.

Зӯр ба зер истода дар потундааш,
Ҳар тараф чашми ҳаросон меравам.

Мешавам бо ҳар мусофир рӯ ба рӯ,
Дар дилам танҳо зи тарси он, ки воҳ!
Нокасе, ки дар бағал дорад билет,
То напартояд маро дар нимароҳ!

Ёрӣ додам баҳри пешрафти "вагон"
Дар ҳама истгоҳу ҳам роҳи дароз.
Ман як умре ёвараш ман, ёвараш,
Бо билеташ лек нокас ёватоз.

Баъди он, ки дар сафат бисъёр шуд,
Созгору чоплӯсу, мӯҳрабоз,
Ҷоҳталаб, маснадпарасти чорхез,
Мисли ҳар як гапфурӯши рутбабоз.

Ҳизби Ленин,
Ҳизби халқу
Ҳизби ман!

Ман ба ту аз тифлӣ дорам эътиқод.
Хоҳамаш имрӯз аз даргоҳи ту
Ҳар мунофиқ, тангамалҳо дур бод!

Боядаш имрӯз бошам дар сафат,
Боядаш имрӯз гирам ман "тикет"[1].
Дар "вагони" коммунистон баъд аз ин
То набошам пассажири бебилет!

---

1. "тикет" – /анг/ билети нақлиёт.

30-юми январи соли 1989. Мо соати 12-и рӯз аз Самарқанд баргаштем. Аз аэропорти Душанбе рост ба маҷлиси Шӯрои илмии Шӯъбаи фалсафа рафтам, ки дар он бояд рисолаи банда "Маросими советӣ ва анъанаҳои динӣ" муҳокима шавад. Рисоларо хуб "таҳлил" карданд ва барои аз нав баррасӣ кардани баъзе мавзӯъҳо мӯҳлат доданд. Чунин ранг гирифтани масъаларо як ҳафта пеш фаҳмида будам. Бало ба пасаш.

2-юми феврали соли 1989. Мақолаи ман "Оё Рӯдакӣ ба ҷашни Наврӯз меояд?" дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" нашр шуд. Оид ба сафари Самарқанд "Айб дар ош аст ё дар мош?" ё худ мактуби кушода ба сардори Управленияи авиацияи граждании Тоҷикистон"-ро ба идораи рӯзнома супоридам. Ҳаммуаллиф А.Олимов.

3-юми феврали соли 1989. Бегоҳирӯзӣ дар бинои Комитети партиявии шаҳри Душанбе намоиши фильми бадеии "Девбод"-и таҳиягар Б.Содиқов баргузор шуд. Баъд фильмро муҳокима карданд. Мо Б.Содиқовро бо чунин фильми хуб табрик гуфтем.

4-уми феврали соли 1989. Имрӯз "Тоҷикистони советӣ" нашри асари С.Айнӣ "Маънои калимаи "тоҷик"-ро ба итмом расонд. Ин асар дар худшиносии миллии мо нақши босазое дорад ва аҳамияти он бо мурури замон хоҳад афзуд. Танҳо ёдовар мешавем, ки роҳи С.Айнӣ ба иншои ин асар басо душвор ва пурихтилоф буд. Ба ҳар ҳол барои ин хидматаш ӯро месазад, ки боз "аҳсант" гӯем. Зеро баъд аз сиву панҷ соли вафоти С.Айнӣ мо боз ба корномаи бузургаш баргаштем.

Худи ҳозир мақолаи Э.Кондрашов "Услышать друг друга" /Известия, 1.02.1989/-ро мутолиа кардам. Он ҷо низ дарди дили халқ ҳамовози дардҳои тоҷикон мебошад. Молдаванҳо ба забони модариашон додани мақоми давлатӣ, баргаштан ба алифбои лотинӣ,

айният доштани забонҳои молдаванӣ ва руминиро ба миён гузоштаанд. Вале як намояндаи онҳо ҳамаи тоҷиконро ба гумроҳӣ мебарад. Ман дар бораи Инқилоби Бухоро ва лашкаркашии он ин ҷо ҳарфе намегӯям.

5-уми феврали соли 1989. Имрӯз аз деҳаамон бародарам, ако Бобоҷон, Раҳмат Ҳасанов, Абдукарим Файзиев омаданд. Пагоҳирӯзӣ онҳо бояд ба идораи "Тоҷикистони советӣ" назди рафиқ К.Мамадов раванд. Онҳо аз номи ҳамдеҳагон шаҳодат диҳанд, ки рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод"[1] ва хосса муҳаррири он Ғ.Рустамов /пушту паноҳи ин муҳаррир собиқ котиби якуми комитети партиявии шаҳри Ӯротеппа М.Рустамов, котиби идеологии комитети партиявии вилояти Ленинобод Б.Ф.Раҳимова[2] ва нафақахӯрони шахсии тавоно М.Каримова ва И.Раҳимова мебошанд/ дар мақолаи "То кай роҳбарони дурӯза?" ба таҳриф ва тӯҳмат роҳ додааст. Ҳарчанд рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод" дар моҳи январи соли ҷорӣ аз кор гирифта шудани директори совхози "Комсомол" А.Расулов ва раиси РАПО-и Ӯротеппа Н.Шамсиевро чоп кардааст, ин хабар мардуми сарбаланд ва баорияти Қалъаи Баландро қонеъ карда наметавонад. Зеро рӯзномаи мазкур борҳо ба "обрӯлой карда, моҳӣ доштан" устод гаштааст ва минбари одамони замони рукуд, ғояҳои карахтӣ аст. То ҳол ҳеҷ кас пишаки Ғ.Рустамовро пишт гуфта наметавонад. Боре ман схемаи идоракунии ҷумҳуриро кашида, ба даҳшат омадам. Тамоми роҳбарони республика ба авлоди муайян /ё худ се-чор авлоди аниқ/, маҳалли муайян хислати аниқ, рафтор ва муносибат, тарзи ба зинаҳои ҳокимият

---

1. Яке аз муаллифони мақолаи "То кай роҳбарони дурӯза?" С.Додобоев, ки мудири шуъбаи агросаноатии "Ҳақиқати Ленинобод" аст, дар соли 1989 ғолиби конкурси умумиттифоқии журналистон гардид. Суоле қонунист, ки барои кадом "хидматҳои арзандааш?"

2. Б.Ф.Раҳимова дертар аз Комитети занҳои советӣ депутати халқии СССР интихоб шуд /шарҳи муаллиф/.

баромаданро доранд. Ба маънои пурраи ин ибора "қудрати сиёсӣ дар идоракунии республика дар амал аст". Дар ин ҷо шаҳр ё ноҳия ва мардуми меҳнатии он гунаҳкор нестанд.

Чӣ тавре ки меҳмонон нақл карданд, дар деҳа низ барои ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ додан имзо ҷамъ овардаанд ва бедории фикрие дар байни мардум ба назар мерасад. Алҳол беш аз 700 нафар ба мактуб имзо гузоштаанд. Муаллимони мактаби миёнаи № 16 хеле иртиҷоипарастанд ва ба мактуб бетарафӣ изҳор кардаанд. Муаллим А.Раҷабов, ки аз фанни таърих дарс мегӯяду худаш аз он бӯ набурдааст, аз имзо кардан даст кашидааст. Абдуғносир аҳволи ин хел "муаллимҳо"-ро хеле танг кардааст.

7 Навакак ҳамсояамон апаи Муҳаббат Сайфуллоева ба хона омада, хоҳиш карданд, ки номаи онҳоро таҳрир кунам. Азбаски мактуб аз номи ҳамсоязанҳост, он чунин тартиб ва мазмун мебояд:

"Ба Раиси Президиуми Совети
Олии РСС Тоҷикистон
рафиқ Ғ.П.Паллаев
Нусха ба редакцияи рӯзномаи
"Тоҷикистони советӣ"
Аз номи истиқоматкунандагони кӯчаи
~~Колхозчиён~~ Д. Муҳаммадиев, Х. № 5, шаҳри Душанбе.

Мӯҳтарам ҒОИБНАЗАР ПАЛЛАЕВИЧ!

Мо Шуморо ҳамчун фарзанди бовафои халқ, ходими бузурги давлатӣ мешиносем ва ҳурмат мекунем. Ва ба Шумо маълум аст, ки мо, тоҷикон, таърихан ба забони модариамон ихлоси нек дорем. Имрӯзҳо вазифаи таърихие пеш омадааст, ки тақдири минбаъдаи забони тоҷикӣ ба Шумо Раиси комиссия вобаста аст. Мо, мардумони оддӣ, бисёр хоҳони онем, ки ба забони тоҷикӣ дар ҳудуди РСС Тоҷикистон мақоми

давлатӣ дода шавад. Агар ин вазифаи пуршарафи бо роҳбарии хирадмандонаи шумо бомуваффақият анҷом пазирад, номатон дар саҳифаи таърихи тоҷикон бо хати заррин сабт хоҳад шуд.

Бо эҳтиром сокинони кӯчаи ~~Колхозчиён~~ Ғ.Муҳаммадиев, ҷамъ аз 25 имзо зиёд".

Ин матни хеле аҷиброро ҳанӯз I-уми феврал фикр карда будам. Ва фурсати мувофиқ пеш омад, ки амалӣ кунем.

6-уми феврали соли 1989. Аз соати 4-и саҳар то соати 24.00 як лаҳза осоиш надоштам. Соати 10.00-и рӯз ман соҳиби боз як фарзанд шудам. Акнун дар оилаи банда чор писар ва ду духтар ҳамагӣ шаш фарзанд.

Ҳозир аз телевизиони Тошканд роҷеъ ба муносибатҳои миллӣ робитаи мустақим намоиш дода шуд, ки дар он аз Тоҷикистон рафиқон Ҳ.М.Саидмуродов, Ғ.Ашӯров, В.Соловьев, А.Сайфуллоев ширкат доштанд. Аз Тошканд суоле доданд, ки Ибни Сино аз кадом миллат аст. Археолог Аскаров бо ҳазор баҳона хост, ки аз ҷавоб сар печад, вале охири охирон иқрор шуд, ки эътироф кунад: - Забони Ибни Сино тоҷикист, вале ин забон дар замони Абӯалӣ ибни Сино ташаккул наёфта буд...

Он гоҳ Ҳ.М. Саидмуродов чунин далел пеш оварданд, ки Абӯабдулло Рӯдакӣ аз Абӯалӣ ибни Сино як аср пеш умр ба сар бурдааст ва дар замони ӯ забони порсии дарӣ устувор буд, адабиёти тоҷик ташаккул ёфта, пас суханони рафиқ Аскаровро чӣ гуна бояд фаҳмид.

Имрӯз бародарам, Раҳмат, ако Бобоҷон ва Абдукарим ба қабули ҷонишини муҳаррири рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" К.Мамадов рафта буданд ва ноумед баргаштанд. Мардуми бечона аз куҷо мефаҳмад, ки чӣ бозиҳо дар паси парда ва Ғ.Рустамов пеши обро кайҳо чим задааст. Ҷавоби қалъаибаландиҳоро ҳеҷ як рӯзномаи республикавӣ чоп нахоҳад кард. Зеро дар республикаи мо ҳама чиз бо ҳама

мансаб алоқаманд аст ва рахна кардани ин дастгириҳо бисьёр душвор. Соли гузашта "Ҳақиқати Ленинобод" 5 ҳазор нафар обуначиёни худро бой додааст. Агар дигар рӯзнома ҳамин хел мешуд, албатта, доимо ҳадафи танқид мегардид. Вале...

8-уми феврали соли 1989. Шоир виҷдони халқ аст. Бузургии шоир ҳам маҳз дар ~~хам~~ ҳамин виҷдон будан мебошад. Вақте ки шоир барои "марҳамат"-е ва маблағе шеър менависад ва мурод аз шеър манфиати иқтисодии шахсист, вой бар ҳоли одамон. Як нафар шоири дарборӣ дирӯз сахт гила кард, ки китобашро бо ~~тиражи~~ теъдоди кам чоп мекунанд ва агар дар Ӯзбекистон мебуд, шояд қадр мекарданд. Гуфтамаш, ки марҳамат, исбот кун, ки чӣ. Дар интихоботи номзадҳо ба депутатии халқии СССР давраи ҳалкунанда фаро расид. Аз округи интихоботии миллию ҳудудии рақами 353-и Роҳи Оҳани Душанбе В.Гиро бо 133, О.Латифӣ бо 120 ва И.Обидов бо 104 овоз ба қайд гирифта шуданд.

С.Раҳимов ва Д. Худоназаров ба Кӯҳистони Бадахшон рафтанд. Он ҷо Д.Худоназаровро бояд номзад ба депутатӣ интихоб кунанд. Мегӯянд, ки барои "кӯмак" дар роҳи бо қайди номзад ба депутатӣ монеъ шудани Д.Худоназаров гурӯҳи махсусе аз функционерони ҳизбӣ /ҳатто Ғ.П.Паллаев/ ба Бадахшон рафтаанд. Лоиқ аз округи Ӯротеппа номзад ба депутатӣ қайд шудааст. Онҳо бояд ғалаба кунанд.

9-уми феврали соли 1989. Аз пагоҳӣ барои муаммои фильми мустанади "Наврӯз" банд будам. Соати 16.00 бо ҳамроҳии коргардон Сафарбек Солиев ва оператор З.Исроилов назди ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ У.Ғ.Усмонов рафтем. Он ҷо ҷонишини вазири маданият оид ба кино Иноятова низ ҳузур дошт. У.Ғ.Усмонов ваъда доданд, ки барои навори мустанади "Наврӯз" кӯмакро дареғ намедоранд. Маблағи зарурӣ барои фильми мазкур тахминан 70-75 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

10-уми феврали соли 1989. Имрӯз маълум шуд, ки дар ҳақиқат, р. Ғ.П.Паллаев ба Кӯҳистони Бадахшон рафта, "бо маъракаи пешазинтихоботӣ шинос гардид. Вай, аз ҷумла, бо аъзоёни комиссияи округи интихоботӣ, муддаиёни мандати депутатӣ аз округи миллии территориявии Хоруғ, рақами 711 мулоқот дошт"[1].

Дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақоли Академики Академияи улуми Ҷумҳурии Афғонистон Абдул Аҳмад Ҷовид "Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо" чоп шуд. Ҳамаи нуктаҳои мақола ҷолиб ва қобили қабул аст, бидуни фикри зерин: "...Калимаи тоҷик ё тозик дар китобҳои форсии бостон дида нашуда ва дар матнҳои авестой наёмада аст. Дар забони паҳлавии сосонӣ /порсик ё форсии миёна/ калимаи тоҷик дар мавриди араб ё арабҳои эроншуда ва ҳам арабиҳое ки дини зардуштиро пазируфта буданд, ба кор рафтааст. Чиниҳо арабро тошӣ мегӯянд, ки бе робита бо лафзи тозӣ нест.

Зоҳиран калимаи тоҷик аз роҳи забони портӣ ба суғдӣ ва баъд ба форсии дарӣ ҳамзамон бо зуҳури ислом ворид шудааст". Ин ҷо бо муаллиф метавон баҳс кард. Банда ҳанӯз солҳои 1980-1982 ба ин мавзӯъ /яъне этноними "тоҷик"/ ~~~~ ра[з]бат зоҳир карда будам. Ва дар гуфтори радиоии 12-уми январи соли 1982 /соати 22.30/ бо унвони "Сухани тоза дар баҳои куҳан", дертар бошад дар мақолаи "Дар тасдиқи як фикри устод"[2], ҷавоб гуфтаам. Рисолаи "Мохи Фарвардин рӯзи Хурдод" шаҳодат медиҳад, ки этноними "тоҷик" басо қадимист ва решаҳои он ба сарчашмаҳои авестой рафта мерасад.

Ба фикрам, баъзе ҳақиқатҳои илмиро гоҳ-гоҳ такон бояд дод. Абдул Аҳмад Ҷовид роҷеъ ба таърихи пуршарафи миллат бо ифтихори махсус сухан рондааст. Мулоҳизаҳои ӯ хеле замонӣ ва

1. Тоҷикистони советӣ, 10.02.1989.
2. Ниг.: Газетаи муаллимон, 22.03.1982.

айни муддаост. "Натиҷаи инкишоф ва такомули мароҳили тамаддун ва фарҳанг буд, ки, – менависад Абдул Аҳмад Ҷовид, – шахсиятҳои бузурге аз миёни тоҷикон бархостанд, аз он ҷумла аст Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва Абу Райҳон, Балъамӣ ва Байҳақӣ, Носири Хисрав ва Мавлавӣ, Беҳзод ва ҳазорон тани дигар".

Худшиносӣ, барои ҳар фард зарур аст, ки бо роҳҳои гуногун ҷараён меёбад. Касе, ки дар ин роҳ кӯшиш ба харҷ медиҳад, аз "мукофоти амал" бенасиб нахоҳад монд. Намунаҳои аҷоиби худшиносиро ~~кӯ~~ имрӯз метавон ~~мутаваҷҷеҳ ша~~ дучор вем.

Ёдам меояд, ки 29-уми декабри соли 1987 М.Шукуров дар назди бюрои Президиуми АИ РСС Тоҷикистон воҳӯрда, маро сахт таъкид карданд, ки роҷеъ ба хатои бузурги таърихӣ – дар як даҳсола ду боз иваз кардани алифбо чизе нагӯям ва суханони дар ин бобат дар навори "Он чӣ, ки аён аст..." мавҷуд бударо хат занам. Гӯё иваз кардани алифбои форсӣ кори дуруст будааст. Расо пас аз як соли он суҳбат 14-уми декабри соли 1988 р. М.Шукуров дар "Литературная газета" бо номи "Ҳар кас ба забони хеш дармонад..."[I] мақола навишта, чунин овардаанд: "Мо, тоҷикон, дар як муддати кӯтоҳ аз соли 1929 то соли 1940 ду бор хати худро дигар кардем: аз алифбои арабӣ ба лотинӣ ва аз он кириллица гузаштем. Вале бидуни тайёрие гузаштем ва дар як они воҳид аз адабиёти бадеиву илмӣ ва забони адабии ҳазорсола тамоман канда шудем. Халқе, ки асрҳо боз аз китоб тарбия медид, моҳиятан бекитоб монд. Зиёда аз ин, тоҷикон китобҳои қадимии дастнавис ва чопи сангини пеш аз инқилобро қариб 15 сол бо дасти худ нобуд карданд, зеро ин китобҳо асарҳои динӣ ва аз ин рӯ зарарнок дониста шуда буданд". Агар гап ҳамин хел бошад, пас, бо кадом сабаб даҳсолаҳо садо набаровардед, олимони мӯҳтарам?! Оё М.Шукурови соли 1988 ба

I. Тарҷумаи ин мақоларо нигаред дар: Адабиёт ва санъат, I9. 0I.1989.

М.Шукурови 29 апрели соли 1987 монандӣ дорад? Академик М.Шукуров барои мақолаи мазкур дар арафаи соли Нави 1989 сазовори ҷоизаи "Литературная газета" шуд. Дӯстони москвагиам мактуб навишта, кайд мекунанд, ки бисьёр масъалаҳои хат, ивазкунии алифбоҳо ҳанӯз соли 1987 дар мақолаи "Арзишҳои камбудиҳои мо" дар шумораи 5-уми маҷаллаи "Наука и религия" ва "То ба кай об аз таги ях меравад?" равшан баррасӣ шудааанду чаро М.Шукуров ҳангоми ҳуҷум ба мақолаи мо хомӯширо пеша кард? Охир, академикҳо А.Д.Сахаров ва Д.С.Лихачёв барои ҳимояи ақидаҳои олимони ҷавон ҷонбозиҳо мекунанду академикҳои Тоҷикистон бошанд ба таҳриф даст мезананд? Суолҳои беҷавоб.

11-уми ~~январи~~ феврали соли 1989. Ин бегоҳ дар зодрӯзи дӯстам И.Файзиев сӯҳбати хосаё доштем. Ҳама аҳли дил буданд ва ба ибораи худи Исматулло "интихоби одамон, ҳамсӯҳбатони мувофиқ низ санъат аст". Зиҳӣ ҳикматшиносону адабдӯстон, физикҳою дигар олимони дақиқназар! Як нақли аҷоиб диққати маро ба худ кашид. Мазмуни мухтасари он чунин аст:

Аспдузде ҳар гоҳ аз Қаршӣ ба Афғонистон мол мебурдааст. Боре бо чор аспи дуздидааш ба он ҷо мерасад ва сетоашро дар ҷое пинҳон карда, барои ёфтани хӯроке ба деҳаи наздик меравад. Вақте ки ба яке аз кӯчаҳои деҳа медароянд, аз болои бом садои духтареро мешунавад:

-- Омадӣ?

Азсаки шаб будааст ва шинохтани ҳамдигар душвор аст, аспдузд ба суоли духтар бо аломати ризоият:

--Бале,- гӯён ҷавоб медиҳад.

Духтар хӯрҷинеро ба ӯ медиҳад ва худашро ба ҷавон месупорад. Вақте ки рӯз равшан мешавад, духтар мефаҳмад, ки на ба тақдир додааш, балки тамоман бо одами бегона вохӯрдааст. Ӯ ба таҳдидаш тан медиҳад. Онҳо даҳҳо фарсах аз деҳа дур шуда, ба наздираш тан медиҳад.

ди чашмае мерасанд. Ҷавонон барои дамгирӣ дар лаби чашмаи пояи кӯҳ таваққуф карда, сар ба зонуи духтар гузошта хоб меравад. Бедор шуда, духтарро меҷӯяд ва танҳо дар назди ғори бадҳайбати кӯҳӣ сарбандак ва як кафши духтарро меёбаду халос.

Аспдузд ба Қаршӣ баргашта, се ҳафта ҳамон хӯрҷини духтарро ба китфаш партофта, дар бозор мегардад. Баъд бародар ва падари духтарро дучор меояд. Ҳамроҳи онҳо ба Афғонистон рафта, ҷои гумшавии духтарро нишон медиҳад. Бародар ва падари духтар иқрор мешаванд, ки ин ҷо мори калоне /аждаҳое/ зиндагӣ мекунад ва духтар тӯъмаи он шудааст. Онҳо пушаймон шудаанд, ки духтарро зӯран ба шавҳар доданӣ буданд, оқибат кор ба чунин фоҷиа расида...

Ҷавони аспдузд сиҳату саломат ба Қаршӣ бармегардад. Баъди инқилоб бо духтари рус издивоҷ карда, шахси тақводоре мешавад...

<u>12-уми феврали соли 1989</u>. Соати 22.50. Баъд аз се рӯз, яъне 15-уми феврал, мувофиқи қарордодҳои расмӣ охирин аскари шӯравӣ сарзамини Афғонистони ҷасурро тарк хоҳад гуфт. Афғонистон барои Иттиҳоди Шӯравӣ сабақи абадӣ аст, агар аз он ибрат гирем, "Ёрии интернационалистӣ", "қарзи интернационалӣ" /?/ барои мо, шӯравиён, фоҷиаи 15 ҳазор қурбоншудагон ва шояд даҳҳо ҳазор маҷрӯҳону ҳазорон-ҳазор таҷовуз, қатл дар ҳаққи ҳазорон "муҷоҳидон" афғонҳост. "Ёрии" мо ба шаҳодати расидани ҳазорон афғонҳост.

Ёд дорам, ки даҳ сол муқаддам 27-уми декабри соли 1979 чӣ тавр сипоҳи шӯравӣ ба Афғонистон дохил шуд. Хабари шуму ин таҷовуз аз барномаи дуюми радиои Тоҷикистон пахш гардид. Бисёр рафиқон шаҳодат медиҳанд, ки ин хабар роҳбарони Эронро чӣ қадар ба хашм оварда буд. Яке аз хирадмандон ҳамон вақт таъкид кардааст:

--Ҳамон тавре ки бешарафона ба Афғонистон даромаданд, бо шармандагӣ аз он бадар хоҳанд рафт. Афғонистон барои тоҷикон майдони бародаркушӣ дар садаи XX гардид. Захмҳои Афғонистон дер шифо мeёбанд. Марги Аҳмад Зоҳир натиҷаи ҳамин "муваффақият" буд. Чӣ шармандагие дар таърих! Шояд бо мурури замон, чӣ хеле ки имрӯзҳо амрикоиён аз боби таҷовузи хеш ба Ветнам афсӯс мехӯранд, мо низ ба худшиносии комил расида, аз камбудиҳои дар ҳаққи Венгрия, Чехословакия, Польша ва Афғонистон содир кардаамон сабақи зиндагӣ гирем. Афғонистон нишон дод, ки халқи он ба чӣ қодир аст. Охир, англисҳо сад сол мубориза бурда, онро тобеъ карда натавонистанд. Ба фикрам, сиёсатмадорҳои мо маслиҳати разведкачиён /масалан, Ким Филби/-ро бо инобат мегирифтанд, чунин шармандагӣ рух намедод. Ба ҳар ҳол тасаввуроти яктарафаи "Шарқи истибдодпараст" низ шикаст хӯрд. Инро бояд эътироф кард. Маълум шуд, ки бо зӯрӣ ба мардуми Шарқ сухан гуфтан бефоида аст. Умуман зӯрӣ, таҷовуз муваффақияти яклаҳзаина мебошад, ки ба ҳарбиён асос дорад ва умуман беаҳмист.

Воқеан таърихро набояд фаромӯш кард, ки содироти инқилоб ба Шарқ ҳанӯз солҳои 20-ум шикаст хӯрдааст. Ин ҳақиқати талхро низ эътироф кардан лозим, то ки боз ба каҷравиҳо сабаб нашавем. Муаллифи мақолаи "Ҷумҳурии Мухтори Туркистон" Назир Тӯрақулов дар маҷаллаи "Жизнь национальностей" мисоли ибратбахше овардааст: "Боре губернатор /ҳоким/-и Хуросон /шимоли Форс/ якчанд ҷавонфорсҳоро, ки ба ғояҳои ҳокимияти шӯравӣ гирифтор шуда буданд, наздаш даъват кард ва гуфт:

-- Фарзандонам! Бифаҳмед, ки моҳиятан дар Россия ҳеч дигаргуние нест. Агар Николай сарҳади худро бо қалами сиёҳ мекашид, пас, Ленин бо қалами сурх мекашад. Фарқ танҳо дар

ҳамин аст!"[1]

Фарзандони ноқобили он хуросонӣ дар Афғонистон бо номи Инқилоби савр балвое ба миён овардаанду ба сари мардуми бечора фоҷиаҳоро фурӯ рехтанд.

14-уми феврали соли 1989. Дирӯз аз маҷаллаи "Вопросы истории", ~~органи~~ нашрияи Шӯъбаи таърихи АИ СССР ва комитети давлатии маорифи СССР даъватнома гирифтам. Хабар додаанд, ки 20-21 феврали соли ҷорӣ дар ~~хонаи~~ истироҳат~~ии~~гоҳ "Планерная"-и нашриёти "Правда" мизи мудаввар оид ба масъалаи "Муносибатҳои миллӣ дар СССР" барпо мешавад. Ман бояд дар мавзӯи "Адолати иҷтимоӣ дар муносибатҳои миллӣ" ~~баромад намоям~~ гузориш кунам.

Рӯзномаҳои "Правда Востока" ва "Ҳақиқати Ӯзбекистон" /аз 11.02.1989/ хабар доданд, ки Раиси Маркази рӯҳонии Мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон муфти Шамсиддин ибни Зиёвуддин ибни эшон Бобохон бо сабаби "вақтҳои охир барои такомулоти донишҳои худ кам машғул" шуданаш ва "дар шаъни ӯ ҳарчи бештар аз сабаби риоя карда нашудани принсипҳои ахлоқу одоби ислом, ~~пешва~~мегӯрҳои шариат таънаю маломат гуфта" - ни ода мони ҳолдон аз вазифаи хеш истеъфо додааст. "Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам!" ва банда кайҳо ба хулосае омадааст, ки ҳамин бист-сӣ соли охир /ва аз ин пештар ҳам/ муллоҳои масҷидҳои расмӣ асосан барои пур кардани кисаҳои хеш ва манфиати шахсиашон кор мекунанд[2]. Халқи авом онҳоро имом интихоб

---

1. Жизнь национальностей. - 1923, кн. 1, январь, -Москва, 1923, с. 94.
2. Халқи мо бисьёр закӣ аст. Дар мақоли "муллоя гуфтаашро куну кардаашро не" ҷиҳати махсуси нақши пешвоёни дин ифшо шудааст. Таърихи исломро омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар лаҳзаҳои душвортарин аксари роҳбарон дин на дар ғами халқ, балки барои "чашми халқ"-ро ~~ҷамал~~ тақсим кардаанд. Ва ҳол он ки агар роҳбарони калисоҳои арманӣ-григорианӣ, православии рус ва дигарҳоро гирем, ҳимояи манфиатҳои халқи худро дар мадди аввал гузоштаанд. Дар лаҳзаҳои хеле душвор ва ҳалкунанда худро аз халқ ҷудо накардаанд. Баъзан дар ислом низ ин ё он эшон, мулло исьён баловоштааст, вале мисоле, ки ҳама аз як гиребон "сар" бардошта бошанд, қариб, ки дучор намеояд. Пайғамбари Муҳаммад аз гуфтаҳои боло истисно аст.

карда ягон хел манфиаташро дифоъ карда наметавонад /Шояд барои ҳамин Умари Хайём "мақсуд туӣ баҳона бардор аз пеш" гуфта бошад!/ Ба ин табақа боз як қисми иртиҷоии эшону хоҷазодаҳои авлодӣ низ дохиланд, ки ризқи хешро на аз рӯи меҳнати ҳалолу пок, балки мувофиқи принципи "гӯр сӯзаду дег ҷӯшад" исломро ба савдо мондаанд.

Як нуктаи муҳимро таъкид мебояд. Худшиносии халқи мо бидуни худшиносии аҳолии Самарқанду Бухоро ва Хатлон яъне Суғду Хатлон ҳеч аст. Ёд оварем, ки эҳёи халқ ва шеъру забони форсии дарӣ маҳз дар Самарқанду Бухоро оғоз ёфта буд, пас, ин фикри шахсии мо беасос набояд бошад. Яке аз аввалин намунаҳои шеъри бостонии беш аз ҳазору дусадсолаи мо ба Абӯҳафси Суғдӣ тааллуқ дорад, ки чунин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёд бе ёр чӣ гуна бувадо.

Ё худ шеъри хеле замонӣ, ҷовидонӣ ва пурифтихори зеринро мисол мегирем, ки парвардаи обу ҳавои Самарқанд мебошад:

Эй Самарқанди қандманд,
Туро ба ин ҳол кӣ афканд.
Ту аз Чоч беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ[1].

I. Ин шеъри Абулянбағӣ, аввалин шоирест, ки дар асри УШ васфи Самарқанд кардааст. Варианти дигари он чунин аст:

Самарқанди қандманд,
Базинат кӣ афканд?
Аз Чоч ту биҳӣ,
Ҳамеша ту хиҳӣ.

Мафҳум аст, ки дар ҳамон давраҳо низ бартарӣ ва афзалияти Самарқандро аз дигар шаҳру ноҳияҳо таъкид кардаанд.

Эҳёи забони тоҷикӣ, маданияти шаҳру шаҳрдорӣ, ба забон омадани таърих, болоравии худшиносии дуруст ва ҳақиқии миллӣ маҳз ба ҳамин шаҳрҳо вобаста аст. Ва бесабаб нест, ки Иқбол - "Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез" мегӯяду Самарқандро аз ин сарзамин таъкид кардааст. Бидуни шаҳрҳои зикршуда мо ба сари синаи хеш чӣ қадар муштҳо занем ҳам, садое нахоҳад баровард, балки ҷисми хешро хароб мекунему халос. Алқисса, тани бе дил, ҷисми бе рӯҳ ба кӣ даркор!

Дар аввалин ашъори классикиамон ифтихори миллӣ барҷаста ба назар мерасад. Магар ин мисраъҳо мояи ифтихор нест, ки ниёгони мо дар ҳаққи истилогарони аҷнабӣ гуфтаанд:

ж Аз Хутталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия.
О, бор боз омадия.
Хашак низор омадия.

Маҳз бо ҳамин ақидаҳо чунин мешуморам, ки ваҳдати мо ба худшиносии мо вобаста аст.

15-уми феврали соли 1989. Имрӯз мақолаи "Забони модарӣ-ахлоқи инсонӣ"-ро ба редакцияи "Газетаи муаллимон" супоридам. Ба Масква барои ширкат дар "мизи мудаввари" маҷаллаи "Вопросы истории" билет харидам. Рӯзи 19-уми феврал парвоз мекунаму 22-юми феврал бозмегардам. Давлат Худоназаров бо 366 овоз аз округи № 711 номзад ба депутатӣ ба қайд гирифта шуд. Ин муваффақияти ҳаққонист.

Мақолаи Ш.Салимов "Ҳақиқати Ӯзбекистон" дар Тоҷикистон: кам ё зиёд?" бо "таҳрири" Қ.Мамадов /ӯ ному насаби шахсони ҳамшаҳриҳояш мебошанд, хат мутасаддии "Союзпечать"-ро, ки

задааст/ дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" ба табъ расид.

Дина оилаамро аз таваллудхона овардам. Ҳоло барои духтарчаам шаҳодатнома нагирифтаам. Ва дирӯз боз як воқиаи фараҳбахш рӯй дод, ки он ҳам бошад сӯҳбати телефонии мо бо Б.Бердиева, собиқ муҳаррири "Газетаи муаллимон" буд. Ман худро дастпарвари ҳамин рӯзнома ва муҳаррири он зани мардсифат Б.Бердиева мешуморам. Боз дӯстам В.Г. Счастнев ва рӯзномаи ӯ "Комсомолец Таджикистана" дар рӯзноманигорӣ ва сайқалёбии маҳоратам хизмат дорад. Ҳаққи гапро гӯям, бидуни "Маориф ва маданият"-и Б.Бердиева худшиносии мо дар ҳамаи давру замон ноқис аст.

16-уми феврали соли 1989. Харҷи фиристодагӣ /командировка/-и маро ба Маскав ягон идора ба зимма нагирифт, ҳатто ҷои корам ҳам. Рӯзномаҳои ҷумҳурӣ низ натавонистанд, ки ёрӣ расонанд. Ҳеҷ боке нест.

Ташвиши "меҳмони нав", болои он батареяи хона кафидааст ва об ҷорӣ, боз ҳазорон масъалаҳои дигар. Ҳамаш ба сари банда. Охирин касе, ки хоки Афғонистонро тарк гуфт - сарфармондеҳи қитъаи маҳдуди /ё номаҳдуди/ шӯравӣ, генерал-лейтенант В.Громов: Пас, кист он нахустин кас, ки даҳ сол пеш ба хоки Афғонистон қадам гузошт?

Имрӯз ҳамсоям хабар овард, ки фильми мо "Он ҷой, ки аён аст..."-ро дар Управленияи Сиёсии ВКД РСС Тоҷикистон тамошо кардаанд. Вазорати корҳои дохилӣ бояд ба фильми ҳуҷҷатӣ роҳхати ҳаёт диҳад, ки онро ба тамошобинон нишон диҳанд ё не. Аҷаб замоне шуд ин бозсозӣ. Фильмро онҳое қазоват мекунанд, ки дар ҳақиқат, якумр ба "тарбияи атеистӣ" шуғл доранд. Кас намедонад: ба ин аҳвол бихандад ё гиря кунад.

17-уми феврали соли 1989. Имрӯз дар таърих чун саҳифаи тозае сабт хоҳад шуд. Дар Хонаи адибони ба номи М.Турсунзода маҳфиле ороста шуд, ки дар он Салим Аюб, Баҳманёр, Зиё Абдулло, Аскар Ҳаким, Кӯҳзод сухан гуфта, ташкили ҷамъият ё созмонеро ҷонибдорӣ карданд. Сонӣ, Қ.Шарифзода пешниҳод кард, ки ҳайати комитети ташкили таъсис дода шавад, ки дар он қатор номи банда низ ҳаст.

Тасодуфе рух доду маро ба Иттифоқи кинематографистон хонданд ва хоҳиш карданд, ки дар Маскав аз 25-уми феврал то 2-юми март дар Большево /назди Маскав/ дар семинари "Кинематограф аз нигоҳи бозсозӣ" иштирок кунам.

19-уми феврали соли 1989. Ин сатҳоро дар ҳавопаймои ТУ-154, рейси 632 /соати парвоз аз Душанбе 5.05/ навишта истодаам. Ҳозир мақолаи С.Ҷалолов "Навдаҳои бишкаста дар боғи пургул"-ро аз рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" /19.02.1989/ хондаму беихтиёр ашкам шашқатор шуд. Ҳамсафе, ки дар паҳлуям нишаста аст, мақолаи мазкурро мехонад.

Рӯзнома жанри мақола андар мақоларо хеле бемаврид истифода бурдааст. Дар он мақолаи шодравон Ғоиб Сафарзода "Номи зебо - ними ҳусн"-ро, ки 28-уми феврали соли 1968 ба табъ расида буд, пурра овардаанд. Маълум аст, ки 21 сол муқаддам баъд аз нашри мақолаи мазкур муҳаррири "Тоҷикистони советӣ" Ашӯр Ҳалимовро "миллатчӣ" эълон карда, аз кор ронданд. Собиқ котиби КМ ПК Тоҷикистон Коваль, ки имрӯз нисфи ш.Душанбе бо номи ӯст, дар таҳқири одамони озодидӯст, хизматҳои арзанда дошт . Ӯ сиёсати шовинистиро дар Тоҷикистон пурра ҷорӣ кард ва маҳалгароиро дар байни тоҷикон бештар густариш дод.

С.Ҷалолов хеле бамавқеъ овардааст, ки дар номҳо ва иншои Ғ. Сафарзода баъди чоп шудани мақолаи ӯ тағйироте онҳо "таи бист соли охири

ба мушоҳида намерасад. Баръакс, дар бобати гузоштани номи мувофиқ ба маҳалҳо бештар саҳлангорӣ мекарданд". Ҳатто шеъри Ғ.Сафарзода, ки рӯзнома овардааст, хеле мувофиқи давру замон аст:

Чаро нуқсони ёронро нагуфтан?
Чаро вақте ки бедорем хуфтан?
Чаро дар гуфтугӯҳо, анҷуманҳо
Ба туғъён омадам дар худ нуҳуфтан?
Нагуфтан баҳри чӣ ҳарфи ҳақиқат,
Ғубори роҳи фардоро нарӯфтан?

Ӯ ҷавонмарг шуд. Вале ғояҳои баланди шеъраш ҳаргиз намемиранд. Шеъри дигари ӯ ба ёдам расид, ки аз падидаҳои худшиносист, агар иштибоҳ накунам, садои ваҳдат ва пайгири ~~[illegible]~~ ҳамосаи миллии мо аст:

Кишваре, ки Рӯдакиро зад ӯ,
Шеъри оламгир маро дод ӯ.
Кишваре, ки дод бо табъи баланд
Булбули дар ишқ шайдои Хуҷанд.
Хисрави моро баланд овоз дод
Шоҳини Кӯлобро парвоз дод.
То занад ханҷар ба қалби душманон,
Шердил Темурмаликро зад он.
Нафрати Восеъ ба майдони набард,
Зидди ҳар золим дами шамшер кард.
Кишваре, ки Вахши ӯ афсона шуд,
Аз фурӯғаш нур дар ҳар хона шуд.
Кишваре, ки кӯҳсораш тоҷи ӯст,
Лолазораш дар баҳор алвонҷи ӯст.
Мардуми он бар баду неки ҷаҳон
Мекунад наззоре аз Боми Ҷаҳон
Кишваре, к-афтода буд аз пой, хест, -

Тоҷикистони ман аст он, хурд нест[1].

Шаби гузашта бо мардони фозиле суҳбат доштам. Тафсилоти аз раисии Маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон /3-юми феврал/ дур андохтани Шамсуддин ибни эшон Зиёвуддин ибни Бобохон боз ҳам равшантар шуд. Ӯ ва монанди ӯ барин якчанд имому эшонзодаҳоро, ки аз савдои ислом миллионер шудаанд, кайҳо расвои радди маърака эълон кардан лозим буд. Вале хотирбинӣ ва коҳилии иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки онҳо халқро истисмор кунанд. Бар замми ин ба роҳбарони замони рукуд ва давраи ҳозира имомҳо ва муллоҳое лозиманд, ки ҳамрадифи онҳо бошанд ва аз хати кашидаашон берун набароянд.

Бародарамон Облобердӣ Шодиев маслиҳат доданд, ки номи китобамро "Худшиносӣ" гузорам.

Дирӯз рӯзномаи "Известия" /18.02.1989/ мақолаи воқеанигори сиёсӣ Виталий Кобыш "Омили покистонӣ"-ро чоп кардааст. Мусоҳибаи муаллиф бо яке аз сарварони муҷоҳидони "Ҷабҳаи миллӣ-исломии Афғонистон" Саидаҳмади Гелонӣ хеле ибратомӯз аст. Ӯ ба В.Кобыш суол додааст, ки онҳое, ки барои дохил кардани лашкари шӯравӣ ба Афғонистон қарор қабул кардаанд, бояд масъулиятдор бошанд?

"–Ҳатман, – розӣ шудам,– ва итминон дорем, ки онҳо беҷазо нахоҳанд монд?". Охири ин мақоларо барои таърих бояд сабт кард.

"Аз ин даҳсола /яъне таҷовуз ба Афғонистон – М.М./ мо сабақ гирифтем, – навиштааст В.Кобыш. – Сабақе, ки бо хуну андӯҳҳо оғушта. Чунин аҳвол набояд такрор шавад. Вале барои такрор нашудани он кафолат диҳем бояд чи тавр фоҷиаи афғон ба ҳаёти мо ворид шуд ҳаматарафа таҳлилу андеша кард. Бояд аниқ таҳлил кард. Барои он ки ҳеҷ вақт ин ҳол такрор нашавад".[2]

---

1. Сафарзода Ғоиб. Ҷавонӣ. – Душанбе: Маориф, 1988. – С. 6-7.
2. Известия. 18.02.1989.

Чӣ хуб аст, ки чунин воқеанигорони борикбин дорем. Вагарна "бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд" аҳволи ранҷбарони дунъё беҳ нахоҳад шуд. В.Кобыш дар мақолааш суханони раиси ҷумҳурии Покистон марҳум Зиёулҳақро овардааст.

Маро ~~рафтори ҳақиқати~~ қароши оқилонаи шодравон Б.Ғафуров ба ёд меояд. Он кас маҳз барои он ҷонбозиҳо карданд, ки мардум ба худшиносӣ иқдом кунанду мадфанашон дар Душанбе бошад. Пеш аз чашм пӯшидан аз олам таъкид кардаанд, ки "дар садаҳои оянда дар ин сарзамин дигаргуниҳои бузурге рух хоҳад дод". Чӣ ҳикмати пайғамбарона!

Мусофири дар паҳлӯям нишаста бо лисони ғайр аз ман рӯзномаи "Известия" мепурсад. Мепурсамаш, ки оё ба тоҷик монандӣ надорам? Мегӯяд:

-- Мӯйлабат зард аст...

Шинос шудем. Аз ноҳияи Ванҷ будааст он ҷавон. Дар Маскав барои Царандои[1] афғонҳо ба сифати мутарҷим кор мекардааст.

20-уми феврали соли 1989. Мо дар ~~хона-истироҳатии~~ фароғатгоҳи нашриёти "Правда", ки "Планерная" ном дорад, дар ~~утоқи~~ хонаи 225 бо ҳамроҳии таърихшинос Намоз Ҳотамов иқомат дорем. Ӯ зодаи деҳаи Шоботии ноҳияи Рометани вилояти Бухорост. Марди фозилест ва хеле хоксор. Чойнӯширо дӯст медорад. Муҳаққиқи ҷанги гражданӣ дар Осиёи Миёна аст.

Имрӯз соати 15.00 баҳс дар мавзӯи муносибатҳои миллӣ оғоз мешавад. Тартиби кори ин "мизи мудаввар" хеле аҷоиб. Мо баҳс мекунем, хӯрок мехӯрем ва боз баҳс оғоз мешавад, яъне аз субҳ то шом ва нисфи шаб. Вазъияти хеле мувофиқ. Вале аз бародарони Ӯзбек ҳеҷ дарак нест. Мо Э.Ю. Юсуповро интизор будем.

---

1. Царандой -милиция.

Рӯзи 22-юми феврал дар Тошканд бо ширкати 64 нафар намояндагони Тоҷикистон ~~[illegible]~~ конференция оид ба муносибатҳои миллӣ барпо мешавад. Ҳайати вакилони Тоҷикистонро котиби КМ ПК Тоҷикистон р.А.Додобоев сарварӣ мекунад. Номи маро аз рӯйхати иштирокчиёни маҷлис хат заданд. Ман намефаҳмам оё аҳолии Бухорою Самарқанд роҳбарони Тоҷикистонро ваколат дода бошанд, ки тақдири онҳоро /бе рухсати худи онҳо/ дар Тошканд баррасӣ ва ҳал кунанд? Магар ин истеҳзои тақдир нест! Охир, агар ҳақиқатро гӯем, вақте ки Бухорою Самарқандро ба Ӯзбекистон доданд /гунаҳкорони ин фоҷиа А.Раҳимбоев, А.Ҳоҷибоев ва ҳатто Ч.Имонов/ мардуми бегуноҳи онро ба бозичаи тақдир табдил доданд. Ба ибораи як донишманд дар натиҷа, одамони он ҷо аксаран шуғли аз фарҳанг дур- кор дар хуфия ва савдоро пеша карданд, ё худ барои мавқеи мустаҳкам надоштан онҳоро ба кори ҳизбӣ бештар мегиранд. Ва аз Бухорои адабпарвар оҳиста-оҳиста илму маърифат дур шуд. Худшиносӣ чунситораи дур аз чашмҳо ноаён монд. Ғубори роҳи зиндагӣ пеши чашмони одамонро гирифт.

Дар баҳси имрӯзаи мо академик Ю.В.Бромлей хост, ки "назария"-ҳои худро оид ба муносибатҳои миллӣ ташреҳ диҳад. Аҳли зал бо суолҳои аҷоиб ба баъзе нуктаҳои назараш зарба зад.

22-юми феврали соли 1989. ~~Хонаи истироҳатии~~ Хорогатгаки "Планерная". Соати 5.30 саҳар. Рӯзи 20-уми феврал Н.Ҳотамов дар баҳси "мизи мудаввар" доир ба аҳволи тоҷикон дар Ӯзбекистон баромад кард. Вақте ки ӯ назарияи пантуркистӣ ва шовинизми бузургӯзбекиро танқид кард, озариҳо, ӯзбекзанак Орифхонова /аз Тошканд/, қирғизҳо ва қазоқҳо бо як овоз даъво карданд, ки "пантуркизм" умуман вуҷуд надорад. Ва ҳол он ки худи ҳамин рафтори онҳо намунаи барҷастаи собит кардани пантуркизм, мавҷудияти он дар амал буд. Дигар

зуҳуроти он миллати тоҷиконро дар шиносномаҳояшон ба таври иҷборӣ "ӯзбек" навиштан аст. Алҳол 3,5 ё 4 миллион тоҷикон дар шиносномаҳояшон "ӯзбек" қайд шудаанд. Ба ёд орем, ки мувофиқи маълумоти рӯзномаи "Зарафшон" /11.09.1923, № 75/ шумораи тоҷикон соли 1923 дар қаламрави Осиёи Миёна ба тариқи зерин буд:

Дар Самарқанд	750.000
Дар Фарғона	400.000
Дар Бухоро	2 100.000
Дар ҷойҳои дигар	100.000

он гоҳ падидаҳои миллатгароӣ ва пантуркистии бародарон равшантар мешавад. Ва аз ҳама аҷоибаш дар он аст, ки агар шумораи дигар миллатҳо сол то сол зиёд шавад, баръакс тоҷикон торафт камтар мешаванд. Чунончи мувофиқи маълумоти соли 1939 тоҷикон дар Ӯзбекистон 317 560 нафар буданд, соли 1959 ин рақам ба 311 375[1] расид, яъне тоҷикон 6185 нафар кам шудаанд.

Мо дар гузориши хеш масъалаи адолати иҷтимоиро дар муносибатҳои миллӣ баррасӣ кардем. Тобеияти иқтисодӣ ва ғуломии маънавии халқамон, ҷобаҷогузории кадрҳо ва махсусан сиёсати нодурустеро, ки котибони дуюм дар ҳама ҷой бояд русҳо /асосан онҳое, ки аз Маскав таъин мешаванд/ бошанд, танқид кардам. Ҳайати таҳририяи маҷалла /муҳаррираш А.А. Искандаров/ ваъда доданд, ки маводҳои "мизи мудаввар" дар шумораи 5-ум чоп мешавад. Рости гап, агар маърӯзаи банда бетаҳрир нашр шавад, истилоҳи "расуловчигӣ" барои баъзеҳо оқибатҳои сахте хоҳад овард. Ин зуҳурот аз рашидовчигӣ хатарнок аст. Рашидовчигиро метавонад мушоҳида кард, вале падидаҳои расуловчигӣ на ҳама вақт ба чашм намудор мешавад. Маҳалгироӣ, авлодгироӣ, паст задани миллати хеш, тамаллуқи беҷо,

1. Ниг.: Мулляджанов И.Р., Воронковский Ю.В., Цепковская Т.С. Население Узбекистана. – Ташкент: Узбекистан, 1973. – С.56.

ба чашми мардумон хок пошидан, дар хакки халки хеш раво дидани тачрибахо дар бист-сӣ соли охир хеле авч гирифта буданд. Агар дар рашидовчигӣ мо баробари хиёнатхо, изофанависӣ даххо касрхои бошукӯх, тайёр кардани кадрхои илмӣ, мустахкам кардани иктисодиёти республика, тобеъ кардани минтакахои Осиёи Миёна ба Тошкандро бинем, пас дар давраи Ч.Р.Расулов халки точик аз бисёр неъматхои табиӣ махрум, ғурури миллии он паст зада шуд ва бисёр фочиахое ба сари халк омад[1]. Ва холо матни ~~баромад~~ гузориш дар "мизи мудаввар"-и мачаллаи "Вопросы истории" ба диккати хонандагон пешкаш мешавад.

АДОЛАТИ ИЧТИМОЙ ДАР ~~[illegible]~~ МУНОСИБАТХОИ МИЛЛӢ[2]

Дар Комуси фалсафӣ таъкид шудааст, ки "адолат мафхумест дар бораи мувофик омадани тасаввурот доир ба мохияти инсон ва хукуки мусалламиӯ".

Маълум аст, ки мафхуми адолат дар илми марксистӣ "~~характе~~ хусусияти ~~ри~~ таърихӣ дошта, ба шароитхои зиндагии одамон вобастагӣ дорад". Гуфтахои болоро ба асос гирифта, кайд карда ~~мешавад~~ метавон, ки "фахмиши социалистии адолат баробарии одамон нисбат ба воситахои истехсолот, хукукхои хакикии конунӣ ва сиёсии онхоро дар худ дарч мекунад".

Ба акидаи мо дар давраи хозираи тараккиёти чамъиятӣ адолати ичтимой дар муносибатхои миллӣ низ масъалаи мухим мебошад. Мавзӯи мазкур чанбаи бисёр дошта, дида баромадани он дар доираи як ~~макола~~ гузориш ғайриимкон аст. Бо вучуди ин кӯшиш мекунем, ки хеч набошад ~~хам~~ мухтасаран дар бораи баъзе масъалахои халталаб ва масоили адолати ичтимой дар муносибатхои миллӣ ист~~ода гузарем~~ бикунем.

1. Дар ин бобат муаллиф иншои китоберо бо номи "Киссаи як макола ё фочиахои миллат" ба накша гирифтааст, ки дар он оид ба масъалахои иктисод, ичтимоиёт ва тиб васеътар сухан хохад рафт /шархи муаллиф/.
2. Тарчума ба каламии дӯстонам тааллук дорад.

Аввалан, ба он нуқтае, ки мехостам диққати иштирокчиёни "мизи мудаввар"-ро ҷалб кунам, ин ҳалли одилонаи масъалаҳои иқтисодӣ дар плани марказ-минтақа – республика аст. ~~Қайд кардан лозим бояд иқрор шуд~~ Аз рӯи адлу инсоф бояд гуфт, ки дар баробари муваффақиятҳои калони халқҳои ховари шӯравӣ, ки дар бораашон таърихшиносон, иқтисодчиён, файласуфҳо ва журналистони мо хеле бисёр навиштанд, як қатор масъалаҳои глобалӣ /ман вазъияти ҳозираро фақат ҳамин хел баҳо медиҳам/ вуҷуд доранд ва ба ҷараёни худшиносии миллӣ, зимнан ба шакли номатлуб таъсири сахт мерасонанд.

Ман чиро дар назар дорам? Пеш аз ҳама, чун сад сол пеш аз ин, Осиёи Миёна таъминкунандаи ашёи хом, пеш аз ҳама маҳсулоти сектори кишоварзӣ мебошад. Бартар аз ин, якказироат /монокультура/ пахта /лекин дар водии Зарафшон ва ВАБК боз тамокупарварӣ ҳам/ ба дараҷае ба одам бегонавор таъсир мекунад, ки гумон аст онҳоро одамони асри мо номид.

Инчунин ноодилона аст, ки ~~сохти~~ нарх, муздиҳӣ ба пахтакорон аз солҳои 30-юм инҷониб тағйир наёфтааст. Баръакс, дар аввали давраи рукуд нархи хариди пахта махсус паст карда шуд. Дар Тоҷикистон аз сабаби чунин тартиб, яъне ба якказироат табдил додаи "аз рӯи маълумотҳои тадқиқотҳои социологӣ, ки як гурӯҳ олимони ҷавон гузарондаанд, 68 фоизи аҳолии деҳот аз камшоқона ҳам бад умр ба сар мебаранд. Дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ муҳаққиқон дараҷаи бисёр ҳам пасти зиндагиро ба қайд гирифтанд, онҳо бо оилаҳое вохӯрданд, ки дар[1] онҳо ба сари як одам на бештар аз панҷ сӯм дар як моҳ рост меояд.

Агар ба назар гирифта шавад, ки 67 фоизи аҳолии республика дар деҳот зиндагӣ мекунад ва аз он шумора 89 фоизро халқи

I. Ниг.: Коммунист Таджикистана, 14.02.1989.

муҳимии республика ташкил медиҳад, пас ҳолати ғамангезе падидор мегардад.

Истифодаи заҳрҳои кимиёӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқи республика ба авҷи аълои худ расидааст. Фақат як мисол меорам. Танҳо дар ҳудудҳои собиқ вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа /ҳоло ~~вилояти~~ Хатлон/ истифодаи песцитидҳо – заҳрҳои зидди ҳашаротҳои зараррасон муносибан 15 кг/га ва 35 кг/га дар баъзе ҷойҳо то 50–60 кг дар гектарро ташкил мекунад. Ҳол он ки дар ~~истифодаи~~ миқёси иттифоқӣ ин моддаи кимиёӣ қариб ду килограммро дар як гектар ~~ташкил менамояд~~ истифода мешавад. Ман дар бораи бутефос ва бисёр дигар заҳрҳо гап намезанам, чунки маълумот дар бораи онҳо қатъиян "махфист", ҳол он ки бисёр далелҳо дар бораи аз онҳо заҳролуд шудани одамону ҳайвонот вуҷуд доранд.

Натиҷаҳои тараққиёти яктарафаи республика ба чашми оддӣ ҳам меафтанд. Сарзамини ҷумҳурӣ /замини ҳосиловар ҳамагӣ 7 фоиз буда, 93 фоизи дигари сарзамини республика фақат кӯҳ аст/ ба сарчашмаи қувваи барқ ва заводҳои энергияталаб, комбинатҳои кимёвӣ ва ғайра табдил дода шудааст. Лекин касе дар бораи корхонаҳои меҳнатталаб, кам кардани сафи бекорагон /танҳо дар байни комсомолоне, ки ба фаъолияти ҷамъиятӣ-меҳнатӣ шуғл надоранд, армияи бузург 40 ҳазор кас вуҷуд дорад/ фикр намекунад. Госплани СССР кайҳо боз ~~ҷо кардани~~ ҳар қадом корхонаҳои нодаркор ва аз ҷиҳати экологӣ зарарнокро дар сарзамини республика бунёд сохтан одат кардааст, ки Табиист, ки ҳамаи ин бо ризоияти роҳбарони собиқ ва ҳозираи республика, зеро ~~ки~~ дар солҳои рукуд ба нақша гирифтанду имрӯз дар замони бозсозӣ ғояҳои худро бо мақсади муайян дар ҳаёт татбиқ ~~карда истодаанд~~ мекунанд. Дар мо ҳам истилоҳи "расуловчигӣ" ба вуҷуд омадааст, албатта, алҳол танҳо дар афкори умум. Моҳияти он чунин аст, ки ҳамаи ~~проблема~~ қазияҳои дар ҷумҳурӣ мавҷударо тарзе нишон диҳанд, ки

ҳама фикр кунанд: "Чӣ хуб аст дар Тоҷикистон". Аммо кӣ кафолат дода метавонад, ки сиёсати нодуруст дар системаи ба плангирӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, якказироат /монокультура/, азаматпарастӣ /ТЭС-ҳоро дар назар дорам/, бо баҳонаи таҳсил /лекин бе муҳаё кардани ҷои кор/ фиристодани ҷавонон ба таҳсил /ин рақам дар як панҷсола қариб 20 ҳазорро ташкил медиҳанд/ ба низои байни миллатҳо оварда намерасонад? Барои вазъияти ба вуҷуд омада кӣ шахсан ҷавоб медиҳад, вақте ки шумораи худкушӣ ва худсӯзӣ сол то сол меафзояд?

Ба беадолатии беандоза боз ғорат кардани захираҳои табиӣ - иқтисодии республикаро ба шакли итоат кардан танҳо ба иттифоқро низ ҳамроҳ кардан мумкин аст. Пӯшида аст, ки барои чӣ боигариҳои табиӣ ба мисли тилло, лоҷувард, уран, сангҳои қиматбаҳо, яшм ва бисёр дигар канданиҳои фоиданок танҳо ба марказ итоат мекунанд. Ин охир ғорати оянда аст. Бар ивази ин бошад суханҳои худситоёнае ба гӯш мерасанд: "Шумо дар дотацияи мо шиштаед". Ин фикрро инкишоф додан намехоҳам, зеро ба ҳама аён аст, ки чӣ хел вай ба муҳити муносибатҳои байни миллатҳо таъсир мерасонад. Танҳо қайд кардан мехоҳам, ки дар иттифоқи вайроннашавандаи мо лозим аст аниқ муайян кунем, ки чӣ ба республика, чӣ ба минтақа ва чӣ ба умумииттифоқ тааллуқ дорад.

Беадолатии дуюм, ки ба он диққати шуморо ҷалб кардан мехостам, муносибати мо бо ислом аст. Тааҷубовар аст, лекин мувофиқи далелҳо агар, дар солҳои охир махсусан дар соли ҷашни 1000-солагии қабули насроният дар Русия муносибатҳои мо бо дини насоро ба куллӣ тағйир ёфта бошанд ва мо ҳақ доштани ин динро дар тарбияи маънавӣ, тараққиёти маданият эътироф карда бошем, пас, баръакс дар солҳои охир муносибатҳои байни ҳамдигарии

давлат ва ислом боз ҳам тезу тунд гардиданд. Вале далелҳо ҳамеша
чизи ~~[illegible]~~ рафтаноандаанд. Ҳамин тавр, агар дар соли 1961 дар Иттифоқи Советӣ
2307 ташкилотҳои динии мусулмонӣ вуҷуд дошта бошанд, дар соли 1966
шумораи онҳо 1820, 1971-1087, 1976-1069, 1985-954 ва оқибат дар
соли 1986- 751-торо ташкил медоданд. То ғалабаи пурра ва қатъӣ
аз болои ислом боз якчанд қадам монда буд. Лекин дар Тоҷикистон -
сарзамини наздисарҳадӣ, ки он ҷо барои таҳриби шадиди идеологӣ
кишвари васеъ аст, вазъият чӣ гуна бошад? Бояд бигӯям, ки мутахас-
сисони "калони" мо дар соҳаи идеология математикҳо, инженерҳо, сантехникҳо ва бисёр дига-
ронанд. Натиҷаҳои саъи онҳо аз альбоми "Ба хурофот роҳ нест!" маъ-
лум аст. Зиёда аз ин, танҳо дар ду-се соли охир 30 кас барои
вайрон кардани қонуниятҳои советӣ оид ба ~~парастиши~~ дину сиёсат маҳкум гардиданд.
Сабаб дар чист? Он ~~[illegible]~~ омилҳо ҳамеша намоён аст. Дар республика 36 итти-
ҳодияи динӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамагӣ 17-~~[illegible]~~ тоаш мусул-
монӣ, дигарон бошанд насронӣ, синагогаи яҳудиён ва дигар мазҳаб-
ҳо мебошанд. Ин ҳолат ба муносибатҳои байни миллатҳо низ таъсири
калон мерасонад, илова бар ин аз ҷиҳати динӣ-мазҳабӣ, ки инро ба
назар нагирифтан номумкин аст. Зимнан, дар республика дер боз
анъанае қувват гирифтааст, ки барои таъсиси ташкилотҳои динии ғай-
рисломӣ монеае нест, лекин ҳама вақт дини ислом дини зиддихалқӣ
аст ва ғайра. Т.Каратыгина дар мақолаи „Ҳадди охирин" ("У последней черты"), ки дар
рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" 1 августи соли 1986 чоп шудааст,
қайд мекунад: "Қуръон машруботро манъ кардааст, лекин истеъмоли анвои
нашъаро маҳдуд ~~намекунад~~ насозад. Бисёр идҳои динӣ бо истеъмоли "хӯрдани-
ҳои хушҳолкунанда" анҷом меёфтанд". Албатта, чунин усули танқиди
ислом, эҳтимол, барои хонандаи бемаълумот навишта шуда бошад.
Лекин, чунин "дониш" ва аҳкоми мусулмонӣ дар мурофиаҳои судӣ аз
болои гражданинҳое, ки қонуниятҳои советиро „Дар бораи озодии виҷдон, ~~дар бораи дину он~~ ҷудо кардани калисо аз давлат ва мактаб аз калисо (масҷид)"
вайрон кардаанд, роли худро бозид. Дар исботи "гуноҳи" онҳо, ё
давлат

тасодуфан, ё қасдан дар баъзе делоҳо нашъа қайд шуда буд, ҳар-
чанд дар рафти суд ин собит нагардид. Лекин кори худро кард. 13 ав-
густи соли 1986 дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа як гурӯҳ одамон
барангехта шуданд ва онҳо бинои комитети вилоятии партияро иҳота
карданд... "Гунаҳкорони" воқеаҳои августӣ /с. 1986/ дар Қурғонтеп-
па ба тариқи маъмурӣ ҷазои сахт гирифтанд. А.Саидов ва шахсонеро,
ки ӯро тарафдорӣ намуданд, суд карданд. Лекин, ба назари ман, аз
рӯи адолат он роҳбарони район, вилоят ва республикаро суд кардан
лозим, ки одамонро ба ин ҳолати вазнин расонданд. Афсӯс, ки тамоман
баръакс шуд. Яке аз он роҳбарони республика кунун ба паҳн кардани
дониш дар миқёси иттифоқ машғул аст... Собиқ мудирони шӯъбаи про-
пагандаи КМ рафиқон И.Қаландаров ва Ҷ.Латифов мутаносибан порт-
фельҳои ҷонишини директор оид ба корҳои илмии Институти таърихи
партия ва муҳаррири маҷаллаи "Коммунисти Тоҷикистон"-ро соҳиб гар-
диданд.

Дар бораи ин ҳодисаҳо, ки ба фикрам, онҳоро шартан "моҷаро-
ҷӯии атеистӣ" номидан лозим, фильми ҳуҷҷатии "Он чӣ, ки аён аст..."
ки то ҳол ба экранҳо набаромадааст, ба навор гирифта шуд. Чӣ ҳам
метавон гуфт, фақат пеш аз сафар донистам, ки фильми мо "Он чӣ, ки
аён аст..." акнун барои таҳрир ба ҳукми ВКД республика ҳавола
шудааст...

Оид ба ин масъалаҳо фикрҳои худро ҷамъбаст карда истода, ба
назарам қайд кардан лозим, ки агар моро воқеаҳои Эрон, Афғонистон
ва дигар мамлакатҳо, ки дар онҳо вестернизация ва истеъмори фарҳан-
гӣ қатъӣ пеш бурда мешуд, бовар накунонда бошанд, пас, худшиносии
халқҳои минтақаи анъанавии исломнишин дидаю дониста ба он маҷрое
пеш меравад, ки ба муносибатҳои миллӣ таъсири бад мерасонад. Дар
ин роҳ боз ҳам дурандеш будан даркор, хусусан дар ҳолате, ки май-
датарин муносибати беадолатона нисбати дин ба бадбахтҳои калон

оварда мерасонад. Ва илова бар ин. Ҳозир дар бораи ислом хеле бисъёр менависанд ва нашр мекунанд. Лекин аз нуқтаи назари таърихӣ умуман тадқиқоти ҳақиқии марксистӣ оид ба ислом вуҷуд надорад, гарчанде, ки оид ба Қуръон китобҳо бисъёранд... Барои чӣ ман диққати шуморо ба масъалаҳои дин ҷалб мекунам? Фикр мекунам, ки ба ин масъала низ аз нуқтаи назари адолатхоҳӣ нигаристан лозим. Соли гузашта дар мамлакати мо 697 ташкилоти нави дини православӣ расман ба қайд гирифта шуданд. Дар баробари ин мана даҳҳо сол боз талабҳои одилонаи диндорони Панҷакент, Ӯротеппа, Қабодиён, Конибодом, райони Ленинград қатъиян рад карда мешаванд. Илова бар ин, даҳҳо биноҳои динӣ /масҷидҳо, ҷойҳои муқаддас ва ғ./, мадрасаҳо ба анбор, гараж ва ғайра табдил ёфтаанд. Ёдгориҳои таърихӣ нест шуда истодаанд. Майдатарин дилсӯзӣ нисбати онҳо аз тарафи коркунони партиявию советӣ чун "таассуби динӣ" шарҳ дода мешавад. Дар масъалаҳои динӣ ~~ким-чӣ хел~~ рӯҳияи носозгор ба вуҷуд омада истодааст. ~~Мумкин~~ барои идеологҳо-бюрократҳо ~~ин тариқа фоиданоктар~~ бошад?

Воситаҳои ахбороти оммавӣ, хусусан баъзе рӯзномаҳо, ба ҷои масъаларо кушоду равшан ба миён гузоштан, муносибатро бо чунин муҳит - таносуби миллӣ ва динӣ боз ҳам чигилтар карданд. ~~Мумкин~~ бисъёриҳо мақолаи дабдабаноки И.Беляев "Ислом ва сиёсат"-ро, ки дар рӯзномаи "Литературная газета" моҳи маи соли 1987 нашр шуда буд, дар ёд дошта бошанд.

Муаллифи мақола ақида дорад, ки "ҷавононро дар Олмаато, ки дар ҳодисаҳои машҳури декабрӣ иштирок намуданд, сӯфиёни мутаассиб ки дар байни донишҷӯён ҷой доштанд, ба ҷунбиш оварданд" /курсиви мо. М.М./ Ҳақиқатан ҳам, ҳодисаҳои Олмаато ~~ин~~ сабақи талхе буд барои ҳамаи зуҳуроти карахтии мо ва нӯшбодҳо барои муносибатҳои миллӣ. Лекин ба А.Бенингсон, такья карда тезонидани ин воқеаҳоро

таасуби мусулмонӣ- сӯфиён ҳисобидан ба гумон аст, ки мутобиқи қонун бошад. ~~Маълум аст вақте ки~~ Пайдост, ки пас аз суд аз болои иштирокчиёни фаъоли амалиётҳои зиддиҷамъиятӣ дар Олма-Ато 17-19 декабри соли 1986 ~~ба охир~~ ~~расид~~ ва на дар ҳуҷҷатҳои мурофиаи ~~судӣ~~ ва на дар ~~ки~~ интишорот дар матбуоти мо дар бораи тасаввуфони Алма-Ато чизе гуфта намешуд. Хуласи калом, мумкин аст барои шореҳи сиёсӣ ~~чи~~ ин тавр ба хонанда пешкаш кардани материал ~~тувоник~~ сохтатар бошад?[1]

~~Проблемаи~~ Қазияи саввум, ки ба ҷараёни муносибатҳои миллӣ таъсири сахт мерасонад, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо аст. Намедонам дар республикаҳои дигар чӣ гуна аст, вале дар мо ҳоло аз солҳои карахтӣ дида бадтар шудааст. Гап дар сари он ки котибони дуюми комитетҳои марказӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва районӣ асосан, рӯирост гуфтан лозим аст, намояндагони миллатҳои рус ва европоӣ мебошанд. Зимнан, баландмансабҳояшонро аз марказ мефиристанд. Чӣ, ин нобоварӣ нисбати ба халқи муқимии республика аст? Охир ба ҳама маълум аст, ки роҳбарӣ ба кадрҳо дар дасти котиби дуюм мебошад ва котиби якум танҳо шабеҳаеро мемонад. Бартар аз ин, халқи тоҷик чӣ гуноҳ дошт, ки дар айёми бозсозӣ махсусан П.К.Лучинскийро ба сифати котиби дуввум ба мо фиристанд. Наход, ки нисбат ба ӯ муносибтар дар худи республика аз байни русҳо пайдо нашуд? Дар ~~худ~~ омади гап, ҳодисаи аввалини бозсозӣ, ки раф. П.К.Лучинский роҳбариаш мекард, сиёсати баплангирии оила ва айбдоркунии тоҷикону ӯзбекҳо дар он, ки гӯё онҳо "бисъёр таваллуд кардаанду кӣ онҳоро сер мекунад", мебошад. Ин суханҳо ҳам ягон вақт мумкин аст дар китобҳои таърих ҷои худро ёбанд.

* * *

21-уми феврали соли 1989. Москва. Соати 22.10. ~~......~~ Имшаб

ҳамроҳи дӯстонам ҷамъ дар мактаби олии комсомолии назди КМ ВЛКСМ

----

1. Вақте ки ин гузориши мо ба таври мухтасар дар №5-и "Вопросы истории" (с.1989) ба табъ расид, 13-уми июли с.1989 Комитети бехатарии давлатии (КГБ) Тоҷикистон ҳамаи "гуноҳҳои" муаллифи ин сатрҳоро ҷамъ оварда "барои кӯшиши ташкил кардани давлати исломӣ" расман огоҳонид (шарҳи муаллиф).

омадем. Ҳамаро масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии республика ба ташвиш овардааст. Шунидам, ки дар Душанбе намоиши аҳолӣ барпо шуда аст. Вакте ба ман хабар доданд, ки тоҷикон намоиш ташкил кардаанд, ҷавоб гуфтам, ки "ғуломон сар бардоштанд". Ин суханони В.И.Ленин ба ёдам расид, ки дар мақолаи "Социализм ва дин" гуфтааст: "ғуломе, ки ғулом будани худро фаҳмида гирифтааст ба мубориза барои озодии худ бархостааст, дигар нисфӣ аз ғуломӣ мебарояд".

Чӣ ҳикмати паямбарона!

Дар дунъё бошад диққати ҳама алҳол ба китоби Салмон Рушдӣ "Оёти шаётин" банд аст, ки муаллиф бо фатвои Оятулло Рӯҳулло Хумайнӣ ба марг маҳкум шудааст. Барои сари ӯ 4-5 миллион доллар нарх гузоштаанд. Ин кори Оятулло Ҳумайнӣ ва маслиҳатгарони ӯ ба гумон аст, ки дурандешона бошад. Ва он метавонад таъсири баръакс биёрад. Хайр, як нафар китобе навиштаасту фикрашро гуфтааст, оё шарт аст, ки ӯро қатл кард? Инсон дар ҳамаи давру замонҳо барои озодандешӣ кӯшиш дорад. Ӯ мехоҳад, ки гумон ва шубҳаҳояшро роҷеъ ба ин ё он мавзӯъ изҳор кунад, ин ё он нуктаи гузашта ва ёояндаро зери шубҳа қарор диҳад. Бидуни он хислати инсон нопайдост.

Пол Грей дар "Тайм" навиштааст, ки "онҳое, ки худро дар "Оёти шаётин" таҳқиршуда мепиндоранд, ба гумон аст, ки худи китобро дида ё хонда бошанд. Нафрати бепоёни онҳо ва тарси давлатдорони расмӣ танҳо бо як айб ба роман аст: дар он гӯё тасвири хандаовари ҳаёти Муҳаммад аст, ки ба таҳқири ислом баробар мебошад. Ҳамаи ин барои рекламаи китоб аст, ки хонандагонашро меафзояд"[1].

Кас ба зудбоварии мардуми мусулмон хандааш меояд. Аммо, ки дар Тоҷикистону Ӯзбекистон алҳол касе онро нахондааст, вале албатта, одамоне низ ёфт мешаванд, ки С.Рушдиро барои романаш маҳкум

1. Ниг.: За рубежом. - 1989, № 9 /1497/, 24-02- 2.03.1989 г.

мекунанду таҳқири аз он сахттарро ба шаъни динҳошон, ки ҳар рӯз дучор меоянд, набинанд ё ба эътибор нагиранд. Агар рости гапро гӯем, баъзе каррикатураҳои "Ба хурофот роҳ нест!", мақолаҳои Т.Каратыгина, И.Беляев, М.Ҷалолов ва Т.Саидбоев аз китоби С.Рушдӣ дида ҷавшангузоранду касе онҳоро ба инобат намегирад. Ё одамон инро намефаҳманд?!

25-уми феврали соли 1989. Москва - Болшево. Хонаи эҷодии иттифоқи кинематографистони СССР. Соати 17.00. Пагоҳирӯзӣ ба Душанбе занг зада, фаҳмидам, ки дина дар майдони ба номи В.И.Ленин пойтахт барои ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ намоиши калоне баргузор шудааст. Ин намоиш бармаҳал бошад ҳам, хеле хуб аст.

Боз ба Э.Г. воҳӯрдам, ки нияти ба ҷои дигар рафтанамро дастгирӣ кард. Бояд ҷои корро дигар кард. Зеро муносибатҳо дар ҷои кор тамоман ғайриэҷодианд.

1-уми марти соли 1989. Москва. Болшево. Соати 6.47-и саҳар. Баъд аз ду-се соат ман аз ин ҷой меравам. Мо аз 25.02.1989 дар Хонаи эҷодии Иттифоқи кинематографистони СССР дар мавзӯи "Кинематограф аз назари ҷомеа" баҳсу андеша рондем. Фикрҳои мухталиф баён шуданд. Дар доираҳои эҷодӣ назарияи иқтисодии К.Марксро беасос ва зарарнок мешуморанд. Таъкид мешавад, ки баробари таълимоти иқтисодӣ ва фалсафии К.Маркс боз фалсафаи рус вуҷуд дошт, ки барои пешравии ҷомеа метавонист муфид бошад.

Худшиносии халқи рус ба назари мо алҳол такья ба таълимоти фалсафаи Соловьев, Бердяев, Богданов, Флоренций бедор шуда истодааст. Дар баҳсҳои Хонаи эҷодии Иттифоқи кинематографистони СССР мо дар мавзӯи инъикоси таҳрифомези зиндагонии мардумони Осиёи Миёна баромад кардем.

Дафтари хотираамро, ки падидаҳои худшиносист, ду сол пеш

дар Маскав оғоз карда будам ва дар ҳамин ҷо ҳоло беш аз 110 саҳифаашро барои чоп омода кардам. Ҳар рӯз бо вуҷуди вақти хеле кам 10-15 саҳифагӣ рӯи коғаз меорам. Баъзе лаҳзаҳоро аз нав барқарор кардан лозим меояд.

Гӯё ман доимо дар талоши хеш ҳастам. Фикрҳоямро мехоҳам ҷамъ оварам, вале доираи вақт монеъ мешавад. Вақт даргузар аст. Танҳо хотираҳо мемонанд. Нақши хотираҳо дар худшиносии банда бо он муқаррар мешавад, ки он маро барои омӯзиш, барои хидмат ба нафъи халқам ҳидоят мекунанд. Зеро ба оянда танҳо дар асоси таҷрибаҳо, радду бадал ва назарияҳои мавҷуда менигарем. Афсӯс, ки имрӯз ҳам таҷриба ва ҳам назария дар як поя истодаанд.

2-юми марти соли 1989. Москва. Ҳавопаймои мо /рейси 631/ дар аэропорти "Домодедово" мунтазири парвоз истодааст. Сафари Маскав ба охир расид. Баъд аз чанд дақиқа мо ба сӯи Душанбе парвоз хоҳем кард. Боз "бо айби бад будани обу ҳавои Душанбе" рейси моро ду соат бештар нигоҳ доштанд. Вақте ки аз ~~бюрои справкадиҳӣ~~ дафтари иттилоот /пурсиш/-и аэровокзали ш.Маскав хостам, ки сабаби ба обу ҳаво бор кардани гуноҳашонро пурсон шавам, кормандонаш чунон ба ман нигаристанд, ки гӯё падарашонро кушта бошам. Ҳамин тавр дар ҳама ҷо касе, ки ҳуқуқашро талаб мекунад, ғурури шахсӣ дорад, бад мебинанд ва саркӯб кардан мехоҳанд, махсусан, агар чеҳраи осиёӣ дошта бошад. Қонуни зиндагонӣ низ ҳамин тавр аст, ки касе, ки ба худшиносӣ роҳ пеш мегирад, ҳазорон-ҳазор зинаҳо ва монеаҳоро пушти сар кунад.

Аҳволи ахлоқии Маскав, муносибат ба одамон /дар бозор, аэропорт, вокзал, ресторан, ошхонаҳо, нақлиёт ва ғайра/-ро дида, ~~[illegible]~~ кас ба хулосае меояд, ки барои ба маданияти шаҳрдорӣ расидани Маскав роҳ хеле дурудароз аст. Агар пойтахти давлати бузург,

мамлакати паҳноварамон барои тозагии ахлоқӣ рӯ наорад, пас, дар бо-раи маърифати [знание] ахлоқии иттиҳодии мо андеша рондан душвор аст. Боз-созӣ бозсозию ~~хек~~ [мо] набояд фаромӯш /ҳозир стюардесса эълон дошт, ки экипаж аз мо бо сабаби нигоҳ доштани рейси 631 "бо сабаби бад будани обу ҳавои аэропорти Домодедово" узр мепурсад/ кард, ки им-рӯз гражданинҳои мамлакати мо инсонҳои парокандаеро мемонанд. ~~Идеали~~ [Ормони] дӯстӣ, ~~идеале~~ [ормоне], ки Саъдии бузург "баний [одам] аъзои якдигаранд" гуфта буд, дар назари ҷомеаи техникониадаи мо бекадру беарзиш шуда-аст.

Дар Маскав бисёр андешидам, ки ҷои корро бояд дигар кард. Охир се сол боз роҳбарияти Шуъбаи фалсафа моро бо маоши 180-200 сӯм нигоҳ медорад. Махсусан, ду соли охир ин кори онҳо бисёр тоқатнопазир шудааст. Дар шаҳр, ба иловаи он хонаи кооперативӣ бо ин маош зиндагонӣ кардан, хӯронидану пӯшонидани шаш-ҳафт нафар, боз сафарҳо ба шаҳрҳои гуногун душвор аст. Хуб мефаҳмам, ки ҷаро маоши маро баланд намекунанд. Ҳамааш барои он ки ман аз Шуъбаи фалсафа /лозим ояд аз ҷумҳурӣ/ ~~рафтанро пеша кунам.~~ [равам.] Дастгирии иқтисодии падар ва бародаронам, дӯстони наздик, рӯзномаву маҷал-лаҳо, радио ва ҷаҳоннамо аст, ки ҳамеша ба рағми ҳарифон ин бай-ти Ҳофизро шиори зиндагӣ кардам:

Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,

К-ин кимёи ҳастӣ Қорун кунад гадоро.

Кимёи ҳастии ман тақопӯ ва ҷустуҷӯи хеш аст. Ба худ мепечаму ме-сӯзам, ки миллати ман чӣ қадар беҳуқуқ ва пойбанди хурофот ҳаст. Месӯзам, ки таҳқир дар ҳаққи инсон поён надорад. Лекин рӯҳи ин-сон қавӣ бошад, ҳама душвориҳои зиндагӣ ҳеҷ аст.

5-уми марти соли 1989. Соати 00-23. Чанд рӯзе, ки дар Маскав будам, дар Душанбе воқеаҳои аҷибе рух додааст, ки барои худшиносии халқ аҳамияти бузург дорад. Ибтидо маҷлиси комиссияи тайёркунандаи пешниҳодҳо доир ба мақоми давлатии забон дар РСС Тоҷикистон ва тартиби корбасти забонҳо дар республика. Профессор А.Л.Хромов бо баромадаш дар кори комиссия, ҳамаро дӯлоб кардааст. Ин фаҳмост, зеро чунин олимон ҳама вақт манфиати худро фаромӯш намекунанд. Людмила Владимировна Успенская бошад баъди суханронияш дар он ҷо ба ёд меорад, ки "рӯзи дигар дар институт муаллимону донишҷӯёни тоҷик маро чун қаҳрамон истиқбол намуда, арзи миннатдорӣ мекарданд, вале аз ҳамкасбони русам хилофи инро шунидам. Аксари онҳо ба фикри ман доир ба мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ розӣ набуданд, ҳатто гуфтанд, ки моро маҷбур мекунанд, ки ба тоҷикӣ гап занем. Ҳамаи ин аз нофаҳмӣ аст"[1].

Маро ёд омад, ки Л.В.Успенская як сол муқаддам, яъне 28.12.1987, чӣ тавр ба муқобили омӯзиши ҳуруфоти арабӣ сухан гуфта буд. Албатта, он вақт ин зани равшанфикрро дар муҳокимаи фильми мустанади "Он чӣ, ки аён аст..." баъзе ашхос ба изво тела дода буданд.

24-уми феврал бошад дар майдони ба номи В.И.Ленини пойтахт намоиши калоне барпо шудааст. Ҷамъомадагон номи зиёиёнро ба забон гирифта, баромади онҳоро талаб кардаанд. Ибтидо митингро хостаанд пароканда созанд, вале баъди андешае барои гузаронидани он монеъ нашудаанд. Дина рӯзномаҳо аз маҷлиси Совети Олии РСС Тоҷикистон хабари "Қуввати мо фақат дар ягонагист"-ро чоп кардаанд, ки он, албатта, акси садо ба намоиши халқ аст... Рӯзи 3-юми март соати 14.30 С.Х.Ҳакимова занг зада, хоҳиш карданд, ки 6-уми

---

1. Ниг.: Тоҷикистони советӣ, 28.02.1989.

март бо он кас вохӯрам. Ду соат пештар Р.Сафаров[I] аз Маскав телефон кард, ки барояш матни ~~фармоиш~~ гузоришамро дар "мизи мудаввар"-и маҷаллаи "Вопросы истории" ба ӯ фиристам.

Соати 10.55-и рӯз. Пагоҳӣ ба аэропорт рафтам. Хеле интизорӣ ~~нотодам~~ кашидам, ки ягон одами шиносро вохӯрда, ба воситаи ӯ ~~материалро~~ гузоришамро ба Р.Сафаров фиристам. Тасодуфан М.Шукуровро дидам, ки ба Маскав мерафтаанд ва мактубро ба он кас супоридам. Баъд бо К.Айнӣ, Х.Шодиқулов, А.Аминов, Ш.Раҳмонов доир ба "Мактуби кушод"-и Ҷ.Икромӣ, ки дар "Тоҷикистони советӣ" чоп шудааст, баҳсу андеша рондем. Онҳо низ худро таҳқиршуда мешуморанд. Ва ҳол он ки дар мақолаи "Ҳам дар наълу ҳам дар пошна"-и Одил Исломов ман ягон хел таҳқирро намебинам. Шояд аз камтаҷрибагӣ бошад, ки Одил И. бо баъзе калимаҳои ноҷо /масалан, "дурага"/ роҳ додааст. Маҳз нотавонбинҳо ва иғвогарон аз он метавонанд истифода баранд. Барои Ҷ.Икромӣ аз муттаҳидии миллат, ба зинаи баландтар бардоштани маърифати худшиносӣ дида, ба ҷанҷоли маҳалгироӣ кашидани мардум бештар аҳамият дорад. Ва дар ин рӯзҳои душвору пурмасъулият барои миллат аз мактуби Ҷ.Икромӣ ва фарзандони алифбонависон чизи хатарноке нест. Оё халқи азизи ман ин бӯқаламуниҳоро мешинохта бошад?

Соати 23.50-и шаб. Баъд аз даҳ дақиқа рӯзи нав 6-уми март оғоз меёбад. Навакак аз табрики муаллим Р.Маҷидов баргаштам. Мо, шогирдон, анъанае дорем, ки рӯзи 5-уми март устодамон Р.Маҷидов-ро ба зодрӯзашон табрик мекунем. Ба хонаи он кас ҷамъ омада, дарди диламонро мегӯем. Рости гап, барои Р.Маҷидов ин рӯзҳо хеле душвор аст. Шояд барои қасосгирӣ аз ман бошад, ки гӯё планҳои кориро иҷро накарда бошам ва баъзе фикрҳоямро ҳатто аҳли дин иқтибос мекардаанд, бюрои ҳизбӣ ба Р.М.Маҷидов танбеҳи сахт додаанд. Хайр

I. Яке аз муассисони ҷамъияти "Суғдиён" дар Маскав ва баъди ташкил раиси он /шарҳи муаллиф/.

агар ман як-ду саҳифа кам иншо карда бошам, осмон ба замин наафтодааст-ку?! Ҳоло дар Шӯъбаи фалсафа ду-се нафар пайдо шудаанд, ки даъвои ҳакамии илмиро бар ӯҳда гирифтаанд. Даҳ сол пеш ҳамин хел ҳакамҳоро дида будам, ки дар бораи навиштаҳои банда пиромуни Наврӯз, "чи/беҳуда", "наврӯзномаи асри ХХ-ро кӣ менависад?", "Наврӯзи иртиҷоиро сафед кардан чӣ даркор!" гӯён ҳукм мебароварданд. Имрӯз бошад ҳама доир ба ҷашни Наврӯз менависанду мегӯянд.

Халқи мо аҷаб хислате дорад. Баъзан "об овардаю кӯзашикаста ҳам баробар". Ана, як мисол. "Тоҷикистони советӣ" аз 3-юми марти соли ҷорӣ мақолаи "Бозгашти Тихонов"-ро чоп кардааст. Георгий Иванович Тихонов мудири шӯъбаи сохтмони асосӣ ва ~~реконструкцияи~~ тағйирдиҳии бюрои комплекси сӯзишворию энергетикии Совети Вазирони СССР аз округи миллӣ-территориявии рақами 377-и Роғун номзад ба депутатӣ қайд шудааст ба худаш чунин ~~характеристика~~ тавсифнома медиҳад: "Аз 55 соли ҳаётам 18 соламро ба Тоҷикистон бахшидаам. Тамоми ин солҳо ман сарвари тpecти "Тоҷикгидроэнергострой" будам. Худатон мефаҳмед, иштирокчии бевоситаи чунин сохтмонҳои азими республика, монанди ГЭС-и Норак, заводҳои алюминии Тоҷикистон ва нуриҳои азотии Вахш мебошам. Маро маҳз аз ҳамин ҷо соли 1978 ба академияи нафиристода буданд". Ошкорбаёнӣ аз вакак ташкильёфтаи хоҷагии халқ ин ҳам зиёд намешавад. Ва аз ҳама аҷоибаш: "Тоҷикистонро ватани дуюмам /хеле ва хеле аҷоиб - М.М./ меҳисобам. Равобити шахсие ҳам ҳаст, ки маро ба республика мепайвандад. Ҳамсари ман Ирина Ҷабборовна тоҷик аст".

Мегӯянд, ки амрикоиён 95%-и маълумоти зарурӣ ва муҳимро аз матбуоти шӯравӣ ҷамъ меоранд. Пас, агар мо падидаҳои расуловчигиро ба таври бояду шояд баррасӣ кунем, аз ин мисоли овардаамон, ки ӯ домоди худашро аввалин шуда ба академияи хоҷагии халқ

фиристодааст, дар Маскав ҷои кор ёфтааст, барҷастатар чизе нест. Бесабаб набудааст, ки Г.И.Тихонов баъди фоҷиаи Саргазон /аз як мақолаи С.Латифӣ фаҳмида/ ба Тоҷикистон мешитобад, то ки "пеши обрӯ ҷим занад", бесабаб нест, ки ӯ ба "Сарбанд" низ эътироз кард. Ва аз ҳама ибратомӯз он аст, ки ба давраи бозсозӣ нигоҳ накарда, муаллифи мақола В.Козлов /ТоҷикТА/ дониста ё бо тамасхури ҷиддиомез навиштааст: "Инак Г.И.Тихонов, ки як саҳифаи томи таърихи сохтмони саноатии Тоҷикистон ба номи ӯ алоқаманд аст, боз ба Тоҷикистон баргашт. Вай идеяю лоиҳаҳои ҷолиби диққати кори дар Нораку Турсунзода як вақтҳо саршударо пешниҳод мекунад, оё ин идеяҳоро интихобкунандагон қабул мекунанд?" Осуда бошед, рафиқон, интихобкунандагони гумроҳшудаи тоҷик, ки қашшоқона умр ба сар мебаранд, ҳамаи идеяҳои Г.И.Тихоновро бо дилу ҷон қабул мекунанд. Ва натанҳо қабул мекунанд, балки депутат ҳам интихоб мекунанд. Охир, "аз мост, ки бар мост".

7-уми марти соли 1989. Соати 6.30 саҳар. Дина бегоҳӣ бо С.Ҳ. Ҳакимова вохӯрдам. Маълум шуд, ки мақолаи "Хушбахтӣ ва бадбахтиҳои серфарзандӣ" аз мақолаи аслии С.Ҳакимова фарқи калон дорад. Махсус мехоҳам қайд кунам, ки номи мақола ва қисмати охири мақола, ки бо дахолати духтур ва усули дору, воситаҳои тиббӣ бозноштани ~~ҳомила~~ ҳамл, паст кардани сатҳи афзоиши аҳолӣ /ва маҳз хатардоштани он/ аст, ба қалами С.Ҳакимова нокии мақола низ дар ному охири он таааллуқ надорад.

Асли воқеаи рӯи газета баромадани навиштаҳои С.Ҳакимова чунин будааст. Моҳи марти соли 1987 С.Ҳакимова бо хоҳиши кормандони КМ ПК Тоҷикистон "Ҳифзи сиҳатии модар ва кӯдак вазифаи ҷамъиятӣ" ном мақоларо ба П.К.Лучинский месупоранд. Ва кормандони КМ ПК Тоҷикистон ҳар ҷӣ мехоҳанд, ба мақола ворид карда, ба

рўзнома медиҳанд. Ба ман равшан шуд, ки сиёсати макрадноки кам кардани афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз аз замони Ҷ. Расулов оғоз ёфта, алҳол ба авҷи аълояш расидааст. Мувофиқи суханони Г.К. Пӯлодова /вазири нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ/ соли гузашта "дар натиҷаи бaплангирии оила" /яъне ҳаққи гапро гӯем, тавассути бевоситаи духтурон ба занҳои тоҷик, ки бечораҳо ровонии таҷриба шудаанд/ афзоиши аҳолӣ як фоиз кам шуд. Танзими оила, ки С.Ҳакимова мехоҳад, бо фикрҳои мо қаробат дорад. Вале тир аз камон ҷаст ва обрӯи ин олимаи меҳнатӣ тавассути баъзе "режиссёрон"-и паси пардаи "баплангирӣ"-и оила резонд шуд. Зеро С.Ҳакимова системаи маҳвкунии халқи тоҷикро дарк кард ва ӯ барои мутасаддиёни ҳифзи сиҳати омма, инчунин ашхоси зиёде хатарнок буд.

Халқи сарсахти ман! Оё ҷиноятҳои дар ҳақиқат содиршуда ва нақшаҳоиояндаро дарк мекарда бошӣ! Мувофиқи шаҳодати далелҳо дар зоишгоҳҳо нисбат ба занҳои тоҷик бисёр корҳои ҷиноятӣ содир мешавад. Аз ҷумла, нофи тифлони бармаҳал /яъне 7-8 моҳа/ таваллудшударо набаста /нобурида/ ба волидайн медодаанд, ки "бачаатон мурда таваллуд шуд". Дигар, гузоштани (спираль) бе ҳеҷ гуна ташхис ва маърифати санитарӣ ба вайрон кардани узви таносули занҳо овардааст ва касалмандии занони тоҷик дар даҳ соли охир расо 200% афзудааст. Зиёда аз ин дар таваллудхонаҳо муносибат ба занони тоҷик бисёр бад ва хосса онҳое, ки ду-се, чор нафар фарзанд доранд, аз таҳқир эмин нестанд. Аз ин рӯ, баъзе занҳои пухта ҳангоми таваллуд шумораи фарзандонашонро кам нишон медиҳанд. Ман ба хулоса омадам, ки С.Ҳакимова барои миллати тоҷик бисёр зарур аст ва ӯро набояд аз даст дод. Маҳз бо ҳамин сабабҳо лозим донистам, ки аз нашри мақола дар "Медицинская худдорӣ намоям. Чунки нашри мақолаи банда барои манфиати умумии миллат фоида намеорад. Мо

гояҳои нодурусти мақолаи "Хушбахтӣ ва бадбахтиҳои серфарзандӣ" махсусан қисмати охири онро ҳадафи танқид қарор дода, С.Ҳакимоваро зери зарбаҳои сахт мемонем. Бо ҳамин ният ба сармуҳаррири "Медицинская газета" телеграмма фиристода, чоп накардани мақоларо хоҳиш кардам.

8-уми марти соли 1989. Имрӯз чашми пуршукӯҳ - Рӯзи байналхалқии занон. Бо бародархондам О.Ш. ва С.Ҳакимова ба дидорбинии Б.Бердиева рафтем. Ҳатто ягон дастагул ҳам нагирифтем, ки Б.Бердиеваро табрик кунем. Ва ҳуқуқи гӯл бардоштан надоштем, зеро ибтидои соли нав Б.Бердиева шавҳарашонро гӯрондаанду ҳоло азодоранд.

Сӯҳбати мо дар хонаи Б.Бердиева гуворо ва худогоҳона буд. Маълум аст, ки таҳрифи пешниҳодҳои дурусти илмӣ дар республикаи мо анъанаи худро дорад. Дар боби андешаҳои С.Ҳакимова низ ҳамин ҳолат рух додааст. Агар дар ду сухан мақсади С.Ҳакимоваро гунҷонидан лозим ояд, пас, онро метавон сиёсати оқилонаи демографӣ, афзоиши насли солим ва тавоноӣ тоҷикон, меросияти наслҳо аст. Яъне он нуктаҳое, ки дар "Халқ гунаҳгор нест" инъикос ёфтааст. Ба ибораи С.Ҳакимова "мо ҳар ду ҳамақидаем".

Мо бояд ба ҳифзи С.Ҳакимова омода шавем. Чӣ бояд кард? Барои ин кор зиёиён, адибон, аҳли дин, коргарон ва донишҷӯёнро ҷамъ овард. Бояд муроҷиатномае қайд кард, ки ин нуктаҳоро дарбар гирад:

I. Вазорати нигаҳдории тандурустӣ ва ҳукумати республика сохтмони таваллудхонаҳои замонавиро бо таҷҳизоти зарурӣ тезонад.

II. Сардухтурони таваллудхонаҳо асосан аз духтарони соҳибихтисоси тоҷик бошанд.

III. Институти тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино духтурони тайёр кардани гинекологро ба роҳ монад ва ин духтурони оянда аз тибби қадимии

тоҷикон бохабар бошанду меъёри ахлоқии халқи моро паст назананд.

IУ. Таъкид шавад, ки Институти тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо тайёр кардани духтурони пастмаълумот, кадрҳои сифатан паст на ба пешрафти ҳифзи сиҳҳати омма, балки барои боз ҳам зиёд шудани беморихою фавти кӯдакон сабаб мешавад /муроҷиат шавад ба фильмҳои мустанади М.Қосимова "Чанд мусоҳиба пеш аз тақсимот", "Фиғон"/.

У. Охиран аз КМ ПК Тоҷикистон хоҳиш менамоем, ки ба рои аз кор гирифтани С.Ҳакимова монеъ шавад. Агар ба масъалаи интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо дар Варзорати нигаҳдории тандурустӣ назар андозем, он гоҳ равшан мешавад, ки дар он ҷо тоҷиконро хеле кам роҳ медиҳанд /ҳарчанд ба ном Тоҷикистон аст/. Биёед, ба рӯйхати кормандони Управленияи хидмати дармонӣ-профилактикӣ ба кӯдакон ва модарони Вазорати нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон муроҷиат мекунем:

Абдуҷабборов Насрулло Абдуҷабборович - ҷонишини вазир, сарвари ҳамин соҳа.

Мальцева Валентина Алексеевна - сардори Управленияи хидмати дармонӣ-профилактикӣ ба кӯдакон ва модарон /УХДПКМ - УЛППДМ/.

Гущина Мария Владимировна - саракушер- гинекологи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ.

Иброҳимов Маҳмадӣ Иброҳимович - сарпедиатори Вазорат

Ярославцева Ирина Александровна - инспектор-духтури УХДПКМ.

Кравченко Нина Павловна - инспектор-духтури УХДПКМ.

Коваленко Раиса Семеновна - "____"_____

Нодирова Наталья Олеговна - _____""____

Мингазова Мухлиса Муҳаммадовна - "_____"_____

Зацепина Людмила Яковлевна - инспектор-духтури УХДПКМ. Аз тамоми кормандони ин идора танҳо Иброҳимов М.И. тоҷик асту халос. Агар ба хотир биёварем, ки ҳар як миллат бо кадрҳои баландихтисос оянда худро равшан мекунад, пас, вой ба ҳоли тоҷикон, ки дар хидмати дармонии кӯдакону модарони Вазорати нигаҳдории тандурустӣ дар давраи дурударозе фақат як нафар тоҷик роҳ ёфтааст у бас.

<u>10-уми марти соли 1989.</u> Вазъият дар Шуъбаи фалсафа бисёр ноором аст. Гӯё ҳама дар дил тарафдор, аммо дар сухан ва амал дар ҳарос анд. Ин бад аст. Соли гузашта, вақте ки мубориза ҳои банда оғоз ёфт, аз шуъба /ҷои кор/ дил пур буд. Ҳоло инро гуфтан душвор аст. Ҳарчанд Шерзод Абдуллоев, муаллим Раҳим Маҷидов, акаи Фармон Саидалӣ дар сектор маро дастгирӣ доранд, вале сухронии котиби бюрои партиявии Шуъбаи фалсафа Ш.Юсупов роҷеъ ба он ки дар вазъияти дар республика ба миёномада мақолаи "То ба кай об аз таги ях меравад?"-ро гунаҳкор мешуморад, маро хеле мушавваш кардааст. Зиёда аз ин, сухронии баъзе хурӯсчӯчаҳои навбаромад, ки аз фарҳанги ҷашни ниёгон ~~рӯкуб~~ огоҳиш комил надоранду худро "ҳакам" ва назариётчиёни эортология[I] мешуморанд, ханда касро меорад. Вале чӣ илоҷ? Дунёе ҳамин хел аст, ки дар оғози омӯзиш ҳар як кас фикри худро беҳамто ва бехато мешуморад.

Имрӯз дар сектор маҷлис барпо шуд. Аз серкорӣ натавонистам телефон карда, аз дилашон берун мекунам. Пагоҳ албатта ба С.Ҳакимова занг зада, тасалло диҳам. Боке нест.

Дина ба хонаи ман телефон гузоштанд. Аз як тараф корҳо осонтар шуданд, вале дурусттар мулоҳиза фармоем равшан хоҳад шуд, ки ин нуқтаи телефон барои аниқтар донистани равиши фикри ман мароси...

I. Эортология /юн./ - илми ҷашну маросим.

банда кӯмак хоҳад кард. Имрӯз дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" мақолаи прокурори шаҳри Душанбе С.Шарофов "Ҳадду ҳудуди қонун бидон" чоп шудааст, ки бисёр ихтилофнок аст. Рости гап, воқеаи намоиши 24-уми февральро аз ҳад зиёд забонзад кардан ба манфиати хх кор нахоҳад буд. Пагоҳ шояд боз доир ба ин мавзӯъ ягон тӯҳматномае чоп ~~мешудагист~~ шавад. Таърих такрор мешавад. Мардуми ба ин мавзӯъ дастзада дону нодон муассисону иштирокчиёни онро маҳкум мекунанд. Прокурори ш.Душанбе он нуктаро мехоҳад ё не, лекин дӯғу пӯписа хеле боло рафтааст. Кас дар тааҷҷуб мемонад, ки як чизи муқаррариро дар Ҷумҳурии мо чунон ҳам ба ~~[illegible]~~ ифрот мерасонанд, ки ақл бовар намекунад.

~~Барои~~ Илло ман бо~~яд~~я масъаларо тамоман дигар хел шарҳ ~~додан~~ диҳам ~~лозим аст~~. Ибтидо мардуми солҳои сол хомӯш, меҳнатӣ, аз ҳуқуқҳои демократӣ маҳрум нахустин иқдомҳои некро дар худшиносӣ пайгирона амалӣ мекунад. Дар бедории миллӣ аввалин падидаҳо рӯи об омаданд, ки ин ҳатман ғазаби шербачаҳо, шахсони камистеъдодро меорад. Муҳимаш он ки халқи тоҷик аз неъматҳои демократия истифода карданро меомӯзад.

Мо ба наворгирии фильми мустанади "Наврӯз"-ро сар кардем. Ман бояд ба Самарқанд ва Панҷакент равам. Инчунин барои "Тоҷикистони советӣ" доир ба ҷашни Наврӯз мақолае бояд навишт.

Дилам ба иқдоми неке, ки дар ҷаҳоннамои тоҷик бо номҳои "Саҳифаҳои таърих" ва "Оҳанги зиндагӣ" оғоз ёфта буд, месӯзад. Ба фикрам, роҳбарони нави Комитети давлатӣ оид ба телевизион ва радиошунавонӣ мекӯшанд, ки рӯшанфикронро ба ҷаҳоннамо роҳ надиҳанд.

Рӯзномаҳои "Тоҷикистони советӣ", "Коммунист Таджикистана", "Ҷавонони Тоҷикистон" мақолаи доктори илми филология, профессори ~~университети~~ Донишгоҳи Давлатии Маскав М. Всеволодова "Забонҳои мо баро-

бархуқуқанд"-ро чоп карданд. Муаллиф хеле барҳақ навиштааст, ки "ба зуҳуроти бегонагӣ, пайдоиши вазъи номӯътадили забони дар як қатор ноҳияҳо равияҳои муайяне дар сиёсати расмии даҳ-солаҳои охир низ мусоидат кард. Кофист ба хотир орем, ки бо ҳукми шахсии Сталин ҳуруфоти халқҳои Осиёи Миёна ду маротиба иваз карда шуд: аз арабӣ ба лотинӣ, сипас ба кириллица". Ана, ҳамин тавр "гиреҳҳо" кушода мешаванд. Шояд баъд аз чанд соли дигар сабаби ҷорӣ кардани таълимро ба забони русӣ дар институтҳои тиббию кишоварзӣ ва политехникии Тоҷикистон бозёбем. Оё мо ягон вақт номи онҳоеро ба забон мегирифта бошем, ки хиёнатҳои беохирро нисбати халқ раво дидаанд?

Аз Кӯлоб як дӯстам хабар дод, ки номзадии моро ба депутати халқии СССР пешниҳод кардаанд. Вале комитети партиявии шаҳр бо ҳазор роҳҳо ба ин кор роҳ надодааст.

Имрӯз боз як материали ҷолиб – мухтасари маърӯзаи котиби КМ ПК Тоҷикистон А.Додобоев дар маҷлиси машваратии республикавии коркунони идеологӣ, ки моҳи март барпо шуд, бо номи "Тадбирҳои идеологӣ ба нафъи бозӣ бошанд" нашр шуд, ки касро ба ҳайрат мегузорад. Пеш аз ҳама маърӯза мантиқи илмӣ надорад, вале он қариб пурра чоп шудааст. Суханронии олимоне, ки нодурустии ақидаи А.Додобоевро нишон дода бошанд, ҳеҷ гоҳ оварда намешавад. Агар дар як ҷумла фикри солим ҷой дошта бошад, дар ҷумлаи дигар хилофи он изҳор шудааст. Мулоҳиза фармоед ба ин ду ҷумла, ки яке ба дигаре намепайвандад ва ихтилоф ҷой дорад: "Дар ҳалли бисёр масъалаҳо роли интеллигенция махсус калон аст, ки ба ташаккули худшиносии одамон, маданияти муошират ва миллатҳо фаъолона таъсир мерасонад. Мутаассифона, байни олимон, ходимони маданият, шахсоне ҳам ҳастанд, ки

саргаранг шудаанд, дар шароити мураккаби демократонӣ ва ошкорбаёнӣ мувозинаташонро гум кардаанд, бо рафтори бемасъулияташон ба кӯшишу ҳиссиёти носолим бармеангезанд, оқибати рафтори худро фикр намекунанд". Ҷумлаи аввал дуруст аст. Дар ҷумлаи дуюм мафҳуми "интеллигенция" ва роли он ба маънои манфӣ ва хислати моҷароандоз омадааст, ки ба куллӣ хатост. Зеро ~~ҳеҷ ягон ашхосе~~ аз олимону ходимони маданият ҳеҷ ягон шахс принципҳои дӯстиро вайрон накардаанд. Оё рафиқ Д.Додобоев фикр накардааст, ки ҳангоме ки роҳбари партиявӣ ба ҷои калимаи "ҳар" , "ҳар зани тоҷик" мегӯяд, ба ҳиссиёти миллӣ чанг мезанад? Магар ин рафтори коммунист мувозинатро гум кардан нест? Ё худ вақте ки ректори ДДТ ба номи В. И.Ленин, И.Давлатов мисли идеологҳои замони рукуд тақсимоти нодурусти умумииттифоқии меҳнат, якказироат-пахтакорӣ ва ба дигар ҷой бурдани маҳсулоти хоми арзони саноатӣ, стратегиро ҳақ мебарорад, оё ҳиссиёти носолим ба миён намеояд? Оё ин миллатро ба гумроҳӣ тела намедиҳад!

11-уми марти соли 1989. Соати 10.40. Навакак мақолаи Д.Атовуллоев "Ҳар суруд-дуруд ба инсоне"-ро дар бораи Муродбек Насриддин хонда, ба ӯ занг задам ва табрикаш кардам. Барои шахсе, ки эҷодкори ҳақиқӣ, рӯзноманигори хушсалиқа аст, 7-8 моҳ боз бекор будан хеле душвор аст. Матбуоти мо бошад ҳамин як моҳи охир боз ба лонаи рукуд баргашт. Акнун чопи мақолаҳои тезу тундро танҳо дар хоби шаб орзу кардан метавон. Ҷои мақолаҳои мубоҳисавиро дар саҳифаҳои рӯзномаҳо баромадҳои прокурорҳо ва монанди онҳо гирифт. Имрӯз дар "Тоҷикистони советӣ" ва "Коммунист Таджикистана", "Дар бораи "демократияи митинг" чоп шуд, ки ТоҷикТА тайёр кардааст. Дар мақола доир ба яке аз иштирокчиёни митинг чунин сатрҳоро мехонем: "Шукуров якчанд моҳ

пештар аз ҳабс баргашт, ки на барои хурофотпарастӣ /?!/, балки барои авбошии /?/ бадкирдоронааш ҳабс шуда буд. Ин шахс, ки барои диндор шумоӣданиу ӯ /аз кадом вақт боз ТоҷикТА диндор ё бедин будани одамонро муқаррар мекарда бошад, нав ба ман маълум шуд. - М.М./ забон намегардад, се сол муқаддам роҳбари гурӯҳи авбошӣ буд, ки шабона ба бинои собиқ комитети партиявии вилояти Қӯрғонтеппа зада даромада, милиционери навбатдорро лағадкӯб карда буд". Мазмуни хабари ТоҷикТА асосан ҷудоиандозӣ дар байни миллати тоҷик, боз мисли пештара ба нифоқ овардани низои гражданинҳо аз рӯи дину мазҳаб ва ниҳоят саркӯб кардани худшиносӣ аст. Охир, то кай мо як миллати худро ба диндору, рӯҳонӣ, хурофотпарасту озодфикр ҷудо карда, талқин мекунем, ки масъалаҳои забони тоҷикӣ танҳо ба одамони галстукдор, забоншиносони касбӣ /ки забонро хеле "оммавӣ карданд"!/ вобаста аст? Ҳол он ки аҳли дин низ дар тозагии калони фасеҳ, забони модарии мо хидматҳои арзанда доранд. Покии забон, покии ахлоқ аст.

Ман нав хабар ёфтам, ки ташаббускорони намоиши 24-уми феврал Барот Мақсудов ва Ҷумъахон Исоевро мешиносам. Аз донишҳои ҳуқуқӣ баҳравар набудани онҳо ба прокурор ва журналистон имконият додааст, ки сарашонро гаранг кунанд. Вагарна дурусттар воқиф будан аз "~~Декларацияи~~ Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи инсон" ҳамаи даъвоҳои демагогҳои моро, ки "аз асп фароянд ҳам, аз узангу намефароянд", бо пули пуччак баробар кардан мумкин аст. Зеро онҳо тамоми умр аз рӯи шиори "аз майдатарин мавзӯъ проблемаи бузург" амал карда меоянд. Як услуби дӯстдошта, вале ноӯҳдабароёнаи одамоне, ки ин хел хабарҳои ТоҷикТА-ро тайёр мекунанд, дар он аст, ки барои таҳрифи масъала ба таври хеле фаҳш рӯзномаи маҷлис ё воқеаро бо дигар мавзӯъ омехта, хонандаро ба кӯчаи гумроҳӣ меба-

ранд. Мулоҳиза фармоед ба ин ҷумла: "ҳамаи касоне, ки имрӯзҳо
бо он сӯҳбат кардем, ба зарурати эҳёи забони тоҷикӣ диққат
дода, кӯшиши барои вайрон кардани дӯстию бародарии халқҳои со-
кини Тоҷикистон истифода бурдани ин проблемаро маҳкум карданд".
Аввалан, бояд хотиррасон шавад, ки ҳеҷ кас дар митинги 24-уми
февраль дӯстии халқҳоро халалдор накардааст ва боварии комил
дорам, ки таҳқир ё суханеро дар ҳаққи халқи дигар раво надида-
аст. Дуюм, он ки ҳеҷ кас митингро барои вайрон кардани дӯстии халқҳо
истифода бурданӣ нест.

Тааҷҷубовараш он аст, ки одами ин хабарро тайёр карда ҷа-
раёни инкишофи воқеаҳоро мекӯшад ба маҷрое равона ~~кардани аст~~ созад, ки
бояд ба халалдор кардани дӯстии халқҳо барад. Мақсади тамоми
ҳаёҳуи рӯзномавӣ низ дар ҳамин аст.

Дар шумораи имрӯзаи "Тоҷикистони советӣ" боз як хабари ҷо-
либ ба табъ расидааст. Назар ба маълумоти расмӣ 6-уми марти соли
ҷорӣ Комитети бехатарии давлатии РСС Тоҷикистони сокини шаҳри
Душанбе Ғафур Зайдуллоевро "барои интишори материалҳои аз ҷиҳати
ищеявӣ зарарноку тӯҳматангез - китобчаи "Ҷиҳод"... расман
огоҳ намудааст. Ҷумлаи охирини ин хабар касро ба андеша водор
мекунад: "Комитети бехатарии давлатии РСС Тоҷикистон ба ҳамаи
гражданинҳое, ки дар ошкор ва пешгирӣ намудани амали ғайриқонунии
Зайдуллоев Ғафур кӯмаку ёрӣ расондаанд, миннатдорӣ баён мекунади

12-уми марти соли 1989. Ин бегоҳ як ҷавон ба хонаам омаду
худашро бародархонд шумориду рафт. Ман ба ин хел бародархониҳо х
ҳеҷ муқобил нестам, аммо аз хиёнат метарсам. Пагоҳирӯзӣ бошад
аз як нафар муаллими факультети ҳуқуқшиносии УДТ ба номи В.И.Ле-
нин аниқ кардам, ки "кашфиёти ТоҷикТА", ки гӯё "баъзе кӯшишҳои

худсарона дар факультети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин ... ба забони тоҷикӣ гузаронидани дарсҳо, воқеаҳои таҳқири одамоне, ки забони тоҷикиро намедонанд, маҳкум шуданд" тӯҳмати сирф асту бас. Зиёда аз ин, кас ҳайрон мешавад, ки чаро ҳангоми ба забони русӣ ҷорӣ кардани таълим ягон нафар ҳақиқатгӯй ё интернационалисти ТоҷикТА овозашро баланд накард? Ё худ прокуроре чаро доир ба ҳуқуқи инсон, демократия ишораеро раво надонист /хатоӣ то имрӯз/? Магар он рафтор таҳқири одамон, поймол кардани ҳуқуқи миллат набуд? Ахиран, вақте ки котиби якуми комитети партиявии шаҳри Душанбе р. Ҷ. Ҳ. Каримов бе ҳеҷ як ибо "хар зани тоҷик" /ба ҷои "ҳар"/ мегӯяд, магар таҳқири тоҷикон нест? Агар забон дар ҳимояи давлат бошад, пас, чаро пинаки прокуроре аз чунин таҳқири забону миллат вайрон нашудааст?

15-уми марти соли 1989. Соати 10.10. Акнун мо имконият дорем дар хона кор кунем. Барои корманди илмӣ ин "рӯзи китобхона" бисёр зарур аст, махсусан, барои банда барин дилдодаҳое, ки навиштан ва хонданро дӯст медорад. Рӯзи душанбе, 13 март, соати 17.00 маро дар шӯъбаи фалсафа муҳокима карданд. "Назараётчиён", ки алҳол риштаи маъмуриро дар роҳбарӣ ва кори бюрои партиявии шӯъбаи фалсафаро дар даст доранд, бо ҳар роҳ кӯшиданд, ки тасодуфан дар Душанбе набудани маро /аз 19 феврал то 2-юми март ман дар Маскав будам/ самаранок истифода бурда, як қатор "гуноҳҳо"-ро ба гардани мо бор кунанд. Албатта, решаи гап на дар иҷрои плани корӣ, балки дар дигар ҷой аст, ки кушодани "гиреҳ"-и онро намехоҳам. Зеро бо мурури замон онҳо метавонанд роҳҳои нав ба нави тазъикро ёбанд. Бигузор ин рӯзҳо чун давраҳои тангу тор пӯшида монад.

Дирӯз маълум шуд, ки дар Панҷакент, Мастчоҳ, Истаравшан, Исфара, Қубодиён, Ғеш /ноҳияи Мӯъминобод/ ва Турсунзода ба кушодани масҷидҳои расмӣ иқдом намудаанд. Дар пеш боз кушодани масҷиди расмӣ дар Конибодом истодааст, ки хеле муҳим мебошад, зеро фоҷиаҳои зиёди маънавие, ки ба дӯши мардуми ин ҷо афтодааст, қариб як аср боз идома дорад. Мардуми Конибодом қурбони тоҷрибаи хеле фаҳш гардид, ки мустамликадорони рус ба кор мебурданд. Аҳолии ин ҷо, дар ҳақиқат, ҳадафи истеъмори фарҳангӣ қарор гирифта буд.

Кушодани масҷидҳои расмӣ хуб аст, вале як пешомади нохушеро низ интизор шудан метавон. Ин пешомад - авҷ гирифтани рӯҳияи авлодпарастӣ ва боз ба дасти як-ду шахсе, ки аз тӯра ё хоҷазода ҳастанд, ҷамъ омадани қувваи дин аст, ки онҳо метавонанд, халқро боз гумроҳтар созанд.

Бадбахтии миллати мо маҳз дар ҳамин аст аст, ки ба анъанаҳои нодуруст кӯр-кӯрона пайравӣ карда, аз неъмати таърих- худшиносии ҳақиқӣ дур мемонад. Тамоми таърихи халқи мо итоат ба ҳокимият ва зулми маънавии эшону "оқсуяк"-ҳо буд, ки имрӯз низ дар ~~аппарати~~ дастгоҳи давлатию партиявӣ ҳузур доранду камтарин рӯҳияи ваҳдати миллиро ба маҳалгирой, ба ифоқа омадани одамонро новобаста аз дину мазҳаб ва озодфикрӣ ба динчигии бемаънӣ мебаранд. Халқи бечора аз куҷо медонад, ки чӣ таҷрибаҳое дар сари ӯ мегузаронанд /Ин сатрҳоро навишта истода ба рафиқ М.Н.Ҳудоиев занг задам, ки чанд рӯз боз маро ҷустуҷӯ доштааст. Маслиҳат кардем, ки барои дар солиояндаи 1990 рӯзи 21-уми мартро Рӯзи Наврӯз ва ғайрикорӣ эълон кардан дар се-чор саҳифа ба КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР материал тайёр намоям. Имсол бошад Наврӯз аз охири солҳои 50-ум мардумон бароҳаш ҷонбозиҳо кардаанд рӯз 19-уми март ҷашн гирифта мешавад. Ҷашне, ки ҳатто даҳ сол пеш

аз охири солҳои 50-ум ... барояш ҷонбозиҳо кардаанд

~~барои~~ дар поки эҳъёяш иқдом карда будам, алҳол ба шоҳроҳи ҳаёти имрӯза баромадааст/.

Дар Тошканд анҷумани мусулмонон барпо шуд ва I4-уми март ректори донишгоҳи олии исломӣ дар Тошканд М.Мамадюсуповро муфтии Маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон интихоб кард. Маро суханронии қозии Тоҷикистон ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба хотир расид, ки дар гуфтори "Мо ва шунавандагон"I доир ба муфтии пешина Шамсиддин ибни Зиёвуддин ибни эшон Бобохон изҳор дошт. Мувофиқи маълумоти ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода таъсисдиҳандаи Маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон эшон Бобохон мебошад ва Маркази мазкур соли I943 ба кор оғоз кардааст. Эшон Бобохон то соли I956 вазифаи муфтигии Марказро бар ӯҳда дошт. Баъд писари он кас Зиёвуддин сарварии Маркази рӯҳониро мерос гирифт. Ӯ то соли I982 ин мансабро дар даст дошт ва сиёсати рукудро дар дини ислом амалӣ кард. Соли I982, соле, ки охирини пойдевори рукуд буд, бо марги нобаҳангоми Ҷ.Расулов, М.Суслов, Л.Брежнев /ӯ охирин буд/ эшон Зиёвуддин Бобохон низ аз олам чашм пӯшиду ба ҷояш писари ӯ Шамсиддин ба сари кор омад. Ӯ факультети забонҳои хориҷиро хатм карда, чанд муддат дар Институти ховаршиносии СССР стажёр будааст. Ва аз он ҷо соли I982 рост ба вазифаи муфтии Маркази рӯҳонии мусулмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон таъин шуд. Ана ҳамин тавр силсилаи мартабаҳои авлодӣ ба як қисми кӯчак имконият фароҳам овардааст, ки дар ҳамаи давру замонҳо манфиати худ ва авлодро тавассути ислом нигоҳ доранд. Вагарна /чӣ таваре ки қозӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода таъкид кард/ кор ба он дараҷае, ки Шамсиддинхони дар умраш аз улуми динӣ намерасид, ...

I. I2 марти соли I989, радиои тоҷик, программаи I, соати I4.00 Бояд гуфт, ки суханронии ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода дар ҳаққи Шамсиддинхон гаразомез буд ва носаҳеҳиҳо низ дошт, ки инҷо мо ба он эрод ... мувосиб надидем.

бозахра ҳатто ду рақат намоз нахонда, якбора муфтии як идораи динӣ намешуд!

Рӯзномаҳои "Правда Востока" ва "Ҳақиқати Ӯзбекистон" /14.03.1989/ бо номи "Пайдоиши афсона" хабаре ба табъ расонда, тафсилоти 3-юми феврал дар Тошканд ҷамъ омадани мусулмонон ва аз кор гирифтани Шамсуддинро рӯи об овардаанд. Дар "Ҳақиқати Ӯзбекистон" босаводе пайдо шудааст, ки ба ҷои истилоҳи "суннимазҳаб", ки дар нусхаи русӣ ҷой дорад, калимаи "шиамазҳабон"-ро истифода бурда, ҳамаро дӯлоб кардааст. Маълум мешавад, ки Шамсиддин дар умраш ҳатто ягон маротиба ҳам ду ракаат намоз нахондааст. Бар зимми он дар бисьёр ҷойҳо, хосса истироҳатгоҳҳои Қрим, меҳмонсаройҳо ба корҳои ~~фиску фуҷур~~ нолоиқ алоқа доштааст. Рости гап Ҳофизи озодандеш дар ҳақиқат ғайбдон будааст, ки фармуда:

> Воизон к-ин ҷилва бар меҳробу минбар мекунанд,
> Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.

Рӯзи 12-уми март мақолаи "Ҷашни Наврӯз ва анъанаҳои он дар фарҳанги башарӣ"-ро ба итмом расонда, ба редакцияи "Тоҷикистони советӣ" супоридам. Доир ба маросим ва суннатҳои наврӯзӣ барои "Паёми рӯз" низ чанд саҳифа иншо кардам. Боз рафиқ М.Муҳаббатшоев мактуби кушода "Айб дар ош ё дар мош"-ро хонда, ба чопаш рухсат дод.

Имрӯз бошад барои маҷлиси машваратии "Масъалаҳои ~~рӯзмарраи~~ рӯзмарраи тарбияи атеистии ҷавонон", ки 16-21-уми март дар Душанбе баргузор мешавад, дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон воҳӯрӣ аст: Сценарияи шабнишинии Наврӯз дар маркази ҷавонон "Саодат" ба дӯши банда аст. Боз фильмбардорӣ дар водии Зарафшон, баромад ~~дар~~ дар радио, маърӯза дар маҷлиси машваратӣ — хулоса, корҳо ~~ҳамин~~

~~қадар~~ чунон зиёданд, ки қариб сарам кафад.

Воқеан, як факти муҳимро дар дафтари хотира қайд кардан лозим аст. Дирӯз бо доктори илми таърих Александр Яковлевич Вышневский тавассути телефон сӯҳбат кардем ва он кас аз конференцияи илмию амалии республикаҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон оид ба такомули муносибатҳои миллӣ, ки 22-24 феврали соли I989 дар Тошканд барпо шуд, шаммае нақл карданд. Аз ҷумла намояндаи КМ ~~ҲК~~ КПСС Вячеслав Дмитревич Ткаченко /шояд ҳамон шахсе бошад, ки соли I988 баъди нашри "То ба кай об аз таги ях меравад?" ба Самарқанду Бухоро сафар карда, бо одамон вохӯрда буд. Баъд ба Ленинобод рафта, дар маҷлисе ширкат дошт ва даъвои баъзе "интернационалистони маҳаллиро", ки М.Мирраҳимов нодуруст навиштааст мегуфтанд, рад кард/ дар секцияи I эълон кардааст, ки мувофиқи тадқиқоте, ки онҳо анҷом додаанд, 62% аҳолии шаҳри Самарқанд тоҷиконанд. Он гоҳ А.Я.Вышневский сухан гирифта, эътироз менамоянд, ки чаро р. В.Д.Ткаченко аҳолии тоҷики Самарқандро 20 фоиз кам кардааст. Зеро тоҷикон на 62%, балки беш аз 85 фоизи шаҳри Самарқандро ташкил медиҳанд. Ба ин мазмун А.Я. Вышневский факти таърихии соли I924-умро мисол меорад, ки чӣ тавр Файзулло Хоҷаев дар масҷиди ҷомеи Бухоро баъди адои намози ҷумъа таппончаашро аз ғилоф баровардa, ба осмон тир холӣ мекунад ва чунин таъкидро раво медорад:

—Ҳар кас ки худро "тоҷик" гӯяд, бояд аз Бухоро баромада равад.. Молу мулк ва чизу чораашро бояд гузорад...

Нависандаи тоҷик Ҷалол Икромӣ дар "Бухорои ман, устоди ман"[I] механизми маккоронаи пантуркистонро, ки барои "ӯзбек"

I. Ниг.: Адабиёт ва санъат, № 50, I5 декабри I988.

кардани тоҷикон аз ҳамаи воситаҳо истифода мебурданд, кушодаст. "Рост аст, ки моро зӯран турк мекарданд, – навиштааст Ҷ.Икромӣ дар дафтари хотирааш. – Баъдтар, вақто ки зобитони турк нест шуданд ва Бухоро пас аз ташкили республикаҳои Осиёи Миёна яке аз вилоятҳои Ӯзбекистон шуда монд, моро гуфтанд, ки шумо "ӯзбек ҳастед!" Мо ҳам, чуну чаро нагуфта, "ӯзбек" шудем. Ҳамин нағз дар хотирам мондааст, ки як рӯз дар духтурхона /поликлиника/ марди солхӯрдаи бухорой анкет пур мекард. Рӯихаткунанда /регистратор/ мепурсид:

-- Шумо узбек ҳастед ё эронӣ? Форс?

-- Ман, алҳамдулилоҳ, мусулмонам, – гуфт – он мард. Мардуми Бухоро, ки аслан тоҷикон буда, ба мазҳаби суннӣ мӯътақиданд, ба ин суол, албатта, ҳайрон мемонданд..."[1]

Зиёда аз ин, "дар гузарҳо, маҳаллаҳо гашта, ~~анкета~~ пурсишнома пур мекарданд ва тоҷиконро ӯзбек гуфта менавиштанд"[2].

Шоҳиди Инқилоби Бухоро Абдуқодир Муҳиддинов, ки танҳо баъди ҳал шудани тақдири Бухоро ва тоҷикон ба худшиносии миллӣ иқдом кард, дар мақолаи "Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек?", ки соли 1928 дар маҷаллаи "Раҳбари дониш"[3] нашр шудааст, бо ҳазор ғаму андӯҳ навиштааст: "Дар муддати беш тар аз ҳазор сол, ки аҳвол ва вақоеъро таърих пай дар пай сабт кардааст, ҳеҷ як нишоне нест, ки дар Бухоро як китобе ба забони туркӣ навишта шуда бошад"[4].

1. Ниг.: Адабиёт ва санъат, № 50, 15 декабри 1988.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ниг.: Роҳбари дониш. – 1928, № 8-9 /11-12/, саҳ. 15-19.
4. Абдуқодир Муҳиддинов. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбек?" – Газетаи муаллимон, 26.11.1988.

Инқилоб барои мардуми Бухоро фоҷиаи миллӣ буд. Агар забони тоҷикӣ ҳазор сол мақоми давлатӣ дошт, аммо баъд аз Инқилоби Бухоро масъалаи забон дар Бухоро ранги дигар гирифт. Ва "аз замони таъсиси Ҷумҳурияти Бухоро /сентябри соли 1920/ забони расмии ҳукумати Шӯроии Бухоро туркӣ-ӯзбекӣ муқаррар карда шуд"[1]. Дертар яке аз пантуркистони ашаддӣ Абдурауф Фитрат, ки аслан тоҷик буд, барои онҳое, дар Бухоро бо забони тоҷикӣ гап мезаданд, ҷарима муқаррар кард...

Маро андешаҳои А.Вамбери аз сафарномааш ба Бухорои шариф ба ёд омад, ки 126 сол муқаддам аз ин рӯзҳо доир ба тақдири талху минбаъдаи тоҷикон навишта буд: "Тоҷикон, нахустин сокинони шаҳрҳои Осиёи Миёна, ин ҷо хеле зиёданд. Бухоро ягона ҷоест, ки алҳол тоҷикон метавонанд, бо гузаштаи худ ифтихор кунанд, ки сарҳади ватани аслии онҳо дар Шарқ ба Хитой, дар Ғарб ба Хазар, дар Шимол ба Хуҷанд, дар Ҷануб ба Ҳиндустон мерасид. Афсӯс, ки ин халқ ба пайдоиши қадимии хеш ва бузургиаш нигоҳ накарда, ҳоло ба чунон ҳаддиночизе расидааст, ки агар онҳоро фарзандони қадимтарини Осиё шуморем, пас, гаҳвораи авлоди мо чӣ ҳоли зор ва ғамангезе дорад"[2].

Тахминан баъд аз 110 соли суханони боло дар сӯгворие бо номи "Бухоро" Бозор Собир фишурдаи андешаҳои ҳар яки моро овардааст:

Бухорои адабпарвар,
Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист.
Ҳамехоҳам чу пайвандат,
Нигоҳам мисли рӯде тар кунад рӯи заминатро,
Нагардад то парешон пас аз ин хоки барӯмандат.[3]

---

1. Абдуқодир Муҳиддинов. Ҳамон ҷо.
2. Вамбери А. Путешествие по Средней Азии в 1863 году /перевод с английского/. Санкт-Петербург, 1865. - С. 182.
3. ... Душанбе: Ирфон, 1978. - С. 24.

Дар рӯзҳои конференцияи Тошканд рӯзномаҳои Ӯзбекистон мақолаи профессор Р.Нуруллин, ҷонишини директори Институти таърихи партияи КМ ПК Ӯзбекистон "Дирӯз ва имрӯзи муносибатҳои байни миллатҳо"[1] -ро чоп кард. Ҳарчанд муаллиф зарурати омӯзиши таърихи муносибатҳои миллӣ ва таҷрибаи он солҳоро таъкид намудааст, лекин фикри зерин ва услубаш, махсусан истилоҳи "ғайритаҳҷоӣ", метавонад боиси иштибоҳ шавад. Ӯ навиштааст: "Дар солҳои 20-ум ба миллатҳои ғайритаҳҷоии /ба ин истилоҳи муаллиф эътибор диҳед – М.М./ республика эътибори зиёд дода мешуд. Вақти гузарондани тақсимоти ҳудудҳои миллӣ дар назди Комитети революционии РСС Ӯзбекистон комитети оид ба ақаллиятҳои миллӣ таъсис гардид, ки баъди съезди муассисони Советҳои РСС Ӯзбекистон /Бухоро, февраль 1925/ ба Комитети Марказии Иҷроияи Советҳои РСС Ӯзбекистон ба шакли як шӯъбаи он бадал ёфт. Бинобар кори фаъолонаи комиссияи дар солҳои 1925-1926 дар Ӯзбекистон муқаррар намудани районҳое анҷом ёфт, ки дар онҳо намояндагони ин ё он миллат зиндагӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, чор райони тоҷикнишин, чор райони қазоқнишин, як райони туркманнишин ва як райони қирғизнишин, ҳамчунин ду райони ақаллиятҳои миллӣ ва се райони аҳолиаш махлут муайян карда шуд, ки қариб 17 фоизи шумораи умумии районҳои республикаро ташкил доданд. Ба ғайр аз ин садҳо советҳои миллии қишлоқҳо ташкил ёфтанд"[2]. Модом ки аҳвол чунин будааст, чаро дар ҳаққи тоҷикон дар ҳама ҷои Ӯзбекистон таҳқир ва хиёнатро раво мебинанд? Оё олимони мӯҳтарам метавонанд он ҳақиқати таърихиро эътироф намоянд, ки дар рӯзи аввали ҳамон съезди муассисони Советҳои Ӯзбекистон, ки моҳи феврали соли 1925 дар Бухоро барпо шуда буд, Файзулло Хоҷаев бо се забон-аввал ӯзбекӣ, дуюм

---

1. Ниг.: Ҳақиқати Ӯзбекистон, 23.02.1989.
2. Ҳақиқати Ӯзбекистон, 23.02.1989.

тоҷикӣ ва сеюм русӣ сухани муқаддимавӣ гуфтааст?![1] Пас, чӣ гуна тоҷиконро дар ҷое, ки ҷуни нофашон рехтаасту даҳ пушти онҳо хи онҳо ҳосилхезу номашро ба олам бардоштаанд, метавон миллати "ғайритаҳҷой" номид?

16-уми марти соли 1989. Имрӯз дар Хонаи кино ба номи Б.Кимъёгаров фильми мустанади "Он чӣ, ки аён аст..."-ро барои муаллимон ва донишҷӯёни УДТ ба номи В.И.Ленин намоиш доданд. Гуфтугӯ дар атрофи фильм қариб буд, ки ба баҳри илоҳиёт табдил ёбад. Лозим омад, ки боз баъзе, "заҳрҳо"-ро фурӯ барам, рӯзҳои ду сол аз ин пешро ба хотир орам... Хайрият, ки П.Аҳмадов, С.Солиев, С.Ҳақдодов ва Қ.Сатторов ҳозир буданд, вагарна кӯтоҳназарии баъзе рафиқон дили одамро боз ҳам зиёдтар хиҷил мекард.

18-уми марти соли 1989. Соати 8.30 бо вақти Самарқанд, меҳмонхонаи "Зарафшон", ~~утоқ~~ хонаи рақами 350. Дирӯз дар Душанбе маҷлиси машваратии олимони ҷавони ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон оғоз ёфт, ки то 21-уми март идома меёбад. ~~ххххххх~~ Каминаам ~~фақир~~ дар он маҷлис доир ба ҷашни Наврӯз маърӯза кард.

Соати 13.10 бо рейси 111 ба Самарқанд омадем. Мо бояд дар Самарқанд анъанаҳои ин ҷашнро дар Сабарои фильми мустанади "Наврӯз" ба навор гирем. Дар биноӣ комитети партиявии вилоят котиби комитети партиявии шаҳр ~~Самарқанд~~ Илҳом Рашидович Рашидовро вохӯрдам. Дар комитети шаҳрии партия ҳамагӣ ду нафар тоҷик кор мекунанд. Яке аз онҳо Хуршед Мақсудов, ки вазифаи инструкториро ба ӯҳда дорад, рӯирост изҳор дошт, ки дар бораи ҳуқуқи тоҷикон сухан гуфтан дер шудааст ва гӯё "поезд кайҳо рафтааст". Афсӯс, ки аксар кормандони партиявию советии Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамин хел фикр доранд. Онҳо намехоҳанд бифаҳманд,

---

1. Ниг.: Правда Востока, 19.02.1925, № 40 /610/.

ки таърих муваққатан сукут дошт ва поезд нав ба ҳаракат даромад.

20-уми марти соли 1989. Панҷакент, меҳмонсарои "Интурист", хонаи 46, соати 23.10. Ҳозир аз деҳаи Ёрӣ баргаштем. Мо ҳамроҳи оператор Г.Дзалаев доир ба ҷашни Наврӯз машғули фильмбардорием. Ба ин фильм расо даҳ сол боз тайёрӣ мебинам. Алҳол хидмати арзандаи таҳиягар С.Солиев дар ин роҳ сазовори таҳсинҳост.

Дирӯз соати 17.30 аз шаҳри Самарқанд баргаштем. 18-уми март мо дар маҳаллаи Оқ-масҷид лаҳзаҳои ҳарисапазӣ /самарқандиён "ҳодиса" мегӯянд/ - хӯроки ҷашниро ба навор гирифтем. Субҳи 19-уми март бошад /соати 6.30/ дар маҳаллаи Гӯри Мир шеърхонии Ҳаёт Неъмат сабт шуд, сонӣ, ба маҳаллаи Ашӯрмаҳмад ва деҳаи Оҳалик /дурусташ "Оҳак" будагист, зеро дар назди деҳа кӯҳи оҳак воқеъ аст/ рафта, дар маросими "ҳариса" ширкат доштем.

Аз соати 10.00 то соати 13.00 бошад дар Регистон будем. Ин ҷо кори мо омад накард. Аккумлятори аппарати киногирӣ аз кор баромад. Тасодуфан бо як ҷавони хеле худогоҳи панҷакентӣ Раҳматулло Абдуллоев вохӯрдем. Ӯ аккумлятори мошини сабукравро ба дӯшаш бардошта, ҳамроҳи мо ба яке аз манораҳои Самарқанд баромад ва мо имконият пайдо кардем, ки манзараҳои ҷолиби диққати Наврӯзи Самарқандро ба навор гирем. /Ташаккур ба ӯ, ки ҳамаи мушкилиҳоро ба гардан гирифта, боз моро ба Панҷакент расонд/.

Аз ҳама аламовар он буд, ки дар Наврӯзи Самарқанд ба баромади шоирони тоҷик бародарони миёна роҳ надоданд. Мо низ барқасди ҳарифони маънавӣ танҳо аъзоёни маҳфили "Сайқал" ва ҷамъияти фарҳангии тоҷикон - "Самарқанд"-ро дар навори кино ҷой додем. Дар Самарқанд чанд тан ҷавони бофазлу эҳсос ба воя

расидаанд, ки ояндаи худшиносии мардумон ба онҳо вобаста аст. Дар Самарқанд ман бо Раҳматҷон Раҳимови мардумшинос вохӯрдам. Ӯ яке аз ҷонфидоёни илм аст, ки бо кӯшишҳояш тавонистааст, яххҳоеро шиканад, ки алҳол вуҷуд доранд.

Ҳангоми хайрухуш Ҳаёт Неъмат ин шеърро барои хотира тақдим кард:

АЗ САМАРҚАНДУ БУХОРО...

Халқи ман, эҳёгарам, эҳёгарам, эҳёгарам,
Худкушӣ акнун бас аст, омад замони худшинос.
На ба тоҷу на ба тахту на ба мол даъвогарам,
Бас кунун бар зиштиҳои зиндагӣ кардан сипос.

Шоҳдор мақдунӣ сӯзонд агар дар оташат,
Мил кашид Маҳмуд ба чашмат, ронд аз маскун туро.
Ҷон ба сахтӣ додааст дар ёди меҳан як умр
Бо ҳамадонӣ агарчи шуд ҳамадонаш Сино.

Балки ношукрӣ гузашт аз Аҳмади Сомониат,
Имтиҳонат бас кунун, эй чархи гардун-Офтоб.
Баъди Сино ту ҳазор сол, бас намурдӣ халқи ман,
Ҷони ту аз сангу дил аз оташу дар дида об.

Шасти охир аз ҳазор соли гузашта зӯртар,
Бар сарат озори давр абнои давр овардааст.
Аз панаҳ истода хар чӣ гуфтан осон ҳаққи ту,
Кӯрнамак, ҳақношинос чӣ зулму ҷавр овардааст.

Бас парешӣ, бас ҷудой, муттаҳидӣ пеша кун,
Зиндагӣ дар муттаҳидӣ, зиндагӣ дар анҷуман.
Ғарқи рӯз гаштан хуб аст, аз гӯри шабҳо сад ҳазор,
Субҳи ту аз нав дамид, эй халқи бобардошти ман.

Эй, ки гӯи аз самарқандӣ садое нест, нест,
Бо ҳама пурдониат ҳолам намедонӣ магар?
Як даме аз хонаи гармат баро, то донӣ худ,
Лаб газидан дигареву бесадоӣ ҳам дигар.

"Аз Самарқанду Бухороят садое нест, нест"
Гӯяд он, ки бехабар аз шӯриши қалбу дилат.
Хонашер - майдонғариб кай бишнавад овози ту,
Донад он, ки пайкараш аз оташу обу гилат.

Бори худро ҳар яке гар мекашад бар сӯи худ,
Самти ӯ аз самти анҷум то абад монад ҷудо.
Худшиносӣ - меваи олитарини одамӣ,
Ҳар, ки ӯ худношинос - ӯро набишносад худо!

21-уми марти соли 1989. Соати 7.40. Дина дар Панҷакент борон буд ва табъи мо хира гашт, ки шояд рӯзи 21-уми март одамон ба сайлгоҳ набароянд. Хушбахтона, ин пагоҳӣ ҳаво софу беғубор. Мо бояд ба деҳаи Ёрӣ равем. Деҳае, ки дар ҳамаи давру замонҳо анъанаҳои неки ҷашнгирии Наврӯзро ҳифз кардааст.

22-юми марти соли 1989. Соати 00.25. Ҳозир аз меҳмонии дӯстам Музаффар Бобоев баргаштам. ~~Ҳамкурсонам~~ шарикуржонам Фирӯзиддин Ҷумъаев, Қурбоналӣ Раҷабов ва Абдулҳамид Муҳаммадиев, дӯстонам Нусратулло ва Муҳаммадраҷаб сӯҳбатро тасфонданд. Лозим омад, ки доир ба худшиносии миллӣ сухан гӯям. Ёдам ~~ххх~~ омад, ки даҳ сол пеш доир ба ҷашни Наврӯз сухан рондан чӣ қадар душвор буд. Шукр, ки ҳоло иродаи халқро каму беш ба назар мегиранд. Худшиносии мардуми водии Зарафшон барои мо

аҳамиятнок аст. Махсусан рустоиён дар ҳалли бисьёр масъалаҳо намунаҳои ибрат нишон медиҳанд. Зиёиёни пешқадами деҳаи Ёрӣ бо қарори шӯрои педагогии мактаб таътили баҳоронаи мактабиёнро аз 20-уми март оғоз кардаанд. Ва комиҷроияи шаҳри Панҷакент маҷбур шудааст, ки ин қарори муаллимони деҳаи Ёриро эътироф намояд. Хушбахтии бузурге насиб гардид, ки имсол ҷашни Наврӯзро бо муаллимону ҳамаи аҳолии деҳаи Ёрӣ бо ҳам бинем. Дина мо тамоми рӯз дар деҳаи Ёрии шариф машғули банаворгирии ҷашни Наврӯз будем. Таассуф ва бисьёр таассуф, ки беҳтарин анъанаҳои Наврӯзро дар солҳои рукуд аз байн бардоштаанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин мардуми рустои Ёрӣ аз 21-уми март сар карда, се рӯз Наврӯзро ҷашн мегиранд. Агар ҳаққи гапро гӯем, аҳолии Ёрӣ тавонистаанд, ки бо роҳи қонунӣ рӯзи Наврӯзро ғайрикорӣ эълон кунанд.

Баъд аз Ёрӣ мо ба зиёрати мақбараи устод Абӯабдулло Рӯдакӣ рафтем. Роҳи деҳаи Панҷруд чунон ҳам харобу вайлангор аст, ки ба ҳолаш ~~раҳми мурғони ҳаво меояд~~ мурғони ҳаво мегирянд.

Мардуми шаҳру ноҳияи Панҷакент тавассути матбуот аз кашмакашҳо ва баҳсу андешаҳо бештар огоҳӣ доранд. Рӯзнома барои боло бардоштани сатҳи худшиносии одамон хизмати арзанда дорад. Боз мехоҳам ~~[illegible]~~ таъкид намоям, ки матбуоти тоҷик имрӯзҳо гирифтори маразы рукуд мебошад. Вагарна баромади телевизионии прокурори шаҳри Душанбе С.Шаропов дар ~~[illegible]~~ арафаи ҷашни Наврӯз набояд беҷавоб мемонд. Мақсади баромади С.Шаропов "ҷашни халқро тарсондан" мебошад, ки бадбахтона, аз аввалин рӯзҳои баъди Инқилоби Октябрь сар карда, то кунун /ва шояд минбаъд муддатҳои

дурудароз/ боқӣ мондааст[I].

I. Азбаски имрӯзҳо матбуоти шӯравӣ ҳамаи айбро ба И.В.Сталин бор карда, ӯро сиёҳ мекунанд, нишон додани решаи кор бисьёр муҳим аст. Чанд иқтибос аз номаҳои В.И.Ленин ба бисьёр масъалаҳои имрӯза рӯшанӣ хоҳад андохт. Аз ҷавоби В.И.Ленин ба шикояти М.Ф.Андреева дар бораи ҳабси зиёиён: "Барои пешгирӣ кардани сӯиқасд ҳамаи ин тарафдорони кадетҳоро дастгир кардан равост. Ҳабс накардан ҷиноят аст. Бигузор даҳҳо ва садҳо интеллигентҳо рӯзҳо ё ҳафта дар ҳабс бошанд. Барои ӯ хубтар" /18.09.1919/. Дар бораи аз кор рондани профессорон ба Каменев ва Сталин: "20-40 профессори МВТУ-ро аз кор озод кунед. Онҳо моро аҳмақ мекунанд" /21.02.1922/. Ба Ф.Э.Дзержинский: "Дар бораи бадарға кардани адибон ва профессорон. Инро хеле асоснок кардан даркор. Аъзоёни Бюрои Сиёсиро вазифадор кардан лозим аст, ки ҳар ҳафта 2-3 соат як қатор нашрия ва китобҳоро бинанд. Доир ба фаъолияти адабӣ, стажи сиёсии профессорон ва адибон маълумоти системанок ҷамъ овард. Инро ба корманди доно, маълумотдор ва вазифашиноси ГПУ супориш дод. ...Корро бояд чунон ба роҳ монд, ки доимо ин зараррасонҳоро дастгир ва боз дастгир кард ва мунтазам ба хориҷа бадарға кард. Хоҳиш мекунам инро паҳн накарда ба таври махфӣ ба аъзоёни Бюрои Сиёсӣ нишон диҳед ва ба ман ва худатон бозгардонед" /10.05.1922/. Ба рафиқ Уншлихт: "Ошкорбаёнӣ дар кори ревтрибуналҳо /~~аллакай~~ дигар/ шарт нест. Ҳайати онро бо одамони худатон пурзӯр кунед, алоқаи онҳоро ҳаматарафа бо ВЧК мустаҳкам кунед, фаврӣ ва қувваи таъқиби онро пурзӯр созед. Бо Сталин гапзанон карда бинед, ин мактубро ба вай нишон диҳед" /31.12.1922/. Ҳамаи иқтибосҳои боло аз тадқиқоти В.Ерофеев. Моя маленькая Лениниана. - Согласие, 1989, № 5, 1.04.1989, стр.8 /Издание Литовского движения за перестройку/ гирифта шуд. Ба ҳамин мазмуни боло дар шумораи 22-юми мартии "Литературная газета" низ сухан рафтааст ва чанд иқтибоси ҷолиб аз В.И.Ленин манзури хонандагон шудааст /шарҳи муаллиф/.

Табиби ҳозиқи панҷакентӣ Қаҳрамон Бурҳонов шеъри ҷолиби диққате иншо кардааст, ки овардани онро зарур мешуморам:

Бо забоне, ки ба дунъё "ман" бигуфто Рӯдакӣ,
Худшиносӣ карда мо "ман" гуфтаем аз кӯдакӣ.
Бо забоне, ки зи сақфи Ташкилоти Муттаҳид,
Аз амонию рафоқат медиҳад Саъдӣ навид.
Бо забоне, ки Абӯро Буалӣ Сино намуд,
То ҷаҳон боқист гӯяд миллати ман фикри худ.

ПАС БО ИН ЗАБОН!

Гар сухан гуфтан натавонӣ даме хомӯш бош,
Деги дар ҷӯши пур аз фачобаи беҷӯш бош
Бетамизиҳои мо аз фачу лач оро гирифт,
Гуфти мо пас аз куҷо маънои "гуфторо" гирифт.
Лекро бар "некиса" ду беадаб табдил диҳад.
Марди оқил кай ба ин мағзоба гӯшу дил диҳад.
Ҳолат оё диҳад маънои ҳоло будагӣ
Гӯшҳоро мехарошад ҳарзаи беҳудагӣ.
Бепадарҳо аз "пахан"- гӯй тасалло ёфтанд,
Бо пахангӯй аҷаб не, ки падар мекофтанд.
Меҳр баста бар "махан" се-чор аз бемодарӣ,
Бепадар, бемодарӣ кач гӯй гар лафзи дарӣ.

Душанбе, соати 23.10. Мо ба Душанбе бо роҳи ҳавоии Самарқанд баргаштем. Аэропорти Панҷакентро барои таъмир бастаанд. Тамоми рӯз дар Панҷакенту Самарқанд овора шуда, бо азобе ба Душанбе расидем. Дар ҳавопаймо бо чанд тан баҳс кардан лозим омад. Яке аз мавзӯъҳо китоби Салмони Рушдӣ "Ояти шаётин" буд.

Аҷабо, мардуми мо чунон ҳам гумроҳ аст, ки ҳеҷ кас китобро надидаасту тайёранд, барои қатли Салмон Рӯшдии бечора кӯмак расонанд. Ин эътиқоди кӯр-кӯронаи моён мебошад, ки масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳатто динии дар маҳалли худ мавҷудбударо намефаҳмему бо "инқилоби ҷаҳонӣ" даст заданро вазифаи муқаддас мешуморем. Ва бисьёр хатарнок аст, вақте ки эътиқодоти динӣ ба таассуб, ифрот мубаддал мешавад, боиси қатл /ба гумон аст марги фоҷиавии Ф.Муҳаммадиев аз дасти нашьамандон бошад/ мегардад. Маҳз дар ҳамин замина эътиқоди динии одамон ~~суст~~ мешавад ва ихлоси одамон мегардад, пояҳои дину ахлоқ ~~суст мешавад~~ футур мешавад. "Дар дин зӯрӣ нест" - фармудаанд, бузургон ва махсусан дар дини ислом, ки сулҳу осоиштро ҳадаф қарор додааст. Пас, на Рушдӣ, балки таассубро бояд кушт, на китоби "~~Назми~~ Оятҳои шаётин", балки "Ба ҳурофот роҳ нест!" барин ҳаҷвномаҳоро сӯхт. "Назария"-и навро бояд кушт, ки Амир Темурро тайёранд ~~во~~ бо пайғамбари ислом баробар кунанд, нақши ӯро дар олами ислом бо осмон расондан мехоҳанд. Аз чунин ашхос дар дин ор кард, на ифтихор.

Ман шубҳа дорам, ки маҳз оятулло Рӯҳулло Хумайнӣ ба куштани Салмон Рушдӣ фармон дода бошад. Шояд одамони гирду атрофи ӯ ва сиёсатмадорҳои паси парда аз ин амал манфиатеро чашмдор буданд. Ба фикри ман худшиносии исломӣ на бо роҳи ниқоргирӣ, балки бо мустақилияти иқтисодӣ ва маънавӣ бояд пеш равад. Аз шарҳи худи Салмон Рушдӣ /ниг: Известия, 19.03.1989 / бармеояд, ки ӯро бо ягон гуноҳ айбдор кардан мумкин нест. Афсӯс, ки матбуоти Тоҷикистон барои "мӯйро аз хамир ҷудо кардан" ин хабари дар "Известия" чопшударо ба хонандагони тоҷик муаррифӣ накард.

23-юми марти соли 1989. Соати 10.40. Академияи илмҳо. Машғули кор будам, ки ногаҳон занги телефони байнишаҳрӣ баланд шуд. Собиқ котиби комитети партиявии шаҳри Норак Мурод Ёров занг зад. Ӯро бо ~~ким~~ як қадоми сабаб аз кор гирифтаанд ва алҳол ба касби омӯзгорӣ машғул аст. Маслиҳат кардем, ки баъд аз сафари Маскав, аввалҳои моҳи апрель вомехӯрем.

24-уми марти соли 1989. Дирӯз баъд аз намози пешин дар Шӯъбаи фалсафа бо ~~ширкати~~ иштироки меҳмони Маскав, доктори илми иқтисод А.Г.Вишневский доир ба масъалаҳои демография баҳсе ба вуқӯъ пайваст. Сабаби омадани ин олим ва боз чанд тани дигарро каминаи фақир нағз мефаҳмам. Онҳо мехоҳанд, ки як бало карда, С.Ҳ.Ҳакимоваро ором кунанд, то ки он кас ба хориҷа нараванд.

Ман дар охири баҳс ба А.Г.Вышневский ду савол додам, ки ба ҷавоби онҳо душворӣ кашид. Дарҳол як "марксист", ки аз фоҷиаҳои миллат бо роҳи таҷрибавии "баплангирии оила" огоҳие надорад, муқобил баромад ва хост, ки маро "пешпо" диҳад. Он гоҳ лозим донистам, таъкид намоям, ки котибони КМ ПК Тоҷикистон ва шахсан коммунистон барои таҳрифи пешниҳодоти С.Ҳ.Ҳакимова бо он назарияи Гиммлерро ворид кардаанд. Сӯҳбат бисьёр дилтангӣ ба миён овард.

Имрӯз "Комсомолец Таджикистана" ва "Ҷавонони Тоҷикистон" овардаанд, ки "бо сабаби он ки мо коркарди ҳаштсад ҳазор тонна пахтаро дар республика анҷом намедиҳем, қариб ёздаҳ миллиард сӯм бой медиҳем". Сарбории ин "аз ҳазор кӯдак ба ҳисоби миёна 56 нафар мефавтанд". Чунин мепиндорам, ки агар мардуми мо ҳаму иқтисодиро бардорад, консепсияи пеш худро шинохта, масъалаҳои иқтисодиро бардорад, консепсияи тараққиёти республикаро муайян намояд, дигар масъалаҳои иҷтимоӣ

тезтар ҳал мешавад. Мо бояд мустақилияти иқтисодӣ дошта бошем. Бас аст ба манбаи ашёи хоми саноати пахта табдил додани республика. Дар омади гап бюҷети яксолаи республика қариб 1 миллиард сумро ташкил медиҳад. Вале сари ҳар вақт моро аз минбарҳои баланд боз таҳқир ҳам мекунанд, ки "Тоҷикистон аз марказ дотация /кӯмак/ мегирад" ва ин кӯмак 400 миллион сӯм ё зиёдтарро ташкил медодааст. Бояд аниқ кард, ки мо чӣ медиҳему чӣ мегирем. Сарфи меҳнатро ба истеҳсоли ҳар як тонна пахта бояд аз рӯи адолат ҳисоб кард. ~~С.Ҳакимова~~ Иқтисодшиносон ҳисоб кардаанд, ки танҳо нахи пахтаи яксолаи Тоҷикистон зиёда аз 7 миллиард сӯм даромад медиҳад. Боз тоннаҳои тилло, лаъл, сангҳои қиматбаҳо, мармар, уран ва бисёр канданиҳои фоиданокро/ки аслан насибаи наслҳои ояндаи мост ва имрӯз беамон ғорат мешаванд/ ба назар гирифт.

Аз КМ ВЛКСМ нома омадааст, ки бояд 29-уми март дар Масков шавам.

27-уми марти соли 1989. Шаб. Соати 23.20. Ҳозир аз посёлкаи Луҷоб, аз меҳмонии Б.Бердиева баргаштам. Ҷавони ношиносе бо мошинааш аввал С.Ҳакимова ва баъд маро ба хонаам расонд. Дар хонаи апаи Бӯринисо Бердиева бо ҳамроҳии С.Ҳакимова се-чор соат сӯҳбат доштем. Масъалаи ба Тоҷикистон омадани намояндагони маҷаллаи "Коммунист", доктори илми иқтисодӣ А.Г.Вишневский ва дигаронро бори дигар таҳлил карда, ба хулосае омадем, ки ҳамин чанд соли охир ба муқобили халқи тоҷик сиёсати нодуруст ва мақсаднок - нажодкушӣ дар амал аст. Решаҳои ин сиёсат хеле амиқ ва зуҳури он дар чандин самт аниқ аст. Маро лозим меояд, ки буду шуди ин масъаларо ба китобе ҷамъ оварам, ки халқам онро мутолиа карда, аз ҳалокат огоҳ шавад.

Пагоҳӣ аз Самарқанд меҳмоне омада буд, ки ҷавони хубест,

вале аз ҷиҳати сиёсӣ он қадар пухта нест.

29-уми марти соли 1989. Соати 10.20 бо вақти Душанбе. Рейси иловагии Душанбе–Маскав, № 31054. Мо мунтазири парвоз. Мусофирон чизу чораҳояшонро ҷо ба ҷо мекунанд. Аз карнаи радио садои гӯшхароши гӯяндае ҳамаро ба ~~диққат~~ зиндагӣ овардааст, ки доир ба интихоботи депутатҳои халқии СССР маълумот дода, аз ~~мусофирон~~ мусофирон даъват ба амал меорад, ки дар навбати оянда ба тарафдории командири ҳавопаймои ТУ-154 В.Гиро овоз диҳанд. Дар интихоботи депутати халқӣ аз округи № 356 котиби якуми комитети партиявии ш.Душанбе Ҷ.Ҳ. Каримов базӯр 30% овоз гирифт, Ҷ.Ансорӣ бошад шаби 26-уми март зиёда аз 50% овоз гирифта буд. Вале дертар эълон карданд, ки гӯё Ҷ.Ансорӣ 49 % овоз гирифтааст. Агар ба назар гирем, ки ҳарифи Ҷ.Ансорӣ тавассути рӯзномаи "Вечерний Душанбе" тӯҳматномаеро ҳам дар ҳаққи ҷанговари интернационалист ташкил кард, аммо халқро ин қадар гумроҳ шуморидан хатост. Дер ё зуд ҳақиқат рӯи об мебароянд. Вале чунин гумон дорам, ки партиократияи ҷумҳурии мо ҳеҷ гоҳ розӣ намешавад, ки Ҷ.Ансорӣ ва О.Латифӣ депутатҳои халқӣ шаванд.

Имрӯз дар "Комсомолец Таджикистана" ва "Ҷавонони Тоҷикистон" мактуби кушодаи Правленияи Анҷумани таърихшиносони ҷавони тоҷик чоп шудааст. Ин мактуби кушодаро мо хеле дурудароз кор кардем. Аз декабри соли 1988 сар карда, то 10-уми феврали соли 1989 ба вилоятҳо муроҷиат карда, мулоҳизаҳои рафиқонро гирифтем. Сонӣ, дар маҷлиси Правленияи Анҷумани таърихшиносони ҷавон муҳокима карда тасдиқ намудем. Дар таҳияи мактуби кушода В.Дубовицкий, М.Олимов, О.Панфилов, Ш.Саъдиев, Ш.Шарифов, Қ.Сатторов, М.Азизов саҳм доранд.

Ман бояд дар конференцияи муассисони таърихшиносони СССР ширкат намоям ва нашри мактуби кушода боиси рӯсурхии таърих-

шиносони ҷавони тоҷик аст. Дина тамоми рӯз дар давутоз ва кашмакашҳо будам. Пагоҳӣ аз С.Ҳакимова баъзе ҳуҷҷатҳои заруриро гирифтам, то ки ҳангоми ба назди В.Коротич ва академик А.Д.Сахаров рафтан далел дошта бошем.

Баъд аз нисфирӯзӣ аз М.Диноршоев барои сафари Маскав рухсат гирифтам. Бегоҳӣ бошад ҳаммом ва баъди он боз чанд соат баҳс пиромуни ташкили ҷамъомаде дар шаҳри Ленинград. Муборизаҳо мазмуни тоза гирифта истодаанд. Агар дар ҷамъомади шаҳри Ленинград банда низ ширкат варзад ба пӯстини бисьёр одамон кайк медароянд.

<u>30-юми марти соли 1989.</u> Москва, соати 9.30, Мактаби олии комсомоли назди КМ ВЛКСМ. Имрӯз дар "Правда" натиҷаи интихоботи депутатҳои халқии СССР нашр шудааст. Рӯзнома хабар медиҳад, ки котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Қ.Маҳкамов 65 фоизи овози интихобкунандагонро гирифт ва ба коргар К.Орифов дастболо шуд. Боз илова шудааст, ки интихобот шахсони маъмули сиёсатмадорро муайян кард. Ин аҷоиб аст.

Маълум шуд, ки 18-уми марти соли 1989 дар Музеи Политехникии Маскав Қ. Маҳкамов ва П.К.Лучинский бо аъзоёни ҷамъияти "Суғдиён" вохӯрдаанд. Онҳо барои ба суолҳои ҷамъомадагон ҷавоб гуфтан бисьёр азият кашидаанд. Махсусан С.Абдулло ва корманди китобхонаи ба номи В.И.Ленин Х.Ҳамроқулова аҳволи П.К Лучинский ва Қ.Маҳкамовро танг кардаанд.

Яке аз рафиқони худогоҳи Маскав, ки Р.Г.мебошад, бо панҷ суол ба Қ.Маҳкамов муроҷиат кардааст, ки онҳоро мухтасар меорем.

Р.Г. -Шумо "падари" ГЭС-и Роғун мебошед. Оё вақти он нарасидааст, ки аз сохтмони он даст кашед? Зеро вазъи экологии ҷумҳурӣ хеле ташвишовар аст.

Қ.М. - Ман падари ГЭС-и Роғун нестам, онро Госплани СССР тасдиқ кардааст...[1]

Р.Г. - Шумо ба П.К.Лучинский чӣ тавр дар пурсишномаи "Комсомолец Таджикистана", "Одами сол" шудед?

Қ.М. - Мо аз ин хабар надоштем.

Р.Г. - Маълум аст, ки интихоботи депутатҳои халқии СССР дар Тоҷикистон ба таври ғайридемократӣ сурат гирифтааст. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

Қ.М. - Интихоботи депутатҳо дар Тоҷикистон хеле демократӣ аст...

Р.Г.- Кай фильми мустанади М.Мирраҳимов, ки роҳбарияти партиявии республика манъ кардааст, ба экранҳо мебароянд?

I. Ин ҷо ба ёд овардани як намоиши ҷаҳоннамои тоҷик, ки дар
он Қ.Маҳкамов, П.К.Лучинский, О.Латифӣ, Л.Маҳкамов, Д.Худо-
назаров, Г.Сафиева, Ҳ. Абдурразоқов ва бисьёр рафиқони ди-
гар ширкат доштанд, ба мақсад мувофиқ аст. Он вақт рафиқ
Қ.Маҳкамов изҳор доштанд:
--Ҳеҷ кас сохтмон, нақшаҳои ГЭС-и Роғун ва заводи алюмини
Регарро мисли ман намедонад. Дар оғози корҳои ин объектҳо
мо истифода будем. Заводи алюминии тоҷик мувофиқи лоиҳа
тозатарин завод дар байни заводҳои дигари ин соҳа аст...
Ин суханҳо баҳори соли 1987 гуфта шудаанд.
Дигар суханони Қ.Маҳкамов ба ёдам расиданд, ки аз соли 1981
буд. Агар ҷонбозии як марди роҳи ҳақиқат намебуд, шояд то
имрӯз дар ноҳияи Файзобод заводи /дуюми/ алюмини қомат рост
мекарду аҳволи тоҷикон табоҳ мешуд. Он вақтҳо Қ.Маҳкамов
таъкид карда буданд: "...заминаҳои мувофиқ барои сохтмони
дуюмин заводи алюмини дар Ҷануби Тоҷикистон муҳайё мешавад.
Ба назари мо, ба Совет оид ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолку-
нанда дар назди Госплани СССР якҷоя бо Гидропроект, энергосетӣ
проект ва Институти илмӣ-тадқиқотӣ ва лоиҳакашии саноати
алюмини, магнит ва электрод лозим аст, ки масъалаи ҷойгирку-
нии онро дида бароянд" /ниг.:Плановое хозяйство. - 1981, № 10.-
С.22 . Шарҳи муаллиф/.

Қ.Маҳкамов. – Ман аз ин хабар надорам. Вай кадом фильм аст? Номи фильм чист?[I].

Р.Г. – Шумо ба баромадҳои аҳли ҷамъият, аз ҷумла мақолаву баромадҳои М.Мирраҳимов чӣ хел муносибат мекунед?

Қ.М.– Бисьёр фикрҳои ӯ дурустанд, вале ба кори дохилии дигар республика, яъне Ӯзбекистон, дахл карданашро маъқул намешуморем...

Чунин буд мазмуни суҳбати оншаба дар Маскав. Як нукта касро ба андеша водор менамояд, ки чаро вақте ки "Озодӣ ба халқи Фаластин", "дастатро аз Вьетнам боздор", "Озодӣ ба Намибия", "аҳволи вазнини ҳиндуёни Амрико" гӯён даъво мекунем, ҳеҷ кас чунин рафторро дахолат ба корҳои дохилии он давлатҳо намеҳисобад. Аммо ҳамин ки роҷеъ ба ҳуқуқи тоҷикон дар мамлакати паҳноварамон ё ягон ҷумҳурӣ сухан мегӯем, дарров чунин даъво пеш меоранд, ки гӯё ин кори мо "дахолат" аст. Аҷаб мантиқ!

I. Вақте ки рафиқ Қ.Маҳкамов чунин вонамуд сохтааст, ки аз ин кор ва номи фильм хабар надорад, аспиранти институти педагогии Маскав ба номи В.И.Ленин Х.Бобоев аз ҷояш бархоста, номи фильм /"Он чӣ, ки аён аст..."/-ро хотиррасон менамояд. Чунин воқеъ гардидааст, ки Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон рафиқ Ғ.П.Паллаев ба ин суолу ҷавоб тоб наоварда, аз зол садо медиҳад, ки "мо ин фильмро барои он ки зарарнок буд, манъ кардем".

Моро ёд омад, ки ҳангоми муҳокимаи фильм /26.XII.1987/ дар бюрои Комитети Марказии ПК Тоҷикистон Ғ.П.Паллаев суханони болоро гуфта буданд. Ва баъд аз ду сол низ он кас ба ақидаашон устувор истодаанд /шарҳи муаллиф/.

Дилам аз чунин андешаҳои талх. гирифт ва хаёлам ба дунъёи орзуҳо парвоз кард, шеъре, ки ғубор аз дил барад, шеъре, ки дар ин лаҳзаҳо ба дарди дили ман ҷавоб гӯяд кадом-аст?! Боре бародарамон Кароматулло Олимов шеъреро аз Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ /Балхӣ/ мехонданд, ки ҳасби ҳоли каминаи фақир аст.

ИНСОНАМ ОРЗУСТ...

Бинмой рух ки боғу гулистонам орзуст,
Бикшой лаб ки қанди фаровонам орзуст...
Яъқубвор во асафоҳо ҳаме занам,
Дидори хуби Юсуфи Канъонам орзуст...
З-ин ҳамроҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери худову Рустами дастонам орзуст.
Ҷонам малул гашт зи фиръавну зулми ӯ,
Он нури рӯи Мусии Имронам орзуст.
З-ин халқи пуршикояти гирён шудам малул,
Он ҳову ҳуву наъраи мастонам орзуст.
Гӯётарам зи булбулу аммо зи рашки ом,
Мӯҳраст бар даҳонаму афғонам орзуст.
Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.
Гуфтанд ёфт менашавад ҷустаем мо,
Гуфт он-ки ёфт менашавад онам орзуст...
Як даст ҷоми бодаву як даст зулфи ёр,
Рақсе чунин миёнаи майдонам орзуст...
Бинмой Шамси мафхари Табрез рӯзи шарқ,
Ман ҳудҳудам ҳузури Сулаймонам орзуст.

<u>1-уми апрели соли 1989</u>. Имрӯз Анҷумани муаррихони ҷавони шӯравӣ кори худро анҷом дод. Баҳсу андеша, баъзан ҷӯшу хурӯши эҳсосот дар авҷ буд. Кайҳост, ки инкишофи як назарияи махсусро мушоҳида мекунам, ки дар Маскав байни олимон баён мешавад. Аксари муаллифон ва мубоҳисон барои пойдории режими партиократӣ дар мамлакат мекӯшанд. Маҳз ба ҳамин сабаб расм шудааст, ки зиёиёни миллатҳои Осиёи Миёнаро бештар ба миллатчигӣ ё маҳдудияти миллӣ гунаҳгор кунанд. Падидаҳои шовинистӣ бештар зери пардаи интернационалистӣ зуҳур менамоянд, ки дарки он на ҳама вақт ба хонандаи оддӣ муяссар мешавад. Ифодаи печ дар печи муносибати марказ ба ҷумҳуриҳо боиси гумроҳии миллӣ шудааст. Фоҷиаи миллӣ асосан аз надонистани мақсадҳои ниҳонии гурӯҳҳои марказ аст. Охиран, падидаҳои мазкур дар интихоботи депутатҳои халқии СССР дар ду райони шаҳри Душанбе - Фрунзе ва Роҳи Оҳан бомуваффақият аз таҷриба гузашт. Чӣ тавре ки маълум аст дар ин ду округи зикршуда ду нафарӣ тоҷик ва якнафарӣ рус пешбарӣ шуда буданд, ки дар натиҷа интихобот ба фоидаи бародарони мо анҷом ёфт. Дар сармақолаи имрӯзаи "Правда" шикасти баъзе роҳбарони партиявӣ дар интихоботи депутатҳои халқӣ мушоҳида мешавад.

<u>5-уми апрели соли 1989.</u> Москва. Соати 18.05. Шояд бо ин сатрҳои мухтасар дар китоби худшиносӣ ҳоҷат набуд, вале бидуни он, ба хаёлам, бисёр нуктаҳо дар падидаҳои худогоҳӣ пинҳон мемонад.

Дирӯз бо И.В.М. вохӯрдам. Устодонам Э.Г. ва Б.Н.-ро наёфтам. Ин одамон бо тамоми ҳастии худ ба халқи рус тааллуқ доранд. Ҳозир таассуф, ки чунин зиёиён дар Маскав хеле каманд. Азбаски ин китоб бо номи падари бузургворам иншо шуд, воқеаеро ба ёд меорам, ки бисёр ибратомӯз аст.

Соли 1982-юм буд. Моҳи декабрь. Маскав. Каме дилтанг шудам. Рафиқе ба Истаравшан мерафт ва бо ӯ ба волидайн дуою салом фиристодам. Баъд аз чанд рӯз падарам ба Маскав омаданд. Бовар кардан душвор аст, ки он кас бе ягон адрес, бе ягон огоҳӣ ба пойтахти Ватанамон омаданду маро ёфтанд. Ва қиссаи ин сафари падарам ба Маскав як китоби алоҳида аст. Барои ман аз ҳама муҳимаш он буд, ки ҳамон вақт ҳикмати бузургеро кашф кардам: инсоне, ки худашро шинохтааст, таҷассуми идеали ахлоқӣ мебошад, ки новобаста аз дину мазҳаб ва ирқу нажод, дигаронро ҳурмату эҳтиром мекунад. Падарам ва И.В.М. ҳамин хел одамонанд. Онҳо тасодуфан ҳамдигарро шинохтаанд ва ин тасодуфҳо тамоман қонунӣ ва табиӣ буд...

6-уми апрели соли 1989. Дар ҷои корам номаеро супориданд, ки аз як мактаббачаи панҷакентӣ будааст. Ҷавобашро фиристодам. Сонӣ, ба назди С.Ҳакимова рафта, як соат бештар сӯҳбат кардам.

Нисфирӯзӣ бошад дар студияи ҷаҳоннамои тоҷик навори мустанадеро тамошо кардем, ки аз фаъолияти омӯзгории Д.Азизови исфарагӣ нақл мекард. Чӣ хуб аст, ки мо тоҷикон чунин омӯзгорон дорем ва чӣ бадбахтӣ, ки онҳоро, ки кам андар каманд, қадр намекунем. Наход Д.Азизов лоиқи депутати халқии СССР набошад?! Наход "об овардаю кӯза шикаста" бо ҳам баробар бошанд? Охир, Д.Азизов баринҳо барои миллат чашмаи маърифатанд, онҳоро бояд беолоиш нигоҳ дошт ва қадрашон бидонист. Бегоҳирӯзӣ бошад ҷаҳоннамои тоҷик маҷлиси бюрои васеи КМ ПК Тоҷикистонро, ки лоиҳаи "Қонуни РСС Тоҷикистон дар бораи забон"-ро муҳокима кард, ба тамошобинон /мухтасар/ пешкаш намуд. Суханронии А.Турсунов ҳадафи танқиди Ш.Б. Усманова /котиби комитети партиявии вилояти Хатлон/ қарор гирифт. Ман аз Шарофат Бобоевна чунин умед

надоштам. Ӯро мисли ҳамшираи раҳматиам - Муҳаррам ҳурмат мекардам, вале хато кардаам. Чӣ илоҷ, баъзан иштибоҳ ҳам_қонунист.

Хайрият, ки М.Диноршоев бо далелҳои қотеъ фикри А.Турсуновро роҷеъ ба аҳамияти алифбои ниёгон, зарурати ба таври васеъ омӯзиш ва истифодаи он дастгирӣ карданд. Вагарна баъд аз "нутқи" Ш.Б.Усманова дар байни одамон, махсусан функционерони ҳизбӣ, фикрҳои гуногун сар мезанад.

7-уми апрели соли 1989. Соати 8.10. Имрӯз дар "Тоҷикистони советӣ" мақолаи ба тариқи мактуби кушода навиштаи мо /бо ҳамроҳии А.Олимов/ - "Айб дар ош аст ё дар мош?" ба табъ расид.

Ҳозир аз рӯзномаи "Советская культура" андешаҳои файласуфи рус В.С. Соловьев /1853-1900/, ки "Русская идея" ном дорад, мутолиа кардам. Мақолаи "Сабақҳои "Ташаббуси бузург"-ро ки ба иншояш шаб оғоз карда будам, анҷом додам. Пагоҳирӯзӣ бо Р.Абдулло гуфтугӯ кардем. Ба диданӣ амаки Хайдар Гуловро, ки дар бемористони Орҷоникидзеобо данд, рафта натавонистам.

11-уми апрели соли 1989. Ин пагоҳӣ М.Ёров аз Норак занг зад. Рӯзи якшанбе 16.04.1989 вохӯрем. Устод О.Латифӣ дар навбати дуюми интихоботи депутатҳои халқии СССР аз В.Гиро кам овоз гирифтанд, ки чунин сурат гирифтани корро интизор шудан мумкин буд. Омилҳое, ки пешбинӣ карда будам, саранҷом кори худро карданд. Ба он омилҳо боз "сустию тоҷикӣ"-и моро илова кардан лозим аст. Итминон дорам, ки аз якчанд ҳазор нафаре, ки ба интихобот наомадаанд, қисми асосиро тоҷикон ташкил медиҳанд. Вале омили асосӣ ва ҳалкунанда ин мансубияти миллӣ буд. Бародарони мо гӯё на ба интихобот, балки ба ҷанг мерафтанд...

Таърих хиёнат ба интернационализмро ҳеҷ гоҳ намебахшад. Барои тоҷикон ин интихобот сабақи зиндагист, агар аз он ибрат гиранд. Дили бузурги О.Латифӣ ҳамаи инро мебахшад, вале қалби моён аз чунин натиҷа пур аз андӯҳу сар дар банди андешаҳои талх...

12-уми апрели соли 1989. Аслиддин Қамаров ба Душанбе омадаанд. Аз деҳа Саидасрор, Раҳмат ва Шодибой занг заданд.

13-уми апрели соли 1989. Аз Деҳнав ду нафар наздам омаданд. Онҳо аз қиссаҳои талхи чӣ тавр шумораи 6-уми январии "Комсомоли Тоҷикистон" /соли 1988-ум/-ро мусодира кардани баъзе ашхос нақл карданд. Имрӯз бошад дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ боз як дӯғу даранг - "Кӣ тухми адоват мекорад" чоп шуд, ки муаллифонаш А.Қурбонов ва Л.Пильман /мухбирони ТоҷикТА/ мебошанд. Ин гуна дӯғномаҳо ҳоло дар пешанд. Вақте ки ҳар як халқ ба худшиносӣ қадам мегузорад чӣ муштҳо мехӯрад ва чӣ монеаҳое пеш намеояд. Имрӯз ин "шодкомиҳо" насиби халқи ман гардидааст...

14-уми апрели соли 1989. Лоиҳаи Қонуни РСС Тоҷикистон дар бораи забон дар матбуот чоп шуд, ки хеле ихтилофнок аст.

Дирӯз "Ҳақиқати Ӯзбекистон" /13.04.1989/ "Одамҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо" ном навиштаҳои устод Ҷ.Икромиро ба табъ расондааст, ки хеле бемазмун мебошад. Устод боз ба мисли „одамони чашми кордон" бо услуби хеле бе рабту мазмун ӯ хостаанд, ки ба воқеаҳо солҳои 1937-38 рӯшанӣ андозанд. Аммо хеле ноӯҳдабароёна. Ибтидо устод Ҷ.Икромӣ Ҳабибулло Назаровро "мазаммат" кардаанд, ки аз рӯи одоб нест. Зеро "Қиссаи Сафар Махсум" бо роҳи худу одоби ҳаммуаллифӣ ва бисёр робитаҳои шахсӣ намебардорад, ки касеро баъд аз марг чунин танқид кунӣ. Сониян, Ҷ.Икромӣ ҳамаи ҳақоратҳои 50 сол дар дил нигоҳдоштаашонро дар ҳаққи Раҳим Ҷалил ва Мирзо Турсунзода ба сари онҳо рехтаанд. Муаллифони

мақолаи "Дастаи миллатчиён торумор карда шавад", ки дар санаи 20-уми сентябри соли 1937 дар "Тоҷикистони сурх" /№ 218 /2714/ чоп шудааст, устодон Р.Ҷалил ва М.Турсунзода мебошанд[1], ки Ҷ.Икромӣ "он ду мақоланавис дӯсти қарин, ҳамсӯҳбат, ҳамқалам ва ба ман мисли бародар ва хешу табор буданд" гӯён таъкиди зиёдеро раво дидаанд. "Чаро беҳтарин рафиқони дилсӯз ва содиқи худро фурӯхтанд, тӯҳматзада карданд? - худ ба худ суол медиҳанд Ҷ.Икромӣ ва поёнтар дар бораи Р.Ҷалил ва М.Турсунзода чунин тавсифномаро лоиқ дидаанд. - Одамоне буданд, ки агар лозим шавад, агар манфиати худро бинанд, ба ҷаллодӣ ва одамкушӣ ҳам майл карда метавонистаанд. Вагарна одамони дар боло номашон зикрьёфта /дар он мақола ба Ғанӣ ва Рашид Абдулло, Ҷ.Икромӣ ва аз ҳама бештар ба Р.Ҳошим ва М.Раҳимӣ тӯҳмат зада буданд - М.М./ ба ин ду шахс чӣ бадӣ кардаанд? Ин ду "одам"-и нокас чӣ хиёнат дидаанд?"

Агар навиштаҳои устод Ҷ.Икромӣ дурусттар мавриди баррасӣ қарор гирад, пас, иштибоҳ ва таҳрифҳо рӯи об мебароянд. Аз ҷумла Ҷ.Икромӣ барои исботи фикри худ навиштаанд, ки "Ҳамон соли 1937 Пиримқулов ном бадзоте дар идораи газетаи "Тоҷикистони сурх" кор мекард". Вале ҳамаи кор на аз Пиримқулов, балки аз мақолаи Р.Ҷалил ва М.Турсунзода оғоз ёфт, ки он вақт сарвари "Тоҷикистони сурх", "муҳаррири масъули муваққатӣ Ҷ.Шанбезода" буд. Дигар

---

1. Расо пас аз ду ҳафтаи ин воқеа Д.Раҷабӣ дар мақолаи "Ҳаким Каримро кӣ кушт?" /ниг.: "Адабиёт ва санъат", 27.04.1989/ аз он мақолаи фоҷиаовари устодон иқтибос оварда бо тарзи мустаор Р.Ҷалилро "Носир" ва М.Турсунзодаро "нозим" нишон додаанд. Ба фикрам, чунин пӯшидабаёнӣ дар давраи ошкорбаёнӣ асотири нави гумон ва тарсу ваҳмро меофараду халос. Ҷ.Икромӣ бошанд барои боз ҳам бештар пӯшонидани "масъала" муаллифони мақоларо бо "Р.М." ишора кардаанд /шарҳи муаллиф/.

он ки дар рӯйхати одамоне, ки Р.Ҷалил ва М.Турсунзода овардаанд, номҳои Ҳаким Қосимов, Х.Мирзозода, Обид Исматӣ, Бектош, Расулӣ, Азизӣ таъкид нашудааст.

Аниқтараш дар саҳифаи 3-юми ҳамон шумораи "Тоҷикистони сурх" мақолаи А.Бухоризода "Як ҳалқаи "мустаҳкам"-и душманони халқ дар Институти Педагогӣ" нашр шудааст, ки муаллиф ҳуҷуми фатҳоварашро ба сари Х.Мирзозода рехтааст. Дертар А.Бухоризода дар мақолаи "Эҷодиёти адабӣ"-и Мирзозода ё ки "назария"-ҳои миллатчигии буржуазии аксиинқилобии Бектош", ки дар шумораи 29-уми сентябри "Тоҷикистони сурх" / № 226 /2722/ чоп шудааст, ҳамаро "фош" кардааст. Вале мақолаи аз ҳама сахттарин ба қалами устод С.Улуғзода муаллиқтааст, ки бо номи "Зарарзаниҳои миллатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт" 2-юми октябри соли 1937 /Тоҷикистони сурх, № 228 / 2724/ ба табъ расидааст. 30-юми сентябри соли 1937 дар "Тоҷикистони сурх" ба имзои мустаори "Ду рафиқ" мақолаи "Душман ва ҳамиёни онҳо дар союзи нависандагони Тоҷикистон" нашр шудааст, ки то имрӯз муаллифонаш маълум нестанд ва шояд зинда бошанд. Ба ҳар ҳол ин мақолаҳо дар замони "муҳаррири масъули муваққатӣ М.Нурмуҳаммадов" дар "Тоҷикистони сурх" дарҷ шудаанд. Ҳамаи ин илова, албатта, қимати навиштаҳои устод Ҷ.Икромиро паст нахоҳад кард, балки барои рӯшанӣ андохтан ба саҳифаҳои тираву тори адабиёти советии тоҷик дар солҳои 1937-38 кӯмак мерасонад. Танҳо як суол беҷавоб мемонад: Устод Ҷ.Икромӣ ва як мунаққиди сурх рафтори худро /аниқтараш ҳуҷуми/ ба муқобили "Ҳамосаи модар ва кӯдак"-и Мирзо Боқӣ, ки соли 1986 таҷаллӣ карда буд, чӣ хел шарҳ медода бошанд? Оё аз рӯи виҷдон буд, ки дар даврai бозсозӣ адиби ҷавон Мирзо Боқиро ин қадар ба таври таъҷилӣ тавассути баъзе пайравони шумо саркӯб кунед? то ҳадде ки

роҳбарони ҳизбии ҷумҳурӣ ӯро аз хориҷа /аз Афғонистон/ бозовар-данд?!

-- Ин сатрҳо ба чӣ даркор, - мепурсад хонандаи гиромӣ.

-- Барои он ки аз камбудӣ ва тӯҳматҳои оянда эмин бошем! Барои он ки фаромӯш накунем: таърих, хотираи халқ хиёнатро наме-бахшад. Ба ибораи хеле машҳури К.Маркс миллатҳо чун ягон лаҳза хатокориеро намебахшанд, ки аввалин иғвогари бо ӯ воқурда ба вай ~~зулм~~ /таҷовуз/ кунад. Ин саҳифаҳои нангини таърих бояд сабақ шавад, ки минбаъд касе, ки қалам ба даст мегирад, бидонад: аз ҳукми таърих ҷои гурез нест. Ҳақиқат дер ё зуд ба оламу одам равшан мешавад. Ва охирин нукта, ки мехостам таъкид шавад, ин ба таври шояд омӯхтани воқеаҳои солҳои сиюм, хиёнат ва мунофиқии ҳамаи одамон, алалхусус адибон, мебошад. Бидуни онҳо дониши мо дар бораи он солҳо нопурра аст ва багумон аст, ки бутҳое, ки алҳол мепарастем, беайб бошанд...

15-уми апрели соли 1989. Ин бегоҳ аз соати 18.00 то 21.30 хонаи фақир пурнур буд. Р.Абдуллозода, А.Қамаров[1] ва Б.Олимов меҳмони мо буданд. Сӯҳбати кӯтоҳи мо хеле пурмазмун ва самимӣ гузашт. Р.Абдуллозода ручкаеро барои ёдгорӣ тақдим карданд, ки қариб сад саҳифаи ин китоб бо ҳамон ручка рӯйнавис шуд.

Дар бинои Иттифоқи адибон маҷлиси "Маърифат" барпо шуд. Низомнома ва программаи ин ҷамъиятро С.Сафаров ва муаллифи ин сутур бояд тайёр кунанд.

Воқеаҳои Гурҷистон диққати ҳамаро ба худ ҷалб кардааст. Ҳанӯз 6-уми апрель "Садои Амрико" хабар дода буд, ки дар Гурҷистон норозигии халқ афзудааст. 8-9 апрель фоҷиа /ё худ ҷиноят/ рух дод. Баробари фоҷиа боз дар Гурҷистон заминҷунбӣ ҳам сар зад. Намедонам, чӣ алоқамандие бошад, ки баробари дар ягон ҷумҳурӣ боло рафтани худшиносӣ дар он ҷо ё заминҷунбӣ ё

ягон офати дигар рӯй медиҳад. Ин кор ак хусусияти ~~[illegible] ҳои характери~~ қону-
нӣ гирифтааст.

Се рӯз мешавад, ки аз Тошканд хабарҳои ташвишовар мерасанд.
Ҳарчанд, ки 14-уми апрель рӯзномаи "Правда Востока" дар саҳи-
фаи аввалаш "Ду тори як дутор" /ибораи М.Турсунзода/ гӯён ро-
ҳаь ба ҳафтаи дӯстӣ, ки дар мисоли вилояти Ленинобод дар Ӯзбе-
кистон барпо шудааст, маълумот меорад, вале ду рӯзномаи Ӯзбе-
кистон "Қишлоқ ҳақиқати" ва "Ёш ленинчий" дар як вақт муқобили то-
ҷикон мақолаҳо чоп кардаанд. Махсусан "Қишлоқ ҳақиқати" /11.04.
1989/ бо номи "Таърихнинг тили бор" сӯҳбати Бӯривой Аҳмедовро
пешкаши хонандагон карда аст. Олими мӯҳтарам хеле омиёна мулоҳи-
заҳо рондааст, ки гӯё даъвои он ки барои чӣ тоҷикон дар паспор-
ташон маҷбуран "ӯзбек" навишта шудаанд ва ин хато, бештар дар
Самарқанду Бухоро рӯй додааст, асос надоштааст масъаларо бардоштан ин ~~кор~~ гӯё зарар-
нок аст...

Бародарони ӯзбек акнун ба ҳуҷуми рӯйрост мегузаранд ва
бояд ин кори онҳоро табрик гуфт. Зеро миллати мо то он вақте
ки таҳқир набинад, ба худшиносӣ камар намебандад. Умуман "ду
тори як дутор" хеле кам ҷӯр мешавад, чунки ин торҳо сурудҳоро
бо забонҳои гуногун месароянд...

Ёд дорам, ки яке аз торҳо ҳатто ҷашни Наврӯзро дар сол-
ҳои 1985-1988 буғӣ ва мамнӯъ эълон карда буд. Имсол бошад дар
"Фан ва турмуш" /1989, № 3, саҳ. 2-3 бет/ мақолаи О.Бӯриев "Яна
келди Наврӯзи олам" чоп шудааст, ки таҳрифи зиёдеро перомуни
ин ҷашни фархунда ҷойгир кардааст. Зиёда аз ин, чунин ғоя бештар
талқин мешавад, ки ин ҷашн гӯё хусусияти миллӣ надошта бошад
ва барои ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна таъллуқ дорад.

18-уми апрели соли 1989. Имрӯз аз марги Дӯстмурод Алиев
хабар ёфта, бисьёр ғамгин шудам

Инсони хубе буд, на чун артисте, ки имрӯзҳо ба депутати халқии СССР номзадиашро гузаронидаанист. Агар умр даст диҳад, хотираамро дар бораи Дӯстмурод хоҳам навишт.

Дар шуъбаи фалсафа маҷлиси кушоди партиявӣ барпо шуд. Сабаби чунин маҷлис – ба сафи КПСС қабул нашудани дӯсти қарини банда С.Сафаров мебошад. Комитети партиявии райони Роҳи Оҳан бисьёр кори хубе кардааст, ки С.Сафаровро ба партия қабул накардааст. Борҳо ӯро таъкид карда будам, ки то он вақте ки рухсат нашавад, барои ба партия дохил шудан ариза надиҳад.

Агар ин масъаларо дурусттар мулоҳиза намоем, равшан мешавад, ки ташкилоти партиявӣ, функционерони ҳизбӣ аз зиёиён сахт дар ҳаросанд. Алалхусус онҳое, ки лаёқати роҳбарӣ надоранд, аз баҳси кушоду равшан бо халқ метарсанд, бо ҳозир роҳ мекӯшанд, ки қувваҳои тоза, равшанфикрон ва аҳли илмро ба партия роҳ надиҳанд[1].

20-уми апрели соли 1989. "Тоҷикистони советӣ", "Аввал андеша:.." ном мақолаи функционери ҳизбӣ Р.Ҳасановро чоп кардааст. Рӯзи ба редакция овардани мақолаи мазкурро нағз дар хотир дорам. Р.Ҳасанов дар идораи "Тоҷикистони советӣ" маро вохӯрда, пурсид, ки оё мақолаи машинканашударо қабул мекунанд. Пурсидамаш:

--Оё дар Комитети партиявии райони Фрунзе ягон машинкаи тоҷикӣ нест?

--Не-дия, – ҷавоб дод ӯ.

--Пас, забони тоҷикӣ чӣ хел мақоми давлатӣ мегирифта бошад, агар дар комитети районии партия як машинкаи тоҷикӣ набошад?! –

---

1. Дертар дар ду шумораи рӯзномаи "Правда" мақолаи мушовири шӯъбаи сохтмони партиявӣ ва кори кадрҳои КМ КПСС В.Легостаев чоп шуд, ки роҷеъ ба нерӯи интеллектуалии партия дар ин давра муҳим сухан мерафт. Дар мақолаҳои муаллифи зикршуда мақоми зиёиёни ҳизбӣ /кӣ алҳол дар партия нестанд/, ки қувваи асосии пешрав, нерӯи ақлӣ мебошанд, махсус таъкид шудааст. Ниг.: Правда. 2-3. 05.1989, №№ 122-123 / 25840, 25841/.

ба ӯ расонда гуфтам.

Ин мақолаи Р.Ҳасанов густариши тозаи падидаҳои шахспарастӣ, яъне зуҳури неосталинизм мебошад, ки ҳамаи муваффақиятро дар симои котиби якум таҷассум кардан аст, хулоса, хушомади навбатие ба рафиқ Қ.Маҳкамов /замоне баъзеҳо ба Ҷ.Расулов низ чунин хушомад мезаданд/. "Агар онҳо[1] ба суханронии котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон рафиқ Маҳкамов Қ.М., дар Пленуми мартии Комитети Марказии КПСС зеҳн мемонданд, -навиштааст Р.Ҳасанов, - возеҳу равшан дарк мекарданд, ки роҳбари республикаи мо чӣ гуна проблемаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию сиёсии солҳои охири моро бо ҷиддият ба миён гузоштаанд".

Агар муаллимони кафедраи фалсафаи УДТ ба номи В.И.Ленин ва махсусан С.Наврӯзов ин навиштаҳои дастпарвари худро хонанд, ба дониши сиёсии ӯ ангушти ҳайрат хоҳанд газид.

21-уми апрели соли 1989. Имрӯз мо чор ёрон - Ато Ҳамдам, Додоҷон Атовуллоев, Саид Сиддиқ ҳамроҳ хӯроки пешин хӯрдем. Саҳифае чанд аз "Падидаҳои худшиносӣ"-ро барояшон хондам. Бо илтимоси Ато Ҳамдам танҳо як ҳиссача /"дия"/-ро хат задаму халос, ки ба рӯзи 5-уми январи соли 1988 тааллуқ дошт.

27-уми апрели соли 1989. Соати 12.30. Шӯъбаи фалсафаи АИ РСС Тоҷикистон. Бародарамон Моҳирхӯҷа Султонов шеъри омӯзгор Абдумалик Ҳомид "Алла"-ро оварданд, ки шаҳрошӯбест ва ба гумон аст, ки шоирони пахтасарои тоҷик битавонад, ки чунин ашъор эҷод кунанд. Онро тавассути телефон ба С.Ҳакимова қироат кардам.

---

1. Сухан дар бораи онҳое меравад, ки гӯё 16-уми апрель дар майдони ба номи В.И.Ленин ҷамъ омаданд. Ва ҳол он ки 16-уми апрель аз пагоҳӣ то бегоҳӣ одамони зиёд ва техникаи пуриқтидор майдони ба номи Ленинро асфальт мекарданд. Пас, рафиқ Р.Ҳасанов дар бораи кадоми "онҳо" сухан мегӯяд, норавшан аст.

"Шеъри олӣ" хитоб карданд он кас. Дар ҳақиқат шеърест, ки падидаи худшиносӣ ва дар моҳи апрели соли 1989 мувофиқи ҳасби ҳоли ҳар яки мост.

"А Л Л А"

(ришханд ба миллати карахти тоҷик)

Пораи нон аз даҳонат мекананд,
Пораи лаҳну забонат мекананд,
Хок охир бар даҳонат мезананд,
Риштаи умри ҷавонат мекананд,
Хоб кун, эй миллати ман, хоб кун!

Ҷой андар хонаи ту танг шуд,
Паст номусу туро ҳам нанг шуд,
Тирагии ақли ту даҳчанд шуд,
Қиссаи "Қу, моҳиву харчанг" шуд.
Хоб кун, эй миллати ман, хоб кун!

Ҳамчу Маҷнун ҷониби саҳро шудӣ,
Дар ватан бехонаву беҷо шудӣ
Чун ятимон бекасу танҳо шудӣ
Оқибат дар панҷаи гиро шудӣ,
Хоб кун, эй миллати ман, хоб кун!

Осиё(б) бе об гардон мешавад?
Гул наруяд ҳам баҳорон мешавад?
Худ ба худ олам гулистон мешавад?
Тоҷи ту лаъли Бадахшон мешавад?
Хоб кун, эй миллати ман хоб кун!

Офтоб аз мулки ман сар мезанад,
Шуъла, пас бар ҷои дигар мезанад,
Дар гумонам шӯри маҳшар мезанад,
То туро ин ақл дар сар мезанад,
Хоб кун, эй миллати ман, хоб кун!

29-уми апрели соли 1989. Соати 17.10. Ҳозир ба намоиши клуби "Сатяджит Рей" меравам. Ҳамин ки баргаштам саҳифаҳои охирини ин рӯзномаро хоҳам навишт.

30-юми апрели соли 1989. Соати 10.30. Шаб аз киноклуби "Сатяджит Рей" хеле дер баргаштам ва ба иншои ин сатрҳо фурсат нашуд.

Имрӯз абрувони осмон гирифтааст ва ман муштоқи дидори Офто би оламороям. Ҳар субҳ тулӯи Офтобро интизорӣ мекашам. Ин пагоҳӣ Офтобро надидам. Туман, хоку чанг ба осмон печидааст ва нафасгириамро душвор ~~танг~~ мекунад[1]. Дафтари хотираамро варақ мезанам. Ногаҳон ин хабари рӯзномаи "Тоҷикистони сурх", ки ба соли 1937-ум тааллуқ дорад, маро аз олами орзуҳо ба замини пургуноҳ меорад, диламро метарконад: "Кишти пахта дар Шарқи Дур. Хабаровск. 26 август. /ТАСС/.

Колхози "Рӯзи Аскари сурх", вилояти Уссурийски дар соли ҷорӣ якумин дар Шарқи Дур таҷрибаи кишти пахта намуд. Ба як қисми замини пахтааш суперфосфор, ба дигар қисми он поруи маҳаллӣ андохта ва қисми саввумашро барои санҷидан ҳамин тавр ба ҳоли худ бе нурӣ гузошта буд. Барои он ки ниҳолҳои пахта кӯрак банданд, колхозчиёни мазкур усули чеканкаро татбиқ намуданд. Пахтаҳои мазкур ба таври аъло шукуфта расиданд" /курсив аз мо М.М./[2].

---

1. Ин туману чанг ба хунукие сахте табдил ёфт ~~овард~~. Дар рӯзҳои иди якуми Май дар Тоҷикистон барф борид. Зарари ин сардшавии ҳаво ба миллионҳо сӯм расид. Боз ду-се боридани азамати барқ дар худуди ҷумҳурӣ кофист, ки обу ҳаворо пурра тағйир диҳанд. /шарҳи муаллиф, 10.05.1989/.
2. Ниг.: Тоҷикистони сурх. - 2 сентябри соли 1937, № 203 /2699/

Пахта...Пахта...Пахтаҷон! Ғубору чангат пеши чашмонамонро гирифт, моро гумроҳ кард ва мо ғуломи туем. Ҳатто ба ибораи як-ду ҷарчии бозори тарғиб туро "нон" гуфта, нони дар даҳонамон будаpo пешпо задем. Туро нон гуфта, аз субҳ то шом ҷон меканем. Ва ҳамин пахтаҷон аст, ки сатҳи зиндагонии мардум тоҷик аз ҳамаи халқҳои дунъё паст ~~/шояд 800/~~ сӯм дар [illegible] сол ба ҳар сари аҳолии республика бошад, ақли назарӣ пойбанди хурофот, фавти кӯдакон дар яке аз ҷойҳои аввал дар мамлакат аст. Ҳамин пахтаҷону тамоку аст, ки саломатию динамонро қурбони онҳо кардаем. Ва то ба кай об аз таги ях меравад? Агар пахта "нон" /ин намедонам ин муқоисаи бемаънӣ ба кӣ тааллуқ дорад. - М.М./ бошад, пас, чаро мардумони Шарқи Дур, Украина ва боз бисьёр минтақаҳои дигар ба парвариши чунин "нон" иқдом накардаанд? Ҳарчанд аз тамоми пахтаи дар Ҷумҳуриамон ҷамъ меомада танҳо 9 фоизашро дар ҳамин ҷо истеҳсол мекунанд халос. Ва боз 45-50 фоизи нахи пахтаи дар СССР истеҳсол шударо ба хориҷа содирот мекунем, лекин одамони меҳнатӣ барои ёфтани даҳ-дувоздаҳ газ кафан дар рӯйхат меистанд /солҳои 80-ум кафанъёбӣ барои ғуломони пахта душвор буд/. Халқи ман, халқи баномусу баори ман оё аз ғуломии пахтаҷон озод мешуда бошӣ? "Тоҷикистони ман аст он, хурд нест"- хитоб карда буд, Ғоиб Сафарзода. Ва ин ду соли охир барои халқи ин сарзамин дар роҳи худшиносӣ ба тамоми таърихи баъди инқилоб баробар аст. Дар ин ду сол падидаҳои миллатгароӣ, маҳдудияти миллӣ, санги хомӯшӣ, қолаби гумроҳӣ, азаматҷӯӣ, фавқинтернационалистӣ, нигилизми миллӣ, талқини назарияи як забонро "се забон" шуморидан, хуруфоти ниёгонамонро динӣ, кӯҳна /?/ гуфта иваз карданӣ идеологҳо кам бошад ҳам, шикаст хӯрд. Содлагиҳои худро

1.Шоире дар ҳаққи озодии халқи мо чунин фармудааст:

Гӯянд ту озодӣ, бале, дар қафас озод,
Озодии ту бурдани таърихи худ аз ёд.
Озодии ту тарки ҳаё, тарки мироот,
Озодии ту тарки [з]абони худу аҷдод.

Савганд, ки озодии ту нақше бар об аст,
Савганд, ки озодии ту мавҷи сароб аст.

ба ёд оварда, саҳифаҳои таърихро варақ зада, ба гузашта санг мегирам. Ба иборае мо доимо "аз гузашта ҳасрат" дорем, вале Лоиқ ҳақ аст, ки ҳакимона дурри маънӣ дар худшиносии моён суфта-

намепартоем /бигузор инро дигарон кунанд/, балки аз онҳо сабақ хушбахт он халқ аст, ки реша дар об ва гузаштаашро пос медорад. аст:

Шишаи мо санги хоро бишканад,
Хомаи мо пухтаҳоро бишканад.
Ончунон сангинмиҷозу маҳкамем,
Кӯзаи мо санги дарьё бишканад.
...Мо аз он майдонғарибон нестем,
Ки дили мо бетақозо бишканад.
Гардани гардуни гардон бишканем,
Пеш аз он, ки гардани мо бишканад[1]

Бозсозӣ инқилоб аст. Ин инқилобест, ки дар ҷодааш на бо ~~яроқ, на бо~~ силоҳ ва на бо бомбаҳои атомӣ, балки бо илму дониш, фарҳанг, ақлу хирад ва меҳнати ҳалол /бидуни истисмори як халқ аз ҷониби халқи дигар/ кор мебояд. Бозсозӣ, ба фикри ман, иҷрои васиятҳою орзуҳои неки, бузургон дигаргунсозиҳои оқилонаи он ҷомеа аст. Орзуи инқилоб дар дили ҳар фард хона дорад:

Ё бикуш дар синаи ман орзуи инқилоб,
Ё дигаргун кун ниҳоди ин замону ин замин.
Ё чунон кун, ё чунин!

Ҳоло мо дар ҳолате ҳастем, ки ҳар фарде аз миллат пурсони суоли "-чӣ бояд?" кард, ҳасрат ва парешонӣ аст. Ва дар тамоми давру замонҳо ҳакимон кӯшидаанд, ки ба суоли боло ҷавоб гӯянд. ~~Дар~~

---

1. Лоиқ. Хонаи чашм. - Душанбе: Ирфон, 1982. - с. 236.

ин суханон ҳеҷ гоҳ кӯҳна нахоҳанд шуд, ки "Худатро бишнос!" ва ба худо саҷда оранд, сари ҳикмати мазкур андеша мекарданд. Халқи моро низ вақти он расидааст, ки дар ин ин боб хеле мулоҳиза ронад, охир, умеди Муҳаммад Иқбол аз моён дигар аст:

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам ҷони ману ҷони шумо!
Ғӯтаҳо зад дар замири зиндагӣ андешаам,
То ба даст овардаам афкори пинҳони шумо.
...Фикри рангинам кунад назри тиҳидастони Шарқ,
Пораи лаъле, ки дорам, аз Бадахшони шумо.
Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.
Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,
Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо.

САРАНҶОМ /ЭПИЛОГ/

Вақте ки саҳифаҳои аввали ин китоб иншо шуданд, хати инкишофи воқеаҳо низ гӯё "муайян" гардид. Инкишофи ҷамъият, бедории фикрии ҳамин ду соли охир дар байни халқ бисьёр одамонро маҷбур кард, ки ба масъалаҳои солҳои сол пухтарасида ба тарзи нав нигаранд. Як қатор бутҳо, ки солиёни дарозе мардумон онҳоро мепарастидаанд, ба онҳо эътиқод доштанд, чун "падари миллат", "ҳомии манфиатҳои миллӣ" дар минбарҳои баланд ҷой медоданд, шикаста шуданд. Алҳол бутпарастӣ чун оини куҳан идома дорад. Шояд бо мурури замон шаклҳои нави он рӯи об оянд.

Вале падидаҳои худшиносӣ ба душвориҳои зиёд, тазьиқ, хиёнат, тӯҳмат, адоват, беадолатиҳои иҷтимоӣ, қашшоқӣ, фавти

тифлони бегуноҳ нигоҳ накарда барои худ роҳ кушод. Ҳар фарди ҷомеаи имрӯза фикри шахсии худро дар ин ё он боб дорад. Гуногунақидагии одамон, ки ба худшиносӣ расидаанд ва нуқтаи-назарҳои мухталиф доранд, назар ба якрангии фикрҳо ҳазорон бор беҳтар. Зеро онҳое, ки худшиносӣ доранд, забони инсониро хуб мефаҳманд, дар ҳалли масоил ва рафъи душвориҳои зиндагӣ тез бо ҳам муттаҳид мешаванд. Ҳамин тавр худшиносӣ аз шахс, яъне худшиносии шахсӣ, оғоз ёфта, ба сӯи худшиносии миллӣ роҳ мепаймояд.

Ва ин роҳ басо дуру дароз, душвор, пур аз чангу ғубори маҳал, авлод, шаҳру вилоят, ирқу нажод ва дину мазҳаб аст. Зиҳӣ шахсе, ки аз ин роҳ ҳарос надорад, дар ин роҳ гом мезанад, ба монеаҳои миёншикан дучор меояд ва бо рӯҳи қавӣ пеш меравад. Мабод он рӯз, ки худшиносии сохта ва кӯр-кӯронаи гурӯҳе ё авлоде тамоми миллатро сарварӣ кунад /Бабахтона, худшиносии миллии мо алҳол дар ҳамин поя истодааст/.

Таҳлилу тадқиқи падидаҳои худшиносӣ /шахсӣ ва миллӣ/ моро ба истилоҳи ниёгонамон "инсони комил" меоварад, вале намехоҳам, ки навиштаҳои моро даъват ба зӯҳд ё тарғиби сӯфиёна фаҳмид. Зеро миллате, ки танҳо ба гузашта менигарад, оянда надорад. Ва моро лозим аст, ки аз дигарон омӯзем.

Худшиносӣ сари ғурури миллӣ андеша рондан аст ва ғурури дигаронро низ ҳурмат кардан. Худшиносӣ на ба таҳқири худ ва на ба таҳқири дигарон роҳ надодан ва инро тавонистан санъати равобит аст.

Ва чанд мулоҳизаҳои аҳли фазл аз боби худшиносӣ, ки дар поён гирд овардем, бо хоҳиши муаллифи ин сутур рӯи саҳфа омадаанд. Мо аз онҳо хоҳиш кардем, ки ба таври мухтасар фикрашонро доир ба худшиносӣ нависанд.

Аликул Девонакулов, - номзади илми филология.

Дар фалсафаи машриқиён маъмул аст, ки инсонро нафси нотиқа баҳри он ато намудаанд, то ки вай аз олами ҳайвонот ҷудо шуда, аз як тараф, акмалу ашрафи ҳастӣ буданашро дарк бикунад ва аз тарафи дигар, ӯҳдадории табиию ҷамъиятиашро пурра тасаввур намояд. Маҳз ҳамин ду рукни асосӣ сабабгор шудааст, ки Инсон худро ҳамчун офаридаи табиат бишиносад ва баҳри ободонии олам ҳамеша дастакор бошаду бо имдоду муттафиқии ҳамдигар бахту саодат биёфаранд.

Аз ин лиҳоз ман дараҷаи худшиносии халқ, миллат ва ғайраро чунин мепиндорам: Пеш аз ҳама кас аз махзани афкори бо мурури замон андӯхта ва сониян урфу одат ва анъанаҳои куҳану муосири халқу миллаташро ҳалли ҷисму ҷонаш бикунад. Дар ин масоил ҳамеша то ҳатто дар вазъиятҳои ноҳинҷору пурихтилоф ҳам мутобиқи байти зерин амал бикунад[1]:

Ҳӯе, ки ба шир дар бадан рафт,
Он дам биравад, ки ҷон зи тан рафт.

Дигар, бо саъю кӯшиш ва фаъолияти офариниши худ, ба қадри ҳол, бар ҷомадони халқу миллаташ ҳиссагузорӣ бикунад. Оре, яке аз сарчашма ва муҳаррики худшиносии кас шояд вобастаи чунин амали ӯ бошад:

Пои малахе ~~мӯрчае~~ назди Сулаймон бурдан
Айбаст, валекин ҳунар аст аз мӯре.

Разиюлло Абдуллозода[1]

Ба тасаввури хаёли ақлу хирад меояд, ки худшиносии ҳар як узви ҷомеаи даҳр-таҷассуми кору амал ва ҳаракоти ӯ дар ҳаёт ва зиндагӣ бувад. Инак, дараҷаи воломақомии ҳар як фарде, ки нафас аз ҳавои зиндагӣ мегирад, дорои мусовият ба мақом ва дараҷаи худшиносии ӯст, ки ин корро ҷои инкор нашояд.

1. Ин навиштаҳои устод Р.Абдуллозода 8-уми маи соли 1989 дастраси мо шуд /[illegible] муаллиф/.

Худшиносӣ ҷоизи мушобиҳат ба ниҳоле дар арсаи зиндагӣ бошад, онро ҳазорон-ҳазор навдаву баргест, ки сабзишу бороварӣ ё бар хилофи ӯ хушкидану аз бун буридашавӣ онро вобастаи амал ва ҳаракати соҳиби ин ниҳол бошад ва накуии он чун меҳри оламорои ҷаҳонӣ ба дилу дидаҳо нур бипошад.

Мақбули табъи адолатангези мардум гардидани натоиҷи амал ва ҳаракат, худшиносӣ ва худфаҳмию худдаркнамоии афрод-инъикоси воломақомии одамияти ӯ дар байни одамон шавад ва эшон аз ӯ ҷуз ба худ зараре набарад.

Бале, як барги бабзе, аз он ниҳол чун гавҳараки чашм нигоҳ доштани забони миллии модарӣ ва бо ифтихору таманное доштан аст, ки ӯ аз фазилат ва заковати беҳтарини одамӣ бувад:

Яке гӯяд, ки ман аз Шаҳрихонам,
Дигар гӯяд, ки аз Хатлонмаконам.
Зи ман пурсанд: - Кистӣ, аз куҷоӣ?
Бигӯям ин, ки ман тоҷикзабонам!
Сазад гӯям, ки дармонам куҷо шуд,
Фаровон неъмату хонам куҷо шуд.
Равад ҷон аз бадан ҳаргиз нагӯям,
Забони модари ҷонам куҷо шуд.

Дигаре барг аз он ниҳоли сабзрӯй-миллат аст. Забон ва миллат - тавъамони ҳамдигаранд, ё меҳру моҳ ва ё ду дидаи бинои як одаманд, ки якеро аз дигаре ҷудо тасаввур намудан ва бо ҳам пайванд надонистан-надонистани ҷавҳари мақсад, рафтори одамӣ, ҳаётгузориву худшиносӣ ва амали аъмоёнаест, ки аҳли тамаддун ва фазлу адаб онро амалиёти дили пок ва замири покиза надонанд ва ба чунин шахс бо назари танаффур нигоҳ кунанд. Аз ин рӯ қадрнамоии миллат, қимати онро ба қимати дилу ҷон баробар донистан шахсро чу байраки эҳтиром ва қадршиносӣ аз сари қадршиносон боло нигоҳ

...рад ва ӯро ифтихору таманно падидор гардад:

Ба ҷон пайванд донӣ миллататро,
Чу байрақ бошӣ аз ҳар сар ба боло.
Валекин қадр нанмой ту қадраш,
Ба рӯят нангарад ҳар дидабино.

Дар олами худшиносӣ, яъне дар ҷаҳони воломақомии одамият ...кибру ғурур, худбехабарӣ, ғаррашавӣ, азхудравӣ ва амсоли ӯ унсур...ҳои ғайриқонунияти инсонӣ бошад, ки маҷмӯи ҳамаи ӯ таҷассуми ...бараълои ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва ҷаҳолатпарастӣ бувад. Чунон, ки гавҳар...ро бо санг барнахӯронанд, бо чунин ашхос набояд баробар шуд ва ра...вобити амал бо ӯ намуд.

Худшиносӣ дар оила, ки яке аз омилҳои асосии умргузаронии ...одамӣ мебошад, басо аҳамиятнок аст. Ба вуқӯъ пайвастани шӯру ғав...го, талхии беҳадду моҷаро, ҷудошавӣ ва бар бодравии ҳамсарию ...бархӯрдани сар ба сангу деворҳо, гоҳ ба вуқӯъ пайвастани баъзе ...ҷеаҳои тоқатфарсову ҳаводисоти ногуворӣ беинтиҳо аз худнашино...сист дар оила ва беэътиноист дар робита.

Худшиносӣ касро ба зери бори маломат во мегузорад, зеро ...шон чун хешро аз рӯи ҳақиқати ҳол намешиносанд, андозаи вазни ...маънавӣ ва хусусиятҳои ботинии одамӣ ва одамиятро муайян карда ...наметавонанд.

Ба мадди назари пиру барно ҷоизи вогузорист, ки пос нигоҳ ...доштани воломақомии одамият ва худшиносии боионат одамиро накӯӣ ...ва номи нек орад, ки машҳури ба ин ному сифат шудагонро пас аз ...марг зинда донанд, хилофи ӯро дар зиндагиаш қатори мурда ҳисобанд:

Касе к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд.
Вале он кас, ки бадфеъл асту бадном,
Агарчи зинда бошад, мурда донанд.

аз ин рӯ гуфтаанд:

Ҳар он чизе, ки аз гавҳар ба қимат,
Бувад бахшам туро аз рӯи ҳиммат.
Ба дил то қатра хун дорам валекин,
Набахшам одамию одамият!

ЧАНД САТР БА ҶОИ ХОТИМА

Чунин буд қиссаи мухтасари падидаҳои худшиносӣ. Аз бисёр масъалаҳо, ҷузъҳо, ҳодисаҳо, ҳазорон-ҳазор вохӯриҳо бо одамони нек сарфи назар кардан лозим омад. Чунки онҳо ҳаҷми ин корро чандин баробар меафзуданд. Ҳамчунин аз таҳлили воқеаҳо худдорӣ, ба рӯзнома илова карданро муносиб надонистем. Аввалан, ҳар як сатр ё саҳифа дар давраи аниқ иншо шудаанд, ки рӯҳия ва кайфияти ҳоли моро инъикос мекунанд. Сониян, илова ё тағйир додани саҳифаҳои шайёр бори сохтакориро намебардоранд ва услуби солнома, таърихнависӣ талаб мекунад, ки ҳақиқатро таҳрир насозем. Танҳо дар ҷойҳое, ки зарурат буд, шарҳи мухтасареро дар поварақ овардем.

Нуктаеро таъкид мебояд, ки аз эҳтимол мутолиаи саҳифаҳои дафтари хотираи мо дӯстон ва хонандагони киромиро бетараф нахоҳад гузошт. Рости гап, нисбат ба ягон кас бадбиниеро раво намебинам ва ба ҳамаи онҳое, ки аввал ё баъд ба муқобили ақидаҳои мо мақола навиштаанд, баромад кардаанд, мубоҳиса оростаанд аз дилу ҷон миннатдорам. Мақсади мо бедор кардани фикри одамон, ба худшиносӣ раво кардани онон буду халос. Ва агар касе аз сатрҳои ин китоб барои худ нукта, ҳикматеро кашф карда бошад ё маълумотеро баҳри афзудани донишаш андӯхту ба гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори нек иқдом намояд, мо худро хушбахт мешуморем.

Маскав-Душанбе-Кӯлоб-Киев-Тошканд-
Самарқанд-Панҷакент-Душанбе

аз 4 маи соли 1987 анҷом 30 апрели соли 1989, соати 23.30.

Ба матбаа моҳи ноябри соли 1990 супорида шуд. Дар нашриёти " " бо маблағи худи муаллиф ба табъ расидааст. Нашриёт на ҳамаи ақидаҳои муаллифро дастгирӣ мекунад. Адади нашр . Нархаш панҷ сӯм. Бе розигии муаллиф минбаъдаи нашри китоб манъ аст. Муаллиф ба ҳамаи ёру дӯстон барои маслиҳат ва кӯмакҳояшон аз самими қалб миннатдорӣ баён мекунад.

Гражданину Миррахимову Мирбобо

фамилия

имя, отчество

проживающему по адресу Колхозная,5-97

П О В Е С Т К А

В связи с проведением административного расследования орган Комитета госбезопасности просит Вас прибыть для беседы к „15" часам „13" июля 1989 года по адресу пр. Дзержинского,8

к товарищу Шаимову М.Х. (служ. тел. 22-37-37)

Сотрудник органов госбезопасности

(подпись)

ПОЧТА 5 коп СССР

Куда Душанбе-19,

Колхозная, 5, кв 97

Кому Мирахимову М.

Индекс предприятия связи и адрес отправителя

111442 Москва